**ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ ТАЪЛИМИИ**
**“ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ХУҶАНД БА НОМИ АКАДЕМИК БОБОҶОН ҒАФУРОВ”**

**ТДУ -902 (575.3)**
**ТКБ -63.5(5т) 5**
**М-48**

**Бо ҳуқуқи дастнавис**

**МАҲКАМОВ САИДҚУЛ СУЯРҚУЛОВИЧ**

# УСТРУШАНА ДАР АҲДИ СОМОНИЁН

**(ҷанбаи таърихӣ-ҷуғрофӣ ва иҷтимоӣ-иқтисодии таҳқиқот)**

**ДИССЕРТАТСИЯ**
**барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих**
**аз рӯи ихтисоси 07.00.02 – Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик)**

**Роҳбари илмӣ:**
**номзади илмҳои таърих, дотсент**
**Ш. Шарифов**

**ХУҶАНД – 2024**

Номгӯи ихтисорҳо ва аломатҳои шартӣ....................................... 3

**Муқаддима**............................................................................... 4

**БОБИ I. ҶУҒРОФИЯИ ТАЪРИХӢ ВА ТАФИСРИ ТОПОНИМИ УСТРУШАНА**

1.1. Тавсифи таърихӣ-ҷуғрофии шаҳру навоҳии Уструшана........ 30

1.2. Топоними “Уструшана” ва тафсири он.................................. 58

**БОБИ II. ТАЪРИХИ СИЁСӢ ВА СОХТОРИ МАЪМУРӢ – ИДОРАКУНИИ УСТРУШАНА ДАР ДАВРАИ СОМОНИЁН**

2.1. Таърихи сиёсии Уструшана..................................................... 70

2.2. Сохтори маъмурӣ-ҳудудӣ ва идоракунии маҳалӣ.................. 92

**БОБИ III. ВАЗЪИ ИҶТИМОӢ-ИҚТИСОДИИ УСТРУШАНА**

3.1. Вазъи иҷтимоӣ, ҳайати этникӣ, эътиқоди динӣ ва забони уструшаниҳо............................................................................ 109

3.2. Муносибатҳои заминдорӣ ва вазъи кишоварзӣ.................... 120

3.3. Инкишофи ҳунармандӣ ва тиҷорат ......................................... 132

**Хулоса** ........................................................................................ 158

**Рӯйхати сарчашма ва адабиёт**....................................................... 164

## Номгӯи ихтисорҳо ва аломатҳои шартӣ

АМИТ – Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон.

АРТ – Археологические работы в Таджикистане.

ВАК – Высшая аттестационная комиссия.

ГОУ – Государственное образовательное учрежденые.

ГРВЛ – Главная редакция восточной литературы.

ДДХ ба номи академик Б. Ғафуров – Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров.

ИҶШС – Иттиҳоди Ҷамоҳири Шуравии Сотсиалистӣ.

ИМКУ – История материалной культуры Узбекистана.

КОА – Комиссияи олии аттестатсионӣ.

МТД – Муассисаи таълимии давлатӣ.

НАН РТ – Национальная Академия наук Республики Таджикистан.

СПб – Санкт-Петербург.

СРАШ – Сарредаксияи адабиёти Шарқ.

СТАКЭ – Северо-Таджикистанская археологическая комплексная экспедиция (Экспедитсияи археологии комплексии Тоҷикистони шимолӣ).

Таджикская ССР – Таджикская Советская Социалистическая Республики.

ТКЛА – Туркестанский кружок любителей археологии (Маҳфили Туркистонии дӯстдорони археология).

ТАЭ – Таджикская археологическая экспедиция (Экспедитсияи археологии тоҷик).

ХГУ имени академика Б.Гафурова – Худжандский государственный университет имени академика Бободжана Гафурова.

ҶШС Тоҷикистон – Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон.

ҶТ – Ҷумҳурии Тоҷикистон.

ЭБТШ – Экспедитсияи бостоншиносии Тоҷикистони Шимолӣ.

## Муқаддима

**Мубрам будани мавзуи таҳқиқот.** Уструшана яке аз вилоятҳои таърихӣ-фарҳангии Мовароуннаҳр буда, дар ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии ин минтақа нақши бузург гузоштааст. Ин вилоят дар баъзе марҳилаҳои таърихӣ ҳамчун мулки алоҳида арзи ҳастӣ намуда, барои мустақилияти худ бо давлатҳои ҳамсоя мубориза мебурд. Муқобилият ва муборизаи мардуми Уструшана бар зидди истилогарони араб, эҳёи истиқлолу рушди он дар ҳайати давлати Сомониён яке аз саҳифаҳои дурахшони таърихи муборизаи озодихоҳии аҷдодони тоҷикон бар зидди ғосибони аҷнабӣ мебошад.

Дар замони мавҷудияти давлати Сомониён дар қаламрави он беш аз 30 вилоят ва 278 шаҳрҳо вуҷуд доштанд, ки Уструшана низ дар қатори онҳо қарор гирифта, ҳудуди он масоҳати сарзаминҳои пурвусъати қисмати ҳамвории миёнаобии Сирдарё, доманакӯҳҳо ва дараҳои қисмати ғарбии силсилакӯҳҳои Туркистон, болообии Зарафшон ва саробҳои асосии он – рӯдҳои Мастчоҳ ва Фондарёро дар бар мегирифт. Уструшана дар ғарб ва ҷанубу ғарб бо Суғд, дар шарқ ва шимолу шарқ бо Хуҷанду Фарғона, дар шимол бо Илоқ ва Чоч (Тошканд) ҳамсарҳад буд[1].

Истаравшани имрӯза (аз асри XVI то соли 2000 Ӯротеппа ва бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 ноябри соли 2000, №149 номи Истаравшанро гирифт) дар таърих бо номҳои Киропол, Курушкада, Кирэсхата, Ӯротеппа, Истаравшан машҳур аст[2].

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни суханронии худ бахшида ба ҷашни 2500-солагии Истаравшан 10 сентябри соли 2002 чунин ибрози андеша намуда буданд: “Истаравшани бостонӣ як ҷузъи таркибӣ ва ҳавзаи бузурги

[1] Негматов Н. Уструшана в древности и раннем средневековье. – Сталинабад: Изд-во АН Тадж. ССР, 1957. – С. 15

[2] Мухторов А. Курушкада. Истаравшан. Ӯротеппа. – Душанбе: Амри илм, 2000. – С. 7-15; 16-22. Дар сарчашмаҳои таърихию ҷуғрофӣ, адабӣ ва тадқиқотҳои олимон ин вилоят, мулк ва шаҳр бо номҳои гуногун - Уструшана, Уструшан, Срушан, Асрушан, Ӯротеппа ва Истаравшан вомехӯрад. Аз ин лиҳоз, мо истилоҳи таърихан ташаккулёфта ва маъмулан серистеъмоли он – Уструшана, ки номи вилоятро ифода менамуд, истифода бурдем.

тамаддуни тоҷикон буда, номи он дар радифи шаҳрҳои қадимаи Суғду Бохтар ёд мешавад.

Мувофиқи маълумоти Ҳеродот ва дигар муаррихони аҳди қадим ҳанӯз Куруши Кабир истеҳкоми ҳарбии Курушкадаро дар интиҳои марзҳои шарқии мамлакати паҳновараш бунёд ниҳода буд, ки ба андешаи бостоншиносон он дар ҳудудҳои кунунии Истаравшан ё худ Куркат воқеъ будааст”[1].

Дар бораи нақш ва нуфузи Уструшанаи аҳди Сомониён сухан ронда, Пешвои миллат чунин қайд менамоянд: “Истаравшани бостонӣ яке аз шаҳрҳои қадимтарини Осиёи Марказӣ буда, таъриху тамаддун, адабу фарҳанги дерина дорад ва тайи асрҳои зиёд дар ҳаёти иқтисодиву иҷтимоӣ ва маънавию фарҳангии минтақа нақши муассир бозидааст. Номи Истаравшан дар сарчашмаҳои куҳани таърихӣ дар қатори бузургтарин шаҳрҳои минтақаи Осиёи Марказӣ зикр гардидааст... Масалан, дар аксари сарчашмаҳои таърихии даврони Сомониён тағйири номи Истаравшан аз он шаҳодат медиҳад, ки саҳми илму адаб ва ҳунармандони он дар ташаккули тамаддуни ин давраи тиллоии таърихи миллати тоҷик хеле арзишманд будааст”[2].

Муҳиммияти мавзуи тадқиқоти мазкурро бо далелҳои зерин асоснок кардан мумкин аст:

– **якум**, Уструшана яке аз вилоятҳои бузурги таърихӣ-фарҳангии қаламрави Сомониён маҳсуб ёфта, омӯзиши таъриху тамаддуни он аҳамияти муҳим дорад ва барои таҳқиқи таърихи воҳидҳои алоҳидаи маъмурии ин давлат мусоидат мекунад;
– **дуюм,** таҳқиқи ҷуғрофияи таърихӣ, сохтори маъмурӣ ва дастгоҳи идоракунии маҳаллии Уструшана дар замони Сомониён барои боз ҳам бештар ва мушаххастар омӯхтани сохтори маъмурӣ-ҳудудӣ, дастгоҳи идоракунӣ ва умури давлатдории Сомониён, тавсифи баъзе унвону

[1] Раҳмонов Э. Шаҳрсозӣ – суннати деринаи мост: Суханронӣ ба истиқболи 2500-солагии шаҳри бостонии Истаравшан. Истаравшан, 10 сентябри соли 2002 // Раҳмонов Э. Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат: Иборат аз чаҳор ҷилд. Ҷилди чорум. – Душанбе: Ирфон, 2002. – С. 461.
[2] Пешвои миллат: Истаравшан дар қатори бузургтарин шаҳрҳои Осиёи Марказист. Суханронии Эмомалӣ Раҳмон, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Қалъаи Муғи шаҳри Истаравшан, 25 июни соли 2018 // Ҷумҳурият. – 2018. – 26 июн.

мартабаи маъмурон ва мансабдорони маҳаллӣ, вазифа, ҳуқуқ ва салоҳияти онҳо аҳаммияти муҳим дорад;

- **сеюм**, Уструшана дорои сарватҳои бузурги табиӣ, иқтидори иқтисодӣ буда, дар муносибатҳои хоҷагидорӣ, кишоварзӣ, тиҷорат, коркарди маъдан, ҳунармандӣ, низоми андоз саҳми калон дошт ва баррасии масъалаи мазкур барои равшан намудани вазъ ва иқтидори иқтисодии давлати Сомониён ва нақшу мақоми вилоятҳои алоҳидаи он дар ин ҷода аз аҳаммият холӣ нест;
- **чорум**, таҳқиқи ҳаёти иҷтимоӣ, ҳайати этникӣ, забон, эътиқоди динии аҳолии Уструшана барои омӯзиши таърихи халқи тоҷик аҳамияти муҳим дорад;
- **панҷум**, таҳқиқи таърихи Уструшанаи замони Сомониён барои омӯхтани вазъи умумии сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии мардуми ин минтақа ва барои таҳкими ҳисси худшиносию худогоҳии миллӣ, ватандӯстии насли ҷавон ва тамоми мардум мусоидат хоҳад кард.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ**. Таърих ва фарҳанги воҳидҳои алоҳидаи маъмурӣ, шаҳрҳои бузург ва вилоятҳои Мовароуннаҳр дар замони давлатдории Сомониён таваҷҷуҳи муҳаққиқони гуногунро ба худ ҷалб намудааст. Таҳлили таълифоти мавҷуда собит месозад, ки мавзуи мазкур то ҳол ҳамчун объекти мустақими таҳқиқоти илмӣ қарор нагирифтааст ва он ба таври лаҳзавӣ, пароканда дар таҳқиқотҳое, ки ба таърих, ҷуғрофия, ҳаёти иқтисодӣ ва фарҳангии замони Сомониён бахшида шудаанд, ба назар мерасанд.

Тамоми таълифот, маълумоти мавҷударо марбут ба омӯзиши Уструшанаи мавриди таҳқиқ шартан ба чор гурӯҳ тақсим намудан мумкин аст:

**Ба гурӯҳи аввал,** осори муҳаққиқони тоинқилобии русро метавон шомил намуд. Доир ба ёдгориҳои археологии Уструшана ховаршиноси маъруфи рус И.П. Лерх дар қайду хотироти сафари худ, ки соли 1867 сурат гирифтааст,

маълумот медиҳад. Ӯ аз ахбори ховаршиносон доир ба Уструшана огоҳӣ дошт ва ба далелҳои муътамади таърихӣ такя намудааст[1].

Яке аз маъмурони рус, губернатори вилояти Самарқанди замони мустамликавӣ, ки қалъаи Чилҳуҷраи Бунҷикати асримиёнагиро (ноҳияи Шаҳристони вилояти Суғд) соли 1890 таҳқиқ кардааст, Н.С. Ликошин мебошад. Таваҷҷуҳи асосии Н.С. Ликошинро обёрии воҳаи Уструшана ҳангоми тадқиқотҳои геодезӣ, осори ёдгории археологии боқимонда ҷалб сохтааст. Доир ба ин масъала Н.С. Ликошин маводи зиёд ҷамъ намуда, дар воҳаи Шаҳристон мавҷуд будани ёдгориҳоро ба аъзои маҳфили "Дӯстдорони археологияи Туркистон" (соли таъсисаш 1895) шинос менамояд ва таваҷҷуҳи онҳоро ба омӯхтани ёдгориҳои мазкур ҷалб месозад[2]. Метавон гуфт, ӯ амалан ҳамчун муҳаққиқи аввалини тадқиқотҳои археологии Бунҷикат – маркази маъмурии Уструшана мебошад.

Сардори уезди Хуҷанди замони мустамликавӣ А.А.Кушакевич дар баробари шаҳру навоҳии уезд маълумотҳои оморӣ, ҷуғрофӣ ва таърихиро доир ба волости Ӯротеппа ва Шаҳристон, роҳҳои байни шаҳрҳои Собот, Навганда, Шаҳристон ва дигар ҳудуди ҷуғрофии он маълумот додааст, ки ахбори овардаи ӯ хислати очерки таърихӣ доранд[3]. Инчунин ӯ бори аввал аз мавҷудияти ёдгориҳои археологӣ ва иншоотҳои бостонии Уструшана маълумот додааст.

Яке аз муаррихон ва ховаршиноси замони мустамликавӣ И.А.Кастане доир ба таърихи давраи қадима ва асримиёнагии Ӯротеппа (ҳудуди Истаравшан) ва Шаҳристон маълумоти ҷолиби таърихӣ, ҷуғрофӣ, меъморию шаҳрсозӣ ва фарҳангӣ овардааст. Асоси маълумоти И.А.Кастанеро ахбори омории ҷамъкардаи ӯ ҳангоми сафараш ба ин минтақа ташкил дода, муаллиф доир ба ёдгориҳои таърихӣ, археологӣ маълумот додааст ва ахбори ҳисоботии ӯ дар

---

[1] Лерх И.П. Археологическая поездка в Туркестанский край в 1867 году. – Санет-Петурбург, 1870. – С. 331

[2] Лыкошин Н.С. Очерк археологических изыскании в Туркестанском крае до учреждения Туркестанского кружка любителей археологии // Среднеазиартский Вестник. – Ташкент, 1896; Лыкошин, Н. Очерк археологических изыскании в Туркестанском крае до учреждения Туркестанского кружка любителей археологии // Протокол Туркестанского кружка любителей археологии. Год 1. – Ташкент, 1896.

3 Кушакевич А.А. Статистические сведения о городах Ходжент и Ура-Тюбе // МСТК, Вып. 1. – СПб, 1872. – С. 171, 195-196.

маҳфилҳои илмии амалкунанда дар назди идораи генерал-губернатории Туркистон баррасӣ шудаанд[1].

П.С.Скварский, ки пристави (сардори политсияи маҳаллӣ дар генерал-губернатории Туркистон) Ӯротеппа буд, доир ба мавҷудияти ёдгориҳои бостонӣ дар Вогат, Қалъаи Муғ, маркази Шаҳристон маълумот овардааст. Пас аз боздиди ёдгориҳои бостонии минтақаи Шаҳристон ӯ ба хулосае меояд, ки ин мавзеъ маркази маъмурии вилояти Осрушана (Уструшана) мебошад. Аз соҳили чапи сойи Шаҳристон ӯ якчанд ашёи рӯзгор, косахонаи сари инсон, ороишот ва ашёи фузулӣ дарёфт намуда, аз боқимондаи иншоотҳои обёрикунандаи Шаҳристон дар асрҳои миёна хабар додааст[2]. Аз ин лиҳоз, пофессор Н.Т.Раҳимов пристав П.С.Скварскийро, ки пас аз адои вазифаи кори ҳарбӣ-маъмурӣ ба маҳфили "Дӯсторони археологияи Туркистон" роҳбарӣ намудааст, кашшофи аввалини ёдгориҳои бостонии Уструшана меҳисобад[3].

Муаррих ва ховаршиноси маъруфи рус, академик В.В.Бартолд дар осори худ оид ба таъриху фарҳанги халқҳои Мовароуннаҳр, шаҳру вилоятҳои таърихии он, аз ҷумла Уструшана маълумотҳои ҷолиб додааст[4]. Ӯ ҳангоми сафари худ дар ҳудуди Осиёи Марказӣ дар солҳои 90-уми асри XIX ба Ӯротеппа (Истарашван) ва Шаҳристон аз ёдгориҳои археологии Қалъаи Қаҳқаҳа, кӯшки Чилҳуҷрае, ки воқеъ дар Шаҳристон аст, маълумот додааст.

Дар таълифоти дигари В.В.Бартолд таърихи сиёсӣ, ҷуғрофиёи таърихӣ, ҳаёти иқтисодӣ, санъати меъморию шаҳрсозӣ ва ҷанбаҳои гуногуни таърихии Уструшана инъикос шудааст[5]. Бояд гуфт, ки дар тадқиқотҳои пурарзиши минбаъдаи академик В.В.Бартолд таъриху тамаддуни мардуми ин вилоят мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд. Таълифоти академик В.В.Бартолд аз он ҷиҳат пурарзиш ва муҳим аст, ки ӯ донандаи моҳири забонҳои Шарқ буда, дастнависҳои арабӣ, форсӣ, туркӣ ва ғайраро дар шакли асл истифода бурдааст.

[1] Кастанье И. Древности Ура-Тюбе и Шахристана. Протоколы ТКЛА. Т. 20. Вып. 1. – Ташкент, 1915. – 248 с.
[2] Скварский П.С. Несколько слов о древностях Шахристана // Среднеазиатский вестник, 1896. – окт. – С. 50.
[3] Рахимов Н.Т., Икромов Н.А. П.С.Скварский – исследователь археологических памятников Уструшаны // Номаи донишгоҳ. - № 1 (74), 2023. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2023. – С. 41-42.
[4] Бартольд В.В. Отчет о поездка в Среднюю Азию с научной целю: 1893-1894 гг. – Петербург, 1897. – С. 73-75.
[5] Бартольд В. Туркестан в эпоху монгольского нашествия. Часть 2. – С. Петербург, 1900. – 573 с.; Бартольд В.В. К истории орошения Туркестана. - СПб, 1914. – 174 с.

Доир ба ҷуғрофиёи таърихии тамоми шаҳру рустоҳои шомили Уструшана маълумотҳои В.В.Бартолд пурра ва аз лиҳози хронологӣ пайдарҳам набошанд ҳам, аммо арзиш ва аҳамияти онҳо хеле муҳим аст.

**Ба гурӯҳи дуюм**, осори илмии олимони замони шуравӣ ва даврони истиқлолиятро метавон дохил намуд. Бояд тазаккур дод, ки як зумра бостоншиносон, муаррихон, аз ҷумла Н. Неъматов, А. Мухторов, Ӯ. Пулодов, А. Мирбобоев, Н. Турсунов, Н. Раҳимов, Р.С. Муқимов, С.М. Мамадҷонова, А.А. Гритсина ва баъзе дигарон ҳам дар замони шуравӣ ва ҳам дар даврони истиқлолият кору фаъолият бурда, доир ба таърих, ҷуғрофия, мероси моддӣ, маънавии Уструшана мансубияти этникии мардуми он таълифоти пурарзишро анҷом додаанд. Аз ин рӯ, ҳангоми таҳлили осори муҳаққиқони номбурда мо бо риояи талаботи методи хронологӣ-мавзуӣ таълифоти онҳоро ба ду қисмат – аввал дар замони шуравӣ ва сипас дар даврони истиқлолият мавриди таҳлил қарор додаем.

Дар асарҳо, рисолаву мақолаҳои тадқиқотии ховаршиноси машҳури шуравӣ О.И.Смирнова доир ба ёдгорҳои таърихӣ, шаҳрҳо ва рустоҳои Уструшана маълумоти арзишманд оварда шудааст[1]. Дар таълифоти П.П.Иванов[2] доир ба истихроҷи маъданҳои кӯҳӣ дар Мовароуннаҳр, аз ҷумла Уструшана ва рушди ҳунари кӯҳкорӣ маълумоти муҳим мавҷуд аст. Таҳқиқоти бостоншинос В.М.Массон[3] доир ба нақшу мақоми давлати Сомониён дар рушди сиёсӣ ва фарҳангии Осиёи Марказӣ ва вилоятҳои он ахбори пурарзиш ба ҳисоб меравад. Забоншиноси номӣ И.В.Абаев[4] дар мақолаи худ доир ба шарҳу

---

[1] Смирнова О.И. Археологические разведки в Уструшане в 1950 г.// Материалы и исследования по археологии СССР. № 37. Труды таджикской археологической экспедиции. – М., - Л.: Наука, 1953. – С. 189-230; Смирнова О.И. Вопросы исторической топографии и топоннмики Верхнего Зеравшана// Материалы и исследования по археологии СССР. - 1950. - №15. - С.56-60; Смирнова, О.И. Место домусульманских культов Средней Азии: по материалам топонимики// Страны и народы Востока. – Вып. 10. – М., 1971. – С. 102.

[2] Иванов П.П. К истории развития горного промысла в Средней Азии. – М., Л., 1932. – С. 23-30.

[3] Массон М.Е. Из истории горной промышленности Таджикистана. – Москва, 1934. – С. 50-59; Массон В.М. Вклад Саманидского государства в политическую и культурную Центральной Азии//Вклад эпохи Саманидов в культурное наследие Централной Азии: материалы международного семинара. – Душанбе: Адиб, 1999. – С. 50; Массон В.М. Культурогенез древней Центральной Азии: отечественные исследования. – Санкт-Петербург, 2006. – 384 с.

[4] Абаев И.В. Среднеазиатский политический термин афшин// Вестник древней истории. - №2. – 1959. – С. 112-116.

тафсири истилоҳи “афшин” (унвони ҳокимони Уструшанаи асримиёнагӣ) андешаҳои ҷолибро баён намудааст.

Дар рисола ва мақолаҳои муҳаққиқон Л.В.Воронина[1], А.М. Беленитский[2] ва дигарон доир ба ҳунари шаҳрсозӣ, санъати меъморӣ, бинокорӣ, нақшу нигори иншооти шаҳрҳои Мовароуннаҳру Хуросон, аз ҷумла Уструшанаи асримиёнагӣ далелҳои ҷолиб ҷамъоварда шудааст. Муҳаққиқи таърихи санъати меъморӣ Л.В.Воронина дар ҳафриётҳои археологӣ ва таҳқиқи ёдгориҳои бостонии Уструшана иштирок дошт ва таълифоти ӯ дар самт пурарзиш маҳсуб меёбанд.

Академик Бобоҷон Ғафуров яке аз муҳаққиқони нахустини таърихи давлати Сомониён дар таърихнигории ватанӣ ба ҳисоб рафта, дар аввалин тадқиқоти ҷамъбастии ӯ “Таърихи мухтасари халқи тоҷик”[3] ва нашрҳои русии он (Масква, 1949, 1952, 1955), хосатан шоҳасари ӯ “Тоҷикон” доир ба шаҳру навоҳӣ, таърихи таъсиси давлати Сомониён, ҳаёти иҷтимоӣ-иқисодии мулкҳои алоҳидаи он, аз ҷумла Уструшана андешаву хулосаҳои ҷолибро баён кардааст[4].

Яке аз муҳаққиқони маъруфи таърих ва тамаддуни Уструшанаи бостонӣ академик Н.Неъматов[5] мебошад. Таҳқиқи таъриху фарҳанги Уструшана яке аз мавзуҳои меҳварии фаъолияти илмии ин донишманди сермаҳсул ба ҳисоб меравад. Рисолаи номзадии ӯ[6] дар самти омӯзиши археологии Уструшана таълифоти бунёдӣ ба ҳисоб рафта, аз ҷониби олимон баҳои баланд гирифтааст.

---

[1] Варонина В.Л. Народная архитектура Северного Таджикистана. – М.: Госстройиздат, 1959. – 100 с.; Воронина В.Л. Открытие Уструшаны / В.Л.Воронина, Н.Н.Негматов // История, архитектура и исскуства Уструшаны. – Душанбе: Контраст, 2013. – С. 214-222; Воронина В.Л. Архитектура дворца Калаи Кахкаха 1/В.Л.Воронина // История, архитектура и исскуства Уструшаны. – Душанбе: Контраст, 2013. – С. 231-266.

[2] Беленицкий А.М., Бентович И.Б., Большаков О.Г. Средневековий город Средней Азии. – Ленинград: Наука, 1973. – С. 190-192.

[3] Ғафуров Б.Ғ. Таърихи мухтасари халқи тоҷик. – Сталинобод: Нашр. дав. Тоҷ., 1947. – 383 с.

[4] Гафуров Б. Таджики. Древнейшая, древняя и средневековая история. – М.: Наука, 1972. – 664 с.

[5] Негматов Н.Н. Древяя и раннесредневековье Уструшана/Н.Негматов// Археологи расказивают. – Сталинабад, 1959. – С. 114-134; Негматов Н., Хмельницкий С. Средневековый Шахристан. Материальная культура Уструшаны. – Вып. 1. – Душанбе: Дониш, 1966. – 200 с; Негматов Н.Н., Пулатов У.П., Хмельницкий С.Г. Ураткурган и Тирмизактеппа Материальная культура. – Вып. 2. – Душанбе: Дониш, 1973. – 144 с.; Неъматов Н.Н. Асрори Истаравшан - [Загатка Истаравшан]. – Душанбе: Ирфон, 1972. – 51 с; Негматов Н.Н. Уструшанский компонент среднеазиатской культуры раннего средневековья// Раннесредневековая культура Средней Азии и Казакистана: Тез. Всесоюз. науч. конф. в г. Пенджикенте ТаджССР, 26-31 авг. 1977 г. – Душанбе, 1977. – С.12-18.

[6] Неъматов Н. Уструшана в VII-X вв. (по материалам письменных и археологических источников): автореф. дис. … кан. ист.наук: 07. 00. 02. АН Тадж ССР. Ин-т истории археологии и этнограии. – Л., 1952. – 27 с; Негматов Н.Н. Уструшана в древности и раннем средневековье. – Сталинабад: Изд-во АН ТаджССР, 1957. - 160 с., 1 л. карт. – (Тр./АН Тадж ССР. Ин-т истории археологии и этнографии; Т. 55).

Муаллиф дар ин таҳқиқот таърихи Уструшанаро аз замони қадим то давраи ибтидои асримиёнагӣ мавриди омӯзиш қарор дода, ин асар дар баробари истифодаи ахбори осори хаттии асримиёнагӣ, бештар дар пояи маълумоти ҳафриёт, бозёфтҳо ва дастовардҳои илми бостоншиносӣ эҷод шудааст. Рисолаи доктории олим "Ходжент и Уструшана в древности и средневековье (середина I тыс. до н. э. – I тыс. н.э.)"[1] бо вусъати масъалаҳои таҳқиқотӣ, фарогирии маводи осори хаттӣ, ҳафриётҳои бостоншиносӣ, таҳқиқоти олимони шуравӣ, ватанӣ ва хориҷӣ дар самти омӯзиши таърихи Хуҷанд ва Уструшанаи бостонӣ қадами ҷиддӣ ва пажуҳиши пурарзиши илмӣ ба ҳисоб меравад.

Бояд қайд намуд, тадқиқотҳои академик Н.Неъматов бахшида ба таъриху фарҳанги Сомониён, шаҳру вилоятҳои мухталифи он, аз ҷумла Уструшана, Фарғона таълифоти бунёдӣ буда, асарҳои ӯ "Давлати Сомониён: тоҷикон дар асрҳои IX-X"[2] (нашрҳои русӣ ва тоҷикӣ) ва дигар таҳқиқтҳои олим дар самти уструшаншиносӣ аҳамияти муҳими илмӣ доранд. Соли 1997 татқиқоти бунёдии академик Н.Неъматов "Таджикский феномен: история и теория"[3] нашр гардид. Дар бобҳои алоҳидаи ин асар, аз ҷумла боби сеюм "Эҳёи тоҷик. Аз Сосониён то Сомониён"[4], боби чорум "Шаш асри хориқаи таърихии тоҷик (X-XV"[5] ва бобҳои минбаъдаи он дар бораи нақши Уструшана ҳамчун яке аз марказҳои бузурги таърихию фарҳангӣ ва ҳавзаи муҳим дар ташаккули халқияти ягонаи тоҷик, забони адабии он, давлатдории миллии тоҷикон маълумотҳои хеле нодир, таҳлилу хулосаҳои навро пайдо кардан мумкин аст.

Муҳаққиқони варзидаи Суғди бостонӣ академик Ю.Ёқубов[6] дар таҳқиқотҳои худ оид ба ёдгориҳои археологии Суғд ва воҳаҳои ҳамҷавори он, дину мазҳаби суғдиёни қадим, аз ҷумла Уструшана маълумоти ҷолиб додааст.

---

[1] Негматов Н. Ходжент и Уструшана в древности и средневековье (середина I тыс. до н. э. – I тыс. н.э). дис. … д-ра ист. наук: 07.00.06 / Негматов Нуман Негматович. – Москва, 1968. – 1023 с.
[2] Негматов Н.Н. Гоударство Саманидов: Мавераннахр и Хорасан в IX-X вв. – Душанбе: Дониш, 1977. – 279 с.; Неъматов Н.Н. Давлати Сомониён: тоҷикон дар асрҳои IX-X. – Душанбе: Ирфон, 1989. – 304 с.
[3] Негматов Н.Н. Таджикский феномен: история и теория. – Душанбе, 1997. – 448 с.
[4] Ҳамон ҷо. – С. 113-142.
[5] Негматов Н.Н. Таджикский феномен: история и теория. – С. 143-234.
[6] Якубов Ю. Паргар в VII-VIII вв.: Верхний Зеравшан в эпоху раннего средневековья. – Душанбе: Дониш, 1979. – 217 с; Якубов Ю. Раннесредневековые селькие поселения горного Согда. – Душанбе, 1988.

Таҳқиқотҳои бостоншинос, профессор Ӯ.Пӯлотов[1] дар пояи бозёфтҳои нодири археологӣ таълиф гардида, дар онҳо иншоотҳои меъморӣ ва манзилҳои истиқоматии уструшаниҳо дар ноҳияҳои имрӯзаи Шаҳристон ва Деваштич мавриди таҳлилу таҳқиқ қарор гирифтаанд. Дар ноҳияи Шаҳристон кӯшки Чилҳуҷра ва дар ноҳияи Деваштич Қалъаи Кофар аз ҷониби ӯ таҳқиқ гардида, шуғли аҳолӣ, санъати баланди меъморӣ, бинокорӣ, ороишоти амалӣ, ҳунари оҳангарию рехтагарии мардуми Уструшанаро ошкор намуд. Маълумоти овардаи Ӯ.Пулодов аз он ҷиҳат пурарзиш аст, ки он дар заминаи тадқиқоти бисёрсолаи ҳафриётҳои бостонии ҳудуди Уструшана, ки дар он муаллиф иштирок кардаааст, ҷамъоварӣ шудаанд.

Сарзамини Уструшанаи шимолии давраи қадиму ибтидои асрҳои миёна ва ёдгориҳои археологии он дар рисолаҳои А.Э.Бердимуродов[2], А.А.Гритсина[3], Л.М.Сверчков[4] мавриди тадқиқу омӯзиш қарор гирифтааст. Рисолаҳои олимони номбурда дар пояи ҳафриётҳои бостонии ёдгориҳои Уструшана, ки дар ҳудуди вилояти Ҷиззах ва шаҳру навоҳии Зомин, Собот, Хавос ва дигар мавзеҳои он сурат гирифтаанд, таълиф шудаанд. Дар таълифоти бостоншиносон ёдгориҳои археологии дар Уструшанаи шимолию ғарбӣ мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд, ки тадқиқоти онҳо ба замони шуравӣ ва давраи истиқлолият мансубанд[5].

---

[1] Пулатов,У.П. Чильхудржра //Материальная культура Уструшаны. – Вып. 3. – Душанбе: Дониш, 1975. – 200 с.; Пулатов У.П. Работы Дахкатской группы в 1984 г. // Археологические работы в Таджикистане. – 1993. – Вып. 24. – С.20-26.

[2] Бердимуродов А.Э. Раннесредневековые археологические памятники Джизакского оазиса (Северо-западной Уструшана V-X в. н.э.): автореф. дис… канд. ист.наук: 07.00.06 / Бердимуродов Амриддин Эргашевич. – М., 1985. – 24 с.

[3] Грицина А.А. Северная Уструшана в середине I тысячелетия до н.э. – начале XIII в.н.э. (археолого-топографическое исследование): автореф. дис. … кан. ист. наук: 07. 00. 06 / Грицина Аликсей Андреевич. – Самарканд, 1990. – С. 23.

[4] Сверчков Л.М. Посиление Мык – источник по истории средневековой Уструшаны: автореф. кан. ис. наук: 07.00.06 / Леонид Михайлович Сверчков. – Самарканд, 1991. – 25 с.

[5] Грицина А.А. Об оссуарном обряде в Уструшане // Общественные науки в Узбекистане. - № 1. 1998. С. 89-94; Грицина А.А. Чаша-календарь XII в. // San'at. -№ 2. – Ташкент, 1999. – С. 6-7; Грицина А.А. О погребениях в хумах в Зааминском тумане // История материальной культуры Узбекистана (ИМКУ). Вып. 30. - Самарканд, 1999. С. 223-225; Грицина А.А. Уструшанские были. - Ташкент: Изд-во им. А. Кадыри, 2000. 244 с.; Грицина А.А. Терракотовая статуэтка из Уструшаны // Средняя Азия. История. Культура. Материалы международной конференции, посвящённой 50-летию научной деятельности Г.В. Шишкиной. - М.: Пересвет. 2001. С. 148-150; Грицина А.А. Заамин как идеологический центр раннесредневековой Уструшаны // "Жиззах вохаси – Марказий Осиё (Республика миқёсидаги илмий-амалий конференция материаллари)". – Жиззах, 2019. 24-27 б.

Доир ба таърихи лашкаркашиҳои нахустини арабҳо ба Мовароуннаҳр, Уструшанаи замони истилои араб рисолаи Ғ.Ғоибов таҳқиқоти пурарзиш ба ҳисоб меравад. Аҳаммияти илмии тадқиқоти мазкур дар он аст, ки муаллиф ҷуғрофиёи баъзе шаҳру вилоятҳои Мовароуннаҳрро пеш аз забткориҳои арабҳо дар асоси ахбори сарчашмаҳои асримиёнагии арабу форсизабон таҳлил намуда, доир ба воқеаҳои муҳими ин давра дар минтақаҳои гуногуни Вароруд, аз ҷумла Уструшана маълумотҳои ҷолибро овардааст[1].

Истиқлолияти давлатӣ барои эҳёи таърих, фарҳанг ва арзишҳои миллӣ шароит ва имконияти мусоид фароҳам оварда, барои рушди самтҳои гуногуни илм, аз ҷумла таърихнигорӣ мусоидат намуд. Истаравшаншиносӣ дар даврони Истиқлолият марҳилаи сифатан навро касб намуда, Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 феврали соли 2000 “Дар бораи ҷашнгирии 2500-солагии шаҳри Ӯротеппа (Истаравшан)”[2] дар ин ҷодда таккони ҷиддӣ гардид.

Таърихнигории давраи Истиқлолият бо номи Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон робитаи мустақим дорад. Дар асарҳои Сарвари давлат “Тоҷикон дар оинаи таърих. Аз ориён то Сомониён”[3], “Нигоҳе ба таърих ва тамаддуни ориёӣ”[4], “Чеҳраҳои мондагор”[5] ва ғайра доир ба таърих ва тамаддуни тоҷикон ва марказҳои бузургтарини он, аз ҷумла таърих, фарҳанг ва ҳунари мардуми маълумотҳои ҷолибу фаровон оварда мешавад. Масалан, ҳангоми тавсифи муборизаи халқи тоҷик бар зидди арабҳо, робитаи афшинҳои Уструшана бо яке аз қаҳрамонҳои халқи тоҷик Деваштич, баста шудани шартномаи миёни афшинҳо ва қоиммақоми Хуросон Асад ибни Абдуллоҳ ахбори муҳим оварда мешавад[6].

Омӯзиши таърихи Уструшана дар даврони Истиқлолият дар фаъолияти илмии яке аз поягузорони мактаби илмии истаравшаншиносӣ академик

---

[1] Гоибов Г. Ранние походы арабов в Среднюю Азию (644-704 гг.). – Душанбе: Дониш, 1989. – 144 с.
[2] Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҷашнгирии 2500-солагии шаҳри Ӯротеппа (Истаравшан)” аз 3 феврали соли 2000 // Садои мардум. – 2000. – 10 февр.
[3] Раҳмонов Э. Тоыикон дар оинаи таърих. Аз Ориён то Сомониён. Китоби сеюм. – Душанбе: Ирфон, 2006. – 228 с.
[4] Раҳмонов Э. Нигоҳе ба таърих ва тамаддуни ориёӣ. – Душанбе: Ирфон, 2006. – 372 с.
[5] Эмомалӣ Раҳмон. Чеҳраҳои мондагор. – Душанбе: ЭР-граф, 2016. – 364 с.
[6] Раҳмонов Э. Тоҷикон дар оинаи таърих. Аз Ориён то Сомониён. Китоби сеюм. – С. 136, 210-213.

А.Мухторов мақоми махсусро касб намуд. Муҳаққиқи пурмаҳсул А.Мухторов[1] доир ба таърих ва тамаддуни Уструшанаи асримиёнагӣ ва давраи нав беш 15 рисолаву тадқиқтҳои бунёдӣ ва мақолаҳои сершумореро таълиф намудааст, ки як қисми онҳо ба давраи шуравӣ ва аксарияти дигари он ба замони истиқлол рост меояд. Соли 2000 рисолаи А.Мухторов "Курушкада, Истаравшан, Ӯротеппа" интишор гардида, муаллиф оид ба шарҳу эзоҳи этимологии номҳои ин шаҳри қадима дар асоси ахбори сарчашмаҳои таърихӣ, ҷуғрофӣ, адабӣ, муаррихону забоншиносон маълумоти ҷолиб дода, дар хотимаи рисола ахбори муаллифи асари машҳури "Ашкол-ул-олам"-и Ҷайҳонӣ оварда шудааст.

Рисолаҳои дигари А.Мухторов "Шиблии Истаравшанӣ", "Мақоми ҷаҳонии уструшаниҳо", "Афшин Ҳайдари уструшанӣ бузургтарин лашкаркаши Араб. (асри IX)" ба инъикоси рӯзгор ва осори чеҳраҳои маъруфи таърих ва тамаддуни Уструшана бахшида шудаанд. Рисолаву тадқиқотҳо ва мақолаҳои сершумори А.Мухторов доир ба таърих ва тамаддуни Уструшана, ки дар солҳои истиқлолият ба нашр расидаанд, дар илми таърихнигории тоҷик ва яке аз равияҳои он – истаравшаншиносӣ саҳми бузург ба ҳисоб меравад.

Таъриху ва тамаддуни Уструшанаи бостонӣ дар осори илмии узви вобастаи АМИТ, доктори илмщои таърих, профессор Ҳ. Пирумшоев мавриди таҳқиқ қарор гирифта, дар асару мақолаҳои илмии ӯ Уструшана дар таърихинигории ватанӣ мавриди таҳлил қарор гирифтаанд[2].

Дар таҳқиқу омӯзиши фарҳанги моддӣ ва маънавии Уструшана саҳми бостоншинос, фарҳангшинос профессор А.Мирбобоев[3] бузург аст. Дар

---

[1] Мухторов А. Амирон ва вазирони Сомонӣ. – Душанбе: Нашриёти Оли Сомон, 1997. – 76 с.; Мухторов А. Шиблии Истаравшанӣ. – Душанбе: Амри илм, 2000. – 36с; Мухторов А. Курушкада, Уструшана, Уротеппа. – Душанбе: Амри илм, 2000. – 100 с; Мухторов А. Мақоми ҷаҳонии уструшаниҳо. Асрҳои IX-X. – Душанбе: Сурушан, 2002. – 164с; Мухторов А. Афшин Ҳайдари уструшанӣ – бузургтарин лашкаркаши араб. Асри IX. – Истаравшан: Нашриёти давлатии ба номи Раҳим Ҷалил, 2005. – 100 с.

[2] Пирумшоев Х. Истаравшан в отечественной историографии// Очерки истории Истаравшана (Ура-тюбе). XX век. – Душанбе: Ому, 2002. – С. 12-33; Пирумшоев Ҳ. Таҳқиқи таърихи Истаравшан дар таърихнигории асри XX// Роль Истаравшана в истории цивилизации народов Центральной Азии: Тез. докл. международ. симпозиума (6 сент. 2002 г.). – Душанбе: Ому, 2002. – С.71-73 (на тадж.яз.); 152-154 (на рус.яз.); 203-204 (на перс.яз); Ҳайдаршо Пирумшо. Давлати Сомониён дар тарозуи таърихнигорӣ. – Душанбе: Дониш, 2020. – 428 с.

[3] Мирбабаев А.К. К вопросу о потенциале духовной культуры древних городов //Зоны и этапы урбанизации. – Ташкент, 1989. – С.112-113; Мирбабаев А., Мукимов Р. Городское хозяество Мавераннахре и Хорасане в 1X-X // Труды таджикского технического университета, 2001. - Вып. 2. – С. 73; Мирбобоев А. Черты культуры и идеологии уструшанцев // Фарҳанг. – 2002. - №7-8. – С. 25-38; Мирбабаев А.К. Дахмаки Курката: раскопки и исследования //Материальная культура Уструшаны. – Вып.7//Древняя Уструшана: города, их локализация и

тадқиқотҳои ӯ бештар ҷанбаъҳои фарҳангӣ ва масъалаҳои таърихи маънавии уструшаниҳо, ҷаҳонбинӣ, анъанаҳои маҳаллӣ, суннат, дину маросим, топонимикаи Уструшана, урфу одатҳои динии уструшаниҳо мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд, ки дар осори муҳаққиқони дигар камтар ба назар мерасанд.

Дар ҷодаи истаравшаншиносӣ саҳму хизмати мардумшинос, ховаршинос, фарҳангшинос, муаррихи номӣ, доктори илмҳои таърих, профессор Н.Турсунов хеле назаррас буда, номи ӯ бешубҳа дар радифи истаравшаншиносони асил қарор дорад. Соли 1992 рисолаи пурарзиши Н.Турсунов "Истаравшан. (Шарҳи мухтасари таърих ва маданияти халқ)"[1] интишор гардид, ки он дар пояи манбаъҳои таърихию этнографӣ, тадқиқотҳои муаррихон, ховаршиносон, мардумшиносон ва маводи тадқиқотҳои саҳроии муаллиф таълиф шуда, заминаҳо ва омилҳои ташаккул ва рушди шаҳру деҳоти Истаравшанро аз аҳди қадим то даврони муосир мавриди таҳлил қарор дода шудааст.

Дар китоби дигари профессор Н.Турсунов "Таърихи тоҷикон"[2] доир ба марҳилаҳои гуногуни таърихи халқи тоҷик, аз ҷумла Уструшана маълумотҳои ҷолиб оварда шудаанд. Боби аввали ин китоб "Манбаъҳо ва донишмандони барҷастаи фанни таърихи тоҷикон" ба тавсифи сарчашмаҳои таърихӣ, ҷуғрофӣ, адабӣ бахшида шуда, маълумотҳои муаллиф доир ба инъикоси таърихи қадим, асримиёнагии Уструшана, сарватҳои табиӣ, шуғли аҳолӣ, ки дар таълифоти донишмандони араб ва Аҷам арзиши баланди илмӣ доранд.

Дар радифи рисолаҳои бунёдӣ доир ба таърих, фарҳанг ва тамаддуни Уструшана профессор Н.Турсунов мақолаҳои зиёдеро низ таълиф намудааст, ки дар байни онҳо мақолаи "Мақоми Уструшана дар таърихи умумибашарӣ"[3] (бо ҳамқаламии духтари устод шодравон Г.Турсунова) мақоми хоса дорад. Дар мақола дар бораи аҳамияти Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон,

---

хронология. – Душанбе: Ому, 2003. – С. 267-562; Мирбобоев А. Дахмаки Курката: раскопки и исследования// История, архитектура и исскуства Уструшаны. – Состовитель Р. Мукимов. Отв. ред. А.Раджабов – Душанбе: Контраст, 2013. – С. 64, 71.

[1] Назирҷон Турсуни Хуҷандӣ. Истаравшан. (Шарҳи мухтасари таърих ва маданияти халқ). – Душанбе: Ирфон, 1992. – 208 с.

[2] Турсунов Н. Таърихи тоҷикон. – Хуҷанд: Нашриёти давлатии ба номи Раҳим Ҷалил, 2001. – 788 с.

[3] Турсунов Н., Турсунова Г. Место Уструшаны в мировой истории // Эҳёи Аҷам. – Хуҷанд, 2002. - № 3. – С. 3-12.

мухтарам Эмомалӣ Раҳмон аз 3 феврали соли 2000 оид ба таҷлили ҷашни 2500-солагии Истаравшан, роҳи тайкардаи мардуми он аз аҳди бостон то оғози асри XX, дастовардҳои моддӣ ва маънавии сокинони ин сарзамин ва саҳми фарзандони барӯманди он дар рушди илму фарҳанг маълумот оварда шудааст.

Дар ҷодаи сомоншиносӣ саҳми Маркази пажуҳиши тамаддуни давраи Сомониён назди ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров хеле бузург аст, ки дар арафаи ҷашни 1100-солагии давлати Сомониён таъсис ёфта, дар ин маркази илмӣ муҳаққиқони варзида, аз қабили С.Абдуллоев Н.Салимов, Н.Зоҳидов, А.Ҳасанов, Н.Ғиёсов ва дигарон кору фаъолият доштанд. Бо саъю кӯшиши онҳо рисолаҳои пурарзиши “Сомониён дар оинаи таърих”[1] ва “Донишномаи Сомониён”[2] ва рисолаҳои профессор С.Абдуллоев “Амир Исмоили Сомонӣ” ва “Амирони Сомониён”[3] “Фарҳанги Сомониён” ва “Ҷуғрофияи таърихии давлати Сомониён”[4] ба нашр расиданд, ки дар ин таълифот ахбори нодири сарчашмаҳои арабизабон, форсизабон фароҳам оварда шуда, доир ба вазирони машҳури сулолаи Сомониён, ҷуғрофиёи таърихии ин давлат, фарҳангу тамаддуни он мавриди таҳқиқу омӯзиш қарор гирифтаанд. Масалан, дар рисолаҳои бунёдии “Фарҳанги Сомониён”[5] ва “Ҷуғрофияи таърихии давлати Сомониён”[6] профессор С.Абдуллоев вилояти Уструшана дар заминаи ахбори сарчашмаҳои хаттӣ ҳамчун яке аз вилоятҳои пурвусъат ва пешрафтаи аҳди Сомониён мавриди таҳлил қарор дода шудааст.

Яке аз муҳаққиқони варзидаи Уструшана, бостоншиноси маъруф, профессор Н.Раҳимов[7] маҳсуб меёбад, ки аксарияти таълифоти ӯ дар пояи

---

[1] Сомониён дар оинаи таърих. – Ҷилди 1-2. – Хуҷанд: Нашриёти давлатии ба номи Раҳим Ҷалил, 1998.
[2] Донишномаи Сомониён. Ҷилди 1. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2008. – 545 с.; Донишномаи Сомониён. Ҷилди 2. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2009. – 598 с.
[3] Абдуллоев С. Амир Исмоили Сомонӣ. – Хуҷанд: Нашриёти давлатии ба номи Раҳим Ҷалил, 1998. – 400с.; Абдуллоев С. Исмоили Сомонӣ. Нашри дуюм. – Москва, 1998. – 432с.; Абдуллоев С. Амирони Сомонӣ. – Москва, 1999. – 632 с.
[4] Абдуллоев С.Фарҳанги Сомониён. – Москва: Шӯъбаи чаҳоруми нашриёти ҳарбӣ, 2001. – 598 с.; Абдуллоев С. Ҷуғрофияи таърихии давлати Сомониён.– Хуҷанд, 2001. – 372 с.
[5] Абдуллоев С.Фарҳанги Сомониён. – С. 102-112.
[6] Абдуллоев С. Ҷуғрофияи таърихии давлати Сомониён.– С. 142-151.
[7] Рахимов Н. Очерки средневековой истории Вагата – Ура-тюбе (X-XVI вв). – Худжанд, 2004. – 122 с; Рахимов, Н. Т. Урбанизация средней части бассейна Сырдарьи: автореф. дис. … д-ра. ист. наук: 07.00.06 / Рахимов Набиджон Турдиалиевич. – Душанбе, 2007. – 39 с.: Рахимов Н.Т. Урбанизация средней части бассейна Сырдарьи (I тыс. до н.э. - I тыс. н.э.). – Худжанд: Меъроҷ, 2015. – 268 с.; Рахимов Н.Т. Археологические памятники горной Уструшаны. – Худжанд: Ношир, 2016. – 212 с.

бозёфтҳои нодири археологӣ эҷод шудаанд. Дар тадқиқотҳои ӯ масъалаҳои стартиграфия (таҳқиқи қабатҳои мадании археологӣ), шаҳрсозию шаҳрнишинӣ (урбанизатсия), ҳафриёт, бозёфт ва таҳқиқи ёдгориҳои археологӣ, таърихӣ-меъмории Уструшана, ҳавзаи миёнаобии Сирдарё ва ғайра мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд.

Санъати меъморӣ, ҳунари шаҳрсозӣ дар Уструшана яке аз самтҳои муҳими таҳқиқотҳои илмӣ ба ҳисоб рафта, дар ин ҷода саҳми муҳаққиқон Р.С.Муқимов, С.М.Мамадҷонова А.А.Гритсина бузург аст[1].

Масъалаҳои таърихи давлат ва ҳуқуқи Сомониён, сохтори идораҳои марказӣ ва маҳаллӣ дар рисолаҳои Ш.Азимов[2], И.Сафаров[3] инъикос ёфтаанд.

Дар таълифоти доктори илмҳои таърих А.Аюбов масъалаҳои топономикаи Уструшана дар рисолаҳо ва мақолаҳои сершумори ӯ мавриди таҳлил қарор гирифтааст[4]. Минбаъд муҳтавои рисолаи номзадии ӯро дар баробари топонимҳои Уструшана, масъалаи ҷуғрофиёи таърихии шаҳру навоҳии ин вилоят дар замони қадим ва асрҳои миёна фаро гирифта[5], муаллиф топонимҳои Уструшанаро дар пояи сарчашмаҳои таърихӣ, маводи этнографӣ, таҳқиқотҳои олимони шуравӣ, ватанӣ ва хориҷӣ омӯхтааст[6].

[1] Мамаджанова, С. Архитектурные памятники Уструшаны VI-X вв: исследование и реконструкция: автореф. дис. … кан. архит. наук: 18.00.01 / Мамаджанова Салия. – Москва, 1983. – 19 с.; Мукимов Р.С., Мамаджонова С.М. Зоддчество Таджикистана (история архитектуры и строительного дела Таджикистана). – Душанбе: Маориф, 1990. – 176 с.; Свод памятников истории и культуры Республики Таджикистан. – Книга первая: Согдийская область. Под общей редакцей академика Р.Масова/Авторы – составители Р. Мукимов, С. Мукимова. – Душанбе: Дониш, 2013. – 900 с.; История, архитектура и искусство Уструшаны. – Душанбе: Контраст, 2013. – С. 214-397; Грицина А.А., Мамаджанова С.Д., Мукимов Р.С. Археология, история и архитектура средневековой Уструшаны. – Самарканд: МИЦАИ, 2013. – 240 с.

[2] Азимов Ш. Государство и право Саманидов. – Душанбе: Ирфон, 1999. – 40, 74,78, 79, 80, 82.

[3] Сафаров, И.Д. Правовая система государство Саманидов (IX-X вв.): дис. … кан. юрд. наук: 12. 00. 01 / Сафаров Иномджон Давронджонович. – Душанбе, 1998. – 198 с.; Сафаров И. Правовая система государства Саманидов: IX-X вв. – Душанбе: Ирфон, 1999. – 198 с.

[4] Аюбов А.Р. Топонимы Уструшаны: истоки их происхождения и значения. — СПб.: Нестор-История, 2009. — 94 с.; Аюбов А.Р. Древние и средневековые географические названия в памятниках культуры. – СПб.: Изд.во Политехнического университета, 2011. – 46 с.

[5] Аюбов А.Р. История сложения и трансформации топонимов Уструшаны эпоха древности и средневековье: автореф. дис. … кан. ист. наук: 07.00.02/Аюбов Абдусалом Рауфович. – Худжанд, 2012. – 24 с; Аюбов, А. Топонимы Уструшаны как источник по истории и кульруры. - Худжанд: Нури маърифат, 2013. – 192 с.

[6] Рахимов Н.Т., Аюбов А.Р. Некоторые вопросы локализации и топонимики городов Уструшаны в трудах дореволюционных русских исследователей // Вестник ТГУПБП. № 4 (60). – Худжанд: Ношир, 2014. – С. 147-153; Аюбов А.Р. Освещение проблем исторической географии городов Уструшаны в трудах академика В. В. Бартольда // Лавровский сборник. Материалы XXXVIII и XXXIX Среднеазиатско-Кавказских чтений 2014–2015 гг. Этнология, история, археология, культурология. — СПб.: МАЭ РАН, 2015. – С. 12-15; Аюбов А.Р. Согдийские документы с горы Муг - важный источник по топонимике Уструшаны// Вестник таджикского национального университета (научный журнал). № 3/1 (158). – Душанбе: Сино, 2015. – С. 10-13; Аюбов А. Р.

Дар рисолаи Н.Амиршоҳӣ “Давлатдории тоҷикон”[1] дар заминаи ахбори маъхазҳои асримиёнагӣ таърихи сулолаи Сомониён, ҷуғрофиёи қаламрави он мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

Рисолаи профессор Ҳамза Камол[2] ба тавсифи омилҳо, заминаҳои ба сари қудрат омадани Сомониён, таҳлили рӯйдодҳои муҳими таърихии асрҳои VII-IX дар Хуросони бузург дар пояи ахбори маъхазҳои нодири таърихӣ таълиф шуда, яке аз таҳқиқотҳои пурарзиш ба ҳисоб меравад[3].

Масъалаи ҷуғрофиёи таърихии қаламрави Сомониёнро муҳаққиқ Н.Сафаров[4] мавриди омӯзиш қарор дода, доир ба вусъат ва коҳиши ҳудуди ҷуғрофии ин давлат дар асоси ахбори маъхазҳо далелҳои ҷолиброро овардааст.

Таърих, фарҳанг ва тамаддуни Уструшанаи бостонӣ дар тадқиқотҳои бунёдӣ, рисолаҳои муаррихон ва муҳаққиқони соҳаҳои мухталифи илмҳои ҷомеашиносӣ мақоми хоса пайдо намуда, боиси таълифи даҳҳо рисолаву тадқиқотҳо, китобҳо, мақолаҳои сершумори илмӣ ва илмӣ-оммавӣ гардид. Дар байни ин таълифот пеш аз ҳамаи таҳқиқоти бунёдӣ ва ҷамъбастии дастаҷамъии “Таърихи халқи тоҷик”-ро[5], ки зери таҳрири умумии академик Р.Масов дар 6 ҷилд ба забони русӣ солҳои 1999-2013 нашр гардид, бояд номбар намуд. Дар ҷилдҳои алоҳидаи асари мазкур, дар радифи дигар вилоятҳо ва марказҳои таърихию фарҳангии тоҷикон доир ба таърих ва тамаддуни Уструшана аз замони бостон то даврони муосир маълумот ва маводи нодир оварда шудааст. Хусусан, дар боби сеюми ҷилди дуюми асари зикршуда “Ташаккули муносибатҳои феодалӣ дар Осиёи Миёна”[6] дар фасли “Шаҳрҳои Уструшан,

---

Болооби Зарафшон: ҷуғрофияи таърихӣ, топонимика // Номаи донишгоҳ. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва ҷомеашиносӣ. - № 1 (58). – Хуҷанд: Нури маърифат, 2019. – С. 11-19.

[1] Давлатдории тоҷикон. Асрҳои IX-XIV. Порчаҳо аз “Равзат-ус-саво” ва дигар кутуб. Мураттиб ва муҳаққиқ Н.Амиршоҳӣ. – Душанбе: Амри илм, 1999. – 1008 с.

[2] Ҳамза Камол. Авомили ба сари ҳокимият омадани Сомониён. Баррасиҳои ҳаводиси таърихи садаҳои VII-IX Хуросони Бузург дар асоси манобеи таърихӣ. – Душанбе: Дониш, 2022. – 324 с.

[3] Ҳамон ҷо. – С. 259-273.

[4] Сафаров Н.Ш. Ҷуғрофиёи таърихии давлати Сомониён (дар асоси маъхазҳои таърихӣ): автореф. дисс. ... ном. илм. таър: 07.00.09 / Сафаров Некрӯз Шодиевич. – Душанбе, 2019. – 24 с.; Сафаров Н.Ш. Ҷуғрофиёи таърихии давлати Сомониён (дар асоси маъхазҳои таърихӣ): дисс. ... ном. илм. таър: 07.00.09 / Сафаров Некрӯз Шодиевич. – Душанбе, 2019. – 210 с.

[5] История таджикского народа. Эпоха формирования таджикского народа. – Том 2. – Душанбе: Дониш, 1999. – 791 с.

[6] Ҳамон ҷо. – С. 145-191.

Фарғона, Чоч ва Исфиҷоб”[1] доир ба шаҳрҳои Уструшанаи бостонӣ, ҳунари шаҳрсозӣ, меъморӣ дар асоси бозёфтҳои бостоншиносӣ маълумоти ҷолиб оварда шудааст.

Бахшида ба ҷашни 2500-солагии Истаравшан ду маҷмуаи мақолаҳо ва фишурдаи маърузаҳои илмӣ дар Симпозиуми байналмилалии “Мақоми Истаравшан (Ӯротеппа) дар таърихи тамаддуни халқҳои Осиёи Марказӣ”[2] ба нашр расид, ки маҷмуаи аввал фарогири фишурдаи маърӯзаҳои илмӣ дар ин ҳамоиш буда, дар онҳо таърихи Уструшанаи замони антиқа, асрҳои миёна ва давраи нав инъикос шудаанд. Маҷмӯаи дуюм ба таърихи навтарини Истаравшан бахшида шудааст.

Яке аз тадқиқотҳои бунёдие, ки бахшида ба ҷашни 2500-солагии Истаравшан интишор гардид, рисолаи дастаҷамъии “Древняя Уструшана: города, их локализация и хронология: материальная культура Уструшаны”[3] мебошад, ки дар он 4 рисолаҳои мустақил, вале мантиқан ба ҳам пайванди Н.Неъмтов, Н.Раҳимов, А.Мирбобоев, Р.Муқимов, С.Мамадҷонова, С.Марофиев гирд оварда шудаанд. Рисолаи мазкур фарогири маълумоту ахбори нодир ва ҷолиби муаллифон замони антиқа, маъхазои таърихӣ-ҷуғрофии асримиёнагӣ, бозёфтҳои бостоншиносӣ, тадқиқоти донишмандони ватанию хориҷӣ буда, оид ба маданияти моддӣ ва маънавӣ, меъморӣ, шаҳрсозӣ, дину оин, суннатҳои мардумӣ ва дигар ҷанбаҳои таърихи қадим ва асримиёнагии Уструшана яке аз тадқиқотҳои воқеан таҳлилӣ, ҷамъбастӣ ва бунёдӣ маҳсуб меёбад.

Дар китоби “Донишномаи Сомониён”[4] тавсифи умумии таърихию ҷуғрофии вилояти Уструшана ва шаҳру рустоҳои он дар аҳди Сомониён инъикос гардида, доир ба шарҳи вазъи иҷтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангу шаҳрсозӣ

---

[1] История таджикского народа. Эпоха формирования таджикского народа. – С. 186-189.

[2] Фишурдаи маърӯзаҳои Симпозиуми байналмилалии “Мақоми Истаравшан дар таърихи тамаддуни халқҳои Осиёи Марказӣ” / 6 сентябри соли 2002. – Душанбе, 2002. – 165 с.

[3] Древняя Уструшана: города, их локализация и хронология: материальная культура Уструшаны. – Вып. 5-8. – Душанбе: Ому, 2003. – 790 с.

[4] Донишномаи Сомониён. Ҷилди 1. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2008. – 545 с.; Донишномаи Сомониён. Ҷилди 2. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2009. – 598 с.

ва меъмори̅ дар қатори  шаҳру вилоятҳои азиму пурвусъати замони Сомониён оид ба  Уструшана низ маълумотҳо оварда мешавад.

Таҳқиқу ому̅зиши таърихи фарҳанги Уструшанаи замони Сомониён, хосатан ёдгориҳои таърихии он дар рисолаҳои дастҷамъии “Свод памятников истории и культуры Республики Таджикистан. Книга первая: Согдийская область”[1] ва “История, архитектура и искусство Уструшаны”[2] аз ҷониби бостоншиносон, санъатшиносон, мутахассисони таърихи санъати меъмори̅ анҷом дода шудааст.

Дар қатори рисолаҳои дастаҷамъии дар боло зикршуда, маҷмуаи “Саманиды и возрождение персидско-таджикской цивилизации: в честь 1100-летия образования государства Саманидов”[3] ва асари бунёдии “Этногенез и этническая история таджикского народа”[4] метавон номбар намуд, ки фарогири мақолаҳо ва маводи ҷолиб доир ба ҷанбаъҳои муҳими таърихи фарҳанг, ҳайати этникии мардуми Уструшана мебошанд.

**Ба гуру̅ҳи сеюм** рисолаву тадқиқотҳои олимони хориҷиро метавон шомил намуд. Муҳаққиқи таърихи замони Сомониён Ҷовиди Ҳирави̅ (зодаи Ҳироти Афғонистон, муқими Эрон) дар асари худ “Эрон дар замони Сомониён”[5]  доир ҳаёти сиёси̅, иқтисоди̅, иҷтимои̅ ва фарҳангии давлати Сомониён ва вилоятҳои он ахбори ҷолиб овардааст.

Донишманди машҳури эрони̅ Абдулҳай Зарринку̅б дар тадқиқоти худ “Ру̅згорон. Таърихи Эрон аз оғоз то суқути Паҳлави̅”[6] доир ба сулолаҳои эронитабор, аз ҷумла Сомониён ва салтанати онҳо,  минтақаҳо ва вилоятҳое, ки ба қаламрави  Сомониён мансуб буданд, ахбори пурарзишро овардааст.

---

[1] Свод памятников истории и культуры Республики Таджикистан. – Книга первая: Согдийская область; под общей редакцей академика Р.Масова/Авторы – составители Рустам Мукимов, Сайёра Мукимов. – Душанбе: Дониш, 2013. – С.  320-379, 441-510.
[2] История, архитектура и искусство Уструшаны. Состовитель  Р. Мукимов. Отв. ред. А.Раджабов – Душанбе: Контраст, 2013. – 588 с.
[3] Саманиды и возрождение персидско-таджикской цивилизации: в честь 1100-летия образования государства Саманидов. – Душанбе: Ниёгон, 1998. – 598 с.
[4] Этногенез и этническая история таджикского народа. В 2-х томах. Том 1. – Душанбе: Дониш, 2021. – 989 с.
[5] Ҷовиди Ҳирави̅. Эрон дар замони Сомониён. Таърихи Сомониён аз оғоз то салтанати Насри дуввум. – Душанбе, 1998. – 173 с.
[6] Зарринку̅б А. Ру̅згорон. Таърихи Эрон аз оғоз то суқути Паҳлави̅. Чопи панҷум. – Теҳрон: Маҳорат, 1383. – 1014 с.

Рисолаи муҳаққиқи эронӣ Нодир Каримиёни Саридаштӣ “Осрушана”[1], ки дар пояи маълумотҳои сарчашмаҳои асримиёнагӣ, тадқиқотҳои донишмандон таълиф шудааст, ҷанбаҳои гуногуни таърихию ҷуғрофӣ, иқтисодӣ, тиҷорат, ҳунару фарҳангии ин вилоятро инъикос менамояд.

Яке аз рисолаҳои муҳим, ки ба умури давлатдорӣ, вазъи иқтисодиву иҷтимоӣ, ҳунармандӣ, меъморӣ, шаҳрсозӣ, илм, маориф, дин ва дигар ҷанбаҳои таърихии давлати Сомониён бахшида шуда, асари доктор Муҳаммадризо Ноҷӣ[2] мебошад. Муаллиф тадқиқоти худро дар асоси сарчашмаҳои замони Сомониён ва пажуҳишҳои олимони гуногун анҷом дода, дар он оид ба вилоятҳои қаламрави Сомониён, иқтисодиёт, шаҳрсозию меъморӣ, марказҳои илмию адабӣ, тиҷорат ва ҳунармандӣ маълумотҳои муҳими илмӣ овардааст[3].

Мақолаи илмии Ҷ.Ҳ. Крамерс[4], ки дар “Донишномаи ислом” бо номи “Осрушана” нашр шудааст, фарогири маълумоти мухтасар, вале ҷолибу шавқовар мебошад.

Рисолаву тадқиқотҳои муҳаққиқони ӯзбекистонӣ М.Х.Пардаев[5], Б.Б.Туйчибаев[6] ва О.У.Мамиров[7] бештар ба омӯзиши ёдгориҳои археологии қисмати шимолу ғарбии Уструшана бахшида шуда, дар таълифоти онҳо ахбори таърихию ҷуғрофии муаллифони асримиёнагӣ, маводи ҳафриёт ва бозёфтҳои археологӣ ба таври фаровон истифода шудааст. Масалан, таълифоти бостоншинос М.Х.Пардаев[8] ба таҳқиқу омӯзиши ёдгориҳои археологии

---

[1] Нодир Каримиёни Саридаштӣ. Осрушана. – Теҳрон-Эрон, 1381/2002.

[2] Ноҷӣ М. Фарҳанг ва тамаддуни исломӣ дар қаламрави Сомониён. – Душанбе: ЭР-Граф, 2011. – 1295 с.

[3] Ҳамон ҷо. – С. 561-562, 664, 673, 680.

[4] Kramer’s J. H. Osrushana. Enzyklopedie des Islam, Band I. - Leiden-Lepzig, 1913. – pp. 1083-1084.

[5] Пардаев, М. Х. Северо-Западная Уструшана в эпоху раннего средневековья: по материалам нижнего течения р.Сангзар: автореф. дис. … кан. ист. наук: 07.00.06/Пардаев Мухтаркул Хасанович. – Ташкент, 1995. – 21 с.

[6] Туйчибаев Б.Б. Уструшана в древности и раннем средневековье (по археологическим материалам): автореф. кан.ист. наук: 07.00.06 / Туйчибаев Баходир Басимович. – Самарканд, 2004. – 24 с.

[7] Мамиров О.У. Материальная и духовная культура северо-западной Уструшаны (по археологическим материалам): автореф. дис. ... докт. (PhD): 07.00.06 / Мамиров Омон Уктамович. – Ташкент, 2023. – 53 с.; Мамиров О.У. Материальная и духовная культура северо-западной Уструшаны (по археологическим материалам): дис. ... докт. (PhD): 07.00.06 / Мамиров Омон Уктамович. – Ташкент, 2023. – 137 с.

[8] Пардаев М.Х. К вопросу об эволлюции замков-работов Северо-Западной Уструшане // Я.Г.Гулямов и развития исторических наук в Узбекистане. ДТ научной конференции, посвященной 80-летию академика Я.Г.Гулямова. – Ташкент: Фан, 1988. – С. 72-73; Пардаев М. Х. Раскопки верхнего здания Алмантепа // ИМКУ. – Вып. 23. – Ташкент, 1990. – С. 147-159; Пардаев М.Х. Дизак – торговый пункт на Великом шелковом пути // Взаимодействие кочевых и оседлых культур на Великом шелковом пути. ТД Международного семинара ЮНЕСКО. – Алма-Ата, 1991. – С. 89-90; Прадаев М.Х. К археологическому изучению Джизакского оазиса // Археология Средней Азии. ТД. – Ташкент, 1990. – С. 78-79.

Уструшанаи шимолӣ-ғарбӣ, ки ҳоло вилояти Ҷиззах ва атрофи онро ташкил медиҳад, бахшида шудааст.

Рисолаи Ш.Камолиддин ба таърихи давлатдории Сомониён бахшида шудааст, ки дар он муаллиф Уструшанаро ҳамчун вилояти маъмурии Мовароуннаҳрии ин давлат тавсиф намудааст[1]. Вале баъзе андешаҳои муаллиф доир ба масъали таърихи давлатдории Сомониён, аслу насаби онҳо, нақши давлати Сомониён дар давлатдори кишвари ҳамсоя аз ҳақиқат дур буда, асоси воқеӣ ва таърихӣ надоранд ва ба ин ақидаҳои ғалат, андешаҳои беасос ва таърихбофии ӯ ва Г.Ҳидоятов узви вобастаи АМИТ, доктори илмҳои таърих, профессор Ҳ.Пирумшоев дар асоси далелҳои муътамади таърихӣ ҷавоби сазовор додааст[2].

Таҳлили мухтасари сатҳи омӯзиши мавзуъ ва инъикоси он дар илми таърихнигорӣ нишон медиҳад, ки мавзуи Уструшана дар аҳди Сомониён ҳанӯз мавзуи таҳқиқоти алоҳида нагардидааст. Дар таълифоти олимони замони тоинқилоб, шуравӣ, ватанӣ ва хориҷӣ танҳо баъзе паҳлуҳои ҳаёти сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии Уструшанаи асрҳои IX-X инъикос ёфта, баъзе ҷанбаҳои таърихи сиёсӣ, иқтисодӣ, ҷуғрофиёи Уструшана ва шаҳру рустоҳои он дар аҳди Сомониён, вазъи кишоварзӣ, низоми андоз, рушди ҳунармандӣ ва ҷараёнҳои этнофарҳангӣ ба таври бояду шояд омӯхта нашудаанд. Бо дарназардошти дар сатҳи зарурӣ омӯхта нашудани масъалаҳои дар боло зикршуда, мо мавзуи мазкурро ҳамчун тадқиқоти диссертатсионии худ қарор додем.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ.** Диссертатсияи мазкур дар доираи таҳқиқот ва тадбиқи нақшаи дурнамои кори илмӣ-тадқиқотии кафедраи таърихи халқи тоҷики ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров "Масъалаҳои умдаи таърих ва фарҳанги халқи тоҷик аз даврони қадим то замони муосир" барои солҳои 2021-2025 тасдиқ гардидааст (суратҷаласаи № 5, аз 28.12.2020), ба амал баровард шудааст.

[1] Камолиддин Ш.С., Илхамов З.А. Саманиды. – Ташкент, 2018. – 191 с.
[2] Пирумшо Х. Давлати Сомониён дар тарозуи таърихнигорӣ. – С. 502-530; Пирумшо Х. Вопреки принципу историзма: кому это выгодно? – Душанбе: Ганҷи хирад, 2023. – 208 с.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот.** Дар пояи маълумоти сарчашмаҳои хаттӣ, осори муҳаққиқони тоинқилобии рус, шуравӣ, ватанӣ, хориҷӣ мавриди таҳқиқу омӯзиш қарор додани ҷанбаҳои таърихӣ-ҷуғрофӣ ва иҷтимоӣ-иқтисодии Уструшанаи аҳди Сомониён мебошад. Дар ҳамин асос ҳалли чунин вазифаҳо ба миён гузошта мешаванд, ки муҳимтаринашон аз инҳо иборатанд:

- тавсифи ҷуғрофияи таърихии шаҳру навоҳии Уструшанаи дар аҳди Сомониён;
- шарҳу тафсири топоними Уструшана;
- таҳқиқи таърихи сиёсии Уструшана ва арзёбии нақши он дар ҳаёти сиёсии давлати Сомониён;
- тавсифи сохтори маъмурӣ-ҳудудӣ ва идоракунии маҳаллӣ;
- инъикоси вазъи иҷтимоӣ, ҳайати этникӣ, эътиқоди динӣ ва забони мардуми Уструшана;
- таҳлили вазъи ҳунармандӣ, кишоварзӣ, низоми андоз ва андозбандӣ;
- инъикоси рушди тиҷорати дохилӣ ва хориҷӣ.

**Объекти таҳқиқот** ҷуғрофияи таърихӣ, ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодии Уструшана дар аҳди Сомониён ба ҳисоб меравад.

**Предмети таҳқиқот –** инъикоси ҷуғрофиёи таърихӣ, вазъи сиёсӣ, низоми маъмурӣ-ҳудудӣ ва идоракунии маҳаллӣ, ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ, ҳайати этникӣ ва эътиқоди динӣ, кишоварзӣ, касбу ҳунар, тиҷорат ва муомилоти пулӣ, низоми андози Уструшана дар асрҳои IX-X мебошад.

**Марҳила, макон ва давраи таҳқиқот.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар се марҳила дар кафедраи таърихи халқи тоҷики факултети таърих ва ҳуқуқи ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров иҷро гардид.

***Марҳилаи якум*** – солҳои 2013-2015-ро дар бар гирифта, он аз дохил шудан ва таҳсил дар аспирантураи шуъбаи рӯзона аз рӯи ихтисоси 07. 00. 02 – Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик), интихоби мавзуъ, роҳбари илмӣ, ҷамъоварӣ, омӯхтан, таҳлил ва ба низом даровардани маводи ҷамъшуда марбут ба мавзуи тадқиқот, таълифи муқаддима, боби аввали диссертатсия, интишори

мақолаҳо оид ба мавзуи рисола, иштирок дар конференсияҳои илмии сатҳи гуногун иборат буд.

***Марҳилаи дуюм*** **–** солҳои 2016-2019-ро дар бар гирифта, дар ин марҳила бобҳои дуюми рисола ба анҷом расонида шуда, мақолаҳо оид ба мавзуи тадқиқот дар маҷмуаҳо ва маҷаллаҳои гуногун ба нашр расонида шуданд, минимуми номзадӣ аз фанҳои “Таърих ва фалсафаи илм”, “Забони хориҷӣ” супорида шуд.

***Марҳилаи сеюм*** – солҳои 2020-2024-ро дар бар гирифта, дар ин давра боби сеюми диссертатсия ва хулосаи он таълиф, мақолаҳо оид ба мавзуи диссертатсия интишор шуда, марӯзаҳо дар конференсияҳои сатҳи вилоятӣ, ҷумҳуриявӣ, минтақавӣ ва байналхалқӣ пешниҳод шуданд. Имтиҳони минимуми номзадӣ аз рӯи ихтисос супорида шуда, диссертатсия ба ҳимояи расмӣ пешниҳод гардид.

**Ҳудуди хронологии таҳқиқот** **–** асрҳои IX-X дарбар мегирад ва дар ин марҳила Уструшана ҳамчун воҳиди маъмурӣ дар таркиби давлати Сомониён қарор дошт.

**Ҳудуди ҷуғрофии таҳқиқот** сарзамини пурвусъати Уструшанаи таърихиро фаро мегирад. Агар марзи онро бо харитаи имрӯзаи маъмурӣ ҷой диҳем, маълум мегардад, ки он ҳудуди ноҳияҳои Истаравшан, Шаҳристон, Деваштич, қисман Айнӣ, Кӯҳистони Мастчоҳ, Спитамен, Ҷаббор Расулови вилояти Суғди Тоҷикистон, навоҳии Ховос, Зомин, Ҷиззах ва Фориши Ҷумҳурии Ўзбекистон, ноҳияи Лайлаки Ҷумҳурии Қирғизистонро дарбар мегирифт.

**Асоси методологии тадқиқот.** Муаллиф ҳангоми таълифи рисола бештар ба метод ва принсипҳои маъмултарини таҳқиқотҳо дар соҳаи илмҳои ҷомеашиносӣ – воқеият (объективизм) ва таърихият (историзм) такя намудааст. Илова бар он дар ҷараёни кор мо аз метод, роҳу василаҳое, ки хоси таҳқиқотҳои таърихӣ ва таърихнигорӣ мебошанд, аз ҷумла методҳои таърихӣ-хронологӣ, таърихӣ-муқоисавӣ, таърихӣ-типологӣ, хронологӣ-мавзуӣ, системавӣ, таҳлилӣ, интиқодӣ, тафсирӣ, ретроспективӣ истифода намудем.

**Пояи сарчашмавии тадқиқотро** ахбори муаррихону сайёҳони Чин, муаллифони асримиёнагии арабу форсизабон ташкил мекунад. Бо дарназардошти арзиш ва аҳамияти илмӣ ва фарогирии мавод ин манбаъҳои таърихӣ ва ҷуғрофиро чунин гурӯҳбандӣ намудан мумкин аст:

**Ба гурӯҳи аввал** қайду ёддошт, сафарнома ва солноманаҳои Чинӣ мансубанд, ки дар байни онҳо сафарномаи сайёҳ Сюан Сзан ва солномаҳои чинии ба забони русӣ тарҷума ва нашршуда аҳамияти муҳим доранд[1].

**Ба гурӯҳи дуюм** осори муаллифони арабу форсизабонро метавон шомил намуд, ки дар онҳо ҷуғрофиёи таърихӣ, ҳудуд ва марзу буми шаҳру рустоҳои Уструшанаи аҳди Сомониён, вазъи сиёсӣ, сохтори маъмурӣ-идорӣ, ҳаёти иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ, рушди тиҷорат, фарҳанг, шаҳрсозию меъморӣ инъикос ёфта, барои таҳқиқу омӯзиши Уструшана дар асрҳои IX-X поя ва заминаи муҳими сарчашмавӣ маҳсуб меёбанд[2].

**Ба гурӯҳи сеюм** бойгонии Деваштич – ҳуҷҷатҳои суғдии аз Қалъаи Муғи ноҳияи Айнӣ бозёфтшуда (соли 1932) ворид мешаванд, ки аз лиҳози мазмун ба

---

[1] Бичурин Иокинф. Танские хроники. Том 1. – М., 1950. – 380 с.; Малявкин, А.Г. Танские хроники о государствах Центральной Азии: текст и исследования. – Новосибирск, 1989. – 482 с.; Сюань-цзан. Записки о западных странах [эпохи] Великой Тан (Да Тан си юй цзи). Введ., пер. и коммент. Н.В. Александровой ; Ин-т востоковедения РАН. — М.: Вост. лит., 2012. – 463 с.

[2] Абӯалӣ Муҳаммад ибни Муҳаммади Балъамӣ. Таърихи Табарӣ. Ҷилди 2. – Теҳрон: Алҳудо, 1380/2001. – С. 1597-1598; Абӯбакр, Наршахӣ. Таърихи Бухоро. Муҳарири масъул А.Мухторов. – Душанбе: Дониш, 1979. – 118 с.; Абӯсаъид Абдулҳайи Гардезӣ. Зайну-л-ахбор. – Душанбе: Бухоро, 2014. – 416 с.
Абу-р-Райхан Мухаммед ибн Ахмед ал-Беруни. Собрания сведений для познания дрогоценностей (минералогия). Пер. Беленицкого А.М. – М., АН СССР, 1963. – 521 с.; Абӯисҳоқ Иброҳим Истахрӣ. Масолик ва мамолик// Сомониён дар оинаи таърих. – Ҷилди дуюм (мутуни арабиасл). – Хуҷанд: Нашриёди давлатии ба номи Раҳим Ҷалил, 1998. – С.79-102; Абдуллоҳ Муҳаммад ибни Аҳмади Муқадасӣ. Аҳсану тақосим фи маърифа ал-ақолим. Ҷилди якум. –Теҳрон: Ширкати муаллифон ва тарҷумон, 1361. – 401 с.; Абулқосими Ҷайҳонӣ. Ашкол-ул-олам// Сомониён дар оинаи таърих. – Ҷилди дувум. – Хуҷанд: Нашриёди давлатии ба номи Раҳим Ҷалил, 1998. – С. 39-78; Ахмад, ибн Йхйа ибн Джабир ал-Балозури. Футух ал-Булдон. Пер. с арабского предслове, комментарий и указатели Г.Гоибова. – Душанбе: Дониш, 1987. – 111 с.; Ғиёсуддин ибни Ҳумомуддин Ҳусайни Хондамир. Ҳабиб-ус-сияр// Сомониён дар оинаи таърих. - Ҷилди 1. – Хуҷанд: Нашриёти давлатии ба номи Раҳим Ҷалил, 1998. – С. 381-421; Закариёи Қазвинӣ. Осору-л-билод ва ахбору-л-ибод. Тарҷума ва тавзеҳи Абдушукур Ғаффоров. – Хуҷанд: Хуросон, 2018. – 684 с.; Ибни Асир. Ал-комил фи-т-таърих. Пер. с арабского, примечания и комментарии П.Г.Булгакова, Ш.С.Камолиддина. – Ташкент – Цюрих, 2005. – 596 с.; Ибни Надим. Китоб ал-феҳрист//Сомониён дар оинаи таърих. Ҷилди дуюм. (мутуни арабиасл). – Хуҷанд: Нашриёти давлатии ба номи Раҳим Ҷалил, 1998. – С. 159-168; Ибни Ҳавқал. Сурат-ул-арз// Садои Шарқ, 1999. - № 1-3. – С. 10-14; Ибни Ҳурдадбеҳ. Масолик ва мамолик/Ҳурдодбеҳ И. Тарҷумаи Саъид Хокранд. Баргардонкунанда аз хати форсӣ ба кириллӣ Некрӯз Сафарзода. – Душанбе: Сарредаксияи илмии Энсеклопедияи миллии тоҷик, 2022. – 232 с.; Низомулмулк. Сиёсатнома. – Душанбе: Ирфон, 1989. – 200 с.; Ҳудуд-ул-олам. Таҳиякунандаи матн ва муаллимфи пешгуфтор Абдуҷамол Ҳасанов. – Душанбе: Бухоро, 2014. – 588 с.; Ҳудуд-ул-олам. Муҳарири масъул А. Мухторов. – Душанбе: Ирфон, 1983. – 132 с.

санадҳои ҳуқуқӣ, иқтисодӣ, дипломатӣ, тақвимӣ тасниф шудаанд[1]. Гарчанде ин ҳуҷҷатҳо осори мустанади замони тоислом бошанд ҳам, дар онҳо унвон ва мартабаҳои мансабдорони Суғд ва вилоятҳои ҳамҷавори он, аз ҷумла ихшид, афшин, ябғу, топоними шаҳру рустои Уструшана, равобити вилоятҳои давлати Суғд инъикос ёфтаанд, ки барои муқоисаи таърихӣ-типологӣ бо замони таҳқиқоти мо аз аҳамият холӣ нест.

**Навгонии илмии таҳқиқот** дар он ифода меёбад, ки:

- бори нахуст дар доираи диссертатсияи номзадӣ масъалаҳои ҷуғрофияи таърихӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ-иқтисодии Уструшана дар аҳди Сомониён мавриди омӯзиш қарор дода шудааст;
- мавзуи диссертатсия, амалан нахустин кори илмии комплексӣ дар таърихнигории ватанӣ бахшида ба Уструшанаи замони Сомониён ба ҳисоб меравад;
- дар тадқиқот маълумоти сарчашмаҳои нодири хаттӣ доир ба Уструшана истифода шудаанд;
- баъзе лаҳзаҳои норавшан ва камтаҳқиқшудаи таърихи сиёсӣ, иҷтимоӣ-иқтисодии Уструшана мукаммалтар таҳқиқ шуда, хулосаҳо ва тавсияҳои амалӣ барои таҳқиқу омӯзиши минбаъдаи мавзуи мазкур пешниҳод шудаанд;
- дар рисола дар пояи ақидаҳо ва андешаҳои консептуалии муҳаққиқони маъруф саҳми Уструшанаи аҳди Сомониён дар ташаккул ва рушди тамаддуни тоҷикон ва умумибашарӣ асоснок карда шудааст.

**Нуктаҳои асосие, ки ба ҳимоя пешниҳод мегардад**:

1. Аҳди Сомониён ҳамчун давраи тиллоии таъриху фарҳанги тоҷик ба ҳисоб рафта, таърихи мулкҳои алоҳидаи он ҷузъи таркибии гузаштаи пуршарафи ин давра ба ҳисоб меравад.

[1]Согдийские документы с горы Муг. Чтение перевод, коментарий. – Вып. II (Юридические документы и письма). Чтение перевод, коментарии В.А.Лившица. – Москва: Издателство восточной литературы, 1962. – 222 с.; Ҳуҷҷатҳои Қалъаи Муғ// Энсиклопедияи советии тоҷик. Ҷилди 1. – Душанбе: Сарред. илмии энсикл. сов. тоҷик, 1988. – С. 592.

2. Уструшана яке аз вилоятҳои бузург ва бонуфузи қаламрави Сомониён ба ҳисоб рафта, дар ҳаёти сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии ин давлат нақш ва мақоми муҳим дошт.
3. Уструшана аз давраи забткории арабҳо баҳри истиқлолияти худ мубориза бурда, дар аҳди Сомониён ба он ноил гардид ва комёбиҳои бузурги моддӣ ва маънавиро ба даст овард.
4. Дар ҳудуди Уструшана шумораи зиёди шаҳру рустоҳо ва деҳаҳо мавҷуд буда, онҳо дар манбаъҳои хаттӣ инъикос ёфтаанд.
5. Топоними "Уструшана" ва тафсири таърихӣ-лингвистии он мавзуи баҳси олимон қарор гирифтааст.
6. Баҳс дар атрофи масъалаи номи шаҳр ё вилоят будани истилоҳи "Уструшана" ҳанӯз аз асрҳои миёна мавҷуд буд.
7. Инъикоси ҳаёти иҷтимоӣ, ҳайати этникӣ, забон, дину оини уструшаниҳо аҳамияти бағоят муҳим дорад.
8. Дар осори муаррихон ҷанбаҳои гуногуни таърихи сиёсӣ, ҷуғрофияи таърихӣ ва ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодии Уструшана мавриди омӯзиш қарор ёфта, таҳлил ва арзёбии онҳо аз нигоҳи дастовардҳои илми таърихи муосир аз аҳаммият холӣ нест.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот** дар он зоҳир мегардад, ки хулосаҳои илмӣ ва андешаҳои дар рисола дарҷгардида барои дуруст ва ҳаматарафа азхуд кардани таърихи давлати Сомониён мусоидат менамояд. Инчунин, аз лиҳози назариявӣ имконияти ошкор гардидани саҳифаҳои норавшан ва камтадқиқшудаи Уструшана пайдо мешавад, ки ҳалли пурраи онҳо барои таърихи халқи тоҷик хеле муҳим аст. Аҳаммияти илмии рисола бо истифодаи манбаъҳои таърихӣ, асарҳои муаррихону шарқшиносон роҷеъ ба тарафҳои гуногуни масъала, ки дар раванди омӯзиш қарор доштанд, муайян мегардад. Моҳияти амалии тадқиқот, пеш аз ҳама, бо имкониятҳои истифодаи натиҷаҳои он дар ҳалли масъалаҳо ва вазифаҳои зарурии илмӣ, таълимӣ пайваст аст. Аз ин рӯ, онҳо метавонанд ба таври самаранок дар раванди таълим,

омода намудани китобҳои дарсӣ, дастуру воситаҳои ёрирасони таълимӣ, курсҳои махсус истифода гарданд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳо (интишорот аз рӯи мавзуи диссертатсия)** – баёни мавод, шарҳу тавзеҳи он, навгонӣ, муқаррароти ба ҳимоя пешкашшуда, хулосаҳои илмӣ, нашри мақолаҳо ва ироаи маърӯзаҳои илмӣ аз рӯи мавзуи таҳқиқот, тавсияҳои ҷанбаи амалидошта, мустақиман аз ҷониби муаллифи диссертатсия таҳия, баррасӣ ва собит карда шудаанд.

**Мутобиқати диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсия дар мавзуи "Уструшана дар аҳди Сомониён (ҷанбаи таърихӣ-ҷуғрофӣ ва иҷтимоӣ-иқтисодии таҳқиқот)", ки барои дарёфти дараҷаи номзади илмҳои таърих, пешниҳод шудааст, ба талаботҳои шиносномаи ихтисосҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи ихтисоси 07.00.02 – Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик) ҷавобгӯ мебошад. Мавзуи диссертатсия дар ҷаласаи Шурои олимони Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров санаи 13 феврали соли 2013, суратҷаласаи № 6 тасдиқ шудааст. Диссертатсия дар ҷаласаи кафедраи таърихи халқи тоҷик муҳокима шуда, ҳамчун таҳқиқоти илмии мантиқан баанҷомрасида ва ҷавобгӯ ба талабот, меъёрҳои аз ҷониби КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муқарраршуда ба ҳимояи расмӣ тавсия шудааст (суратҷаласаи №11 аз 31 майи 2024).

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ** Омӯзиши мавзуи диссертатсионӣ, таҳлил ва баррасии маводҳо аз манбаъҳои хаттӣ, адабиёти илмӣ, нишон додани андешаҳои консептуалии муаррихон ва ховаршиносони маъруф, интишори мақолаҳо доир ба мавзуи диссертатсия дар нашрияҳо ва маҷаллаҳои гуногун маҳсули фаъолияти чандинсолаи муаллиф мебошад. Муаллиф дар таҳқиқоти диссертатсионӣ бо таҳлилу коркарди маводи мухталиф мақсад ва вазифаҳои гузошташударо иҷро намуда, дар навгонии илмӣ, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшуда ва хулосаҳо саҳми худро гузоштааст.

**Тавсиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия ва интишорот аз рӯи мавзуъ.** Диссертатсия дар ҷаласаи васеи кафедраи таърихи халқи тоҷики

факултети таърих ва ҳуқуқи МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” муҳокима ва ба ҳимояи расмӣ тавсия шудааст (суратҷаласаи № 11 аз 31 майи соли 2024).

Муҳтавои асосӣ ва баъзе натиҷаҳои таҳқиқот дар мақолаҳои нашркардаи муаллиф инъикос ёфтаанд. Аз рӯи мавзуи диссертатсия умуман 32 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 6 мақола дар маҷаллаҳои дар феҳристи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА-и Федератсияи Россия сабти ном ва нашр шудаанд. Илова бар он, диссертант дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ ва илмӣ-назариявии сатҳи вилоятӣ, ҷумҳуриявӣ ва байналхалқӣ бо гузориш ва маърузаҳои илмӣ суханронӣ ва маърузаҳо намудааст.

**Сохтори рисола.** Диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулоса, феҳристи сарчашмаҳо ва адабиёти истифодашуда (271) иборат аст. Рисолаи диссертатсионӣ дар ҳаҷми 194 саҳифаи чопи компютерӣ таҳия ва пешниҳод шуда, мундариҷа ва сохтори он ба мақсад ва вазифаҳои муаяншуда мутобиқат менамояд.

# БОБИ I. ҶУҒРОФИЯИ ТАЪРИХӢ ВА ТАФИСРИ ТОПОНИМИ УСТРУШАНА

## 1.1. Тавсифи таърихӣ-ҷуғрофии шаҳру навоҳии Уструшана

Доир ба ҷуғрофияи таърихии Уструшана дар сарчашмаҳои таърихӣ-ҷуғрофии асримиёнагӣ, қайду хотироти сайёҳон, таҳқиқотҳои бостоншиносон, муаррихон ва ховаршиносон маълумотҳои муҳим оварда шудааст. Сайёҳон, ҷуғрофидонҳои асримиёнагӣ дар осори худ оид ба шаҳрҳои бузургтарини Уструшана ахбори зиёдеро овардаанд.

Аз рӯйи маълумоти сарчашмаҳои таърихӣ-ҷуғрофӣ, ҳафриётҳои бостоншиносӣ Уструшана дорои 18 шаҳру русто буда, дар ин сарзамин осори беш аз 400 кӯшку қалъа, истеҳкомҳои мудофиавӣ мавҷуд буданд. Ал-Яъқубӣ чунин меорад, ки "Усрушана – мамлакати васеъ ва бошукӯҳ аст дар он чаҳорсад дижи устувор вуҷуд дорад ва онро иддае шаҳрҳои бузург аст"[1]. Аҳмад ул-Котиб ва Димишқӣ низ шумораи кӯшку қалъаҳои Уструшанаро 400 ва микдори шаҳрҳои онро зиёд шуморидааст[2].

Муқаддасӣ шумораи умумии шаҳру рустоҳои Уструшанаро 17 адад ҳисобида, номи 9 рустои кӯҳиро номбар намудааст. Номи 8 рустое, ки дар қисмати ҳамворӣ ҷойгир буданд, Муқаддасӣ номбар накардааст. Академик Н.Неъматов шумораи умумии рустоҳои Уструшанаро 18 адад, аз ҷумла 9 рустоҳои дар ҳамворӣ (водӣ) ҷойгиршуда – Панҷакат, Зомин, Фикнан, Бурнамад, Собот, Харқона, Хавос, Шавкат, Фағкат ва 9 рустоҳои кӯҳӣ – Минк, Асбаникат, Бискар, Бангам, Вакр, Шағар, Масчо, Буттам ва Бургар меҳисобад[3].

Истахрӣ аз рустоҳои кӯҳии Уструшана, мушкилгузарии баъзе аз онҳо ва иқлими сард доштани Башагир, Месха, Паргар, Фартангам, Минк, Бискен,

---

[1] Аҳмад ибни Абияъкуб ибни Возеҳ ал-Яъқубӣ. Ал-Булдон. Тарҷумаи доктор Муҳаммадиброҳими Оятӣ. Баргардонкунанда аз хати форсӣ ба кириллӣ Некрӯз Сафарзода. – Душанбе: Сарредаксияи илмии Энсеклопедияи миллии тоҷик, 2022. – С. 78; Негматов Н. Уструшана в древности и раннем средневековье. – С. 34.

[2] Негматов Н. Уструшана в древности и раннем средневековье. – С. 34.

[3] Негматов Н. Уструшана в VII-X вв: по материалам письменных и археологических источников: автореф: дис. … кан. ист. наук: 07. 00. 02 / Негматов Нуъман Негматович. – С. 8.

Исбикет хабар додааст[1]. Ба ақидаи академик Н.Неъматов рустоҳои кӯҳӣ бо кишоварзӣ, чорводорӣ машғул буда, дар баъзе аз онҳо шаҳр мавҷуд набуд.

Дар сарчашмаҳои таърихӣ-ҷуғрофӣ доир ба шаҳру шаҳракҳо ва рустоҳои дигари бузурги Уструшана маълумот оварда шуда, аз ҷумла Ибни Ҳавқал қайд менамояд, ки "ҳар шаҳре аз шаҳрҳои мазкур дорои рустои бузурге аст ва аз ҷумла рустоҳои бидуни шаҳр – Башоғар, Масхо, Барғар, Фартонғам, Муник, Баскуну Асбикат аст"[2].

Шаҳру рустоҳои дар водӣ ҷойгирбуда маркази иқтисодӣ, ҳунармандӣ, тиҷорат, фарҳанг ба ҳисоб мерафтанд[3]. Шаҳру рустоҳои дар минтақаи кӯҳсор ҷойгир буда аз лиҳози иқтисодӣ бо шаҳрҳои дар водӣ ҷойгирбуда дар як сатҳ қарор надоштанд. Шаҳрҳои дар водӣ ҷойдошта бо омили дар роҳи тиҷоратӣ мавқеъ доштан, бо сатҳи иқтисодии худ, рушди ҳунармандӣ ва тиҷорат фарқ мекарданд.

Манбаи  дигари ҷуғрофии замони Сомониён "Масолик ва  мамолик"-и Абуисҳоқ Иброҳим Истахрӣ мебошад. Абуисҳоқи Истахрӣ аз мавҷудияти вилояти Уструшана, бо ин ном набудани шаҳр дар қаламрави вилоят маълумот додааст[4]. Дар баробари ин муаллиф роҷеъ ба ҳудуд, шаҳрҳои маъмурӣ ва роҳҳои байни онҳо маълумотҳои муҳими таърихӣ медиҳад.

Абуисҳоқи Истахрӣ маълумоти қобили таваҷҷуҳи таърихию ҷуғрофӣ меорад. Ин муаллиф ҳудуди вилояти Уструшанаро тавсиф намуда, шаҳру рустоҳои онро иборат аз дувоздаҳ медонад. Ин ва дигар ахбори овардаи Истахрӣ ба маълумоти "Ашкол-ул-олам"-и Ҷайҳонӣ шабоҳат дорад.

Яке аз сайёҳон, муаррих ва ҷуғрофидон Шиҳобуддин Абдуллоҳ Ёқут ибни Абдуллоҳ ал-Ҳамавӣ дар бораи фаровонии ҳосилот, боғоти Суғду Усрушана ва Фарғонаву Шош маълумоти шавқовар медиҳад[5]. Абуисҳоқи Истахрӣ низ дар тақвияти ахбори Ёқут менигорад, ки дар тамоми Мовароуннаҳр, аз ҷумла Фарғонаву Шошу Уструшана дарахтону меваҳои бисёр аст. Доир ба парвариши

[1]Абӯисҳоқ Иброҳим Истахрӣ. Масолик ал-мамолик. – С. 257.
[2] Ибни Ҳавқал. Сурат-ул-арз / Ҳудуд-ул-олам. Муҳаммад Обиди Иршод. Чаҳорбоғи гулҳо. – С. 174.
[3] Беленицкий А.М., Бентович И., Большаков О. Средневековый город Средней Азии. – С. 190.
[4] Абӯсҳоқ Иброҳим Истахрӣ. Масолик ва мамолик. Тарҷумаи Ираҷ Афшор. – Теҳрон, 1340. – С. 257.
[5] Ёқути Ҳамавӣ. Мӯъҷам-ул-булдон // Сомониён дар оинаи таърих.  Ҷилди дуюм. – С. 290.

гулҳо низ муаллиф хабар дода, то охири поиз, яъне тирамоҳ боқӣ мондани он хабар додааст[1]. Абулқосими Ҷайҳонӣ низ дар осори худ ҳамин маълумотро дода, менигорад, ки маҳсулоти кишту барз ва боғоти Уструшана, Шошу Фарғона аз мардум барзиёд ба дигар минтақаҳо бурда мешавад[2].

Яке аз ҷуғрофидонон ва муаррихи араб Аҳмад ибни Абияъқуб ибни Возеҳ ал-Яъқубӣ (ваф. 897-905) мебошад. Дар асари ҷуғрофӣ-таърихии худ Яъқубӣ шаҳру вилоятҳои Хуросону Мовароуннаҳрро ҳангоми саёҳаташ дар Арманистон, Хуросон, Ҳинд ва Миср дар давоми солҳои 891-892 дар фасли аввали китобаш “бахши Машриқ” тавсиф намудааст. Дар рисолаи Яъқубӣ доир ба мавқеъ пайдо намудани афшин Ҳайдар дар Бағдод ва ҷудо намудани қитъаи замин ба ӯ ва ҳамроҳонаш, ки аз Уструшана рафта буданд, маълумот дода мешавад[3].

Ҳангоми тавсифи вилояти Самарқанд Яъқубӣ ба Уструшана маълумот дода, онро мамлакати афшин номидааст. Яъқубӣ ҳудуди Уструшанаро васеъ гуфта, баъзе шаҳру рустоҳои он, аз қабили Арасманда (Марсманда), Зомин, Монак (Минк), Ҳиснакро ном бурдааст[4]. Инчунин муборизаи мардуми Уструшанаро зидди арабҳо қайд намуда, ҳудуди Уструшана то Фарғона ду манзил роҳ буданро баён кардааст[5].

Сарчашмаи дигари мӯътамади давраи Сомониён “Ҳудуд-ул-олам”-и муаллифаш гумном аст. Дар ин асар доир ба вилояту шаҳрҳои Мовароуннаҳр, аз ҷумла вилояти Уструшана маълумоти таърихӣ, ҷуғрофӣ дода, доир ба вазъи тиҷорату кишоварзӣ ахбори нодир овардааст. Ҳамчунин муаллиф доир ба топонимҳои Уструшана маълумот меорад, ки ҷолиби таваҷҷуҳ аст. Дар

---

1 Абуисҳоқ Иброҳим Истахрӣ. Масалик ва мамолик // Сомониён да оинаи таърих. Ҷилди дуюм. – Хуҷанд: Нашриёти давлатии ба номи Раҳим Ҷалил, 1998. – С. 89.
2 Абулқосими Ҷайҳонӣ. Ашкол-ул-олам // Сомониён дар оинаи таърих. – Ҷилди 2. – Хуҷанд: Нашриёти давлатии ба номи Раҳим Ҷалил. – С. 67.
3 Аҳмад ибни Абияъқуб ибни Возеҳ ал-Яъқубӣ. Ал-Булдон. Тарҷумаи доктор Муҳаммадиброҳими Оятӣ. Баргардонкунанда аз хати форсӣ ба кириллӣ Некрӯз Сафарзода. – Душанбе: Сарредаксияи илмииЭнсеклопедияи миллии тоҷик, 2022. – С. 44.
4 Ҳамон ҷо. – С. 78.
5 Ҳамон ҷо. – С. 79.

“Ҳудуд-ул-олам” шуғли аҳолӣ, махсусан коркарди канданиҳои фоиданок ва металҳои ранга, бозор ва тиҷорату муомилоти пул ахбори мӯътабар медиҳад[1].

Ибни Ҳавқал дар хусуси вилояти Уструшана маълумот дода, аз маркази маъмурии Уструшана, ҷуғрофиёи таърихии вилоят, шаҳру рустоҳои он, шаҳрсозию меъморӣ, истифодаи масолеҳи биносозӣ ва дигар ахбори муҳим медиҳад[2].

Маркази маъмурии Уструшана шаҳри Бунҷикат буд. Абӯисҳоқи Истахрӣ шаҳрҳои Уструшанаро номбар намуда, чунин менигорад, ки “шаҳри бузурги онро ба забони Усрушана Бунҷикас мехонанд”[3]. Вале Ҷайҳонӣ қайд мекунад, ки шаҳри бузургтарини ин вилоятро ба забони Уструшана “Лутҳакат” хонанд[4]. Азбаски аксари ҷуғрофидонҳо Бунҷикатро пойтахти Уструшана меҳисобанд, метавон чунин хулоса баровард, ки Ҷайҳонӣ дар ин маврид ба иштибоҳ роҳ додааст.

Мувофиқи маълумоти сарчашмаҳои хаттӣ дар асрҳои VII-IX шаҳри Бунҷикат пойтахти мулки мустақили Уструшана ба ҳисоб рафта[5], дар охири асри IX ва асри X низ ин шаҳр маркази маъмурии вилояти мазкур ба ҳисоб мерафт. Дар бораи ин шаҳри аввалмақом ва азими Уструшана дар сарчашмаҳои гуногун маълумот оварда шудааст, ки онро муҳаққиқони гуногун, аз ҷумла В.В.Бартолд, Н.Неъматов, А.Мухторов, Ӯ.Пулодов, Н.Раҳимов ва дигарон дар тадқиқотҳои худ бахшида ба таърих ва фарҳанги Уструшана фаровон истифода намудаанд[6].

---

[1] Ҳудуд-ул-олам. Таҳиягари матн ва муаллифи пешгуфтор Н.Қосимов. – Душанбе: Ирфон, 1986. – С. 73.
[2] Ибни Ҳавқал. Сурат-ул-арз // Садои Шарқ, 1999. - № 1-3. – С. 10-14.
[3] Абӯисҳоқ Иброҳим Истахрӣ. Масолик ва мамолик. – С. 257.
[4] Абулқосими Ҷайҳонӣ. Ашкол-ул-олам//Сомониён дар оинаи таърих. Ҷилди дувву (Мутуни арабиасл). – Хуҷанд: Нашриёти давлатии ба номи Раҳим Ҷалил, 1998. – С. 61
[5] Абу Саиид Гардизи. Зайн ал-ахбар. Пер. А. К. Арендса. – Ташкент: Фан, 1991 – С. 103.
[6] Бартольд В.В. Сочинения. Т. 1. Туркестан в эпоху манголского нашестия. – Москва: Издательство Восточние литературы, 1963. – С. 223; Негматов Н. Уструшана в VII-X вв: автореф. дис. … кан. ист. наук: 07.00.02 / Негматов Нуъман Негматович. – С. 19; Негматов Н. Уструшана в древности и раннем средневековье. – С. 29; Негматов Н. Уструшана в древности раннем средневековье. – С. 63; Пулатов У.П. Чильхуджра // Материалная культура Уструшаны. Вып. 3. – Душанбе: Дониш, 1975. – С.3, 83; Негматов Н. Государство Саманидов: Мавераннахр и Хорасан в IX-X вв. – С. 38; Кильчевская Э.В., Негматов Н. Шедеври торевтики Уструшаны // История, архитектура и исскуство Уструшаны. – С. 362-369; Рахимов Н.Т. Урбанизация Средней части бассейна Сырдарьи: 1 тыс. до н.э. – середина II тыс. н.э: дис. … д-ра ист. наук: 07.00.06 / Рахимов Набиджон Турдиалиевич. – С. 141; Ноҷӣ М. Фарҳанг ва тамаддуни исломӣ дар қаламрави Сомониён. – С. 561-562.

Тибқи маълумоти ҷуғрофидони араб Ибни Ҳавқал шаҳрҳои дигари қадима дар асрҳои VII-XII иборат аз се қисмат – кӯҳандиз, шаҳристон ва рабаз буд. Ҳар як қисмати шаҳр, махсусан шаҳристону рабази шаҳр дар атрофи худ девор дошта, дар самтҳои муайян дарвозаҳо доштанд. Тибқи маълумоти ҷуғрофидони араб Ибни Ҳавқал шаҳристони шаҳри Бунҷикат дорои ду дарвоза – Дари Болотар (Аъло) ва Дари Шаҳр буд[1].

Маълумотро доир ба ҳудуди шаҳрҳо, масофа ва роҳҳои байни онҳо, мавқеи ҷойгиршавии онҳо, низоми андоз ва хироҷи шаҳру навоҳӣ аз асари "Аҳсан ут-тақосим фӣ маърифати л-ақолим"-и ал-Муқаддасӣ[2] пайдо кардан мумкин аст. Муаллиф роҳу шаҳру навоҳии Мовароуннаҳр, аз ҷумла дар замони Сомониён маълумотро оид ба вилояти Уструшана меорад. Аз сарчашмаи мазкур оид ба роҳҳои байни шаҳрҳо, марзу буми шаҳру навоҳии вилоят, роҳҳои тиҷоратии минтақаҳои Уструшана ахбори муҳим ба даст овардан мумкин аст.

Ибни Ҳавқал чунин менигорад, ки "шаҳри бузурги Ушрӯсана ба забони мардуми он ҷо Бумҷикат ном дорад ва шаҳрҳои Арсиёнкат, Куркат, Ғаза, Фағкат, Собот, Зомин, Дизак, Нуҷикат ва Харқона аст. Ҳокимнишини он Бумҷикат аст, ки дар ҳудуди даҳ ҳазор тан сукна (сокин, аҳолӣ) дорад ва биноҳояш аз гилу чӯб аст" [3]. Дар ин ҷо Ибни Ҳавқал бештар шаҳрҳое, ки дар водӣ ҷойгир мебошанд, номбар менамояд, ки нисбати рустоҳои дар доманакӯҳҳо ҷойгирбудаи Уструшана аз ҷиҳати иқтисодӣ бештар рушд ёфта буданд.

Муқаддасӣ дар мавриди шаҳру рустоҳои Уструшана менигорад, ки "қасабаи он (Уструшана) Бунҷикас ва аз шаҳрҳояш Арсобаникас, Курдкас, Ғазақ, Фағкас, Собот, Зомин, Дизак, Навиҷкас, Катвон, Диза, Харқона, Хашт, Марсманда, ки ҳафт русто дорад. Башоғар, Масхо, Барғар, Вағар, Банғам,

---

[1] Ибни Ҳавқал. Сурат-ул-арз / Ҳудуд-ул-олам. Муҳаммад Обиди Иршод. Чаҳорбоғи гулҳо. – С.173.
[2] ал-Муқаддасӣ. Аҳсан-ут-тақосим фи маърифт-ил-ақолим // Сомониён дар оинаи таърих. – Ҷилди дуюм. – С. 149-158; Абу, Абдуллах ал-Макдиси. Ахсан ат-такосим фи маърифат ал-акалим // Материалы по истории туркмен и Туркмении. Т. 1. М. Институт Востоковедения. 1939. С. 185-208.
[3] Ибни Ҳавқал. Сурат-ул-арз//Ҳудуд-ул-олам. Муҳаммад Обиди Иршод. Чаҳорбоғи гулҳо. – С. 172.

Минк, Баскар, Арсабоник, Албутам инҳо шаҳр надоранд ва боқӣ ҳамноми шаҳрҳояшон ҳастанд”[1].

Дар китоби “Ҳудуд-ул-олам” дар бораи Уструшана ва шаҳрҳои он, ба мисли Зомин, Диззак, Вағкас, Ғазақ, Собот, Куркас маълумот оварда, муаллиф чунин менигорад: “Бунҷикас қасабаи Сӯрушана аст ва мустақари мири ин ноҳия аст (маркази ҳокимнишин) ва ҷои бисёрмардум ва ободон ва бо неъмати бисёр ва обҳои равон”[2].

Аз рӯи маълумотҳои мавҷуда метавон чунин хулоса кард, ки Бунҷикат на танҳо маркази муҳими маъмурӣ, иқтисодӣ, тиҷоратӣ ва фарҳангии Уструшана, балки яке аз шаҳрҳои марказӣ ва муҳими Мовароуннаҳр ба ҳисоб мерафт. Дар асрҳои VI-VIII дар минтақаҳои пешрафтаи Вароруд (Варазруд) дар натиҷаи нисбатан мӯътадил шудани ҳаёти сиёсӣ, ҳарбӣ, иқтисодӣ, аз як ҷониб ҷараёни шаҳришавӣ (урбанизатсия), боло рафтани мақоми шаҳрҳо дар ҳаёти ҷомеа, афзудани шумораи аҳолии шаҳрҳо мушоҳида шуда, аз ҷониби дигар ин боиси ривоҷу равнақи ҳунармандӣ, тиҷорат, пайдо шудани шаҳрҳои нав ва ободшавии атрофи онҳо гардид. Дар натиҷа берун аз ҳудуд ва деворҳои муҳофизатии баъзе шаҳрҳои марказӣ маҳаллҳои косибон, тоҷирон пайдо шуданд.

Бунҷикат низ мисли дигар шаҳрҳои қадим ва асримиёнагӣ аз се қисмат: кӯҳандиз, шаҳристон ва рабаз (работ) иборат буд. Ибни Ҳавқал дар бораи қисматҳои шаҳри Бунҷикат маълумот оварда, чунин менигорад: “Шаҳраке низ андаруни ин шаҳр вуҷуд дорад ва дар перомуни он ва низ дар рабази он боруе (девор) аст ва пушти он низ боруе сохтаанд. Шаҳри андарунӣ ду дарвоза дорад: яке дарвозаи Болотар (Аъло) ва дигаре дарвозаи Шаҳр. Масҷиди ҷомеъ дар дохили шаҳр, кӯҳандиз ва дорулимора (иморатҳои маъмурӣ) дар Чаҳорсӯи Амир воқеъ дар рабаз қарор дорад. Дар шаҳри дохилӣ наҳри бузурге ҷорӣ аст, ки бар он осиёбҳо сохтаанд. Зиндон дар кӯҳандизи шаҳр ва масҷиди ҷомеъ дар беруни кӯҳандиз ва бозорҳои он дар шаҳри дохилӣ ва рабаз аст. Боруи рабаз дар ҳудуди як фарсах ва хандақи мустамил ба хонаҳо ва боғҳо ва заминҳои

[1] Абдуллоҳ Муҳаммад ибни Аҳмади Муқадасӣ. Аҳсану тақосим фи маърифа ал-ақолим. – С. 161.
[2] Ҳудуд-ул-олам. таҳиягари матн ва муаллифи пешгуфтор Абдуҷамол Ҳасанов. – С. 65.

сабзу хуррам ва токистонҳову киштҳот ва аз инҳо он чи то боруст, ҷузъи русто ба шумор меравад. Боруи (девор) шаҳр чаҳор дарвоза дорад: дарвозаи Зомин, дарвозаи Марсманда, дарвозаи Навҷикат ва дарвозаи Кӯҳобод”[1].

Муқаддасӣ дар асари худ қайд мекунад: “Касабаи Ушрусана (Бунҷикат), шаҳри бузург, ҳосилхез, пуроб, пурҷамъият аст, пироманашро боғҳо фаро гирифта. Хонаҳои хушсохт ҳаммонанди Шош аст, вале инон дилтар мебошанд ва ошуфтагӣ камтар доранд. Шаҳре, ки ду дарвоза дорад: дарвозаи шаҳр ва дарвозаи боло. Ҷомеъ (масҷид. – С. М.) дар шаҳрак аст ва куҳандиж беруни он аст. Дар ҳумаи шаҳр низ чаҳор кӯча: дараби Зомин, дараби Марсманда, дараби Навҷикат, дараби Каҳлобоз, ғайр аз наҳри бузург, ки ба шаҳр меояд, шаш наҳри дигар низ аз шаҳр мегузарад, бисёр зебо ва дилкушо аст”[2].

Ҷайҳонӣ дарвозаҳои Бунҷикатро бо чунин ном – дарвозаи  Амир, дарвозаи Сарсанд, дарвозаи Луҳкат ва дарвозаи Глулҳор номбар намудааст[3]. Профессор С.Абдуллоев доир ба  ин маълумоти Ҷайҳонӣ чунин хулоса кардааст: “Зоҳиран ин ҷо дарвозаи аввал мутобиқ ба дарвозаи Зомин, дуюм ба Марсманда, сеюм ба Нуҷикас ва чаҳорум Каҳлобоз аст”[4].

Аз маълумоти манбаҳои таърихӣ чунин бармеояд, ки работи шаҳр хеле пурвусъат буда, дорои боғҳо, макони зисти сокинони шаҳр ва бозору дуконҳои ҳунармандон будааст. Дарозии работ ба се фарсах баробар буда, далели бузургӣ ва пурвусъатии шаҳри Бунҷикат аст.

Аз рӯи маълумоти Истахрӣ маълум мешавад, ки “масҷиди одина (ҷомеъ) дар дохили шаҳристон воқеъ аст ва дарёи калоне аз шаҳристон мегузарад. Осиёгиҳо дар он об сохта, дарахт шинондаанд ва дар шаҳристону работ бозор ҳаст. Ва майдони шаҳр як фарсанг буд ва оби ҷӯйбор ба хонаҳо, кулбаҳо, боғу киштзорҳо меравад”[5].

Ибни Ҳавқал дар бораи рӯд ва наҳрҳое, ки Бунҷикатро бо об таъмин мекарданд, чунин маълумот меорад: “Дар шаҳри хориҷ шаш наҳр ҷорӣ аст. Яке

---

1 Ибни Ҳавқал. Сурат-ул-арз / Ҳудуд-ул-олам. Муҳаммад Обиди Иршод. Чаҳорбоғи гулҳо. – С.173.
2 Абдуллоҳ  Муҳаммад ибни Аҳмади  Муқадасӣ. Аҳсану тақосим фи маърифа ал-ақолим. – С. 167.
3 Мухторов А. Порча аз “Ашкол-ул-олам”-и Ҷайҳонӣ / Амирон ва вазирони Сомонӣ. – С. 29.
4 Абдуллоев С. Ҷуғрофиёи таърихии давлати Сомониён. – С. 146.
5 Абуисҳоқ Иброҳим Истахрӣ. Масолик ва мамолик.  – С. 258.

наҳри Сорин, ки дар ҳудуди шаҳр ҷараён дорад. Наҳрҳои дигар: Абраҷан, Ямоҷан, Санакҷан, Рӯинҷан, Сатинакҷан ҳастанд ва ҳама аз як ҷо сарчашма мегиранд ва ба як наҳр мунтаҳо (пайваст) мешаванд ва оби он ба андозае аст, ки даҳ осиёбро ба гардиш меоварад. Аз шаҳр то сарчашмаи об камтар аз ним фарсанг аст”[1].

Дар баробари маълумоти сарчашмаҳои таърихӣ-ҷуғрофӣ, дар натиҷаи ҳафриётҳои бостоншиносии Экспедитсияи археологии комплексии Тоҷикистони Шимолӣ (СТАКЭ) ва кашфиётҳои нодири бозёфтшуда саҳифаҳои зиёди таърихи нуҳуфтаи ин минтақа, аз ҷумла Бунҷикат бозгӯ шуд. Бо ташаббуси бостоншиноси маъруфи тоҷик академик Н.Неъматов дар минтақаҳои гуногуни Уструшана, хусусан дар ноҳияи имрӯзаи Шаҳристон якчанд димнаҳо – маркази фарҳанг ва тамаддуни шаҳри Бунҷикат кашф гардиданд.

Қалъаи афшинҳои Уструшана аз ҷониби бостоншиносон мавриди таҳқиқ қарор гирифта, дар давоми солҳои 1955-1960 дар Қалъаи Қаҳқаҳа II ҳафриёт гузаронда шуд. Натиҷаи ҳафриёт исбот намуд, ки он яке аз аввалин қасрҳои маркази Уструшана шаҳри Бунҷикат мебошад.

Қасри Қаҳқаҳа II дар давоми асрҳои VI-VII сохта шуда, соли 822 ҳангоми ишғоли Бунҷикат аз ҷониби сарлашкари араб Аҳмад ибни Абухалид хароб гардидааст[2]. Бар асари ин ҳодиса шаҳр ғорат шуда, иншооти мазкур хароб мегардад, мардуми дар дохили қаср боқимонда кушта мешаванд, ки устухонпораҳои ёфтшуда далели ин фоҷиа мебошанд.

Ҳафриёти Экспедитсияи археологии компелексии Тоҷикистони Шимолӣ исбот намуд, ки шаҳристони Бунҷикат димнаи Қалъаи Қаҳқаҳа I мебошад[3].

---

[1] Ибни Ҳавқал. Сурат-ул-арз / Ҳудуд-ул-олам. Муҳаммад Обиди Иршод. Чаҳорбоғи гулҳо. – С.173.

[2] Негматов Н.Н., Хмельницкий С. Средневековый Шахристан. Материальная культура Уструшаны. Вып. 1. – Душанбе: Дониш, 1966. – С. 65.

[3] Негматов Н. Уструшана VII-X вв: по материалам письменных и археологических источников: автореф. дис… канд. ист. наук: 07.00.02 / Негматов Нуъман Негматович. – С. 9; Негматов Н. Археологические памятники Шахристанской котовлины // История, архитектура и исскуство Уструшаны. – С. 29; Варонина В.Л. Архитектура дворца Калаи Кахкаха I // История, архитектура и исскуство Уструшаны; отв. ред. А.Раджабова. – С. 231-266; Негматов Н., Хмельницкий С.Средневековый Шахристан. Материалная культура Уструшаны. Вып. 1. – С. 8, 15-43, 194; Авзалов, Р.З. О квартальной структуре Бунджиката // Раннесредневековая культура Средней Азии и Казахстана: тезисы Всесоюзной научной конфренции в г. Пенджикенте Таджикской ССР. 26-31 августа 1977 г. – Душанбе: Дониш, 1977. – С. 81-83;

Работи Бунҷикат ба димнаи сеюм Қалъаи Қаҳқаҳа III, ки дар ҳудуди имрӯзаи маркази ноҳияи Шаҳристон воқеъ аст, мувофиқ меояд[1].

Зиндони шаҳри Бунҷикат дар қасри аввали афшинҳо – Қалъаи Қаҳқаҳа I мавҷуд буда,[2] масҷиди ҷомеъ дар шаҳристон ва зиндон дар куҳандиз ҷойгир буд[3].

Дар адабиёти таърихӣ-ҷуғрофии муаллифони асримиёнагии арабизабон ва форсизабон дар қатори шаҳрҳои дигари Мовароуннаҳр, ба Бунҷикат таваҷҷуҳи хоса зоҳир намудаанд ва ин далели он аст, ки ин шаҳр ба дараҷаи баланди тараққиёти иқтисодию фарҳангӣ расида, дар радифи марказҳои муҳим ва бузурги Мовароуннаҳр қарор дошт[4].

Номвожа ё топоними Бунҷикат дар сарчашмаҳои таърихию ҷуғрофии асримиёнагӣ, тадқиқотҳои олимони шуравӣ, ватанӣ бо шаклҳои “Панҷикас”, “Панҷакат”, “Бунҷикас”, “Бумиҷкат”, “Банҷикас”, “Бумиҷкат”, “Нуҷикас” ва ғайра оварда мешавад.

Дар ҳуҷҷатҳои суғдии Қалъаи Муғ топоними маркази Уструшана ба шакли “Pncykn∂h” ё “Pncykt” омадааст ва маънои “Панҷ шаҳр”, “Панҷ хона”-ро ифода мекунад. Дар ин ҷо “Pncy” ба маънии шумораи панҷ ва “kn∂h”, “kt” (=kat), “k∂” (=ka∂), “kn∂” (=ka∂) маънои “хона” ё “деҳа”-ро дорад[5].

Топоними Бунҷикат аз ду ҷузъ: “кат” - “шаҳр”, “хона”, “манзил”, “минтақаи аҳолинишин” ва “бунҷ” – “панҷ”, “нунҷ”, иборат аст ва “Бунҷикат”

---

Свод памятников истории и культуры Республики Таджикистан: к. 1: Согдийская область: под ред. Р.Масова. – Душанбе: Дониш, 2013. – С. 449.

[1] Неъматов Н. Давлати Сомониён: тоҷикон дар асрҳои IX-X. – С. 45; Негматов Н., Мамаджанова С.Бунджикат – столица средневековой Уструшаны // Культура средневекового Востока: грдостроительство и архитектура. – Ташкент, 1989. – С. 92; Негматов Н., Хмельницкий С.Средневековый Шахристан. Материалная культура Уструшаны. Вып. 1. – С. 44-102; История, архитектура и исскуство Уструшаны. – С. 30; Свод памятников истории и культуры Республики Таджикистан: к.1: Согдийская область. – С. 450.

[2] Негматов Н., Хмельницкий С.Г. Средневековый Шахристан. Материальная культура Уструшаны. – Вып. 1. – С. 22.

[3] Мамаджанов С. Мукимов Р., Шерматов М. Градостроительство горного Таджикистана: традиции и современные проблемы. – Душанбе: Дониш-Мерос, 1997. – С. 160.

[4] Рахимов Н.Т. Урбанизация средней части басейна Сырдарьи: 1 тыс. до н.э. – середина II тыс. н. э: автореф. дис. ... д-ра ист. наук: 07.00.06 / Рахимов Набиджон Турдиалиевич. – С. 21.

[5] Согдийские документы с горы Муг. Чтение перевод, коментарий. – Вып. II (Юридические документы и письма). Чтение перевод, коментарии В.А.Лившица. – С. 49.

маънои “панҷ хона” ва ё “панҷ қасрро” ифода мекунад[1]. Аз рӯи осори ҷуғрофии муаллифони асримиёнагӣ ва ҳафриётҳои бостоншиносӣ мавзеи Қалъа Қаҳқаҳа I-II-III ва димнаҳои Чилдухтарону Чилҳуҷраи ноҳияи Шаҳристони имрӯза ба ҳудуди маркази Уструшана – Бунҷикат мансубанд.

Ҳамин тариқ, Бунҷикат яке аз марказҳои бузурги ҳунармандӣ, фарҳангию меъморӣ ба ҳисоб рафта, дар асри X қариб сад ҳазор аҳолӣ дошт. Дар Бунҷикат дар асри V-VI милод маркази шаҳр ба вуҷуд омад ва дар асрҳои IX-XII бошад он ба се қисм ҷудо шуд: Кӯҳандиз (Қалъаи Қаҳқаҳа II), шаҳристон (Қалъаи Қаҳқаҳа I) ва работ –қисми ҳунармандию тиҷорати он ба ҳисоб мерафтанд.

Яке аз шаҳрҳои Уструшана, ки дар инкишофи иқтисодию фарҳангӣ нақши муассири дошт, Фағкат (дар сарчашмаҳо дигар шаклҳои топоними он “Бога”, “Вагкат”, “Вогат”, “Фагкат” ва дигар намуди онро дучор шудан мумкин аст) мебошад. Ба андешаи суғдшиноси маъруф О.И.Смирнова вожаи “Вагкат” мафҳуми “бино (шаҳри) бога” (суғд. Баг – яздон, кат – бино, манзил) мебошад[2].

Дар асоси маълумоти сарчашмаҳо ва осори муҳаққиқони рус академик Н.Неъматов[3] менависад, ки бо ин номи шаҳр деҳаи кунунии Ӯротеппа (деҳаи Вогати Истаравшанро дар назар дорад) мавҷуд буда, худро ворисони шоҳ Гуштосп ё Доро меномиданд, ки ин шоҳ ҳамчун асосгузори он будааст[4].

Академик Н.Неъматов ҳудудҳои ҳамсарҳади рустои Фағкат ё Вогатро муайян намуда, қайд мекунад, ки дар соҳили поёноби Басмандасой ҷойгир буда, аз деҳаи имрӯзи Иторчи (ҳоло Истиқлол) то маҳалли Бояут ва Уяс рафта мерасид. Дар шимол он бо рустои Шавкат, дар ғарб бо Бунҷикат, дар шарқ бо рустои Асбаникат ҳамсарҳад буд[5].

Дар тадқиқоти алоҳидаи ба воҳаи ҷуғрофии мазкур бахшидаи профессор Н. Раҳимов омадааст: “Вагкат, ки яке аз ҳудудҳои Уструшани асримиёнагӣ

---

[1] Аюбов А.Р. История сложения и трансформации топонимов Уструшаны эпоха древности и средневековье: автореф. дис. … кан. ист. наук: 07.00.02 / Аюбов Абдусалом Рауфович. – Худжанд, 2012. – С. 13; Аюбов А. Топонимы Уструшаны как источник по истории и культуры. – С. 25-26.
[2] Смирнова О.И. Место домусульманских культов Средней Азии: по материалам топонимики // Страны и народы Востока. – Вып. 10. – М., 1971. – С. 102.
[3] Негматов Н. Уструшана в древности и раннем средневековье. – С. 22.
[4] Негматов Н. Историко-географические очерк Уструшаны с древнейших времен по X в.н.э. // Материалы и исследования по археологии СССР. № 37. Труды таджикской археологической экспедиции. – С. 235.
[5] Ҳамон ҷо. – С. 249.

мебошад, ҳоло ҳам бо чунин ном деҳае мавҷуд аст, ки дар саргаҳи роҳи Хуҷанд ҷойгир мебошад. Мувофиқи маълумоти сарчашмаҳо Ӯротеппаи асримиёнагӣ (шаҳри марказии Истаравшани имрӯза)-ро дар аҳди Сомониёну Қарохониён бо номи Вагкат (дар сарчашмаҳо бо дигар шакл – Фағкат, Фағкас ва ғ. низ омадааст) маълум буд”[1].

Н.Раҳимов ин масъаларо матраҳ намуда, қайд мекунад, маҳалли ҷойгирифтаи Бога (Богат, ё ин ки Вагкат) дар сефарсахии маркази вилоят Буныикат қарор дорад, ки дар сарчашмаҳои асрҳои X-XII ёдрас карда мешавад[2]. Ҳамчунин қайд карда мешавад, ки шаҳри “асримиёнагии Вагкат аз ду қисмат: кӯҳандиз ва работ иборат буда, шаҳраки Муғтеппа кӯҳандиз буда, дар самти шарқи он Талтеппаи воқеъ буда, работи шаҳр аст”[3].

Доир ба табиат ва иқлими шаҳри Вагкат қайд кардан бамаврид аст, ки дар асрҳои IX-XII рушди он ба релефи он вобаста буда, аз дашти шимол ва шимолу ғарбӣ бодҳо вазида, дар натиҷаи кушодани ҳаво ва аз нурҳои офтоб тамоми ҳудуди шаҳр гарм мегарданд.

Дар қатори шаҳракҳои Фағкас, Собот, Куркас, ки бо кишт, барз ва мардуми зиёд машҳуранд, муаллифи “Ҳудуд-ул-олам” шаҳри Ғазақро ном бурдааст[4]. Ибни Ҳавқал дар қатори шаҳрҳои бузурги Уструшана Ғузакро номбар менамояд[5]. Маълум мешавад, ки ҳар як муаллиф дар осори худ топоними шаҳру русторо ба таври худ номбар мекунад. Аз ин ҷо навиштаи муаллифи “Ҳудуд-ул-олам” саҳеҳ ва наздиктар ба топоними имрӯзаи маҳаллии деҳаи бо ном аҳолинишини “Ғазантарак” рост меояд.

Шаҳри Ғазак (Ғазаи қадим – яке аз ҳафт шаҳр – қалъаҳое, ки мардуми он бар зидди Искандари Мақдунӣ мубориза бурдааст) дар роҳи Хуҷанд аз Вагкат ҷойгир буда, ҳоло дар ин мавзеъ деҳаи Ғазантараки ноҳияи Деваштич қарор дорад. Академик В.В.Бартолд қайд мекунад, ки ҷуғрофидонҳои араб Ғазаро бо

[1] Рахимов Н. Очерки средневековой истории Вагата – Ура-тюбе (X-XVI вв). – С. 13-16.
[2] Рахимов Н.Т. Урбанизация Средней части бассейна Сырдарьи: 1 тыс. до н.э. – середина II тыс. н.э. – С.181.
[3] Ҳамон ҷо. – С. 229.
[4] Ҳудуд-ул-олам: таҳиягари матн ва муаллифи пешгуфтор Абдуҷамол Ҳасанов. – С. 65.
[5] Ибни Ҳавқал. Сурат-ул-арз/ Ҳудуд-ул-олам. Муҳаммад Обиди Иршод. Чаҳорбоғи гулҳо. – С. 172.

Ғазак шабоҳат медиҳанд, ки он дар роҳи Шаҳристон ба ҷониби Хуҷанд, дар соҳили Басмандасой, дар ҷое, ки ҳоло деҳаи Ғазантарак мавҷуд аст, вуҷуд дошт[1]. Академик Н.Неъматов низ ин ақидаро ҷонибдорӣ намуда, қайд менамояд, ки Ғаза дар соҳили Басмандасой, дар наздикии деҳаи Ғазандарак мавҷуд буд[2]. Суғдшинос О.И Смирнова дар асоси маълумоти бозёфтҳои бостоншиносӣ рустои Ғазаки Уструшанаро дар ҷои имрӯзаи деҳаи Ғазантараки ноҳияи Деваштич мансуб медонад. Ӯ қайд мекунад, ки осори шаҳри асримиёнагии дар наздикии деҳа бозёфтшуда, аз ҷумла кӯзаву зарфҳои гуногун, сафололот ва дигар ашёҳои маданияти моддӣ аз дараҷаи баланди ҳунармандӣ, боғу токпарварӣ, шаробпазӣ ва ғайра маълумот медиҳанд[3]. Профессор А.Ҳасанзода ба маъумоти осори хаттии таърихию ҷуғрофӣ такия намуда, доир ба яке аз рустои Уструшана Ғарақ маълумот медиҳад. Он рустоест, ки дар сарчашмаҳои асримиёнагӣ бо шаклҳои "Ғазақ", "Ғарак" зикр гардида, "дар кӯҳ мавқеият дошта, дорои маҳсулоти фаровон будааст ва яке аз марокизи машҳури бозаргонӣ ба шумор мерафтааст"[4].

Аз дигар шаҳрҳои Уструшана, ки дар сарчашмаҳо зикри он рафтааст, Куркат мебошад ва дар сарчашмаҳо бо номҳои "Куркат" ва "Куркас" вомехӯранд[5]. Оид ба ин шаҳр академик Н.Неъматов чунин мегӯяд: "Шаҳри Куркат аз рустоҳои бузург буда, (Муқаддасӣ Курдакат номидааст) танҳо аз он ҷуғрофидонон хабар медиҳанд. Куркати асримиёнагӣ шояд дар маҳалли ҳамноми деҳаи имрӯзааш ҷойгир бошад"[6]. Ҳоло низ ёдгории боқимондаи шаҳри Куркат ҳангоми мушоҳида намудан маълум аст, ки дар анқарибии сари роҳ қарор дорад.

Қисматҳои сарҳади Куркатро  профессор А. Мирбобоев чунин муайян мекунад, ки  "сарҳади ҳақиқии он ҳудуди калонро иҳота намуда, дар шимол

---

[1] Бартольд В.В. История культурной жизн Туркистана. – Л., 1927. – С. 3.
[2]Негматов Н. Историко-географические очерк Уструшаны с древнейших времен по X в.н.э. // Материалы и исследования по археологии СССР. № 37. Труды таджикской археологической экспедиции.  – С. 234.
[3] Смирнова О.И. Археологические разведки в Уструшане в 1950 г. // Материалы и исследования по археологии СССР. № 37. Труды таджикской археологической экспедиции. – С. 216.
[4] Абдуҷамол Ҳасанзода. Ҷойвожаҳои қаламрави Сомониён. – С. 155.
[5] Абу Исҳоқ Иброҳим Истахрӣ. Масолик ал-мамолик. – С. 257; Ҳудуд-ул-олам. – С. 71.
[6] Негматов Н. Уструшана в древности и раннем средневековье. – С. 42.

дарёи Сир, дар ҷануб қаторкӯҳи Туркистон, дар шарқ дарёчаи Хоҷабоқирғон, ки рустои Шавкат аст, ҳамсарҳад мебошад”[1].

Яке аз рустоҳои дигари Уструшана Шавкат ба ҳисоб меравад. Дар ҳуҷҷатҳои суғдии Қалъаи Муғ рустои Шавкат ба шакли “Ŝwkth” = “Ŝawkat” – “Шаҳри сиёҳ” – рустое, ки дар қисми шимолу шарқии Уструшана, дар роҳи асосии Самарқанду Хуҷанд мавҷудбуда қайд шудааст[2]. Академик Н.Негматов дар асоси маълумоти маъхазҳои ҷуғрофӣ-таърихӣ сарҳади онро чунин муайян намудааст: “Рустои Шавкат дар водии маҷрои поёнобии Оқсу (Тағояксой) ҷойгир шуда, дар ғарб то сарҳади Бекобод, то деҳаҳои Куркат ва Қизилӣ, дар шарқ то деҳаҳои Деҳмой ва Хитойреза, ҳамзамон шаҳраки Пролетар (ҳоло Ҷаббор Расулов) дар шарқ ҳудуди вилояти Хуҷанд оғоз мегардид). Дар шимол сарҳади онро аз вилояти Чоч Сирдарё ҷудо мекард. Сарҳади ҷанубии он, ки аз рустои Вагкат ҷудо менамуд, муайян кардан хеле мушкил аст. Ин сарҳад шояд аз маҳалли деҳаи Қизилӣ мегузашт, ки ба он релефи маҳал ишора мекунад”[3]. Сарҳади тавсифшудаи рустои Шавкат масоҳати тахминан 800 км$^2$ дарбар мегирад[4]. Рустои Шавкат яке аз марказҳои муҳими маъмурӣ ва фарҳангӣ дар қисмати шимолии Уструшана ба ҳисоб мерафт. Маълумотҳои ҳафриёти бостоншиносӣ дар ёдгории Мунҷоктеппаи шаҳри Ширин бадаст омада шаҳодат медиҳанд, ки он дар асри V рӯ ба харобшавӣ ниҳода, дар асрҳои VIII-IX қисман боқӣ монда буд ва дар асрҳои X-XII аз сари нав русто барқарор мегардад[5]. Зеро он дар наздик ба соҳили Сирдарё қарор дошта, соли 1953 аз ҷониби академик Н.Неъматов ҳафриёт гузаронида шудааст.

Яке аз деҳкадаҳои бузург ва сераҳолии рустои Шавкат – Ғулакандоз (Ибни Фақеҳ ва Қудама онро Гулук ном бурдаанд) ба ҳисоб рафта, он дар масофаи се фарсах (1 фарсах тақрибан 7-8 км) роҳ то Куркат, чор фарсах то Хуҷанд ва шаш фарсах то Собот ҷойгир шуда, он ба маҳалли имрӯзаи деҳаи

[1] Мирбабаев А.К. Дахмаки Курката: раскопки и исследования // Древняя Уструшана: города, их локализация и хронология: материальная культура Уструшаны. – Вып. 5-8. – С. 274.
[2] Согдийские документы с горы Муг. Чтение перевод, коментарий. – Вып. II (Юридические документы и письма). Чтение перевод, коментарии В.А.Лившица. – С. 102.
[3] Негматов Н. Уструшана в древности и раннем средневековье. – С. 47.
[4] Ҳамон ҷо. – С. 47.
[5] Ҳамон ҷо. – С. 42.

Ғулакандози ноҳияи Ҷаббор Расулов рост меояд[1]. Аз рӯи маълумоти О.И.Смирнова ҳанӯз дар асри X деҳкадаи Ғулакандоз яке аз маҳалҳои калони аҳолинишин буда, дар атрофи он деҳаҳои дигар низ вуҷуд доштанд[2].

Дар қисмати шарқии Уструшана чанд шаҳру маҳалҳо қарор доштанд, ки яке аз онҳо Марсманда ба ҳисоб мерафт. Муқаддасӣ дар асари худ "Аҳсан-ут-тақосим" дар бораи Марсманда менигорад, ки "Марсманда муҳтарам ва дорои оби равон аст бе боғ. Сардсер аст, бо бозорҳои роиҷ. Ҷомеъ дар канорае аз бозор аст"[3].

Муаллифи "Ҳудуд-ул-олам" чунин менигорад, ки "Дизак шаҳракест, андар вай оби равон аст. Ва ба наздикии ӯ ҷоест Марсманда хонанд ва он ҷо дар ҳар соле як рӯз бозор бувад, ки гӯянд, он рӯз дар он бозор афзун аз сад ҳазор динор бозаргонӣ кунанд"[4]. Шояд муаллифи "Ҳудуд-ул-олам" дар ин маврид иштибоҳ карда гуфтааст, ки дар як сол як маротиба бозор доир мегардад. Дар асл, аз рӯи маълумоти дигар бозор дар Марсманда дар оғози ҳар моҳ як маротиба баргузор мегашт. Дар ин бора Ибни Ҳавқал чунин маълумот додааст: "Марсманда бозоре машҳур дорад, ки мардум аз ҷойҳои дур бад-он ҷо гирд оянд ва ин бозор дар оғози ҳар моҳ як бор ташкил мешавад"[5]. Дар бораи фаровонию серодам будани бозори Марсманда ва дар як рӯз беш аз сад ҳазор динор савдо шудани мол, омадани тоҷирони зиёд аз минтақаҳои гуногун дигар сарчашмаҳо низ маълумот медиҳанд.

Марсманда дар доманакӯҳ, дар назди деҳаи имрӯзаи Басмандаи ноҳияи Деваштич ҷойгир шуда буд[6]. Тибқи маълумоти манбаъҳои таърихӣ номи ин шаҳр бо тақвими суғдӣ иртибот дошта, ба рӯзи 29-уми моҳи тақвимӣ рост меомад, ки дар он рӯз ҳар сол як бозори калон (ярмарка) баргузор мегашт[7].

---

[1] Ҳамон ҷо. – С. 47.
[2] Смирнова О.И. Археологические разведки в Уструшане в 1950 г. // Материалы и исследования по археологии СССР. № 37. Труды таджикской археологической экспедиции. – С. 230.
[3] Абдуллоҳ Муҳаммад ибни Аҳмади Муқадасӣ. Аҳсану тақосим фи маърифа ал-ақолим. – С. 167.
[4] Ҳудуд-ул-олам: таҳиягари матн ва муаллифи пешгуфтор Абдуҷамол Ҳасанов. – С. 64.
[5]Ибни Ҳавқал. Сурат-ул-арз / Ҳудуд-ул-олам. Муҳаммад Обиди Иршод. Чаҳорбоғи гулҳо. – С. 176.
[6] Иванов П.П. К истории развития горного промысла в Средней Азии. – С.23; Пулатов У. П. Работы Дахкатской группы в I984 г. // Археологические работа в Таджикистане. - С. 89; Смирнова О. И. Археологические разведки в Уструшане. – С. 20; Рахимов Н. Очерки средневековой истории Вагата – Ура-тюбе (X-XVI вв). – Худжанд, 2004. – С. 70
[7] Беруни Абдайхон. Осор-ул-бокия. – Душанбе, 1991. – С.74; Худуд-ул-олам. – С.71.

Марсманда дар маъхазҳои асримиёнагӣ ба шакли гуногун омада, аз ҷумла Ҷайҳонӣ онро ба тарзи "Васманда"[1], "Сарсманд"[2] номбар кардааст. Нодир Каримиён ҳангоми шарҳи он гунаи "Арсманда"-ро[3] зикр намудааст. Бино ба андешаи профессор А.Ҳасанзода "мавзеи дақиқи Марсманда муайян нест, метавон ҳадс зад, ки дар болооби Зарафшон мавқеият доштааст"[4].

Аз ахбори Ибни Ҳавқал маълум мегардад, ки шаҳр дар канори рӯди паҳне, ки дар зимистон бо яхи ғафсе пӯшида мешавад, ҷойгир будааст. Бо вуҷуди номусоид будани обу ҳавои ин ноҳия сокинони он бо кишти ғаллот ва бунёди гулхонаҳо мепардохтанд. Марсманда шаҳри некӯву дилангез маҳсуб гашта, дорои оби ҷорӣ ва хоки некӯ, гулзору алафзор будааст. Дар Марсманда чашмасорҳо бо ҳадди фаровону заминҳои сарсабзу гардишгоҳҳост[5]. Аммо Ҷайҳонӣ навиштааст, ки замини Марсманда аз оби борон машруб гашта, он боғу бӯстон надорад. Масҷиди ҷомеи Марсманда дар канори бозор ҷойгир будааст[6].

Аз шаҳри хуррами Уструшана, ки Ибни Ҳавқал ба накӯӣ ном мебарад, шаҳри Марсманда мебошад. Муаллиф дар асари худ қайд менамояд, "соири шаҳрҳое, ки ёд кардем, ҷуз Марсманда дар вусъату нусҳат (хуррамӣ) ва доштани боғҳо ва обҳо тақрибан яксонанд. Мансманда шаҳри некӯ ва дилангез аст. Оби ҷорӣ дорад, вале сармои сахт монеъ аз ин аст, ки дар он ҷо боғу токистон ба вуҷуд ояд. Оби он фаровону хокаш некӯ ва дорои гулзорҳои зебо ва алафзорҳо ва заминҳои сарсабзу гардишгоҳҳост"[7].

Ҳанӯз соли 1950 дастаи бостоншиносони тоҷик (ЭБТШ) дар дараи Даҳкат наздикии деҳаҳои Метк ва Росровути ноҳияи Деваштич осори зиёдеро даёфт намуданд, ки ба асрҳои X-XII мансуб ҳастанд.

---

1 Абулқосими Ҷайҳонӣ. Ашкол-ул-олам //Сомониён дар оинаи таърих. Ҷилди дуюм. – С. 66.
2 Сомониён дар оинаи таърих. Ҷилди дуюм. – С. 498.
3 Нодир Каримиёни Саридаштӣ. Осрушана. – С. 68-69.
4 Абдуҷамол Ҳасанзода. Ҷойвожаҳои қаламрави Сомониён. – С. 278.
5 Ибни Ҳавқал. Сурат-ул-арз/ Ҳудуд-ул-олам. Муҳаммад Обиди Иршод. Чаҳорбоғи гулҳо. – С. 174.
6 Мухторов А. Порча аз "Ашкол-ул-олам"-и Ҷайҳонӣ // Сомониён ва эҳёи тамаддуни форсии тоҷикӣ. – Душанбе: Пайванд, 1998. – С. 176.
7 Ибни Ҳавқал. Сурат-ул-арз / Ҳудуд-ул-олам. Муҳаммад Обиди Иршод. Чаҳорбоғи гулҳо. – С. 174.

Соли 1984 бостоншиносон яке аз ёдгориҳои қадим қалъаи Кофарро таҳқиқ намуданд. Дар наздикии деҳаи Метк, қалъаи Кофар дар тали кӯҳ ашёе дарёфт гардид, ки тибқи онҳо дар он ҷо мавзеи коркарди кони оҳан будааст. Аз рӯи ин маълумот бостоншинос Ӯ.Пулодов дар дараи Даҳкат рустои Минк ва дар Қалъаи Кофар мавҷуд будани Марсмандаро исбот намуд[1]. Вале Л.М.Сверчков бар он ақида аст, ки ҳудуд ва мавқеи ҷойгирифтаи Минк дар мавзеи Уструшанаи ғарбӣ, воқеъ дар мавзеи ёдгории Мик мавҷуд аст[2]. Дар натиҷа ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки маълумоти Ӯ. Пӯлодов дуруст ва дақиқ мебошад, зеро ахбори сарчашмаҳо низ дар наздики ҳамдигар ҷойгиршавии Минк ва Марсмандаро хабар додаанд.

Тибқи кофтукови археологии ин шаҳр, ки аз тарафи бостоншинос Ӯ.Пӯлотов гузаронида шудааст, Марсманда монанди дигар шаҳрҳои асримиёнагии Мовароуннаҳр аз се қабат – кӯҳандиз, шаҳристон ва рабаз иборат буд[3]. Вале тамоми боқимондаҳои ин ёдгорӣ пурра аз ҷониби бостоншиносон мавриди омӯзиш қарор нагирифтааст.

Шаҳри дигаре, ки ба ҳайати Уструшана шомил буд, Муник ё Минк мебошад, вале мутаассифона дар бораи мавқеи ҷойгиршавии он дар сарчашмаҳои таърихӣ-ҷуғрофӣ маълумот вуҷуд надорад. Академик Н.Неъматов чунин меҳисобад, ки Минк дар шимол ва шимолу ғарб бо рустои Шавкат (ноҳияи Спитамен), дар ҷануб бо рустои Асбараи (Исфара) Фарғона то ҳудуди Хоҷабоқирғонсой ҳаммарз буд[4]. Дар натиҷаи ҳафриёти археологӣ дар деҳаи Метки ноҳияи Ғончӣ (ҳоло Деваштич) ба бостоншинос Ӯ. Пӯлотов муяссар гардид, ки мавзеи Минки асримиёнагиро муайян намояд[5]. Ибни Ҳавқал онро бо номи  Муник дар қатори рустоҳои Башоғар, Масхо, Барғар, Фартонғом, Баскану Асбикат номбар кардааст ва қайд менамояд, ки “Муник ҷое аст, ки Қутайба

[1] Пулатов У.П. Работы Дахкатского группы в 1984 году //Археологические работы в Таджикистане. Вып. 24 (1984 г.). – Душанбе, 1993. – С. 84-85.
[2] Сверсчков Л.М. Поселение Мык – источник по истории  средневековой Уструшаны: автореф. дисс. кан. ист. наук: 07. 00.06 / Сверчсков Леонид Михайлович. – С. 19.
[3] Пулатов У.П. Работы Дахкатской группы в 1984 г. // Археологические работа в Таджикистане. – Вып. 24. – Душанбе, 1993. – С. 75-76.
[4] Негматов Н. Уструшана в древности и раннем средневековье. – С. 46.
[5] Пулатов У.П. Работы Дахкатской группы в 1984 г. // Археологические работа в Таджикистане. – Вып. 24. – С. 83-86.

бинни Муслим сардори араб дар он ҷо ҷанг кард ва дар он ҷо қалъаи маъруф ба қалъаи Афшини Бузург сипаҳсолори Муътасим (шояд Муҳаташам бошад), ки онро нузҳатгоҳи худ баргузида буд ва дар шаҳр низ мезист"[1]. Аз ин маълумот чунин бармеояд, ки сипаҳсолори машҳури араб Қутайба бинни Муслим ҳангоми забткориҳои худ дар ин мавзеъ ҷангҳои тӯлонӣ бурдааст ва дар натиҷа қалъаи номбурда хароб гаштааст. Бояд гуфт, ки қалъаи рустои Минк аз ҷиҳати хронологӣ ба давраи ҳукмронии Афшин (Ҳайдар ибни Ковус бештар бо ҳамин унвон машҳур буд) рост намеояд. Зеро он қалъа пештар бино шудааст ва баъди ҷанги Қутайба ибни Муслим Афшин онро аз нав барқарор кардааст ва чанд муддат дар он ҷо зистааст, ки бо ҳамин ба номи ӯ номгузорӣ карда мешавад. Бояд зикр намуд, ки дар ин замон афшин Ҳайдар ҳанӯз ба дунё наомада буд. Афшин Ҳайдар соли 841 дар ҳабсхонаи Сомарои Бағдод ба ҳалокат мерасад, ки он вақт синни ӯ ба 61-62 сол расида буд.

Асбаникат яке аз нуҳ рустое мебошад, ки дар қисмати кӯҳии ба ҳайати маъмурии вилояти Уструшана шомил буда, мувофиқи маълумоти сарчашмаҳои ҷуғрофии асримиёнагӣ дар 9 фарсахии қисмати шарқии пойтахти вилоят – шаҳри Бунҷикат ҷойгир буд. Ибни Ҳавқал онро ба шакли Асбикат овардааст[2]. Академик Н.Неъматов номҳои гуногуни онро, аз ҷумла Арсубаникат, Арсияникат ва Исбаскат зикр намуда, қайд мекунад, ки рустои Асбаникат дар шимол бо рустои Минк, дар ғарб бо Фағкат, дар ҷанубу шарқ бо рустои Бискар ва дар шарқ бо рустои Асбараи Фарғона ҳамсарҳад буд[3]. Бостоншинос Н.Неъматов маҳалли шаҳри Асбаникатро дар навоҳии Исфонии имрӯза медонад, ки он ҳоло дар марзи вилояти Боткени ноҳияи Лайлаки Ҷумҳурии Қирғизистон қарор дорад[4].

Солҳои 70-уми асри XX дар водии Фарғона Экспедитсияи бостоншиносӣ фаъолият дошт, ки ба он ховаршинос Г.А.Брикина роҳбарӣ мекард. Дар натиҷа ҷустуҷӯҳои бостоншиносон имконият дод, ки осори якчанд шаҳрҳои ёдгориҳои

[1] Ибни Ҳавқал. Сурат-ул-арз / Ҳудуд-ул-олам. Муҳаммад Обиди Иршод. Чаҳорбоғи гулҳо. – С. 174-175.
[2] Ҳамон ҷо. – С. 174.
[3] Негматов Н. Историко-географические очерк Уструшаны с древнейших времен по X в.н.э. // Материалы и исследования по археологии СССР. № 37. Труды таджикской археологической экспедиции. – С. 249.
[4] Негматов Н. Уструшана в древности и раннем средневековье. – С. 44.

қадимаю асримиёнагӣ, марказҳои таърихию фарҳангӣ бозёфт ва ошкор гардиданд. Дар радифи онҳо шаҳраки Қаробулоқ аз тарафи бостоншиносон бозёфт гардид, ки он ҳамон рустои Асбаникати асримиёнагӣ мебошад[1]. Ба андешаи ховаршинос Г.А. Брикина шаҳри Асбаникат ҳамон шаҳраки Қаробулоқ буда, дар наздикии Исфонии имрӯза ҷойгир будааст. Шаҳр аз ҷиҳати стратегӣ дар мавзеи мувофиқ ҷойгир шуда, атрофи онро кӯҳҳо иҳота менамуданд ва он истеҳкоми тавоно ба ҳисоб мерафт[2]. Аз натиҷаи тадқиқотҳо ва бозёфтҳои бадастомада, Г.А.Брикина[3] ба чунин хулоса меояд, ки дар ин минтақа аҳолӣ асрҳои аввали эраи мо сокин шуда, минбаъд низ ин ҷараён идома меёбад. Дар қисмати ҷанубу ғарбии деҳаи Қаробулоқ якчанд кӯшкҳои асрҳои V-VII дарёфт шуданд. Асрҳои XI-XII давраи рушду нумӯи шаҳр ба ҳисоб рафта, натиҷаҳои ҳафриётҳои археологӣ нишон доданд, ки ҳудуди он қариб 5 га-ро ташкил медод.

Бостоншинос Н.Раҳимов Асбаникатро яке аз марказҳои хоси ҷарёни шаҳршавӣ (урбанизатсия) дар Уструшана ҳисобида, номҳои гуногуни онро ба шакли Арсубаникат, Арсяникет, Асбаскент меорад ва онро яке аз рустоҳои нуҳуми кӯҳии вилоят меҳисобад. Профессор Н.Раҳимов ба чунин хулоса меояд, ки ин шаҳр дар масофаи 9 фарсах (тахминан 60-65 км) роҳ дар шарқии Бунҷикат, дар марзи Фарғона ҷойгир буд[4].

Академик Н.Неъматов доир ба болооби Басмандасой ва Даҳкатсой ҷойгир будани яке аз рустоҳои кӯҳии мушкилгузари Уструшана Бискат (шакли дигари он Бискун)-ро маълумот дода, қайд менамояд, ки он дар ҳамшафатии Асбаникат қарор дошт. Доир ба ин русто дар сарчашмаҳо маълумоти дақиқ вуҷуд надорад. Танҳо соли 1950 ду ёдгории асримиёнагии ин мавзеъ аз ҷониби дастаи уструшании Экспедитсияи археологии комплексии Тоҷикистони Шимолӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифта буд.

---

[1] Брыкина Г.А. Карабулак. – М., 1974. – С. 5-8.
[2] Ҳамон ҷо. – С. 10.
[3] Ҳамон ҷо. – С. 11.
[4] Рахимов Н.Т. Урбанизация Средней части бассейна Сырдарьи: 1 тыс. до н.э. – середина II тыс. н. э. – С. 129.

Ноҳияи дигар ҷануби Уструшана воқеъ буда, бо номи Буттам ё Бутамон (маънояш вилояти кӯҳӣ) маълум аст. Дар ҳуҷҷатҳои суғдии Қалъаи Муғ он ба шакли “Pettm'n”=“Bəttmān”, ки ба арабии Buttam – ҳамчун минтақаи кӯҳӣ ва рустои кӯҳӣ қайд шудааст[1].

Муаллифи “Ҳудуд-ул-олам” қайд менамояд, ки “Бутамон ноҳияест андар кӯҳҳо ва шикастагиҳо аз ҳудуди Сурӯшана. Ва ӯро се ҳадд аст. Бутамони андарунӣ ва Бутамони миёна ва Бутамони берунӣ. Ва ин ноҳиятест бо кишт ва барзи бисёр ва ҷои дарвешон. Ва андар вай деҳҳо ва рустоҳои бисёр аст. Ва андар кӯҳҳои вай маъдани навшодир аст бисёр”[2]. Ибни Ҳавқал ин ноҳияро чунин тавсиф намудааст: “Бутам кӯҳҳои баланду устувор ва ғолибан сарсабзу устувор босафост ва сабзии маъруф ба табархун (унноб) дар он ҷо рӯяд ва қарои он маскун аст. Дар ин кӯҳҳо қалъаҳои бисёр устувор ва маодини зару сим ва зоҷу навшодир вуҷуд дорад ва навшодири онро ба бисёре аз навоҳии дунё мебаранд.

Бутам кӯҳҳои мутааддаде аст бо номи Бутами аввал ва Бутами миёна ва Бутами хориҷ. Оби Самарқанду Суғду Бухоро аз маҳале мавсум ба Ҷан дар Бутами миёна аст ва тӯли он се фарсах аст ва микдоре аз ин об ба Барғар, сипас ба Бунҷикат гузашта, ба сӯи Самарқанд ҷорӣ мешавад[3]. Абулқосим Ҷайҳонӣ дар “Ашкол-ул-олам” менигорад, ки “оби Суғду Самарқанд ва Бухоро аз Буттами миёна берун меояд, аз ҷойгоҳе, ки онро Дай мегӯянд ва сӣ фарсанг зиёдат меравад то Бурғар ва меомезад ба ҷӯи Самарқанд ва Чағониён[4]. Закариё Қазвинӣ маълумотҳои сарчашмаҳои болоро тақвият дода мегӯяд, ки “дар он ҷо маъдани тиллову нуқра ва навшодир мавҷуданд, ки ба кишварҳои дигар бурда мешаванд”[5].

Дар асоси маълумоти сарчашмаҳои таърихӣ академик В.В.Бартолд ба чунин хулоса омадааст, ки “дар асрҳои охири то ислом болооби Зарафшон на ба

---

[1] Согдийские документы с горы Муг. Чтение перевод, коментарий. – Вып. II (Юридические документы и письма). Чтение перевод, коментарии В.А.Лившица. – С. 102.
[2] Ҳудуд-ул-олам: таҳиягари матн ва муаллифи пешгуфтор Абдуҷамол Ҳасанов. – С. 65.
[3] Ибни Ҳавқал. Сурат-ул-арз / Ҳудуд-ул-олам. Муҳаммад Обиди Иршод. Чаҳорбоғи гулҳо. – С. 174-175.
[4] Абулқосими Ҷайҳонӣ. Ашкол-ул-олам // Сомониён дар оинаи таърих. – Ҷилди дуюм. – С. 66.
[5] Закариёи Қазвинӣ. Осору-л-билод ва ахбору-л-ибод. Тарҷума ва тавзеҳи Абдушукур Ғаффоров. – Хуҷанд: Хуросон, 2018. – С. 484.

Суғд, ки ба вилояти Самарқанд тааллуқ дошта, балки ба Уструшана мансуб буд”[1]. Муҳаққиқи олмонӣ Веллхаузен ҳудуди Уструшанаи кӯҳиро дар соҳили Политимет (дарёи Зарафшон) мансуб дониста, Буттамро ҳамчун яке аз мулкҳои тобеи Уструшана меҳисобад[2]. Академик Н.Неъматов низ ҷонибдори ин ақида аст[3]. Бостоншинос академик Ю.Ёқубов чунин меҳисобад, ки дар асри X Буттам ба ҳайати вилояти Уструшана дохил шуда, дар навбати худ ин вилоят ба қаламрави давлати Сомониён шомил буд[4].

Ноҳияи дигари кӯҳии Уструшана Парғар (маънояш – андар кӯҳ ё дар кӯҳ, кӯҳдоман) мебошад ва дар “Ҳудуд-ул-олам” чунин омадааст: “Парғар ноҳияест аз Бутамони миёна ва Дарёжа андар вай аст. Ва рӯди Бухоро аз ин Дарёжа равад ва андар вай обҳо дарафтад аз Бутамони миёна”[5]. Рустои Парғар бо рустои Масчо ҳамсарҳад буда, дар самти ғарбии ин русто қарор дорад. Он водии Фондарёро дар бар гирифта, ҳамчунин гирду атрофи Искандаркӯл ба ҳудуди он мансуб аст ва аз водии Зарафшон то деҳаи Оббурдон, то Қалъаи машҳури Муғ (Қалъаи Абарғар) ҳамшафат мебошад. Дар ин ҷо Паргар бо рустои Суғди Панҷакент ҳамсарҳад буд ва бо Киштутдарё, шохае аз дарёи Зарафшон ҳамшафат мебошад. Дар бораи ин русто В.В.Бартолд қайд кардааст, ки воҳа бешаҳр аст, “биноан дар болооби Зарафшон мавҷуд буда, вожаи арабии Бургар бо Паргар ва Фалгари маҳаллӣ ҳаммаъно аст”[6]. Истилоҳи суғдии Паргар аз “пар” ва “гар” баромада, маънои шаҳр, ё ин ки рустои кӯҳиро дорад[7].

Академик Н.Неъматов сарҳади ғарбии Уструшанаро то ҳудуди рустои Панҷакент меҳисобад[8]. Профессор А.Аюбов ҷонибдори ақидаи академик Н.Неъматов буда, чунин меҳисобад, ки рустоҳои Киштут ва Моғиён дар асрҳои

---

[1] Бартольд В.В. Сочинения. Т. 3. К истории орошения Туркестана. – М.: Восточная литература, 1965. – С. 97-232; Бартольд В.В. К истории орошения Туркестана. - СПб, 1914. – С. 104.
[2] Wellhausen J. Das arabische Reich und sein Sturz. – Berlin, 1902. – P. 264.
[3] Негматов Н. Уструшана в древности и раннем средневоковье. – С. 28.
[4] Якубов Ю. Якубов Ю. Паргар в VII-VIII вв.: Верхний Зеравшан в эпоху раннего средневековья. – Душанбе: Дониш, 1979. – С. 23.
[5] Ҳудуд-ул-олам: таҳиягари матн ва муаллифи пешгуфтор Абдуҷамол Ҳасанов. – С. 65.
[6] Бартольд В.В. Сочинение Т. II. – С. 169.
[7] Смирнова О. И. Вопросы топографии и топонимики верхнего Зарафшана // Труды Согдийско-Таджикской археологической экспедиции. Т. 1. – М. – Л., 1950. – С. 56-57.
[8] Негматов Н. Уструшана в древности и раннем средневековье. – С. 33.

XI-XII берун аз ҳудуди Уструшана буданд[1]. Муҳаққиқ Ш.Камолиддинов дар асоси ҳуҷҷатҳои Қалъаи Муғ Парғарро шомили Уструшанаи асримиёнагӣ медонад[2]. Ин русто ҳоло қисми ноҳияи Айниро дарбар гирифта, то замони соҳибистиқлолӣ бо номи Фалғар номгузорӣ шудааст.

Рустои дигари дар минтақаи кӯҳӣ қарордоштаи Уструшана Масчо ё Матчо (Мастчоҳ) мебошад, ки он дар "Сурат-ул-арз" ба шакли Масхо омадааст ва чунин гуфта мешавад: "аз Масхо обҳое низ ҷараён мекунад ва ба Барғар (Пағар) меравад ва бо оби Самарқанд меомезад"[3].

Академик Н.Неъматов дар тадқиқоти худ, ки ба тавсифи таърихӣ-ҷуғрофии Уструшана аз замони қадим то асри X бахшидааст, чунин менигорад: "Масчо яке аз рустоҳои бузурги Уструшана ба ҳисоб рафта, дар водии дарёи ҳамноми худ, ки дарёи Зарафшон аз он ибтидо мегирад, ҷойгир шуда буд. Рустои Масчоро аз ҷануб қаторкӯҳи Зарафшон, аз шимол қаторкӯҳи Туркистон иҳота карда, то қаторкӯҳи Олой ва деҳаи Оббурдон дар дараи танги байни кӯҳҳо доман паҳн карда буд. Аз рустои Масчо се роҳи асосӣ, яке ба шарқ ба ҷониби Асбараи Фарғона, дигар ба воситаи Бисгар ва роҳи сеюм то ба Сӯх рафта мерасид. Дар рустои Масчо шаҳр мавҷуд набуд ва тамоми маҳалҳои он аз деҳкадаҳои аҳолинишин иборат буданд"[4].

Маълум аст, ки шаҳру рустоҳои қисмати шимолу ғарбии Уструшанаи таърихӣ имрӯз ба ҳайати Ҷумҳурии Ӯзбекистон шомиланд. Аз 400 кӯшку қалъаҳои Уструшана, ки дар манбаъҳои таърихӣ ёдовар шудаанд, шумораи зиёди онҳо дар вилояти Сирдарёи Ҷумҳурии Ӯзбекистони имрӯза қарор доранд. Ёдгориҳои Кӯлтеппа, Эски Хавос, Коштеппа, Миккурғон ва ғайраҳо ба ин осори таърихӣ дохил мешаванд ва боқимондаи ҳамон ёдгориҳо мебошанд.

Хавос яке аз шаҳракҳои Уструшана ба ҳисоб рафта, дар хусуси мавзеи ҷойгиршавии он Ибни Ҳавқал чунин маълумот додааст: "мусофире, ки бихоҳад

---

[1] Аюбов А. Р. Болооби Зарафшон: ҷуғрофияи таърихӣ, топонимика // Номаи донишгоҳ. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва ҷомеашиносӣ. - № 1 (58). – Хуҷанд: Нури маърифат, 2019. – С. 16.
[2] Камолиддинов Ш. Историческая география Южного Согда и Тохаристана по арабоязычным источникам IX - начала XIII вв. –Ташкент, 1996. – С. 91.
[3] Ибни Ҳавқал. Сурат-ул-арз / Ҳудуд-ул-олам. Муҳаммад Обиди Иршод. Чаҳорбоғи гулҳо. – С. 175.
[4] Негматов Н. Историко-географические очерк Уструшаны с древнейших времен по X в.н.э. // Материалы и исследования по археологии СССР. № 37. Труды таджикской археологической экспедиции. – С. 251.

аз Зомин ба Хуҷанд ва роҳи Хавос равад, бояд аз Куркат бигзарад”[1]. Дар натиҷаи ковишҳои бостоншиносӣ маълум гардид, ки Ховас дар соҳили рости Шурбулоқсой ҷойгир шуда, ҳоло дар он ҷо истгоҳи калони роҳи оҳан вуҷуд дорад. Шаҳр аз ду қисмат иборат буда, ҳудуди умумии он беш аз 10 га аст. Сиккаҳо, сафолпораҳо ва дигар ашёе, ки дар ҷараёни ҳафриёт ба даст омаданд, ба асри Х мансубанд. Зарфҳо ва дигар сафололоте, ки дар ин ҷо бозёфт шуданд, дар бораи пешрафти ҳунари кулолгарии уструшаниҳо шаҳодат медиҳанд.

Яке аз шаҳрҳои муҳими Уструшана Дизак ба шумор мерафт. Номи ин шаҳр дар маъхазҳои асримиёнагӣ бо шаклҳои “Ҷиззак”, “Ҷиззах”, “Дизах”, “Дизақ” ва “Ҷизақ” омадааст. Вожаи “Дизак” аз ду ҷузъ: диз (диж, қалъа) ва топформанти –ак иборат буда, маънояш “дизи хурд, ё ки қалъаи кӯчак” аст[2]. Доир ба Дизак дар “Ҳудуд-ул-олам” чунин маълумоти кӯтоҳе дода мешавад: “Дизак шаҳракест андар вай оби равон аст”[3].

Ибни Ҳавқал доир ба Дизак маълумоти бештаре меорад: “Дизак шаҳре аст, ки дар ҳомун қарор гирифтааст ва рустое ба номи Фанакон дорад ва мардуми Самарқанд дар он ҷо марздорӣ кунанд ва работҳои бисёр дорад, ки муҳимитарини онҳо работи Ҳадисар дар ду фарсахии он аст. Ин работ машҳуртарини работҳои Мовароуннаҳр ва сохтаи Афшин аст.

Дар миёни он чашмаи оби ҷӯшоне аст ва ободиҳо ва мавқуфоти Афшин пеш аз рафтан ба Ироқ бад-он ҷо вақф шудааст. Ин работ наздиктарини работҳои билоди душман аст. Дизак ноҳияе аст фарохнеъмату дорои оби ҷорӣ ва боғот”[4].

Дизакро Ҷайҳонӣ тавсиф намуда, қайд мекунад, ки “шаҳрест дар замини нарм ва бад-он ҷо дарбанд нигоҳ медоранд. Ва дар он ҷо работҳо ва саройҳои бисёр аст гузаронандагонро. Бузургтар работе Ҳадсер бошад аз он ҷо ба ду фарсанг. Ва ин работест машҳуртар аз работҳои Мовароуннаҳр. Ва онро Афшин сохтааст ва наздиктар работе ба душман он аст. Дар миёни работ

---

[1] Ибни Ҳавқал. Сурат-ул-арз / Ҳудуд-ул-олам. Муҳаммад Обиди Иршод. Чаҳорбоғи гулҳо. – С. 174.
[2] Абдуҷамол Ҳасанзода. Ҷойвожаҳои қаламрави Сомониён. – С. 169.
[3] Ҳудуд-ул-олам. – С. 73.
[4] Ибни Ҳавқал. Сурат-ул-арз / Ҳудуд-ул-олам. Муҳаммад Обиди Иршод. Чаҳорбоғи гулҳо. – С. 174.

чашмаи об аст. Ва Дизакро оби равон аст, бӯстонҳо ва иморат ва зироат ва фарохии неъмату бағоят”[1].

Дар бораи Уструшанаи шимолу ғарбӣ дар сарчашмаҳои арабизабони асрҳои IX-X маълумоти бештар оварда мешавад. Ахбори таърихӣ-ҷуғрофии Истахрӣ, Ибни Ҳавқал, Муқаддасӣ, Ёқути Ҳамавӣ доир ба Уструшанаи ғарбӣ ба муҳаққиқони минбаъда имконият фароҳам овард, ки мавқеи ҷойгиршавӣ ва мақоми шаҳрҳо ва рустоқҳои дигарро ба мисли Фикнан, Харқона, Бурнамад, Нунҷикат муайян намоянд.

Харқона, ки дар сарчашмаҳо ба шаклҳои “Хазъона”, “Хазғона” ва “Чарқон” низ омадааст, аз мавзеъ ва тобеи Уструшана аст. Баъзе онро шаҳрак ва дигар русто донистаанд. Харқона дар миёни Фарғона ва Шош ҷойгир буд ва дар ҳамсарҳадии Самарқанд мавқеъ дошт, онро тобеи Самарқанд медонанд[2].

Ибни Ҳавқал дар бораи он маълумот оварда, қайд мекунад, ки “Хирқона (Харқона) ва Зомин ва Собот бар тариқи Фарғона ба Чоч воқеанд ва мусофире, ки бихоҳад аз Зомин ба Хуҷанд ва роҳи Ховас равад, бояд аз Куркат бигзарад. Аз Самарқанд ба Хирқона нуҳ фарсах аст”[3].

Аз рӯи маълумоти академик Н.Неъматов дар қисмати ҷанубу шарқии рустоҳои Фикнан ва Харқона, дар самти роҳи на он қадар тӯлонии байни Самарқанд ва Зомин рустои Бурнамад воқеъ буд. Дар асоси маълумоти Ёқути Ҳамавӣ академик Н.Неъматов чунин менигорад, ки воҳаи миёни Самарқанд ва Уструшана Бурнамад ном дошта, яке аз навоҳии Уструшана буд[4]. Мавҷуд набудани масҷиди ҷомеъро дар рустои Бурнамад маълумоти овардаи Ибни Ҳавқал собит месозад ва онро Фурнамад ном бурдааст. Ҳамчунин аз ахбори муаллифи номбурда зиёд будани қарияи Бурнамад маълум мегардад, ки чунин навиштааст: “Дигар рустои Фурнамад дар тарафи Ашрӯсана аст, ки курсӣ надорад ва шомили чанд қария аст”[5]. Доир ба рустои Бурнамад Муқаддасӣ

[1] Абулқосими Ҷайҳонӣ. Ашкол-ул-олам // Сомониён дар оинаи таърих. – Ҷилди дуюм. – С. 66.
[2] Абдуҷамол Ҳасанзода. Ҷойвожаҳои қаламрави Сомониён. – С. 458.
[3] Ибни Ҳавқал. Сурат-ул-арз / Ҳудуд-ул-олам. Муҳаммад Обиди Иршод. Чаҳорбоғи гулҳо. – С. 174.
[4] Негматов Н. Историко-географические очерк Уструшаны с древнейших времен по X в.н.э. // Материалы и исследования по археологии СССР. № 37. Труды таджикской археологической экспедиции. – С. 243.
[5] Ибни Ҳавқал. Сурат-ул-арз / Ҳудуд-ул-олам. Муҳаммад Обиди Иршод. Чаҳорбоғи гулҳо. – С. 169.

изҳор медорад, ки “Бурнамаз рустои кӯчак ва бо андак деҳаҳо [дар пушти Усрушана аст]”[1].

Зеро он дар сарҳади суғдии Яркат ҷойгир буд. Метавон чунин хулоса баровард, ки дар ин давра дар ин ҷо дини ислом ҳанӯз пурра ҷорӣ нагардида буд, ё бо сабаби нуфузи ками аҳолӣ барои бунёди масҷиди ҷомеъ зарурат набуд. Вале Муқаддасӣ рустои Яркатро бо номи Ёркат зикр намуда, онро тобеъ ва аз ҳудудҳои Уструшана медонад. Дар ин бора қайд мекунад, ки “Ёркат, болотарини рустои шимол дар марзи Усрушана аст. Аз чашмаи Соз сероб мешавад ва диж ва чарогоҳ бисёр дорад. Киштзорҳояш покизаанд”[2]. Маълумотҳои мавҷуда собит месозанд, ки бо сабаби камобӣ дар Бурнамад заминҳои зиёди корам вуҷуд надошт.

Академик В.В.Бартолд ба чунин хулоса омадааст, ки дар ҷои рустои Бурнамад ҳоло деҳаи Санҷафин ҷойгир аст[3]. Академик Н.Неъматов қайд менамояд, ки эҳтимол дар ҳудуди рустои Бурнамад ҳоло деҳаҳои Пшагар, Курпа ва Тайлон ҷойгиранд[4]. Дар асоси ин маълумотҳо метавон гуфт, ки ин рустоҳои Уструшана дар қисмати ғарбии вилоят мавҷуд буда, ҳафриётҳои бостоншиносии дар он ҷо гузарондашуда ин далелро асоснок мекунанд.

Дар натиҷаи ҳафриётҳои бостоншиносӣ дар ин минтақа якчанд осори иншоотҳои обёрикунӣ кашф гардиданд. Дар ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодии ин минтақа рӯдҳои Сангзор ва Равотсой нақши калон доштанд. Сангзор аз лиҳози бузургии худ дарёи мақоми аввалдошта дар вилояти Ҷиззах ба ҳисоб меравад, ки бозёфтҳои бостоншиносии дар соҳили он бадастомада онро собит намуданд. Тибқи маълумотҳои бостоншиносӣ дар ин ҷо 4 ноҳияи обёришавандаро ҷудо кардан мумкин аст: Сангзорсойи Боло, Сангзорсойи Миёна, Сангзорсойи Поён, Килин ва Равотсой. Осори мавҷуда ба тариқи гурӯҳбандии якҷоя мавҷуд буда, ба минтақаҳои шаҳрнишин ё деҳкадаҳои калон ба шакли кӯшкҳо рабт доранд[5].

---

[1] Абдуллоҳ Муҳаммад ибни Аҳмади Муқадасӣ. Аҳсану тақосим фи маърифа ал-ақолим. – С. 168.
[2] Ҳамон ҷо. – С. 168.
[3] Бартольд В. Туркестан в эпоху монгольского нашествия. Часть 2. – С. 130.
[4] Негматов Н. Историко-географические очерк Уструшаны с древнейших времен по X в.н.э. //Материалы и исследования по археологии СССР. № 37. Труды таджикской археологической экспедиции. – С. 241.
[5] Пардаев М. Х. Северо-Западная Уструшана в эпоху раннего средневековья: по материалам нижнего течения р.Сангзар: автореф. дис. ... кан. ист. наук: 07.00.06 / Пардаев Мухтаркул Хасанович. – С. 7.

Шаҳри дигари Уструшана дар самти Харқона ва ҷанубии рустои Бурнамад воқеъ гашта буд, шаҳри Нуҷикат мебошад (номи яке аз чор дарвозаи Бунҷикат аз он гирифта шуда, дар "Сурат-ул-арз"-и Ибни Ҳавқал дарвозаи Навҷикат омадааст). Ҷуғрофидонҳои асримиёнагӣ масофаи байни Харқона ва Нуҷикатро 2 фарсах (15 км)-ро нишон додаанд. Рустои Нуҷикат дар маҳали имрӯзаи Муғал ва Бахмал воқеъ буд[1].

Дар водии Зоминсой рустоҳои Вакр (Бакр), Бангам, Бискар, (Бискун), Шағар (Бушгар) ҷойгир буданд. Барои муайян кардани мавқеи ҷойгиршавии онҳо чунин маълумот – мавҷудияти имрӯзаи деҳаи Пшагар, наздик будани кӯҳи Шаудар ва дар доманакӯҳи он ҷой доштани рустои Шағар далел шуда метавонад[2].

Тибқи ахбори сарчашмаҳои асримиёнагӣ, бозёфтҳои бостоншиносӣ ва тадқиқотҳои муҳаққиқон дуюмин шаҳри бузурги Уструшана баъд аз Бунҷикат шаҳри Зомин ба шумор меравад.

Муқаддасӣ дар бораи дуюмин шаҳри Уструшана чунин ишора кардааст: "Зомин дар ду канораи рудхона аст, ки аз миён мегузарад ва пулҳои кучаки онҳоро ба якдигар мерасонад. Ҷамъ дар самти рост кас аст, ки ба сӯи Самарқанд равад. Бозорҳо дар ҳар ду сӯ ҳастанд. Шаҳр канори ҷода аст"[3].

Муаллифи "Ҳудуд-ул-олам" онро чунин тавсиф намудааст: "Зомин шаҳрест ба роҳи Хуҷанд ва Фарғона ва аз Сӯрушона аст. Ва андар вай ҳисорест маҳкам. Ҷои кишт ва барзи бисёр"[4]. Ибни Ҳавқал доир ба Зомин чунин менигорад: "пас аз Ушрӯсана (Бунҷикатро дар назар дорад. –С.М.) дувумин шаҳри бузург Зомин аст, ки дар тариқи Фарғона ва Суғд воқеъ аст ва номи дигари он Савсандеҳ аст.

Зомин шаҳри қадимӣ дошта, ки акнун вайрон аст, бозору масҷиди ҷомеъ ва анҷумани мардум ба Савсандеҳ мунтақил шудааст. Шаҳр тозабунёд, бору

---

[1] Негматов Н. Историко-географические очерк Уструшаны с древнейших времен по X в.н.э. // Материалы и исследования по археологии СССР. № 37. Труды таджикской археологической экспедиции. – С. 247.
[2] Негматов Н. Уструшана в древности и раннем средневековье. – С. 41.
[3] Абдуллоҳ Муҳаммад ибни Аҳмади Муқадасӣ. Аҳсану тақосим фи маърифа ал-ақолим. – С. 167.
[4] Ҳудуд-ул-олам. Таҳиягари матн ва муаллифи пешгуфтор Абдуҷамол Ҳасанов. – С. 64.

(девор) надорад ва мусофироне, ки аз Суғд то Фарғона раванд, дар он ҷо манзил кунанд. Ин шаҳр оби ҷорӣ, боғҳо ва токистонҳо ва музореъ дорад"[1].

Ҷайҳонӣ доир ба шаҳри Зомин чун дувумин шаҳри Уструшана чунин маълумот додааст: "наздик бад-ин шаҳр дар бузургӣ – Зомин. Ва он ба роҳи Фарғона аст ва Суғд. Ва онро шаҳрест ва ин мавзеъ қадимӣ ва хароб шудааст. Ва ин мавзеи навро бора нест. Манзури гузаронандагон аст аз Суғд ба Фарғона. Онро оби равон аст ва бӯстон ва разҳои бисёр ва зироат ва иморати тамом"[2].

Аз ахбори сарчашмаҳои зикршуда ва маълумоти бозёфтҳои бостоншиносӣ маълум мегардад, ки Зомин яке аз шаҳрҳои бузурги Уструшана маҳсуб ёфта, сокинони он бо ҳунармадӣ, тиҷорат, кишоварзӣ, хосатан боғдорию ангурпарварӣ машғул буданд.

Яке аз дигар шаҳрҳои қаламрави вилояти Уструшана, ки тибқи маълумоти осори муаррихон ва ҷуғрофиёдонҳои асримиёнагӣ маълум мегардад, Собот мебошад. Муаллифони манбаъҳои таърихӣ онро ҳам ба таври шаҳр (Истахрӣ, Ибни Ҳавқал, Ҷайҳонӣ, Ёқут) ном бурдаанд ва ҳам шаҳрак (Муқаддасӣ, муаллифи "Ҳудуд-ул-олам"). Шаҳри Собот баробари дигар шаҳрҳои асримиёнагии Уструшана аз марказҳои фарҳангиву маданӣ ва тиҷоратӣ маҳсуб ёфта, соҳибони осор нисбат ба он иборахои "шаҳре обод", "шаҳраке маъруф", "балдаи маъруф" ва монанди онҳоро ифода намудаанд. Собот дорои обҳои равон буда, боғу бӯстонҳо онро фаро гирифта будааст.

Истахрӣ дар асари худ қайд мекунад, ки "Собот шаҳре аст маъруф дар Мовароуннахр дар наздикии Ушрусана"[3].

Муқаддасӣ қайд мекунад, ки "Собот ободон аст. Бештар бозорҳояш бо сақфе кӯтоҳ пӯшида, чашмаи оби равон дорад, ки боғҳои пиромани онанд. Роҳҳои атроф дар он ҷо ба ҳам мепайванданд"[4].

Доир ба Собот академик Н.Неъматов менигорад, ки дар Собот аҳолии зиёд маскун буд ва баъзе муаллифони сарчашмаҳо онро шаҳр, баъзеи дигар деҳкада

[1] Ибни Ҳавқал. Сурат-ул-арз / Ҳудуд-ул-олам. Муҳаммад Обиди Иршод. Чаҳорбоғи гулҳо. – С. 173.
[2] Абулқосими Ҷайҳонӣ. Ашкол-ул-олам // Сомониён дар оинаи таърих. – Ҷилди дуюм. – С. 65-66.
[3] Абу Исҳоқ Иброҳим Истахрӣ. Масолик ал-мамолик. – С. 257.
[4] Абдуллоҳ Муҳаммад ибни Аҳмади Муқадасӣ. Аҳсану тақосим фи маърифа ал-ақолим. – С. 167.

меномиданд. Атрофи он боғот буда, он дар роҳи Фарғонаву Суғд ва роҳи дуюм аз он ба пойтахти вилоят – Бунҷикат рафта мерасид, ҷойгир буд[1].

П.С.Скварский аз маҳалли ҷойгир будани шаҳри Соботи асримиёнагӣ хабар дода, қайд мекунад, ки Собот дар маҳалли Эски-Сават (Соботи куҳна), тахминан дар даҳкилометрии маҳалли имрӯзаи Сават ҷойгир аст[2].

Дар асоси сарчашмаҳо профессор Н.Раҳимов доир ба шаҳри Собот маълумот медиҳад, қайд карда мешавад, ки "баъди шаҳри Зомин дар роҳи Хуҷанд шаҳри Собот ҷойгир буд. Тибқи ахбори сарчашмаҳо дар шаҳр бозори болопӯшида ва корвонсаройҳои бисёр мавҷуд буд.

Аз Соботи асримиёнагӣ шаҳраки (ёдгории археологӣ) Култепа (дар масоҳати 40 га) боқӣ мондааст, ки дар масоҳати 3.5-4 км шимолу ғарбии минтақаи имрӯза аҳолинишини Сават ҷойгир мебошад. Шаҳраки Култепа бисёрқабата буда, аз боқимондаҳои ҳунари косибӣ маълумот медиҳад"[3]. Дар ин бора муҳаққиқони дигар низ маълумот медиҳанд[4].

Кофтукови археологии Култепа маълумотҳои зиёдеро доир ба таърихи ин шаҳр манзур месозад. Бисёр далелҳо дар бораи нақши шаҳр оид ба роҳи тиҷоратӣ ва пайвандҳо бо вилоятҳои дигар, ки аз зарфҳои хӯроквории бозёфткардаи бостоншиносон маълум мегардад, аз сифати баланди ҳунармандии кӯлолгарон дарак медиҳад[5].

Ҳамчунин дар Уструшанаи шимолӣ, ки бештари он ба вилояти Сирдарё воқеъ аст, аз ҷониби бостоншинос А.А.Гритсина[6] ҳафриётҳои археологӣ гузаронида шуда, мавҷуд будани ёдгориҳои Шурбулоқсой, Хоҷамушкенсой,

---

[1] Негматов Н. Историко-географические очерк Уструшаны с древнейших времен по X в.н.э. // Материалы и исследования по археологии СССР. № 37. Труды таджикской археологической экспедиции. – С. 248

[2] Скварский П.С. Несколько слов о древностях Шахристана // Среднеазиатский вестник, 1896. – окт. – С. 50.

[3] Рахимов Н.Т. Урбанизация Средней части бассейна Сырдарьи: 1 тыс. до н.э. – середина II тыс. н.э: дис. … д-ра ист. наук: 07.00.06 / Рахимов Набиджон Турдиалиевич. – С. 176.

[4] Грицина А.А., Сверчков Л.Археологические исследования в Сырдарьинской области // ИМКУ. – Вып. 23. – Ташкент, 1990. – С. 117-119.

[5] Грицина А.А. Средневековый Сабат: к проблеме планировки и динамики развития городской территории // Зоны и этапы урбанизации: город и процесс урбанизации в Средней Азии: тезисы докладов регинальной конфиренсии. – Наманган, 1989. – С. 124-125.

[6] Грицина, А.А. Северная Уструшана в середине I тысячелетия до н.э. – начале XIII в.н.э. (археолого-топографическое исследование): автореф. дис. … кан. ист. наук: 07. 00. 06/Грицина Аликсей Андреевич. – С. 6-7.

Муғолсой, Тагобсой, Сармичсой ва дар маҷмӯъ 125 адад ёдгориҳоро номбар менамояд.

Академик Н.Неъматов қайд мекунад, ки Соботи асримиёнагӣ монанди Зомин қалъаи (фортификасияи) беруниро доро набуд. Дар байни шаҳр ва деҳот деворҳои ҳамдигарро тақсимкунанда набуданд. Пас маълум мешавад, ки Соботро деворҳо не, балки боғҳо иҳота кардаанд, ки дар сарчашмаҳо зикри он дар қатори шаҳрҳои Уструшана рафтааст.

Хулоса, Уструшана яке аз минтақаҳои қадимтарини маданияти зироаткорӣ, ҳунармандии Мовароуннаҳр буда, аз ҷиҳати масоҳат хеле пурвусъат ба ҳисоб мерафт. Ҳудуди он дар ҷануб сарзаминҳои байни қаторкӯҳҳои Туркистон ва Ҳисор, дар шимол марзи Мирзочӯл ва Сирдарёро дар бар гирифта, дар шарқ бо рустои Асбараи (ҳоло Исфара) Фарғона ва дар ғарб бо Самарқанд ҳамҳудуд буд. Мавқеи мусоиди ҷуғрофии Уструшана, сарватҳои ғанӣ, иқтидори иқтисодии он барои рушди кишоварзӣ, ҳунармандӣ, фарҳанг шароит ва имкониятҳои мувофиқро фароҳам оварда, барои ба яке аз минтақаҳои пешрафтаи Мовароуннахр табдил ёфтани он замина гардид. Дар баробари ин шароит ва мавқеи ҷуғрофии вилояти Уструшана ва шаҳру рустоҳои он ба ҳаёти сиёсӣ, маъмурию идорӣ ва тиҷорату савдои минтақа мусоитад менамуд.

## 1.2. Топоними “Уструшана” ва тафсири он

Шарҳу тафсири илмии вожаҳои ҷуғрофӣ, мазмун ва моҳияти номи ин ё он маҳал, мавзеъ яке аз мавзӯъҳои душвор ва баҳсангез буда, тадқиқоти якҷояи муаррихон, этнологҳо, забоншиносон, ховаршиносон, маъхазшиносон ва дигар равияҳои илмҳои ҷомеашиносиро тақозо менамояд.

Номвожаи “Уструшана” аз ин истисно нест ва дар атрофи он низ баҳсу мунозира ва ақидаҳои мухталиф дар сарчашмаҳои таърихӣ, ҷуғрофӣ, адабӣ ва осори муҳаққиқони давраҳои гуногун вомехӯранд. Маълумоти маъхазҳои таърихӣ, ҷуғрофӣ, адабӣ ва осори муҳаққиқони гуногун доир ба вожаи “Уструшана” мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода шавад.

Вожаи “Уструшана”-ро дар шаклу усули гуногун ва талаффузи он, аз ҷумла “Сурушан”, “Сурушана”, “Суйдушана”, “Уструшаник”, “Уструшан”, “Уструшана” ва “Истаравшан” ва ғайра дар қадимтарин осори хаттии ниёгони мо, ахбори муаррrихони давраи антиқа, сарчашмаҳои таърихӣ, ҷуғрофӣ, адабии асримиёнагӣ ва осори муҳаққиқони ватанӣ, хориҷӣ дучор шудан мумкин аст.

Пеш аз ҳама, ба шумули яке аз маъхазҳои муҳим, ёдгории динию фарҳангӣ, сарчашмаи нодири таърихӣ, нахустқомуси мардуми ориёӣ, китоби муқаддаси оини зардуштӣ “Авесто”-ро бояд номбар намуд. Дар қисмате аз абёти “Яштҳо”-и он сурудҳо дар васфу ситоиши фариштагон оварда мешавад, зикри номи Уструшана омадааст.[1]

Бино бар ақидаи мардумшинос, профессор Н.Турсунов, “калимаи “Суруш” шакли авастоии Уструшана – Истаравшан мебошад”[2]. Ба андешаи бостоншинос Ю.Ёқубов, “Рашан”, “Равшан” Эзид ё Худои авастоист, ки пуштибону ҳомии вилоят буда, макони худои Равшан аст ва дар Суғду Уструшана ин язд хеле машҳур буд[3].

---

[1] Авасто.Яшти Меҳр / Садои Шарқ. – 1985. - № 3. – С. 94.

[2] Назирҷон Турсуни Хуҷандӣ. Истаравшан. Шарҳи мухтасари таърихию этнографӣ. – Душанбе: Ирфон, 1992. – С. 9.

[3] Яъқубов Ю. Тавсифи номи шаҳрҳои Истаравшан // Фарҳанг. -2002. - № 7-8.– С.45.

Доир ба истилоҳҳои ҷуғрофии “Уструшана” дар асотир (мифология), нақлу ривоёт, афсона, эҷодиёти шифоҳии мардум низ маълумот ва ахбори ҷолиб оварда мешавад, ки баъзе аз онҳо дар байни мардум имрӯз ҳам маъмул аст.

Гӯё яке аз духтарони шоҳони Каёнӣ – Гуштосп, ки “Равшан” ном дошт, бемор мешавад. Бо тавсияи табибон бояд ӯ макони зисти худро иваз намуда, барои табобат ба минтақаи хушбоду ҳавое рафтанаш лозим буд. Ӯро ба Уструшана меоранд ва насими хушу серун ва боду ҳавои мусоиди ин минтақаи Варазрӯд ба духтари шоҳи Каёнӣ хуш меояд ва ӯ табобат меёбад. Аз падар хоҳиш менамояд, ки дар ин макон шаҳре бино намояд ва ҳамин тавр Истаравшан бунёд гардид. Топоними Уструшана гӯё аз номи шоҳдухтар Равшан бармеояд, ки аз ду ҷузъ “ист” - аз феъли “истод”, “истодан” гирифта шуда, қисми дигар “Равшан истод”, “Равшан таваққуф намуд”-ро дорад[1]. Баъзе олимон чунин андеша доранд, ки гӯё Равшан духтари Дорои I (522-486) шоҳи Ҳахоманишиҳо бошад.

Ҳаминро бояд ба назар гирифт, ки дар замони ҳукмронии Доро дар ин минтақа шаҳр аллакай бино гардида, бо номи “Куркат” (дар осори олимон ба шакли “Куркас”, “Курушкада”, “Киропол” ва ё “Кирэсхата” низ омадааст) маълум буд. Куркат аз тарафи Куруши Кабир (558-530 т.м.) бунёд гардида буд ё не, дар ин бора низ маълумотҳои гуногун мавҷуд аст[2].

Дар сарчашмаҳои таърихию ҷуғрофии баъди аз ҷониби Искандари Мақдунӣ (с.329 т.м.) истило шудани Осиёи Миёна истилоҳи “Курушкада” (“Киропол” ва “Кирэсхата”) вомехӯрад. “Ин номгузорӣ - мегӯяд, академик А.Мухторов, - тақрибан 700 сол давом мекунад. Танҳо дар асри IV мелодӣ ва баъди он вилояти мазкур дар асарҳои воқеанависон ва сайёҳони чинии сулолаи

[1] Аюбов А.Р. Топонимы Уструшаны как источник по истории и культуры. – С. 17.
[2] Дар ин бора ба асару мақолаҳои зерин таваҷҷӯҳ шавад: Мухторов, А. Курушкада, Истаравшан, Уротеппа/А.Мухторов. – Душанбе: Амри илм, 2000. – 100 с; Мухторов А. Гузары Ура-Тюбе. – Тошкент: Чулпон, 1995. – 143 с.; Ёқубов Ю. Тавсири номи шаҳрҳои Истаравшан// Фарҳанг. -2002. - № 7-8.– С.41-47; Ғафуров Б. Тоҷикон. Таърихи қадимтарин, қадим ва асрҳои миёна. – Китоби 1. – Душанбе: Ирфон, 1983. – 700 с.; Довуди Д. Кир Великий и проблема основания города Кирополя // Роль Истаравшана в истории цивилизации народов Центральной Азии. – Душанбе, 2002. – С. 113-114; Довудӣ Д. Сиккаҳои Истаравшан // Фарҳанг. – 2002. – № 7-8. – С.45; Муҳтарам Ҳ. Тахмине дар маънои Истаравшан ва Курката // Фарҳанг. – 2002. - № 7-8.– С. 50-51; Ёқубов Ю. Ӯротеппа чӣ маъно дорад // Тоҷикистони советӣ. – 1990. – 12 янв.

Вай (с. 386-581), Суй (с. 581-618) ва Тан (с. 618-907) бо номҳои гуногун, аз ҷумла “Суйдушана”, “Саои Шарқӣ” ва ғайра зикр ёфтааст”[1].

Сюан-Тзян ин ноҳияро “Сутулисана” номидааст ва хабар дода, масоҳати онро 1400 – 1500 ли қайд кардааст. Сарҳади шимолии он дарёи бузургест ва дар тарафи шимолу ғарбии ноҳия биёбони бекарони бе обу алаф ҳаст. Тадқиқоти академик Н.Неъматов низ онро тасдиқ мекунад[2].

Дар ҳуҷҷатҳои суғдии Қалъаи Муғ номвожаи “Уструшана” оварда шудааст. Забоншинос, суғдшиноси маъруф В.А.Лившитс онро y*strwnk* (Уструшаник) ва *ystwsuk* – Уструшана тарҷума кардааст[3] ва маълум мешавад, ки шакли суғдии калима “Уструшанк” мебошад. Аз ҳуҷҷатҳои суғдӣ бармеояд, ки дар ибтидои асрҳои миёна вилояти мазкур “Уструшана” ном дошта, минбаъд ҳарфи “к” ё “т” аз он соқит гардидааст.

Ҳамин тавр, маълум мешавад, ки шакли асосии суғдии калима “Уструшанк” мебошад[4]. Дар ин ҳуҷҷатҳо комилан исбот шудааст, ки дар ибтидои асрҳои миёна вилояти мазкур “Уструшана” ном дошта, минбаъд ҳарфи “к” ё “т” соқит гардида[5], дар баъзе сарчашмаҳои таърихӣ-ҷуғрофӣ унвони вилоят ба шакли Усрушана омадааст.

Топоними Уструшана дар замони ҳуҷуми арабҳо ба Мовароуннаҳру Хуросон дар асари Балозурӣ “Футуҳ-ул-булдон” инъикоси худро ёфтааст. Дар ин сарчашма воқеаҳои гуногуни сиёсӣ-иҷтимоии замон, аз ҷумла доир ба Афшин Ҳайдар ибни Ковус, ки аз ҳокимони Уструшана буд, маълумот мавҷуд аст. Дар ин сарчашмаи нодири таърихӣ низ номи вилоят ба таври “Уструшана” омадааст, вале шарҳу эзоҳи маънои он ба назар намерасад[6].

---

[1] Мухторов, А. Курушкада, Истаравшан, Уротеппа. – С. 16.
[2] Негматов Н.Н. Уструшана в древности и раннем средневековье. – 15-25; Неъматов Н. Асрори Истаравшан. – С. 3-5.
[3] Согдийские документы с горы Муг. Чтение перевод, коментарий. – Вып. II (Юридические документы и письма). Чтение перевод, коментарии В.А.Лившица. – М.: Изд-во вост. лит, 1962. – С. 24.
[4] Яъқубов Ю. Тавсифи номи шаҳрҳои Истаравшан// Фарҳанг. - № 7-8. -2002. – С.43-44.
[5] Согдийские документы с горы Муг. Чтение перевод, коментарий. – Вып. II (Юридические документы и письма). Чтение перевод, коментарии В.А.Лившица. – Москва: Издателство восточной литературы, 1962. – С. 24; Аюбов А.Р. Топонимы Уструшаны как источник по истории и культуры. – С. 14.
[6] Ахмад ибн Йхйа ибн Джабир ал-Балозури. Футух ал-Булдон/Пер.с арабского предслове, комментарий и указатели Г.Гоибова. – Душанбе: Дониш, 1987. – С. 97.

Дар баробари дигар манбаъҳои ҷуғрофии асримиёнагӣ дар асари “Масолик ва мамолик”-и Ибни Хурдодбеҳ роҷеъ ба вилояти таърихии Уструшана маълумот оварда мешавад. Дар ин асари муаллиф доир ба таърихи сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, этнографӣ ва фарҳангии шаҳрҳои Осиёи Миёна, аз ҷумла вилояти Уструшана хабар медиҳад. Ибни Хурдодбеҳ дар ҷараёни гузоришоти худ аз топоними Уструшана сухан ронда, чанд шакли онро зикр кардааст. Аз ҷумла, ӯ “Усрушана”, “Ушрусан”, “Шарусана”, “Осрушана”-ро ишора менамояд[1]. Муаллиф шаклҳои гуногуни номи вилоятро истифода бурдааст, вале доир ба моҳият ва мазмуни номвожа ягон маълумот наовардааст. Маълум мешавад, ки муаллиф ҳангоми иқтибос аз сарчашмаҳои қаблӣ ба тағйироти он даст назадааст.

Ҳамин тариқ, дар сарчашмаҳои таърихӣ, ҷуғрофӣ ва адабӣ топоними Уструшана ба шаклҳои гуногун оварда мешавад. Дар ин бобат профессор С.Абдуллоев ба хулосае омаду чунин менигорад: “Топоними мазкур дар маохизи ҷуғрофии қурни вусто ба гунаҳои мухталиф: Усрушана, Сурушана ва монанди инҳо дучор шуда, ҳатто дар таълифоти айни як муаллиф чанд мувозаи он ба назар мерасад”[2]. Маълум мешавад, ки муаллифони сарчашмаҳои гуногун топоними шунидаашонро аз манбаъҳои пешин чӣ гуна ки ҳаст, ҳамон тавр истифода бурдаанду ба шаклу асли он таваҷҷӯҳ зоҳир накардаанд.

Ховаршиносон А.М.Беленитский, И.Бентович, О.Болшаков ин вилояти таърихиро бо истилоҳи Усрушана ном мебаранд[3]. Шарқшинос, вожашиноси номӣ О.И.Смирнова истилоҳи Уструшанаро шарҳу тафсир намуда, чунин ақида дорад, ки “уст”, “ист” маънои “боло”, “олӣ”, “олитар” ва вожаи “равшан” ва ё “рушон” ба номи фариштаи рӯзи ҳаждаҳуми тақвими авестоӣ “Равшан” мутааллиқ аст. Истилоҳи “равшан” маънои одил, ё худ фариштаи адлу адолатро

[1] Ибн Хурдадбех. Книга путей и стран // Перевод с арабского, комментарии, исследование, указатели и карты Н.Велихановой. – Баку: Элм, 1986. – С. 65,68,133,183,194-195.
[2] Абдуллоев, С.Фарҳанги Сомониён. – М.: Шӯъбаи чаҳоруми нашриёти ҳарбӣ, 2001. – С. 105.
[3] Беленицкий А.М., Бентович И., Болшаков О. Средневековой город Средней Азии. – Ленинград: Наука, 1973. – С. 190-192.

дошта, ҳомии ин вилоят ба ҳисоб мерафтааст”[1]. Бостоншиноси номӣ академик Ю.Ёқубов[2] ақидаи О.И.Смирноваро ҷонибдорӣ менамояд.

Бояд ёдовар шуд, ки ба андешаи муҳаққиқ Ю.Ёқубов, пайдоиши ин вожа ба қарнҳои тӯлонии пеш аз солшумории мо рост меояд. Он аз ду қисмат “ист” ва “уст” ҳаммаъно буда, ифодакунандаи “боло”, “олӣ” ва “олитар” аст ва “Равшан” исми фариштаи 18-уми тақвими авастоӣ – Равшан мебошад. Чунонки маълум аст, дар гузашта вилоятҳо ва ноҳияҳо сарпарастони ҳимоятгари худ, фариштагон – худоёни авастоӣ доштанд. Масалан, гӯё шаҳри Зомини Уструшана аз Худои Замин бо Зомиёд ва Панҷу-Панҷакат (Бунҷикат) бошад, аз тарафи Худо бо номи Нана сарпарастӣ карда мешуд. Аз ин ҷост, Уструшанаро фариштаи росткор, ростгӯй, ростқавл, дорандаи тарозу, санҷандаи аъмоли фавтидагон дар пули Чанвод-Сирот Равшан парасторӣ мекард[3].

Бостоншинос, профессор А.Мирбобоев бар он ақида аст, ки вожаи мазкур ба худ номи маъбади авастоии Сурушро гирифтааст, ки он фариштаи рӯзи ҳабдаҳумро тақвими эронӣ ҷой дода шуда буд. Суруш ё Сурушрӯз фариштаи ҳомӣ ва мададгори одамон дар шаби тор маҳсуб меёфт. Бо гузашти вақт ин вожа ба “Сурушна” ва минбаъд “Усрушна” ё “Истаравшан” табдил меёбад ва номи вилояти таърихиро ифода мекунад[4].

Тавре қайд гардид, профессор Н.Турсунов, дар хусуси номи Уструшана сухан ронда, асли ин вожаро аз сарчашмаи қадимаи ориёӣ “Авасто” медонад. “Авасто”, ки маҳсули эҷоди сарзаминҳои скифу туронии осиёимиёнагӣ мебошад, Уструшана низ шомили ин сарзамин буд. Шеъру сурудҳои алоҳидаи ин манбаъ роҷеъ ба таъриху фарҳанг ва шаҳрҳои Ориёзамин бахшида мешавад. Гумон меравад, ки суруд дар васфи фариштагон, ба хусус доир ба “Митра”-и қисмати яштҳои “Авасто” ба Истаравшан бахшида мешавад. Н.Турсунов бо ин

[1] Смирнова О.И. Вопросы исторической топографии и топоннмики Верхнего Зеравшана // Материалы и исследования по археологии СССР. - 1950. - №15. - С.56-60.
[2] Яъқубов Ю. Тавсифи номи шаҳрҳои Истаравшан // Фарханг. -2002. - № 7-8.– С.44; Яъқубов Ю. К исторической топонимике городов Уструшаны //Роль Истаравшана в истории цвилизации народов Центральной Азии. – С. 94-97.
[3] Яъкубов Ю. К исторической топонимике городов Уструшаны // Роль Истаравшана в истории цвилизации народов Центральной Азии. – С. 94-97; Яъқубов Ю. Тавсифи номи шаҳрҳои Истаравшан// Фарҳанг. -2002. - № 7-8.– С.44.
[4] Мирбабаев, А.К. Дахмаки Курката: раскопки и исследования: материальная культура Уструшаны. – Вып. 6 // Древняя Уструшана: города, их локализация и хронология. – Душанбе: Ому, 2003. – С. 446.

далел менависад, ки асоси номи таърихии Уструшана – “Ситораи равшан” дар шеъру сурудҳои парокандаи “Авасто”, ки то замони мо омада расидааст, зиёд оварда мешавад[1].

Дар тадқиқоти профессор Н.Раҳимов топоними Уструшана ба шаклҳои гуногун: “Уструшана”, “Истаравшан”, “Ӯротеппа” номбар карда мешавад. Таҳлили дақиқонаи топоними Уструшана аз лиҳози забоншиносӣ дар тадқиқоти мавсуф мушоҳида намешавад ва бештар ба масъалаи ҷойгиршавӣ ва маскуншавии аҳолии миёнаоби дарёи Сир ва масъалаи ёдгориҳои археологии ин шаҳри бостонӣ аҳамият дода мешавад[2]. Аз ҷониби дигар профессор Н.Раҳимов вобаста ба марҳилаи номгузории вилоят дар тадқиқоти худ онро мавриди истифода қарор додааст.

Дар ҳамаи шаклҳои истифодашуда “Уструшана” - мегӯяд, А.Аюбов, - аз ду қисмат: “уст/р” - маънои ситора, фаришта ва “равшан” (“рашн”) – маънои равшан, рӯшноиро ифода мекунад, дучор шудан мумкин аст[3].

Ба андешаи забоншинос А.Абдунабизода, сарнавишти номи Уструшан ба асотири мардуми ориё мансуб буда, макон ва сарзамини Худои Рӯшноӣ мебошад, зеро он сарзамини паҳновареро дар бар гирифта соҳибихтиёр буд ва бар зидди ғосибонаш Курушу Искандар, арабу турку муғулони бадавӣ саҳифаҳои дурахшон дорад. Мардумонаш Худои рӯшноӣ, некӣ Аҳурамаздо (Ҳурмузд)-ро парастиш мекарданд ва дар оташкадаҳо намоз оварда, мардумро ба сулҳу сафо мехонданд, то ки пиндору гуфтору кирдорашон нек бошаду ақлу хирад, ростиву адолат, ҳақиқат ва нерӯҳои рӯшноӣ бар торикӣ, нерӯҳои бадӣ-Аҳриман пирӯз гарданд[4]. Ёдгориҳои аз тарафи бостоншиносон бозёфтшуда аз Бунҷикат гувоҳи он аст, ки уструшаниҳо рамзи муборизаи некии худро дар деворҳо мекашиданд, ки он дар “Шоҳнома”-и Фирдавсӣ омадааст.

---

[1] Назирҷон Турсуни Хуҷандӣ. Истаравшан. Шарҳи мухтасари таърихию этнографӣ. – С. 9.

[2] Рахимов Н. Урбанизация средней части бассейна Сырдарьи/I тыс.до н.э. – середина II тыс. н.э./ авт. д.и.н.: 07.00.06. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2007. – 39 с.; Рахимов Н.Т. Археологическая стратиграфия Ура-тюбе / Матириальная культура Уструшаны. – Вып. 6//Дрешняя Уструшана: города, их локализация и хронология/материальная культура Уструшаны. – вып. 5-8. – под. общ. ред. Н.Негматова. – Душанбе: Ому, 2003. – С. 137-266.

[3] Аюбов А.Р. Топонимы Уструшаны как источник по истории и культуры. – С. 18.

[4] Абдунабизода А. Истаравшан // Тоҷикистон. – 1994. - №№ 1-2.– С. 12.

Дар мақолаи нависанда М.Ҳотам ба оин ва адабиёти ведоӣ иртиботе доштани асли вожа асоснок карда мешавад. Аз ҷумла, гуфта мешавад, ки номи Сурушан – Усрушана ба номи эзид, ё худ эзидбону, яъне олиҳаи лаҳзаи қабл аз субҳдам дар оини ведоӣ марбут аст. Шаклҳои номи ин эзид дар миёни халқҳо ва адабиётҳои мухталиф "Ушас", "Ауша", "Утро", "Uasar", "Usar", "Usra", "Аусар"-(ӣ) дучор шудан мумкин аст[1].

Ҳамин тавр, метавон гуфт, ки топоними Уструшан маънои рӯшноӣ, мавзеи равшаниро нишон дода, дорои табиату иқлим ва боду ҳавои хуш, чашмаву обҳои мусаффо ва шифобахш, инчунин минтақаи ҷуғрофии офтобрӯяро мемонад. Таҳлилҳо собит месозанд, ки Уструшана топонимест, ки тамоми қаламрави вилоятро ифода мекард.

Яке аз масъалаҳои муҳим ин номи шаҳр ё вилояти будани топоними "Уструшана" аст. Доир ба ин масъала дар манбаъҳои хаттӣ маълумот мавҷудпанд. Сайёҳи сулолаи Тан Сюан Тзан (солҳои 602-664) дар қайдҳои сафарномаи худ аз вилояти Уструшана ёдовар шудааст. Дар соли 629 ба Вароруд, аз ҷумла ба Уструшана сафар намуда, Сюан Тзан Уструшанаро ба шакли "Судулисэна" қайд намуда, атроф, яъне ҳудуди онро 1400-1500 ли (1 ли баробар ба 6 км$^2$) ҳисобидааст[2].

Шарқшинос, сайёҳ ва чиншиноси рус И.Я.Бичурин маълумоти солномаи Таншуро ҷамъоварӣ намудааст, ки дар ин ахбор чунин омадааст: "мулки шарқии Саоро бо чор ном – Шуайдушана, Суйдуйшана, Кобогуюяна ва Судучисини ном мебурданд. Аз пойтахти Саои шарқӣ (Уструшана дар назар аст) дар самти шимолу шарқ то Гючанти (Хуҷанд) 200 ли дар шимол то Ши (Тошканд), дар ғарб то Хан (Самарқанд) ва аз шимолу шарқ то Нин-юан (Фарғона) 400 ли, ба ҷануб то Тухуло (Тахористон) 500 ли масофа аст[3].

---

[1] Муҳтарам Ҳотам. Тахмине дар маънои Истаравшан ва Курката // Фарҳанг. – 2002. - № 7-8. – С. 48-49.
[2] Сюань-цзан Записки о западных странах [эпохи] Великой Тан (Да Тан си юй цзи). Пер. и коммент. Н.В. Александровой; Ин-т востоковедения РАН. — М.: Вост. лит., 2012. — 463 с.
[3] Бичурин Н.Я. (Иокинф). Собрание Сведений о народах, обитавших в Средней Азии в древние времена. Том 1. – С. 312.

Ҳамчунин доир ба сарҳади Уструшана манбаи дигари чинӣ қайд менамояд, ки ҳудуди он аз ғарб ба шарқ аз пойтахти он оғоз ёфтааст[1]. Профессор Н.Турсунов аз сафари ин сайёҳи чинӣ ёдовар шуда, овардааст, ки "Сайёҳи чинӣ Сюан Сзан, ки ба Мовароуннаҳр дар асри VII сафар карда буд, қайд мекунад, ки ҳудуди Уструшана назар ба Чоч (Тошканд) хеле васеъ буда, онро дарёи Сир ва биёбони калони регзори беобу гиёҳ печонидаанд"[2]. Инчунин профессор Н.Турсунов дар асоси маълумотҳои ҷуғрофишиносон Абузайд ал-Балхӣ, Абуисҳоқ Истахрӣ, Абулқосим ибни Ҳавкал ба чунин хулоса меояд, ки Уструшана мисли Суғд номи вилоят аст ва бо ин исм шаҳр вуҷуд надошт.

Муаллифи асари ҷуғрофии асри X "Ашкол-ул-олам" Абулқосими Ҷайҳонӣ Уструшанаро вилоят шуморида, онро ба шаклҳои "Асрушана" ва "Уструшана" овардааст[3].

Манбаи дигари ҷуғрофии замони Сомониён "Масолик ва мамолик"-и Абӯисҳоқи Истахрӣ мебошад. Истахрӣ дар асари худ онро "Уструшана" номида гуфтааст, ки он вилоятест монанди Суғд ва дигар шаҳри ҳамноми он вуҷуд надорад[4]. Дар баробари ин муаллиф роҷеъ ба ҳудуд, шаҳрҳои маъмурӣ ва роҳҳои байни онҳо маълумотҳои ҷолиби таърихӣ медиҳад.

Ибни Ҳавқал низ дар асари худ "Сурат-ул-арз" машҳур ба "Масолик ва мамолик" дар хусуси вилояти Уструшана маълумот дода гуфтааст, ки Уструшана вилоятест монанди Суғд ва дигар шаҳре аз он чунин номро надорад[5].

Ин ҷо мо айнияти ахбори Истахрӣ ва Ибни Ҳавқалро мушоҳида менамоем. Ин далели он аст, ки муаллифони асримиёнагӣ аз осори якдигар истифода намудаанд.

---

[1] Beal, S. Si yu ki. Buddhist record of the western worid translateid from the Chinese of Hiouen Tsiang, I. London, 1906. – P. 31.

[2] Назирҷон Турсуни Хуҷандӣ. Истаравшан. – С. 14.

[3] Абулқосими Ҷайҳонӣ. Ашкол-ул-олам// Сомониён дар оинаи таърих. – Ҷилди 2. – Хуҷанд: Нашриёти давлатии ба номи Раҳим Ҷалил. – С. 39-78; Мухторов, А. Амирон ва вазирони Сомонӣ. – С. 29.

[4] Абу-Исхак, ибн Мухаммед ал-Истахри. Масалик ал-мамолик: пер. с персидской. З. Н. Ворожейкиной // Материалы по истории киргизов и Киргизии. – М.: Наука, 1973. – С. 256-259.

[5] Абулкасим, ибн Хаукал. Китаб ал-Масолик ва-л-мамолик: пер. С.Волина // Материалы по истории туркмен и Туркмении. – Т. 1. – М.: Иститут востоковедения, 1939. – 408 с.; Ҳудуд-ул-олам. Ибни Ҳавқал Сурат-ул-арз. Муҳаммад Обиди Иршод. Чаҳорбоғи гулҳо. – Таҳияи Зариф Шариф. - Душанбе: Адиб, 2008. – 212 с.

Муаллифи гумноми сарчашмаи ҷуғрофии асри X “Ҳудуд-ул-олам” топоними Уструшанаро “Сурушана” номидааст. Дар ин манбаи нодир гуфта мешавад, ки “Сурушана ноҳияест бузургу ободон ва бо неъмати бисёр ва ӯро шаҳр ва рустоҳои бисёр”[1].

Ҷуғрофидони машҳури асримиёнагӣ, вазири бузурги Сомониён Абулқосим Ҷайҳонӣ дар асари худ “Ашкол-ул-олам” чунин менигорад: “Уструшана – номи вилояте аст ва бештари он вилоят кӯҳҳост ва гирдогирди он аз ҷониби машриқ баъзе аз Фарғона аст. Ва аз ҷониби мағриб – ҳудуди Самарқанд. Ва аз ҷониби шимол Шош ва баъзе Фарғона. Ва аз ҷониби ҷануб ҳудуди Кеш ва Чағониён ва Шумон”[2]. Ҷуғрофидони араб Ибни Ҳавкал оид ба мавқеи ҷуғрофии Уструшана чунин маълумот овардааст: “Аммо Ушрӯсана ҳамчун Суғд аз иқлим аст ва шаҳре бад-ин ном надорад ва дар перомуни он аз иқлимҳои Мовароуннаҳр, дар машриқ қисмате аз Фарғонаву Фомир (Помир), дар мағриб-ғарб бо ҳудуди Самарқанд бошад, дар шимол бо Чоч ва қисмате аз Фарғона ва дар ҷануб қисмате бо Кеш ва Чағониёну Шумон ва Вошгирду Рошт қарор дорад”[3].

Муқаддасӣ дар асари худ мавқеи ҳамшафатии Уструшана ва рустоҳои онро тавсиф намуда, менависад, ки “Яке аз фақеҳон дар Хуросон пуровоза буд китоби маро бихонад  ва чун ба хураҳои мо варо алнаҳр расид, гуфт: Ушрусана миёни Шош ва Самарқанд нест! Ман гуфтам: агар касе аз Самарқанд ба қасади Шош берун шавад, оё аз Зомин ва Собот намегузарад? Гуфт, оре! Гуфтам, чун ин ду дар хоки Ушрусана ҳастанд”[4].

Ҳамчунин дар натиҷаи ахбори сарчашмаҳои таърихӣ ва маълумоти муҳаққиқон маълум гардид, ки Уструшана яке аз вилоятҳои дорои ҳудуди бузурги ҷуғрофӣ мбошад. Муаллифони осори асримиёнагӣ ва муаррихону олимони замони муосир ҳар яке ба таври худ, ихтиёран, ё интихобан онро давлат, вилоят, мулк, ноҳия, музофот номиданд. Дар баробари ин шаклҳои гуногуни номвожаи Уструшана низ дар айни замон дар тадқиқоти алоҳида, ё

[1] Ҳудуд-ул-олам. Таҳиягари матн ва муаллифи пешгуфтор Абдуҷамол Ҳасанов. – С. 64.
[2] Абулқосими Ҷайҳонӣ. Ашкол-ул-олам // Сомониён дар оинаи таърих. – Ҷилди дуюм. – С.65.
[3] Ибни Ҳавқал. Сурат-ул-арз // Ҳудуд-ул-олам. Муҳаммад Обиди Иршод. Чаҳорбоғи гулҳо. – С. 172.
[4] Абдуллоҳ  Муҳаммад ибни Аҳмади  Муқадасӣ. Аҳсану тақосим фи маърифа ал-ақолим. Ҷилди якум. – Теҳрон: Ширкати муаллифон ва тарҷумон, 1361. – С. 174.

гузоришҳои илмии муҳаққиқон истифода мешуданд. Бинобар ин онро ҳамчун вилояти таърихӣ тавсиф намуда, номвожаи Уструшанаро, ки дар таълифоти муаллифон маълум мебошад, мавриди истифода қарор гирифт.

Муҳаққиқон дар асоси маълумоти сарчашмаҳои таърихӣ-ҷуғрофӣ, бозёфтҳои бостоншиносӣ доир ба мавқеи ҷуғрофӣ ва табиату иқлими ин вилоят андешаҳои худро баён намудаанд. Шарқшинос А.Вамбери қайд менамояд, ки Уструшана дар шимоли Мовароуннаҳр қарор дошта, дар шарқ бо Фарғона, дар ҷануб бо Кеш, дар шимол бо Чоч, дар ғарб бо Суғд (Самарқанд) ҳаммарз аст[1]. Муҳаққиқ И. Крамерс чунин нигоштааст, ки: “Ин вилоят дар шимолу шарқи Самарқанд доман паҳн карда, миёни он (Уструшана. – С.М.) ва шаҳри Хуҷанд дар ҷануби Сирдарё (Сайхун) водии Фарғона ҷойгир аст; дар шимолу ғарб бо дашти беобу гиёҳ ҳамсарҳад мебошад. Қисмати ҷанубии онро кӯҳҳои Буттам ташкил медиҳад, ки наздик ба болооби Зарафшон аст, тамоми ин кӯҳҳо ба ҳудуди Уструшана тааллуқ доранд”[2]. Ин ховаршинос тамоми ин кӯҳҳоеро дар назар дорад, ки ҳоло бо номи қаторкӯҳи Туркистон маълум аст.

Академик В.В.Бартолд дар асоси маълумоти ҷуғрофидон Ҳофизи Абрӯ қайд менамояд, ки “Уструшана яке аз вилоятҳои сернуфузи Мовароуннаҳр буда, миёни Сирдарё ва Самарқанд ҷойгир мебошад. Масофати он то Самарқанд 26 фарсах (як фарсах баробари 7-8 км) роҳ аст”[3]. Академик В.В.Бартолд барои тавсифи ҳудуди вилоят ба сарчашмаҳои хатии таърихӣ такя менамояд, ки аҳамият ва қимати илмии андешаҳояш муҳим ба ҳисоб мераванд.

Академик Б.Ғафуров доир ҳудуди Уструшана ишора намуда, қайду мекунад, ки ҷануби он ноҳияи болооби Зарафшонро дарбар гирифта, эҳтимол то ёнаҳои қаторкӯҳи Ҳисор тул мекашид. Дар шимол ҳудуди ноҳияи Сирдарё буд, дар шарқ сарҳади мулкҳои Хуҷанд ҳисоб мешуд, дар шимолу ғарб мулкҳои Самарқанд донистааст[4].

---

[1] Вамбери А. История Бухары и Трансоксании. – Санкт Петербург, 1873. – С. 19.
[2] Kramers J. H. Osrushana. Enzyklopedie des Islam, Band I. - Leiden-Lepzig, 1913. – pp. 1083-1084.
[3] Бартоьлд В.В. Хафизи Абру и его сочинения // Сочинения. Том 8. – Москва: Восточная литература, 1973. – С. 88.
[4] Ғафуров Б.Ғ. Тоҷикон. Таърихи қадимтарин, қадим, асрҳои миёна ва давраи нав. – Душанбе: Нашриёти муосир, 2020. – С. 326.

Муҳаққиқи маъруфи таърихи давраи бостон ва асримиёнагии Уструшана академик Н.Неъматов қайд менамояд, ки дар асрҳои VII-X Уструшана дар шарқ бо рустои Асбараи Фарғона, дар шимолу шарқ бо вилояти Хуҷанд ҳамсарҳад буд. Аз ин ҷо сарҳад тахминан ғарбтари Хоҷабоқирғонсой, баробари фарогирии Асбаникат (ҳоло Исфана), дар шарқ то Деҳмой (қариб 15 км дар ғарбии Хуҷанд) ва минбаъд то Сирдарё тӯл мекашид. Дар шимол Уструшана бо Чоч (Шош), Мирзочӯл, дар ғарб бо рустоҳҳои Суғд – Яркат ва Панҷакент ҳаммарз буд. Дар ҷануб сарҳади Уструшанаро қаторкӯҳи Ҳисор ҷудо мекард. Агар сарзамини Уструшанаро ба харита ҷойгир намоем, он ҳудуди ноҳияҳои имрӯзаи Истаравшан, Деваштич, Шаҳристон, Кӯҳистони Мастчоҳ, Айнӣ, як қисми Панҷакент (соҳили рости дарёи Зарафшон), Ҷаббор Расулов, Спитамени вилояти Суғди Тоҷикистон, ноҳияҳои Хавост (вилояти Сирдарё), Зомин, Ҷиззах (ҳоло вилоят), Фориши Ӯзбекистон ва ноҳияи Лайлаки (қисми ғарбии Хоҷабоқирғонсой) вилояти Боткенти Қирғизистонро дар бар мегирифт[1]. Қисмати шимолии Уструшанаро киштзорҳои ҳамвор, қисмати шимолу ғарбии онро воҳаҳои алоҳидаи сабз, ки атрофи онҳоро даштҳо иҳота кардаанд, тамоми қисмати ҷанубии вилоятро водиҳо ва дараҳои кӯҳӣ ва наздикӯҳии дорои набототи бой, чарогоҳҳои баландкӯҳ, ки ба се қаторкӯҳ (Туркистон, Зарафшон ва Ҳисор) ворид мешаванд, ташкил мекарданд[2].

Дар осори муҳаққиқони дигар П.П.Иванов, М.Е.Массон, О.И.Смирнова, А.Аюбов қайд мегардад, ки Уструшана дар ғарб бо Самарқанд, дар шарқ бо рустои Асбараи (Исфара) Фарғона, дар шимол бо Чоч, дар ҷануб бо Рашту (Қаротегин) Вишгард (Файзобод), Шумон (Ҳисор), Чағониён ва Кеш ҳамсарҳад аст[3].

---

[1] Негматов Н. Историко-географические очерк Уструшаны с древнейших времен по X в.н.э. // Материалы и исследования по археологии СССР. № 37. Труды таджикской археологической экспедиции. – С. 239.
[2] Негматов Н. Древняя и раннесредневековая Усрушана // Археологии рассказивают. – Сталинабад: Таджикгосиздат, 1959. – С. 114-115.
[3] Иванов П.П. К истории гороного промысла в Средней Азии, краткий исторический очерк. – Л., – М., 1932. – С. 40; Массон М.Е. Из истории горной промышленности Таджикистана. – Л., 1934. – С. 47; Смирнова О.И. Вопросы исторической топографии и топонимика Верхного Зерафшана // Мариалы и исследования по археологии СССР. – № 15. – М., - Л., 1950. – С. 58; Аюбов А. Топонимы Уструшаны как источник по истории и культуры. – Худжанд: Нури маърифат, 2013. – С. 15.

Хулоса, мавқеи хуби ҷуғрофӣ ва иқлиму табиати мусоиди Уструшана яке аз омилҳое буданд, ки барои пешрафти ҳаёти иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ, равнақи шаҳрсозӣ, ҳунармандӣ, кишоварзӣ, обёрӣ, инкишофи тиҷорати дохилӣ ва хориҷӣ дар тамоми марҳилаҳои таърихӣ мусоидат менамуд.

Дар мавриди шарҳу тафсири топоними "Уструшана" метавон хулоса намуд, ки ҳар як муаллиф онро ба таври худ мавриди истифода қарор додааст. Муаллифони сарчашмаҳои хатии асримиёнагӣ ба тафсири таърихию лингвистии он фикру мулоҳизаҳои худро баён накардаанд. Тафсири таърихию лингвистии топоними Уструшана аз даврае оғоз меёбад, ки донишҳои таърихӣ ба ба донишҳои илмӣ табдил ёфтаанд. Ин давраест, ки нимаи дуюми асри XIX то имрӯз идома дорад. Дар ин ҷода таҳқиқотҳои олимони забоншинос, вожашинос, матншинос, аҳамият ва арзиши муҳим дошта, маълумоти муаррихон, бостоншиносон, мардумшиносонро пурра ва ғанӣ месозад.

# БОБИ II. ТАЪРИХИ СИЁСӢ ВА СОХТОРИ МАЪМУРӢ-ИДОРАКУНИИ УСТРУШАНА ДАР ДАВРАИ СОМОНИЁН

## 2.1. Таърихи сиёсии Уструшана

Уструшана яке аз вилоятҳои бузурги Мовароуннаҳр ба ҳисоб меравад. Вай дар давраи Кӯшониён пойдор ва устувор гашта, пас аз инқирози ин империя ба истиқлолияти сиёсӣ соҳиб шуда, ба вилояти мустақил табдил ёфт ва дар ин ҷо сулолаи ҳокимони маҳаллӣ ҳукумат меронданд[1].

Баъди тасарруфи Хатлон ягона вилояте, ки арабҳо онро ба зери итоати худ надароварда буданд, Уструшана ба ҳисоб мерафт. Соли 738 уструшаниҳо ҳамроҳ бо туркҳо дар ҷанги зидди арабҳо ширкат варзиданд. Соли 739 фармондеҳи араб Наср ибни Сайёр Афшини Уструшана Ҳарахурраро маҷбур кард, ки ҳукмронии арабро эътироф кунад. Аммо ин тобеият зоҳирӣ буд, уструшаниҳо танҳо хироҷи шартӣ пардохт мекарданд. Дар асл, Уструшана мустақил монд ва дини худро бидуни пазируфтани ислом нигоҳ дошт.

Дар солҳои 794-795 Уструшана дар баробари дигар мулкҳои Хуросону Мовароуннахр аз ҷониби халифа Ҳорунарашид ба ихтиёри Фазл ибни Яҳё аз қабилаи Бармакӣ дода шуд[2].

Дар ҳудуди Хуросон ва Варазрӯд намояндагони хонадонҳои маҳаллӣ инони идораи манотиқи худро дар даст доштанд. “Тибқи маълумоти сарчашмаҳои таърихӣ шумораи чунин хонадонҳо дар Хуросону Варазрӯд беш аз 30 адад буда, бо номҳои Бармакиён, Саҳлиён, Ковусиён, Мӯсоиҳо, Навбахтиҳо, Қишриён, Абумуслимиҳо, Баниҷӯриён, Чағониён, Тоҳириён, Саффориён ва Сомониён ёд мешаванд, онҳо дар ниҳоди хилофати ислом сабзида, решаҳои таърихиву фарҳангии ниёгонашонро эҳё карданд ва барҷо доштанд”[3].

---

[1] Неъматов Н. Асрори Истаравшан. – С. 4.

[2]Беляков Ю. Государство Уструшана// https://proza.ru/санаи муроҷ. 25. 11. 2020. 16 [08 дақ.]

[3]Каримзода У.Н. Тоҳириён – ибтидои эҳёи давлатдорӣ ва фарҳанегу тамаддуни ориёӣ / Тоҳириён ва истиқлоли Хуросони бузург. Маводи ҳамоиши илмии ҷумҳуриявии “Тоҳириён ва истиқлоли Хуросони бузург” бахшида ба 1200-солагии таъсиси давлати Тоҳириён. – Душанбе: Ганҷи хирад, 2022. – С. 11-12. (С. 6-16)

Яке аз сулолаҳои бонуфузи маҳаллии Моваруннаҳр – вилояти Уструшана дар замони забткориҳои арабҳо ба шумор рафта, ҳокимияти он унвони афшин ё Ковусиёнро соҳиб доштанд, Ковусиён буданд. Афшинҳои Уструшана такя ба мардуми озодидӯст, деҳқонон, мулкдорони хурд намуда, тавонистанд, ки истилогарони арабро то охири асри VIII ба қаламрави худ роҳ надиҳанд ва мустақилияти мулки худро нигоҳ доранд. Афшинҳои охирини Уструшана Харобура, Харохура (ё Ҷононохур), Ковус бар зидди арабҳо муқобилияти сахт нишон доданд ва Уструшана танҳо соли 822 аз ҷониби арабҳо забт гардид.

Дар асоси маълумоти академик В.В. Бартолд охирин муҳориба ва кӯшишҳои ба даст овардани Уструшана дар соли 208 ҳиҷрӣ (822-823 мелодӣ) ба амал омад[1]. Барои забти Уструшана сипаҳсолори тавонои араб Аҳмад ибни Абухолид фиристода шуд, ки дар натиҷаи забти он арабҳо бо афшин Ковус шартнома мебанданд, Уструшана тобеи халифа ал-Маъмун (солҳои 813-833) гардида, ба хилофат андоз месупорид. Дар ин давра дар ҳаёти дохилии дарбори Уструшана, дар байни писарони афшин Ковус ихтилоф ба вуҷуд омад. Ковус соҳиби чаҳор писар – Ҳайдар, Фазл, Хаша ва Рашид буд. Фазл ва Ҳайдар, ки дар дарбор, ки мавқеи нисбатан устувор доштанд, ҳамеша аз ҳамдигар норозӣ ва байни худ хусумат доштанд. Тарадис, ки идоракунандаи корҳои дарбор буда, ба Фазл духтари худро хонадор намуд ва ҷонибдори ӯ буд. Тарадис ҳамеша Фазлро ҷонибдорӣ ва ӯро нисбати Ҳайдар ба шӯр меандохт. Барои ин амал Ҳайдар Тарадисро қатл намуда, ба Хуттал фирор мекунад. Ӯ мехост, ки бо кумаки хутталшоҳ Ҳошим ибни Мухаввар дар мулки худ падарашро аз тахт сарнагун созад. Ҳайдар пас аз паноҳанда шудани худ дар дарбори хутталшоҳ аз Ҳошим ибни Муҳаввар хоҳиш менамояд, ки ба падараш Ковус нома навишта, бахшидани гуноҳи ӯро илтимос намояд[2]. Ба ин мақсади худ нарасида, ба Бағдод меравад. Дар он ҷо Ҳайдар бо ал-Маъмун забон як карда, ба муқобили Уструшанаи саркаш соли 822 лашкари сершумореро бо роҳҳои кӯҳӣ

[1] Бартольд, В.В. Сочинения: в 9 т. [2 т., ч. 2. К истории арабских завоеваний в Средней Азии]. – Москва: Наука, 1964. – С. 322.
[2] Ғоибов Ғ. Таърихи Хатлон аз оғоз то имрӯз (Таърихи сиёсӣ ва ҷуғрофиёи таърихӣ). – Душанбе: Дониш, 2006. – С. 214.

мефиристад. Ковус аз ин бохабар гардида, Фазлро ба ёрии туркҳо мефиристонад, аммо то расидани ёрӣ арабҳо пойтахти Уструшана Бунҷикатро забт мекунанд. Дар натиҷа Ковус ва Фазл дастгир карда мешаванд ва ба Бағдод фиристода шуда, дар он ҷо онҳо исломро қабул мекунанд. Ковус боз ҳокими Уструшана таъин карда мешавад. Вориси он Ҳайдар ба хидмати халифа медарояд[1]. Писари афшин Ковус – Ҳайдар  вассали арабҳо гашта бошад ҳам, ӯ унвони худ – афшинро нигоҳ медошт ва дар осори муаллифони араб низ бо номи ал-Афшин машҳур аст. Афшин Ҳайдар ба хидмати халифа Маъмун ва Муътасим дохил шуда, худро ҳамчун сипаҳсолори ҷасур ва боистеъдод нишон дод ва ба рутбаҳои баланди ҳарбию маъмурӣ сазовор гашта, аз ҷониби халифа волии Озарбойҷон ва Арманистон таъин мегардад.

Ба андешаи академик А. Мухторов муддати зиёд (зиёда аз сад сол) бо арабҳо муқобилият нишон додани уструшаниҳо ин устувор будани бурҷу бора ва деворҳои дуқатора, дар атрофи шаҳр бино ёфтани қалъаҳои мустаҳкам, руҳияи озодихоҳонаи мардуми Уструшана, кордонӣ ва уҳдабароии сарварони он, афзалият доштани санъати ҳарбии истеҳкомсозӣ, қалъадорӣ нисбат ба арабҳо  буд.

Ҳамаи ин омилҳо боиси он шудаанд, ки уструшаниҳо аз сарлашкари тавоное мисли афшин Ҳайдар маҳрум шаванд, зеро сафи муҳофизони шаҳр кам шуда буд. Ин ба арабҳо имконият дод, ки баъди муборизаҳои дуру дароз охирин истеҳкоми мовароуннаҳриҳо – шаҳри Бунҷикат ва вилояти Уструшанаро ишғол намоянд. Сабаби асосии шикастхӯрии уструшаниҳо асосан ҳамин буд, на ихтилофи байни афшин Ҳайдару падараш Ковус ва бародараш Фазл, - менигорад,  академик А.Мухторов[2].

Ғайр аз ин, агар байни падару писар, яъне Ковусу Ҳайдар ва Фазл дар Уструшана ихтилоф ва талоши мансаб ҷой медошт, афшин Ҳайдарро баъди вафоти падараш ғоибона (ӯ дар Бағдод буд), уструшониҳо подшоҳи худ интихоб намуда, ӯро “Худои Худоён” наменомиданд, ё худ Фазл бо бародараш

---

[1] Негматов Н. Уструшана в VII-X вв: автореф. дис. … кан. ист. наук: 07.00.02 / Негматов Нуъман Негматович. – С. 16-17.

[2] Мухторов А. Мовароуннаҳриён дар хизмати халифаҳои Аббосӣ // Авроқи рангини таърих. – С. 24-25.

Ҳайдар ба Бағдод наомада, дар Уструшана мемонд[1]. Баъд аз вафоти Ковус дар Уструшана Ҳасан ибни Ҳайдар волӣ таъин карда мешавад ва Ҳасан ибни Ҳайдар ҳамчун афшини Уструшана дар давоми солҳои 825-841 ҳукмронӣ кардааст. Танҳо ҳамин маълум аст, ки бо фармони Абдулло ибни Тоҳир (828-844) Нӯҳ ибни Асади Сомонӣ писари Ҳайдар ибни Ковус – Ҳасанро дастгир намуда, ба назди Абдуллоҳ ибни Тоҳир мефиристад[2]. Ҳасан ибни Ҳайдар дар Бағдод бисту панҷ сол зиндонӣ шудааст, ки ба соли 865 мувофиқ меояд. Номи афшинҳои Уструшана, ки баъди Ҳасан ибни Ҳайдар дар Уструшана амалан ҳукмронӣ намудаанд, Абдуллоҳ (солҳои 860/65-880) ва Сайр ибни Абдуллоҳ (солҳои 880-893/94) буданд[3].

Танҳо дар бораи охирин намояндаи сулолаи афшинҳои Уструшана Сайр ибни Абдуллоҳ аз ҷониби Исмоили Сомонӣ вожгун карда мешавад, маълумоти хеле кам вуҷуд дорад.

Дар баробари сарчашмаҳои таърихӣ ва маълумоти ҳафриёти бостонӣ санаю навиштаҳои ахбори нумизматӣ далелҳои ҷолиб медиҳад. Сиккашиноси номии тоҷик, профессор Д.Довудӣ дар ин бора ахбори муҳим дода, аз ҳудуди ноҳияи Шаҳристон дарёфт шудани хазинаи сиккаҳои гуногун хабар медиҳад. Профессор Д.Довудӣ дар қатори сиккаҳои Суғд, Чоч, Насаф аз мавҷудияти чанд сиккаҳои афшинҳои Уструшана гузориш дода, афзудааст, ки дар натиҷаи ковишҳои бостоншиносӣ дар қасри Қаҳқаҳа 31 адад сиккаҳои афшинҳо дарёфт гардидааст. Ин сиккаҳо дар ҳаёти иқтисодӣ, тиҷоратӣ ва муомилот хеле серистеъмол маҳсуб ёфта, ба асрҳои VI-VII мансубанд[4].

Дар илми бостоншиносӣ то ин муддат як адад сиккаи бо номи Сайр бинни Абдулло зарб гардида, маълум буд, ки он дар охири асри XIX дар Эрмитажи давлатӣ (ш. Санкт-Петербург) пайдо шуда, санаи бароришаш соли 279 ҳиҷрӣ (мутобиқ ба солҳои 892-893 мелодӣ) мебошад. Дар бораи ин сикка олими рус

[1] Мухторов А. Мовароуннаҳриён дар хизмати халифаҳои Аббосӣ // Авроқи рангини таърих. – – С. 25.
[2] Кохансал Х.Х. Политическое и социально-экономическое положение Хорасана и Мавареннахра в период правления Тахаридов (821-873 гг.): автореф. дис. … кан. ист. наук: 07.00.02 / Кохансал Хамид Халифе. – Душанбе, 2015. – С. 16.
[3] Раханч // https://www.wikidata.ru-ru.nina.az/87.html/ Санаи муроҷиат: 9.12.2023. соати 18[58]
[4] Довудов Д. Монетные находки на городище Калаи Кахкаха // Археологические работы в Таджикистане. – Душанбе-Худжанд: Из-во им. Р.Джалила, 2005. – Вып. XXVI (1986). – С. 122, 129-130.

М.Марков соли 1896 дар асари худ “Феҳристи сиккаҳои мусулмонии Эрмитажи императорӣ”[1] ва соли 1900 академик В.В.Бартолд дар таҳқиқоти худ оид ба афшинҳои Уструшана маълумот дода буданд[2].

Баъди беш аз сад сол дар ҳудуди Тоҷикистон сиккаи дуюми ба номи афшин Сайр ибни Абдулло зарб гардида, бозёфт гардид, ки он моҳи июли соли 2002 ба Осорхонаи миллии Тоҷикистон ба номи Камолиддин Беҳзод тасодуфан дар қатори дигар сиккаҳои мусулмонӣ ворид гашта буд. Ин сикка низ соли 279 ҳиҷрӣ (солҳои 892-893) зарб шуда, дар рӯи он чунин навиштаҷот сабт шудааст: “Он чи ки амр кард ба (задани) он амир Сайр бинни Абдуллоҳ, худо нигаҳ дорад ӯро”. Навиштаи рӯйи сикка бо хатти куфӣ буда, вазни он 3,4 гр. ба 23 мм ва сикка аз мис зарб шудааст[3].

Аз таърихи сиёсии Уструшана маълум мегардад, ки мардуми озодихоҳи ин сарзамин муддати зиёд бар зидди арабҳо мубориза бурда, мустақилияти худро нигоҳ медоштанд. Аз рӯи ахбори сарчашмаҳои таърихӣ чунин бармеояд, ки Уструшана тайи қариб якуним садсола (солҳои 80-уми асри VII – то солҳои 20-уми асри IX) ба арабҳо итоат намекард ва он аз тарафи ҳокимони маҳаллӣ идора карда мешуд. То соли 822 ҳокимони Уструшана ба хилофат андози доимиро намесупориданд ва танҳо ба халиф тухфа, ҳадя ва подошҳои яквақта пешниҳод менамуданд. Баъд аз соли 822, ки мулкҳои Хуросон ва Мовароуннаҳр ба тасарруфи Тоҳириён даромад, андози муқаррарии солона ҷорӣ карда мешавад. Волии Хуросон, ки аз Оли Тоҳириён буд, барои мустаҳкам кардани ҳокимияти худ чораву тадбирҳои сиёсӣ меандешид, ки яке аз ин тадбирҳо ба даст овардани шаҳру вилоятҳои аз тасарруфи арабҳо дурмонда ба ҳисоб мерафт.

Намояндагони сулолаи Бармакиён аз нахустин феодалони маҳаллии Аҷам буданд, ки ҳамчун дастнишондод ба мансаби волиёни Хуросону Мовароуннаҳр аз ҷониби халифа таъин мешуданд. Дар асоси ахбори сарчашмаҳо академик

[1] Марков А. Инвентарний каталог мусульманских монет имп.Эрмиража. – СПб, 1896. – С. 112.
[2] Довудӣ Д., Шарипов А. Бозёфти сиккаи дуюми афшини Уструшан Сайр бинни Абдуллоҳ дар Тоҷикистон // Мақоми Истаравшан дар таърихи тамаддуни халқҳои Осиёи Марказӣ. – Душанбе, 2002. – С. 36.
[3] Ҳамон ҷо. – С. 36-37.

Н.Неъматов қайд мекунад, ки то замони волии Хуросон таъин шудани Фазл ибни Яҳёи бармакӣ (солҳои 794-795) афшини Уструшана Харохура ё Ҷононохур ба ягон намояндагони халифа дар шарқ итоат намекард[1]. Мутаассифона доир ба замони ҳукмронии афшин Ҷононохур маълумотҳои дигар мавҷуд нестанд. Балозурӣ доир ба авлоди афшинҳои Уструшана аз асари Табарӣ иқтибос оварда, қайд мекунад, ки падари афшин Ҳайдар Ковус ном дошт, бобои ӯро бо арабӣ Қаробугра мегуфтанд. Қаробугра соли 737 бо дастаи калон дар Ҷузҷон бар зидди Асад бинни Абдулло ҷангидааст. Падари Ковус Ханахура ё Харахура ном дошт[2], ки дар баъзе сарчашмаҳо ӯро Ҷононоҳур ном бурдаанд.

Давраи ҳукмронии афшин Харохура ё Ҷононоҳурро муҳаққиқон дар асоси маълумоти сарчашмаҳои таърихӣ ва зарби сиккаҳо муайян намудаанд, ки дар давоми солҳои 738-800 ҳукмронӣ кардааст[3]. Мувофиқи маълумоти сарчашмаҳои хаттӣ Ҷононоҳур соли 800 ба писар ва ворисаш Ковус мулки Уструшанаро мерос мондааст. Давраи ҳукмронии Ковус чоряк аср аст, яъне аз соли 800 то соли 825 идома ёфтааст ва дар бораи ҳаёти сиёсӣ, маъмурӣ ва ҳарбии Уструшана замони салтанати ӯ маълумотҳо нисбатан бештаранд[4]. Баъди ошӯби афшин Ҳайдар, фирори ӯ ба Бағдод ва забти Уструшана аз ҷониби арабҳо тӯли се соли дигар, дақиқан то соли 825 Ковус ҳукмрони ин мулк буд. Баъди ҳукмронии Ковус эҳтимол меравад, ки ҳокимият дар дасти Ҳасан ибни Ҳайдар ибни Ковус боқӣ мондааст. Аз вазъи сиёсӣ ва мукотиботи афшин Ҳайдар бо писараш маълум мегардад, ки дар Уструшана Ҳайдар пас аз вафоти падараш зоҳиран ҳукмрон бошад ҳам, амалан ҳокимият дар дасти писараш Ҳасан буд. Замоне, ки Абдуллоҳ ибни Тоҳир мукотиботи махфии афшин Ҳайдарро бо писараш дар хусуси омода намудани ошӯб бар зидди халифа фош сохт, ӯ ба муҷозот кашида шуд. Писари ӯ Ҳасан низ аз ҷониби халифа

---

[1] Негматов Н. Уструшана в древности и раннем средневековье. – С. 138.

[2] Ахмад ибн Йахйа ибн Джабир ал-Балазури. Завоевание Хорасана. (Извличение из сочинение “Футух-ал-булдан”). – С. 38-39.

[3] Грицина А.А., Мамаджанова С.Д., Мукимов Р.С. Археология, история и архитектура средневековой Уструшаны. – С. 51, 57.

[4] Ибн ал-Асир. Ал-Комил фи-т-та·рих (“Полный свод истории”). Избраные отрывки. Прерв. с араб. язык., пиримеч. и коммент. П.Г.Булгакова. – Ташкент-Цюрих, 2005. – С. 439.

Муътасим бо мақсади аз байни бурдани хавфи ошӯб ба Бағдод даъват карда мешавад ва ӯ тӯли 23 сол гирифтори зиндон шуда, танҳо соли 864 озод мегардад[1]. Аз рӯйи ин ахбор маълум мегардад, ки ҳукмронии Ҳасан ибни Ҳайдар дар Уструшана ба солҳои 825-841 рост меояд. Вале дар ин бора ахбори дигар вуҷуд дорад, ки Ҳасан ибни Ҳайдар дар давоми солҳои 840-860 ва ё 865 афшини Уструшана будааст. Шояд пас аз муҷозот ва танбеҳ гирифтани Ҳасан ибни Ҳайдар идораи вилояти Уструшана ба дасти ӯ дода мешавад. Пас аз ӯ дар давоми бист сол, солҳои 860-880 Абдуллоҳ ном афшини Уструшана гардид. Вориси ӯ Сайр ибни Абдуллоҳ дар солҳои 880-893 ҳукмронӣ кардааст[2], ки сиккаи зарбзадаи ин афшин ҳамчун охирин намояндаи сулолаи Ковусиён дарёфт шудааст.

Дар хусуси салтанати афшинҳои минбаъдаи Уструшана баъди Сайр ибни Абдуллоҳ маълумоти дақиқ вуҷуд надорад. Дар ин хусус метавон хулоса намуд, ки идораи ҳукумати вилояти Уструшана ҳамчун қаламрави Сомониён ба ин ё он намояндаи ҳокимияти маҳаллии аз ҷониби Сомониён таъиншуда идора менамуд. Аз кадом сулола, кадом шахсиятҳо ҳукмронӣ намудаанд, мутаассифона дар сарчашмаҳо маълумот вуҷуд надорад.

Дастгир шудани Ҳасан ибни Ҳайдар афшини Уструшана аз ҷониби Нӯҳ ибни Асад ва Абдуллоҳ ибни Тоҳир бо сабаби он, ки бо афшин Ҳайдар забон як доштанд, хостори он буданд, ки Уструшанаро аз хилофат мустақил кунанд. Ин амали пинҳонии онҳо дар он замон ошкор мешавад, ки қасди афшин Ҳайдар бар зидди халифаи араб Муътасим маълум гардида буд. Дар ин бора Табарӣ муфассал баён медорад: “Дар ин сол (841) Муътасим ба Абдуллоҳ ибни Тоҳир навишт, ки бо Ҳасан ибни Афшин ҳила кунад.

Ва он чунон буд, ки Ҳасан дар бораи Нӯҳ ибни Асад номаҳои муқаррар ба Абдуллоҳ ибни Тоҳир навишта буд, ки Нӯҳ ба амлоки вай ва ҳудуди вай ҳамла мекунад. Абдуллоҳ ибни Тоҳир ба Нӯҳ ибни Асад навишт ва вайро аз он чи амири муъминон дар бораи Ҳасан навишта буд, хабар кард. Ва дастур дод, ёрии

[1] Негматов Н. Уструшана в древности и раннем средневековье. – С. 150.
[2] Грицина А.А., Мамаджанова С.Д., Мукимов Р.С. Археология, история и архитектура средневековой Уструшаны. – С. 52-55, 57.

хешро фароҳам кунад ва барои вай муҳайё бошад. Ва ҳамин ки Ҳасан ибни Афшин бо номаи вилоятдории хеш ба назди вай (Нӯҳ) расид, вайро (Ҳасан) банд кунад ва ба назди Абдуллоҳ фиристад.

Он гоҳ Абдуллоҳ ибни Тоҳир ба Ҳасан ибни Афшин навишт ва хабар дод, ки Нӯҳ ибни Асадро маъзул карда. Ва ӯро (Ҳасан) вилоятдори он ноҳия (Самарқанд) кард. Ва номаи азли Нӯҳро ба назди вай (Ҳасан) фиристод.

Ҳасан ибни Афшин бо андаке ёру силоҳ равон шуд, то ба назди Нӯҳ ибни Асад расид, ки гумон дошт, вилоятдори он ноҳия аст. Нӯҳ ибни Асад ӯро бигирифт ва ба банд кард ва ба назди Абдуллоҳ ибни Тоҳир фиристод, Абдуллоҳ низ ӯро ба назди Муътасим фиристод”[1]. Бо ҳамин Тоҳириён дар ҳудуди Мовароуннаҳр ягона душмани худро аз Хилофати араб то Уструшана барои ҳокимият талошдоштаро аз байн бурда, ҳокимияти мутлақи худро устувор намуданд.

Сулолаи Тоҳириён, ки солҳои 821-873 дар замони хилофати Аббосиён дар Хуросон ба арсаи сиёсат омаданд, хишти нахустини давлатҳои миллии тоҷикнасабро дар Хуросон ва Мовароуннаҳр асос гузоштанд. Поягузори сулолаи Тоҳириён Тоҳир ибни Ҳусайн, ки соли 821 ба мақоми волии Хуросон ва Мовароуннаҳр таъин гашта буд, ҳокимияти худро мустаҳкам намуда, мамлакатро қариб мустақилона идора мекард. Ӯ ҳатто соли 822 фармон дод, ки ҳангоми адои намози ҷумъа дар хутба номи халиф ба забон гирифта нашавад ва ин маънои эътироф накардани ҳукумати хилофатро дошт. Барои ин амал Тоҳир ибни Ҳусайн бо дастури халиф ба воситаи заҳр ҳалок гардид. Тоҳириён истиқлолияти Хуросон ва Мовароуннаҳрро то андозае таъмин карданд ва дар сарнавишти таърихии мардуми ин сарзамин барои аз асорати хилофат озод шудан ва барқарор намудани истиқлолияти миллӣ нақши муҳим бозиданд.

Баъди ба ҳалокат расидани Тоҳир ибни Ҳусайн арабҳо ҳокимиятро аз дасти хонадони Тоҳириён нагирифта, вориси ӯ Талхаро (солҳои 822-828) волии худ дар Хуросон таъин карданд[2]. Дар ин хусус муаррих Мирхонд дар асараш

---

[1] Абӯҷаъфар Муҳаммад ибни Ҷарири Табарӣ. Таърих-у-р-русули ва-л-мулк. Китоби 7. Иборат аз ҷилдҳои 12, 13. – С. 1571-1572.
[2] Неъматов Н. Давлати Сомониён: тоҷикон дар асрҳои IX-X. – С. 20.

“Равзат-ус-сафо” чунин менигорад: “чун Тоҳир вафот ёфт ва мансаби ӯ ба писараш – Талҳа мунтақил шуд, Маъмун Аҳмади Абухолидро ба Хуросону Мовароуннаҳр фиристод, то ба забту насқи имorату зироати он вилоят кӯшида, аз кайфияти ҳукумати Талҳа низ истикшоф (ҷустуҷӯ, таҳқиқ, маълумот ҷамъ овардан) намояд”[1]. Дар замони ҳукмронии Талха давлати Тоҳириён ба итоати хилофат даромада, бо дасти Талха халифаи араб кӯшиш намуд, ки баъзе музофот ва вилоятҳои саркаш ва аз итоати хилофат берунро тобеи худ намояд. Яке аз чунин вилоятҳо Уструшана буда, ҳанӯз аз ҷиҳати сиёсӣ мустақилияти худро нигоҳ медошт. Соли 822 халифа Маъмун сарлашкари машҳури араб Аҳмад ибни Абухолид ал-Аҳвалро ба ёрии Талха ибни Тоҳир барои истилои Уструшана мефиристад ва онро забт мекунад. Ба андешаи ховаршинос В.В.Бартолд дар Мовароуннаҳр мулки берун аз итоати арабҳо Осрушана (Уструшана) буд ва ба арабҳо муяссар шуданд, ки онро соли 208 ҳиҷрӣ (соли 822-823 мелодӣ) забт намоянд[2]. Арабҳо ба ишғоли Уструшана бо он мақсад кӯшиш намуданд, ки дар ин вақт Ковус аз додани туҳфа ва подош ба хилофат даст кашида буд[3].

Баъди забти Уструшана аз ҷониби Талха ибни Тоҳир аз ҷониби сипаҳсолори моҳири араб Аҳмад ибни Абухолид ал-Аҳвал барои кумак ва корнамоиаш ба миқдори 3 миллион дирҳам мукофот медиҳад. Ин амал маънои эътибори махсус доштани намояндагони сулолаи Тоҳириён ба мулкҳои саркаши аз хилофат берунро дошта, ҳам дар назди халифа ва ҳам сулолаҳои саркаши маҳаллии Хуросону Мовароуннаҳр ифода мекард.

Уструшана дар минтақаи кӯҳии Мовароуннаҳр ҷойгир буда, мардуми ҷасуру озодихоҳи он ба арабҳо мутеъ шудан намехост ва дар исёну ошӯбҳои зидди арабҳо фаъолона иштирок менамуд. То ибтидои солҳои 20-уми асри IX афшинҳои Уструшана бо такя ва дастгирии феодалону деҳқонони маҳаллӣ ба арабҳо роҳ надоданд, ки ба ин сарзамин ворид шаванд. Дар замони забткориҳои

[1] Мирхонд. Равзат-ус-сафо // Сомониён дар оинаи таърих. Ҷилди якум. – Хуҷанд: Нашриёти давлатии ба номи Раҳим Ҷалил. – С. 315.
[2] Бартольд В.В. Сочинения. Т.2., Ч. 2. – Масква: Наука, 1964. – С. 327.
[3] Негматов Н. Уструшана в древности и раннем средневековье. – С. 138.

арабҳо ба афшинҳои Уструшана муяссар гардид, ки вобаста ба вазъият ба иттифоқҳои зиддиарабӣ ҳамроҳ гардида, заифии худро ошкор насозанд ва ба истилогарон муқобилат намоянд[1].

Замоне, ки Уструшана аз ҷониби арабҳо забт гардид, аҳолии он анъана, урфу одат ва унсурҳои диниву мазҳабии истилогарони арабро намедонист ва оину суннатҳои маҳаллии худро идома медод. Яъқубӣ дар ин бора ишора кардааст, ки "дар Усрушана, чи онон арабҳоро аз ҳамҷавории хеш монеъ мешуданд, то он ки марде аз бани Шайбон назди онон рафт ва он ҷо иқомат гузид"[2]. Зеро пас аз сад соли забткориҳои қоиммақоми Хуросон Қутайб ибни Муслим дар Мовароуннаҳр Уструшана истиқлолияти худро нигоҳ медошт. Пас аз муқобилати шадид афшинҳои Уструшана имкони ҳифзи истиқлолияти худро аз даст дода, пурра ҳокимияти халифаро қабул намуданд. Тибқи маълумоти ҷуғрофидонҳои араб Уструшана пас аз он ба тобеияти ҳокимияти Тоҳириён, ки дар тамоми Хуросону Мовароуннаҳр ҳукмронӣ мекарданд, ворид мешавад. Маҳз аз ҳамин вақт Уструшана ба Тоҳириён андозҳои мунтазами солонаро ба миқдори 50 ҳазор дирҳам (48 ҳазори он бо дирҳами муҳаммадӣ ва 2 ҳазори онро бо дирҳами мусаябӣ) месупорид. Бояд қайд кард, ки дар Уструшана маҳз шурӯъ аз ҳамин давра густариши дини ислом ҷорӣ мегардад, вале ин раванд хеле суст буд[3].

Соли 806 бо сарварии сарлашкари араб Рофеъ ибни Лайс бар зидди халифа исён бармехезад, ки маказн он Самарқанд буд ва шӯриш қаламрави Чоч, Фарғона, Хуҷанд, Бухоро, Суғд, Хоразм, Чағониён ва Хуттал аз ҷумла Уструшанаро фаро гирифт. Дар ин ошӯб қоиммақом, яъне дастнишондоди халифа дар Хуросон (ки идоракунандаи минтақаи Шарқ – Хуросону Мовароуннаҳр маҳсуб меёфт) кушта шуда, чанд муддат ин музофотҳо аз зери асорати арабҳо мустақил шуданд. Барои фурӯ нишонидани исён валиаҳди халифа Маъмун иштирок намуда, ӯ лашкари зиёдеро барои пахш намудан ба

[1] Негматов Н. Уструшана в древности и раннем средневековье. – С. 139.
[2] Аҳмад ибни Абияъқуб ибни Возеҳ ал-Яъқубӣ. Ал-Булдон. Тарҷумаи доктор Муҳаммадиброҳими Оятӣ. Баргардонкунанда аз хати форсӣ ба кириллӣ Некрӯз Сафарзода. – С. 79.
[3] Негматов Н. Уструшана в древности и раннем средневековье. – С. 139-140.

Суғд, Уструшана ва Фарғона мефиристад ва исёнро пахш менамояд. Танҳо соли 810 ба арабҳо муяссар гардид, ки ин исёни халқиро дар натиҷаи ба ҷониби худ ҷалб намудани сарвари ошӯбгарон  Рофеъ ибни Лайс ва хиёнаткорона ба ҷониби арабҳо гузаштани ӯ пахш намоянд. Барои пахши шӯриши мазкур писарони Асади Сомонӣ бародарон – Нӯҳ, Аҳмад Яҳё ва Илёс низ иштирок доштанд[1].

Маъмун соҳиби тахти хилофати Аббосиён мегардад ва мувофиқи фармони ӯ аммазодааш Ғассон ибни Аббод волии Хуросону Мовароуннаҳр таъин мешавад. Ғассон вилоятҳои алоҳидаи Мовароуннаҳрро ба идораи писарони Асади Сомонӣ месупорад. Дар ин бора Хондамир чунин менависад, ки "Нӯҳ ибни Асадро волии Самарқанд таъин кард ва Аҳмад ибни Асадро ба иморати Фарғона фиристод ва Шошу Уструшанаро ба Яҳё ибни Асад мусаллам дошт ва Илёс ибни Асадро либоси ҳукумати Ҳирот пӯшонид"[2]. Бино бар маълумоти сарчашмаҳои асримиёнагӣ, аз ҷумла "Китоб-ул-ибар"-и Ибни Халдун, "Ашкол-ул-олам"-и Ҷайҳонӣ, "Зайн-ул-ахбор"-и Муҳаммад Гардезӣ, "Ҳабиб-ус-сияр"-и Хондамир ва дигарон волигии Уструшана дар давоми солҳои 819-820 дар уҳдаи Яҳё ибни Асад буд. Академик  Н.Неъматов тибқи ахбори Ибни Асир қайд мекунад, ки  мулкҳои Чоч ва Уструшанаро Яҳё ибни Асад то соли 855/6 идора кардааст. Пас аз вафоти ӯ бародараш Аҳмад то соли 864 ҳокими  Уструшана буда,  баъдан ба  писари худ Яъқуб мерос мегузорад, вале то кадом сол дар Уструшана ҳукмат кардани Яъқуб маълум нест[3]. Мувофиқи маълумоти академик А.Мухторов солҳои 886-892 Исмоили Сомонӣ дар Уструшана ҳукмронӣ кардааст[4], ки ин маълумот дар осори дигар муҳаққиқон ба назар намерасад.

Мувофиқи ахбори сарчашмаҳо ва тадқиқотҳои  муҳаққиқон Исмоили Сомонӣ (солҳои ҳукмрониаш 892-907) ба салтанати хонаводаи афшинҳо дар

---

[1] Негматов Н. Уструшана в древности и раннем средневековье. – С. 138.

[2] Ғиёсуддин ибни Ҳумомуддин Ҳусайни Хондамир. Ҳабиб-ус-сияр // Сомониён дар оинаи таърих. - Ҷилди 1. – Хуҷанд: Нашриёти давлатии ба номи Раҳим Ҷалил, 1998. – С. 389.

[3] Негматов Н. Уструшана в древности и раннем средневековье. – С. 150; Неъматов Н. Давлати Сомониён: тоҷикон дар асрҳои IX-X. – С. 25.

[4] Мухторов А. Амирон ва вазирони Сомонӣ. –С. 4; Мухторов А. Мақоми ҷаҳонии Уструшаниҳо. – Душанбе: Сурушан, 2002. – С. 10.

Уструшана хотима гузошта, соли 893 охирин намояндаи сулолаи Ковус Сайр ибни Абдуллоҳро аз ҳокимияти Уструшана вожгун сохт ва дар он ҷо ба номи худ сикка зарб намуд. Инро феҳристи сиккаҳои мусулмонӣ, ки дар Эрмитажи давлатии шаҳри Санкт-Петербург маҳфуз буда, ки онро А.Марков мураттаб сохтааст, исбот менамояд[1]. Пас аз волии Мовароуннаҳр таъин гардидани Исмоили Сомонӣ эҳтиёҷ ба зарробхонаи Уструшана намонд ва он ба Самарқанд кӯчонида шуд.

Дар бораи сиккаи афшини охирини Уструшана Сайр ибни Абдуллоҳ сиккашиносони номӣ Д.Довудӣ ва А.Шарипов маълумот додаанд, ки дар боло зикри он рафта буд. Муаллифони мақола қайд менамоянд, ки соли 893 барои вайрон намудани шарти имтиёз ва содир кардани амали марказгурезӣ аз ҷониби Сайр ибни Абдуллоҳ Исмоили Сомонӣ чораандешӣ намуд. Аз рӯи маълумоти сиккаҳои дар боло зикршуда Д.Довудӣ ва А.Шарипов ба чунин хулоса меоянд, ки андешаи академик В.В.Бартолд[2] дар хусуси то сол 893 дар Уструшана мустақилона ҳукмрон будани сулолаи афшинҳо эҳтимол дуруст бошад. Аммо муаллифон ба чунин хулоса меоянд, ки ҳокимони Уструшана, аз ҷумла афшин (амир) Сайр ибни Абдуллоҳ дар ин давра комилан мустақил набуда, ба Сомониён итоат мекард. Аз ҷониби дигар мавҷудияти зарбхона дар Уструшана ва аз номи Сайр бинни Абдуллоҳ сикка задани тангаи мисӣ далели он аст, ки ҳокимони ин вилоят соҳиби имтиёзи муайяне буданд[3].

Ҳамин тариқ, Исмоили Сомонӣ дар соли дуюми ҳукмронии худ ҳамчун волии Мовароуннаҳр ва ҳамоно, ки аз ҷониби халифа маншур (ҳуҷҷат дар бораи тасдиқи соҳиб шудан ба ҳокимият) мегирад, ба водии Талас, Тароз лашкар кашида, кони Шелҷиро ба зери тасарруфи худ медарорад. Дар баробари ин, ба Уструшана лашкар кашида, ба ҳукмронии сулолаи афшинҳои Уструшана хотима мегузорад. Доир ба таърихи сиёсии минбаъдаи Уструшана маълумотҳо хеле кам ва пароканда вуҷуд дошта, ин мулк ҳамчун як воҳиди маъмурӣ ва

---

[1] Марков А. Инвентарний каталог мусульманских монет имп.Эрмиража. – С. 112; Бартольд В. Туркестан в эпоху манголского нашествя. Том 2. Част 2. – С.Петербург, 1900. – С. 217

[2] Бартольд В. Туркестан в эпоху манголского нашествя. Том 2. Част 2. – С.Петербург, 1900. – С. 217.

[3] Довудӣ Д., Шарипов А. Бозёфти сиккаи дуюми афшини Уструшан Сайр бинни Абдуллоҳ дар Тоҷикистон // Мақоми Истаравшан дар таърихи тамаддуни халқҳои Осиёи Марказӣ. – С. 38.

вилояти қаламарви Сомониён арзи вуҷуд дошт ва таърихи он бо воқеаҳои сиёсии замони Сомониён иртиботи ногусистанӣ дорад.

Метавон гуфт, ки ҳаёти сиёсии Уструшана ба ҳукмронии сулолаи маҳаллии унвони афшинро доштанд, вобаста буда, афшинҳои Уструшанаи асри IX аз насли дуюми сулола ҳукмронӣ мекарданд. Сулолаи якум аз соли 600 то 720 ҳукмронӣ намуда, аз Раханҷ ном афшин оғоз гардида, аз рӯйи маълумоти нумизматӣ бо номҳои Чирдмиш, Сатачари I, Раханч I, Сатачари II, Сатачари III, Раханч II, Раханч III ҳукмронӣ намудаанд. Насли дуюми сулолаи афшинҳо аз соли 720 то 894 ҳукмронӣ намуда, чунин афшинҳо бо номҳои Харобугра (солҳои 720-738), Ханохура (солҳои 738-800), Ковус (солҳои 800-825), Ҳайдар ( ё ал-Афшин) (солҳои 825-840), Ҳасан (солҳои 840-860), Абдаллоҳ (солҳои 860-880), Сайр ибни Абдуллоҳ (солҳои 880-893/894) буданд.

Афшин Ковус ҳангоми саргарми амалиётҳои беруна будан, дар моҷарои дохилидарборӣ сар зада, боиси ифшои мудофиаи садсола ва муқобилати якунимасраи уструшаниҳо бар зидди арабҳо ва ишғоли Уструшана бо ёрии Тоҳириён ба дасти хилофат гардидааст.

Забти Уструшана дар соли 822 бо ёрии Тоҳириён аз ҷониби арабҳо барои мустаҳкам шудани ҳокимияти ин сулола дар Хуросону Мовароуннаҳр гардида бошад, аз тарафи дигар пеши роҳи як давлати мустақилро, ки аз ҷониби афшин Ҳайдар таҳрезӣ шуда буд, ба вуҷуд овард. Дар баробари ин ҳукмрон гардидани сулолаи Сомониён ба маҳдудияти ҳокимияти сиёсию маъмурии афшинҳои Уструшана гардид.

Дар замони давлатдории Сомониён бо вуҷуди оне, ки баъзе унвонҳои қадимаи маҳаллӣ, амсоли ихшиди Суғд, афшини Уструшана маъмул буд, дар миёни ҳокимон ва маъмурони маҳаллӣ унвону мартабаҳои туркиасл, ба монанди “султон-ус-салотин” (тарҷумаи таҳтулафзии “шоҳаншоҳ”) нуфузи бештар касб намуданд. Чунин унвону мартабаҳои арабиасл, аз ҷумла малик, амир ва туркиасл, султон ва ғайра тадриҷан ба вожаи форсӣ ворид гардиданд ва

боиси он шуданд, ки қисми истилоҳоти маъмурии бумӣ аз доираи истифода берун равand[1].

Ба мақоми мансабдорони маҳалии шаҳру вилоятҳо чун анъана намояндагони хонадон ва ашрофони олимақом ба ҳукумати марказӣ содиқ таъин карда мешуданд.

Бо мақсади мустаҳкам намудани ҳокимияти марказӣ Исмоили Сомонӣ ҳокимон ва маъмурони маҳаллии мустақили Мовароуннаҳрро аз байн бардошт, ки афшинҳои Уструшана аз ҷумлаи онҳо мебошанд. Аз ин пас  ному насаби дастнишондод, яъне маъмурони таъин намудаи Исмоили Сомонӣ дар қаламрави Уструшана дақиқан маълум набошад ҳам, нафароне, ки ба ин вилоят масъули корҳои идорӣ таъин мегардид, ки шахси босалоҳият ва содиқи хонадони Сомониён бошад.

Тавре, ки маълум аст, бо мақсади васеъ намудани сарҳади давлати худ Амр ибни Лайси Саффорӣ  ба қаламрави Мовароуннаҳр дастдарозӣ кардан мехост, ки он бо маншури халифа ҳанӯз аз соли 893 дар тобеияти Исмоили Сомонӣ қарор дошт. Ба қавли профессор С.Абдуллоев мардум ба сиёсати Исмоили Сомонӣ таваҷҷуҳи хоса намуда, ҳулқу ҳуш, адолату ҷавонмардии амири Сомониро бар муқобили Амр ибни Лайс медиданд ва пуштибонӣ мекарданд[2].

Дар "Таърихи Систон" омадааст, ки "... Исмоил ибни Аҳмад андар Мовароуннаҳр мунодӣ кард, ки Амр омад, ки Мовароуннаҳр бигирад ва мардумон бикушад ва молҳо ғанимат кунад ва занону кӯдакон барда кунад. Чун чунин буд, ҳар чӣ андар Мовароуннаҳр кас буд – марони корӣ – ҳама бо ӯ бархостанд ва бар ҳарби Амр омаданд. Гуфтанд: "Ба мардӣ кушта шавем, беҳ аз он ки асир". Амр ба Балх андак буд ва Исмоил дари Балх ва ҳарбҳои бисёр бикарданд... Рӯз шаб гашт ва лашкари Амр хазимат карданд"[3]. Дар ин ҷанги амирони Хуросону Мовароуннаҳр бисёре аз мардуми минтақа, аз ҷумла ҷанговарон ва ҳарбиёни Уструшана низ иштирок доштанд ва ҳокимияти Сомониёнро пуштибонӣ ва ҷонибдорӣ намуданд. Профессор С.Абдуллоев бар

---

[1] Абдуллоев С. Амирони Сомонӣ. – М.: 4 филиал Воениздата, 1999. – С. 462.
[2] Ҳамон ҷо. – С. 87.
[3] Таърихи Систон // Сомониён дар оинаи таърих. Ҷилди якум. – С. 71.

он андеша аст, ки Амри Лайс ба сиёсат ва рушди давлатдории Сомониён рағбат ва тамоили хоса нишон медод. Амр гумоштагони хешро ба шаҳру вилоятҳои мухталифи Мовароуннаҳр фиристод, то мардумро ба ӯ дилгарм сохта, бар зидди Исмоил бишӯронад ва амири Сомониро аз пуштибонони неруманде, ки аз мардум дигар бештаре нест, маҳрум намояд. Чунин иқдоми Амр натавонист ба давлати Сомониён, ки нафақат аз ҷиҳти маъмуриву ҳуқуқӣ, балки аз нигоҳи сиёсиву маънавӣ комилан таъсис ва ташаккул ёфта буд, ихтилофе ба бор оварда бошад[1].

Соли 907 Исмоил ибни Аҳмади Сомонӣ бо сабаби беморӣ вафот намуд ва ҳамон сол халифаи аббосӣ Муктафӣ (902-908) маншур ва ливои ин сарзаминро ба писари ӯ Аҳмад ибни Исмоил (907-914) месупорад[2]. Вале тамоми давраи ҳукмронии амир Аҳмад ибни Исмоил барои фурӯпошии шӯришҳои зидди ҳокимияти ӯ масрф гардид. Амаки ӯ дар Самарқанд бар зидди ӯ шӯриш мебардорад, барои пахши он кӯшиш мекунад. Минбаъд ӯ шӯришҳои дар Рай, Табаристон, Систон бавуҷудомадаро фурӯ нишонад. Вале дар Мовароуннаҳр, ба истиснои ҳокимияти Самарқанд, ки зери маъмурияти амаки худи ӯ – Исҳоқ ибни Аҳмад қарор дошт, дигар шӯру ошӯбҳо бар нахестанд. Уструшана амалан дар зери итоати Аҳмад ибни Исмоил қарор дошт. Тибқи маълумоти Гардезӣ Аҳмад ибни Исмоилро ғуломонаш ҳангоми шикор дар Фарабр ба қатл мерасонанд ва ӯ чун амири шаҳид дар таърих маълум аст[3]. Пас аз вафти Аҳмад ибни Исмоил писараш Наср ибни Аҳмад дар синни ҳаштсолагӣ соли 914 ба тахт нишаста, сӣ солу се моҳ ҳукмронӣ кардааст. Замони ҳукумати Наср ибни Аҳмад (914-943) қаламрави Мовароуннаҳру Хуросон ба тобеият ва маъмурияти ин амири Сомонӣ қарор дошт. То ба балоғат расидани амири наврас ҳокимият амалан ва зимоми идораи давлат дар дасти вазирони ботадбири ӯ Абулфазли Балъамӣ (914-918) ва Абуабдуллоҳ ибни Аҳмади Ҷайҳонӣ (918-938) қарор дошт.

---

[1] Абдуллоев С. Амирони Сомонӣ. – С. 88.
[2] Табарӣ. Таърих-ур-русул вал-мулк. Ҷилди 15. – С. 6772.
[3] Таърихи Гардезӣ // Сомониён дар оинаи таърих. Ҷилди 1. – С. 106.

Бояд қайд кард, ки замони ҳукмронии Наср ибни Аҳмад давраи пурқувватшавии ҳокимияти марказӣ, ташаккул ва таъсиси дастгоҳи муназзами идории давлатӣ – даргоҳ ва девонҳо гардида, барои идора кардани қаламрави кишвар таҷрибаи олимон дар маҳфили наздидарборӣ мавриди истифода қарор мегирифтанд. Маҳз дар замони Наср ибни Аҳмад намояндагии девонҳо ва ҳокимияти марказӣ дар шаҳру вилоятҳо ҳамчун маъмур таъин мегардиданд ва барои побарҷой мондани ҳокимияти марказӣ кӯшиш менамуданд.

Ба қавли профессор С.Абдуллоев тадбирандешӣ ва корсозиҳои Наср ибни Аҳмад зоҳир шуд, ки ӯ ҷадди аълои худ - Исмоили Сомонӣ дар мушкилот ва чораҳо истеъдоди нодир доштааст[1].

Дар Бухоро, Самарқанд ва дар баробари он дар Уструшана ва дигар шаҳру вилоятҳо зимоми идораи маъмуриву ҳарбӣ ва молиётӣ таҳти назорати амирони Сомонӣ қарор дошт. Мутассифона шӯришҳои пай дар пай дар Хуросон ва норизоятии намояндагони сулола ва ҷонибдории амир Наср ибни Аҳмад ба ҳаракати қарматия боиси аз ҳокимият дур шудани ӯ гардид.

Давраи ҳукмронии амир Наср ибни Аҳмад ба нимаи аввали асри X рост омада, баъди ӯ аз 10 апрели соли 943 Нӯҳ ибни Наср ба тахт нишаст. Ибтидои ҳукмронии Нӯҳ ибни Наср дар мубориза бар зидди ҷонибдорони ҳаракати қарматӣ сурат гирифт, ки ҷамъоварии лашкар ва бартарафсозии ин ҳаракат хазинаи давлатро холӣ намуд. Ҳамзамон дар соли аввали ҳукумати Нӯҳ ибни Наср дар Нисо зилзилаи шадид бавуҷуд омад, ки бисёре аз деҳаҳоро хароб ва панҷоҳ ҳазор мардумро дар зери гилу хок нобуд сохт[2].

Барои раҳоӣ аз буҳрони сиёсиву иқтисодӣ Нӯҳ маҷбур шуд, ки андози солонаро зиёд намуда ва ҳатто андози соли ояндаро пеш аз муҳлат ҷамъ намояд. Мардуми Хуросону Мовароуннаҳр аз ин сиёсати Нӯҳ изҳори норозигӣ баён намуданд. Дар заминаи чунин норозигиҳо шӯришҳои пай дар пайи Абуалии Чағонӣ, Иброҳим ибни Симҷур ва дигар шахсони маъмурӣ бар бавуҷуд омада, зидди ҳокимияти Нӯҳ сар бардоштанд. Ҳатто Абуалӣ ибни

---

[1] Абдуллоев С. Амирони Сомонӣ. – С. 157.
[2] Абусаъид Гардезӣ. Таърихи Гардезӣ // Сомониён дар оинаи таърих. Ҷилди якум. – С. 113.

Муҳтоҷ бародари Нӯҳ – Абуҷаъфар Муҳаммад ибни Насрро ба ҳокимият бароварда, амир таъин кард. Баъд аз он Абуалӣ ибни Муҳтоҷ ба аксари ҳокимони маҳаллӣ хабар фиристод, то ҳокимияти Муҳаммад ибни Насрро бишносанд[1]. Вале ҳокимияти Нӯҳ ибни Наср тайи чанд муддат аз даст рафта бошад ҳам, ба истиснои норозигиҳо дар Бухоро дар дигар шаҳру вилоят, аз ҷумла Уструшана амалан ҳукумати ӯ барқарор буд.

Ҳамин тариқ, шӯру ошӯбҳо бар зидди сиёсати ӯ бештар дар Нишопуру Марв, Рай, Тус, Самарқанду Бухоро ба назар расида, чунин даргириҳои сиёсӣ боиси заиф гардидани иқтидори ҳокимияти марказӣ гардид. Дар натиҷа Рай, Ҷибол, Аҳвоз ва Ироқ ба тасарруфи Оли Бӯя ворид гардида, Табатистон, Исфаҳон ва Шероз низ аз дасти Сомониён берун рафт. Дар чунин вазъи пуршиддати сиёсӣ минтақаҳои Хуросону Мовароуннаҳр дар дасти Нӯҳ ибни Наср боқӣ монда буд ва тавре қайд гардида буд, Уструшана дар минтақаи марказии Мовароуннаҳр қарор дошт. Моҷарои нотамои Нӯҳ ибни Наср бо Абуалии Чағонӣ боиси бемории Нӯҳ ва аз 28 августи соли 954 вафот кардани ӯ гардид[2].

Нӯҳ ибни Насрро панҷ писар – Абдулмалик, Мансур, Наср ва Абдулазиз дошт, ки Абдулмалик (936-961) писари бузур ва валиаҳди падар таъин шуда буд[3]. Аз падараш ба Абдулмалик ибни Нӯҳ давлати рӯ ба пароканда ва вазъи ногувори сиёсӣ мерос монд ва ӯ кӯшиш намуд, ки сиёсати мусилиҳатомезро пеш гирад. Ба ҳар як маъмур ва мулкҳо бо роҳи таҳамулгароӣ муносибат намуда, чанд муддат вазъи сиёсии кишварро ором кард. Муваффақияти дигари Абдулмалик ибни Нӯҳ мусолиҳа ва муросо намудан бо хонадони Оли Бӯя буд. Вале минбаъд дар дарбор мавқеи сиёсию идориро аз даст дода, зимоми маъмурӣ ба дасти сипаҳсолори турки он Алптегин вогузор буд. Мавқеи устувории Алптегинро бо он метавон мушоҳида намуд, ки аз соли 954 то соли 960 чор нафар вазоратро азл ва таъин карда буд[4].

[1] Абдуллоев С. Амирони Сомонӣ. – С. 194.
[2] Бартольд В.В. Сочинения. Том 1. – С. 309; Абдуллоев С. Амирони Сомонӣ. – С. 205.
[3] Абусаъид Гардезӣ. Таърихи Гардезӣ // Сомониён дар оинаи таърих. Ҷилди якум. – С. 118.
[4] Абдуллоев С. Амирони Сомонӣ. – С. 216.

Алптегин ва дигар саркардаҳои туркӣ, ки дар дарбори Сомониён роҳ ёфта, зимоми идории ҳарбию маъмуриро ба даст гирифта буданд ва ҳар замон кӯшиши истиқлолхоҳӣ доштанд. Дар ин бобат С.Улуғзода бамаврид таъкид карда мегӯяд: “Алптегин, Абуалии Чағонӣ, Абуалии Симҷурӣ, Фоиқ, Бектузун барин саркардаҳо, ки ҳар кадоме фавҷ-фавҷ лашкари ҷаррори туркро дар зери фармон дошт, ҳавои истиқлол ба сарашон зада, худ ба худ шоҳу амир шудан хоста, бар ҳукумати маҳаддӣ исён мекарданд”[1]. Аз ин лищоз, Алптегин мехост бар щар васила Абдулмалик ибни Нӯҳро аз тахт маҳрум созад. Новобаста аз хиёнату макру ҳила Алптегин шиҳнаи (маъмури) Хуросон гардида, барои Абдулмалик ҳадияҳо фиристода, худро содиқ вонамуд мекард. Тибқи ахбори сарчашмаҳо Абдулмалик солҳои охири ҳукмати худ кайфияти сиёсат ва идоракунии кишварро надошт ва майли ишрату майпарастӣ ӯро фарогирифта буд. гардезӣ менависад, ки “Алптегин аз баҳри Абдулмалик ҳадияҳо фиристод ва андарон асбон буд ва дигар чизҳо пеш оварданд. Ва Абдулмалик ҳаме чавгон зад андар майдон ва миқдори шароб хӯрда ва аз он асбони ҳадия ягон-ягон ҳаме барнишаст. Яке асб аз зери Абдулмалик биҷаст ва ӯро бияндохт (афтонд) ва сару гардани ӯ хурд бишкаст. Ӯро мурда бардоштанд ва “рашид” лақаб карданд”[2].

Профессор С.Абдуллоев дар асоси ахбори манбаъҳои таърихӣ давраи ба сари қудрат омадан, аслу насаби амири минбаъдаи Сомониро, ки Мансур ибни Нӯҳ мебошад, бо далелҳои ҷолиб баён кардааст. Қайд мегардад, ки лақаби садид (устувор, росту дуруст, маҳкамирода) ба хислатҳои Абусолеҳи Мансур мансуб буда, бо устувориву матонат аз ибтидои ҳукумати худ аз 1 декабри соли 961 бар зидди фитнаҷӯиҳои Алптегин муқобилати сахт нишон дода, амали қатъии ӯ хатари фурӯпошии давлатро гирифта, неруи қувваҳои марказгурези мамлакатро ҷилвагирӣ намуд[3]. Ҳамзамон ноорамиҳои сиёсию хатарҳои замони Абдулмалик ибни Нӯҳ, ки давлати Сомониёнро ба вазъи ногувор гузошта буд,

---

[1] Сотим Улуғзода. Пири ҳакимони Машриқзамин. Ҳаёт ва мероси илмию адабии Абуалӣ ибни Сино. –Душанбе: Маориф, 1980. – С. 56. (197 с.)
[2] Абусаъид Гардезӣ. Таърихи Гардезӣ // Сомониён дар оинаи таърих. Ҷилди якум. – С. 121.
[3] Абдуллоев С. Амирони Сомонӣ. – С. 225-226.

дар аҳди Мансур ибни Нӯҳ каме бартраф гардид. Дар баробари ин миёни мансабдорону маъмурони дарбору девон ва ҳокимияти маҳаллии Хуросону Мовароуннаҳр, инчунин коҳиш ёфтани умури марказии идорӣ дар замони ноустувории сиёсӣ дар сар то сари мамлакат мушкилотҳоро ба бор овард. Ин вазъият дар қаламрави шаҳру вилоятҳои Мовароуннаҳр, аз ҷумла Уструшана ба чашм мерасад. Авҷи сиёсии ноустовор дар Хуросону Эрони Ғарбӣ ҳамоно идома дошт[1].

Ҳамин тариқ, замони ҳукмронии Мансур ибни Нӯҳ давари нисбатан оромии сиёсӣ, раванқи илм, гузтариши замбони форсии дарӣ ва иншишоҳи ҳаёти иқтисодӣ дар қаламрави Сомониён гардид.

Тибқи маълумоти манбаъҳои таърихӣ Мансур ибни Нӯҳ моҳи март, дар баъзе сарчашмаҳои моҳи июн ё июли соли 976 вафот кард. Пас аз марги Мансур ворисаш Нӯҳ ибн Мансур дар соли 976 ба тахт нишаст, ки ҳамагӣ 12 сола буд. замони ҳукмронии Нӯҳ ибни Мансур (976-997) давраи мубориза, ноорoмиҳои сиёсии замон, аҳди фитнаҷӯиҳои Фоиқ, Тош, Абулҳасани Симҷурӣ ва Бектузун маҳсуб меёбад. Дар баробари хиёнатҳои сиёсии ба дараҷаи маъмурияти ҳарбию сиёсӣ расидани гвардияи турк, инчунин кӯшишҳои истиқлолхоҳӣ, партохт накардани молиёти Хуросон ба хазинаи давлат мушоҳида мегардид. Ин амал боиси заифии ҳарбию сиёсӣ, инчунин суст гардидани иқтидори  молиётии давлат оварда расонд.  Амири ҷавон Нӯҳ ибни Мансур ба парокандагии сиёсӣ рӯ ба рӯ гардида, тамоман зимоми идораи давлатро аз даст дода, аз ду ҷониб ба ҳуҷуми туркон – аз ҷониби ғарб ба Абуалии Симҷурӣ, аз ҷониби шарқ ба ҳуҷуми Буғрохони Қарохонӣ дучор омад. Дар ин бобат Мирхонд чунин ишора карда буд, ки Абуалии Симҷурӣ мавқеи худро дар Хуросон устувор намуда, ба малики турк Буғрохон мактубу байлакот фиристод ва пайғом дод, ки “агар хон мутаваҷҷеҳи Мовароуннахр гардад, ман низ аз он ҷониб  дар ҳаракат омада бад ӯ пайвандам, машрут ба он ки баъд аз

[1] Абдуллоев С. Амирони Сомонӣ. – С. 239.

дафъ ва рафъи Нӯҳ мамлакат мунқасим ба ду қисм шавад: Мовароуннаҳр аз хон бошад ва Хуросон ба ман тааллуқ гирад”[1].

Ҳамин тариқ, соли 992 бори аввал Буғрохони Қарохонӣ ба Бухоро лашкар кашида, онро ишғол намуд. Нӯҳ ибни Наср ба Омул фирор мекунад. Баъди ишғоли Бухоро ва ҳукмронӣ намудан Буғрохони Қарохонӣ вафот мекунад, ки аз рӯи анъанаи туркони қабилаи чигилӣ ва яғмо сардори ҳарбии онҳо дар ҷойе ҳалок гардад, он ҷойро тарк мекарданд. Бо рафтани Қарохониён Нӯҳи II ибни Мансур ба Бухоро баргашта, ҳокимияти Сомониёнро барқарор намуд. Вале дар ин лаҳза Абуалии Симҷурӣ дар Хуросон, Фоиқ дар Балх бар зидди Сомониён исён бардоштанд. Нӯҳи II маҷбур шуд, ки аз Сабуктегин, ки дар Ғазна мавқеи худро устовор карда буд, ёрии ҳарбӣ талабад. Дар муҳориба Абулии Симҷурӣ ва Фоиқ шикаст хӯрданд ва бо ин мавқеи Сабуктегин ва писари ӯ Маҳмуд дар Мовароуннаҳр устовор гардид[2].

Соли 997 Нӯҳи II ва Сабуктегин вафот карданд. Ба ҷойи Нӯҳ писараш Мансури II ибни Нӯҳ ба сари ҳокимият омад, ду сол 997-999 ҳукмронӣ намуд. Пас аз ба чашми Мансури II ибни Нӯҳ нил кашидани дарбориён ва аз тахт рафтани ӯ, бародари ӯ Абдулмалики II ба сари ҳокимият омад, ки танҳо қаламрави Мовароуннаҳр дар дасти Сомониён қарор дошт. Соли 999 баъди вафоти Сабуктегин Маҳмуди Ғазнавӣ аз ноустувории ҳокимияти Сомониён истифода намуда, тамоми Хуросонро ишғол намуд[3]. Доктор Ноҷӣ бар он андеша аст, ки мардуми Мовароуннаҳр, аз ҷумла уструшаниҳо бар зидди Қарохониҳо мусаллаҳ буданд, зеро аз ҷониби ҳокимияти марказӣ ва маҳаллии идорӣ амри мубориза шуда буд. Вале омммаи мардум ва фуқаҳо, ки нуфузашон дар байни омма бештар буд, халқро аз мубориза бар зидди туркони Қарохонӣ боздоранд. Фақеҳон Қарохониёнро низ мусулмон дониста, барои ҷиҳод кардани мусулмон бар зидди мусулмон нораво медонистанд ва дурӣ аз фитна шоистатар зикр кардааст[4].

---

[1] Мирхонд. Равзат-ус-сафо // Сомониён дар оинаи таърих. Ҷилди якум. – С. 350.
[2] Мухторов А. Амирони Сомонӣ. – С. 9.
[3] Ҳамон ҷо. – С. 10.
[4] Ноҷӣ М. Фарҳанг ва тамаддуни исломӣ дар қаламрави Сомониён. – С. 162.

Моҳи октябри соли 999 Насри Илоқхони Қарохонӣ пойтахти Сомониён шаҳри Бухороро ишғол намуда, ба Моваруннҳар соҳиб гардид. Насри Қарохонӣ баъди ишғоли Бухоро Абдулмалики II ибни Нӯҳ ва тамоми намояндагони хонадони Сомониёнро ба Узганд ҳабс намуд.

Соли 1000 аз ҳабс бародари Абдулмалик Абуиброҳим Исмоил бо ёрии канизоне, ки пештар дар Узганд дар асорат буданд, бо ба бар кардани либоси махфиёна фирор мекунад. Пас аз он Абуиброҳим Исмоил ба Бухоро омада, ба хонаи пиразане пинҳон шуда, ҷонибдорони Сомониёнро ҷамъ намуд. Баъди он ӯ ба дастаи Элакхони Қарохонӣ зарба зада, турконро аз Бухоро ронд ва бо унвони Мунтасир (фотеҳ, пируз, ғалабаовар) маълум гардид.

Ҳамин тариқ, Абуиброҳими Мунтасир чанд маротиба ба ба дастаҳои туркон дар Бухоро, Самарқанд, Хуросон, Гургон, Сарахс зарба зада, ҷонибдорони Сомониёнро ҷамъ менамуд. дар давоми солҳои 1003-1004 ҳатто чанд дастаҳои ҷонибдорони Мунтасир ба суйи туркон гузашта, нақшаҳои ӯро ошкор карданд[1]. Ноҷӣ менависад, ки дар саҳрои миёни Дизак ва Хавоси навоҳии Уструшана Ҳасан ибни Тоқ бо панҷ ҳазор тан ҳарбиён аз Мунтасир ҷудо гардида, ба Элакхони Қарохонӣ пайваст ва боқимонда лашкариёни ӯ кушта шуданд[2]. Пас аз ин шикаст Мунтасир ба Хуросон ақибнишинӣ карда, аз ҷониби араби бониянишин Ибни Баҳиҷ дар соли 1005 кушта мешавад.

Бо ҳамин таърихи сиёсии мулкҳои алоҳида ва вилоятҳои қаламрави Сомониён ба ду давлати туркӣ – Хуросон ба Ғазнавиён ва Мовароуннаҳр ба Қарохониён тақсим гардид.

Хулоса, дар Уструшана аз солҳои 20-уми асри VIII то охири асри IX насли дуюми афшинҳо (унвони маҳаллие, ки танҳо нисбат ба ҳукмрони ин вилоят мутааллиқ буд), ҳукмронӣ намудаанд. Аз ин насли дуюм ба истиснои Харобугра (солҳои 720-738) ва Ханахара (солҳои 738-800) дигар намояндаи афшинҳо дар давраи мавриди таҳқиқ, яъне аз соли 800 то соли 893, яъне Ковус (800-825), Ҳайдар (825-841), Ҳасан (825/841-860/4), Абдуллоҳ (860/4-880) ва

---

[1] Ноҷӣ М. Фарҳанг ва тамаддуни исломӣ дар қаламрави Сомониён. – С. 162-167.
[2] Ҳамон ҷо. – С. 167.

Сайр (880-893) ҳукмронӣ кардаанд. Баъди ҳамроҳ шудани вилояти Уструшана ба қаламрави давлати Сомониён ҳамчун яке аз вилоятҳои бонуфуз дар қатори Бухоро, Самарқанду Фарғона ва дигар вилоятҳо қарор дошт.

Афшинҳои Уструшана дар ду самт – дохилӣ ва берунӣ фаъолият доштанд. Дар самти дохилӣ дар дохили дарбор ва қаламрави вилоят ҳукм меронданд. Самти дуюм берун аз қаламрави Уструшана, аз ҷумла бо ҳокимони вилоятҳои алоҳидаи Мовароуннаҳр, Хилофати араб сару кор доштанд. Дар ин самт фиристодани сафорат, қабули сафорат, назорати тиҷорату савдо бо дигар шаҳру вилоятҳо низ ба шумули сиёсати берунаи афшинҳо шомил буд.

Бояд тазаккур дод, ки афшинҳои Уструшана дар замони забткориҳои арабҳо, ки вазъи хеле душвори сиёсиро ба вуҷуд оварда буд, кӯшиш менамуданд, то ки мустақилияти сиёсӣ, озодии иқтисодию иҷтимоӣ идеологии вилоятро таъмин намоянд.

Дар замони давлатдории сулолаи Сомониён сулҳу суботи минтақа ба назар расида, Уструшана ҳамчун воҳиди маъмурии он қарор гирифт, ки ба инкишофи ҳаёти иқтисодӣ, иҷтимоӣ фарҳангӣ ва ташаккулёбии тамаддуни Уструшана мусоидат кард.

## 2.2. Сохтори маъмурӣ-ҳудудӣ ва идоракунии маҳалӣ

Рушди нобаробари иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии халқиятҳо ва қавму қабоиле, ки дар қаламрави давлати Сомониён зиндагӣ мекарданд, сохт ва тарзи мухталифи хоҷагидорӣ дар Хуросон, Мовароуннҳр ва вилоятҳои дигар ба ҳаёти сиёсии ин давлат таъсири амиқ гузошта буд, ки он дар мураккабӣ, гуногунрангӣ ва гуногуншаклии ҳокимияти давлатӣ ва идоракунии маҳаллӣ, мансабу мартабаҳои ҳокимон таҷассуми худро ёфтааст. Гарчанде ин мақомот, унвону мансабҳо ва мартабаҳо шаклу зинаҳои гуногунро доштанд, вале дар амал ҳамаи онҳо як ҳадафу мақсад ва вазифаро иҷро мекарданд: таъмини ҳокимияти сиёсии табақаҳои ҳукмрон ва зери итоати онҳо нигоҳ доштани мардуми одӣ, ҳимояи манфиатҳои иқтисодӣ ва имтиёзҳои ашрофони мақоми болоӣ ва маҳаллӣ, сари вақт ҷамъ кардани андоз, пур кардани хазинаи марказии давлат ва мустаҳкам кардани иқтидори иқтисодию ҳарбии он, пахш ва саркӯб кардани ҳама гуна норозигӣ, саркашӣ, шӯришҳои халқӣ, таъмини тартибот, амният, оромӣ ва таъмини итоат ба ҳукумати марказӣ ва маҳаллӣ.

Доир ба ҳайати маъмурону мансабдорони дарбори ҳокими Панҷакент ҳуҷҷатҳои Қалъаи Муғ имкон дод, ки муайян гардад. Дар ин ҳуҷҷатҳо унвони маъмурону мансабдорони маҳаллӣ, аз ҷумла шоҳ, малик, фрамандар, тархан, тархун, хазинадор, саркотиб, садри раста, муовини садри раста, мудири муассисаи молиявӣ, сартабиб, сарсоқӣ, сардори чорбоғ, сардори саисхона, сипаҳсолор, мудири амбор, сардори купрук, ҳисобчӣ, посбон, ҷаллод ва ғайра номбар шудаанд[1]. Мансабу мартабаҳо ва унвонҳои номбаршуда дар бораи сохти мураккаби идорию маъмурӣ, иҷтимоию сиёсии маҳаллии Мовароуннаҳр дар асрҳои VII-VIII ва даврахои минбаъда, бахусус дар асри IX дар Суғд ва Уструшана, ки дар як саргаҳ қарор доштанд, гувоҳӣ медиҳад. Гарчанде дар бораи низоми идоракунии вилоятҳо, шаҳру рустоҳои дигар маълумоти кофӣ вуҷуд надорад, метавон гуфт, ки дар дигар шаҳру вилоятҳо низ чунин низоми

[1] Голамреза Дж. История государственного управления в Иране и Средней Азии: автореф. кан.ист.наук: 07.00.02 / Джавиди Голамреза. – Душанбе, 2004. – С. 26; Ҳуҷҷатҳои Қалъаи Муғ // Энсиклопедияи советии тоҷик. Ҷилди 1. – Душанбе: Сарред. илмии энсикл. сов. тоҷик, 1988. – С. 592.

идоракуӣ ва мансабу мартабаҳо бо баъзе фарқиятҳо ва монандиҳо вуҷуд доштанд.

Бояд зикр намуд, ки сохтори идоракунӣ ва мансабу унвонҳои маҳаллӣ дар вилоятҳои қаламрави Сомониён – Хуросон, Хоразм, Суғд, Фарғона ва ғайра дар сарчашмаҳо ва тадқиқотҳои таърихӣ то дараҷае инъикоси худро ёфтааст, аз ин рӯ, бо дарназардошти вазъ ва замони таърихӣ то дараҷаи муайян ин маълумотро метавон ба Уструшана низ нисбат дод.

Уструшана яке аз вилоятҳои бузург ва аз лиҳози иқтидори иқтисодӣ, сиёсӣ, ҳарбӣ, маъмурӣ аҳамияти хосса дошта ба ҳисоб мерафт. Вилояти Уструшанаро намояндагони ашрофони маҳаллӣ идора мекарданд, ки онҳоро афшин меномиданд. Дар ин бора Гардезӣ менависад, ки "Ушрусна, яке аз вилоятҳои Мовароуннаҳр буд ва он ҷо маликро афшин хонанд" [1].

Муаллифони манбаъҳои хатии асримиёнагии унвону мартабаҳои вилоят ва минтақаҳои алоҳидаро аз рӯи манбаъҳои қаблӣ ва маълумоти додаи аҳолӣ сабт мекарданд. Аз ҷумла, малик, подшоҳ, ҳоким, амир низ нисбати сулолаи ҳукмрони Уструшана ишора карда мешавад. Вале аксаран унвони афшин доштани сулолаи ҳукмрони Уструшана дар сарчашмаҳо омадааст, ки навиштаи Гардезӣ яке аз мисолҳост.

Афшини (ҳокими) вилояти мазкур аз авлоди Ковус буда, то соли 893 Уструшана амалан ҳуқуқи мулки мустақилро соҳиб буд[2].

Академик В.Бартолд қайд менамояд, ки дар замони қадим ҳокимони ноҳияҳои Мовароуннаҳр – Уструшана ва Суғд унвони "афшин"-ро доштанд. Шарҳу тавсири муфассали таърихию этимологии истилоҳи мазкурро шарқшиноси машҳур В.И.Абаев додааст. Ӯ тафсири куҳна ва дар ҳақиқат беасосро рад намуда, ин истилоҳро бо калимаи дар забони осетинӣ боқимондаи afsin (афсин)[3] – "кадбону" муқоиса менамояд. Ба андешаи В.И.Абаев занон – сарварони қабилаҳои сакоӣ – массагетӣ чунин унвонро доштанд. Аз онҳо ин истилоҳ баъдтар ба ноҳияҳои ҳамсояи Мовароуннаҳр гузошта, нисбат ба

---

[1] Абӯсаъид Абдулҳайи Гардезӣ. Зайну-л-ахбор. – Душанбе: Бухоро, 2014. – С. 116.
[2] Азимов Ш. Государство и право Саманидов. – С. 78.
[3] Бартольд В.В. Афшин // Соч. Том 2. Ч. II. – М.: Наука, 1964. – С. 497.

мардони сарвар истифода мешуд[1]. Ҳамин тариқ, истилоҳи afsin (афсин), ки дар байни осетинҳо маънои кадбону – зани сарвар, хӯҷаин, пешвозанро дошт, дар Варазруд тадриҷан нисбат ба мардони ҳукмрон истифда мешуд[2].

А.И.Абаев қайд менамояд, ки барои бақарор намудани риштаҳои таърихие, ки Уструшанаро ба Осетия пайваст месозад, кифоя аст, ки ба харитаи ҷуғрофӣ назар андозем. Ҳудуди Уструшана дар қисмати шарқии Суғди бостонӣ ҷойгир буда, аз шимол бо Сирдарё ҳаммарз буд. Ин маънои онро дорад, ки ҳамсояи наздиктарини уструшониҳо қабилаи массагетҳо (сакоиҳо) буданд, ки дар замони қадим дар соҳили дигари (паси) Сирдарё зиндагӣ мекарданд. Яке аз ин қабилаҳо аланҳо – гузаштагони осетинҳо буданд[3].

Ба андешаи суғдшинос А.М. Атохоҷаев унвони афшин бо вазифаи хутав (γwt”w) ва ё хвабу (γwβ(w), ки мазмуни “олиҷаноб” ё “муҳтарам”-ро дошта, ҳоким ва идоракунандаи мулки маъмурӣ дар Суғд буд, монанд аст[4]. Аз ин лиҳоз, ихшиди Суғд, бухорохудоти Бухоро, афшини Уструшана ҳокимони воҳиди маъмурии мустақил маҳсуб меёфтанд.

Академик Н.Неъматов қайд мекунад, ки “дар сари ҳамаи рустоҳои Уструшана (онҳоро “деҳқонон” идора мекарданд) афшин меистод, ки ӯ ҳам раияти қаторӣ, ҳам ҳарбиён ва ҳам идораи диниро таҳти назорати худ қарор дода буд[5]. Афшин соҳиби тамоми заминҳои вилоят ба ҳисоб мерафт, ки замин боигарӣ ва моликияти асосӣ буд.

Пеш аз он, ки дар бораи сохтори маъмурӣ-ҳудудӣ ва мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва идоракунии Уструшана сухан ронем, бояд дар бораи дастгоҳи марказии идоракунии давлати Сомониён маълумот диҳем. Зеро маҳз дастгоҳи идоракунии марказӣ, тарзу услуби давлатдорӣ, хусусиятҳои сохтори маъмурӣ-ҳудудӣ, мақомоти маҳаллии идоракуниро муайян ва мушаххас

---

[1] Абаев В.В. Среднеазиатский политический термин афшин // Вестник древней истории. – 1959. - № 2. – С. 112.
[2] Ғафуров Б. Тоҷикон. Таърихи қадимтарин, қадим ва асрҳои миёна. Китоби 1. – С. 73.
[3] Абаев В.В. Среднеазиатский политический термин афшин. – С. 113.
[4] Атаходжаев А.М. Тюрко-Согдийские отношения в политических, социально-экономических и этнокультурных процессах в раннем средневековье: автореф. дис. … д-ра ист. наук: 07.00.01 / Атоходжаев Азимхужа Музаффарович. – Ташкент, 2011. – С. 35-36.
[5] Негматов Н. Уструшана в VII-X вв: автореф. дис. … кан. ист. наук: 07.00.02 / Негматов Нуъман Негматович. – С. 15.

намуда, онро ба низом медарорад. Бидуни шарҳу тавсифи дастгоҳи идоракунии марказӣ мо дар бораи сохтор, тарзу услуби идоракунии маҳаллӣ тасаввуроти зарурӣ ва комилро пайдо карда наметавонем. Аз ин рӯ, мо зарур шуморидем, ки дар бораи дастгоҳи марказии идоракунии Сомониён маълумоти мухтасаре дода, бештар дар бораи сохтори маъмурии маҳаллӣ таваққуф намоем, зеро доир ба дастгоҳи марказии давлати Сомониён сарчашмаҳо ва тадқиқотҳои муҳаққиқон маълумотҳои зиёде додаанд ва ҳоҷат ба такрори он нест.

Таъмини истиқлолияти комили давлатӣ ва идора кардани чунин як мамлакати бузург аз амирони сулолаи Сомониён таъсиси як дастгоҳи тавоно ва бонизоми идоракуниро тақозо менамуд ва дар замони Сомониён чунин як дастгоҳи муназзами идоракунии давлатӣ таъсис дода мешавад. Дастгоҳи марказии идории давлати Сомониён ба ду қисм даргоҳ (дарбори подшоҳӣ) ва девонҳо (идораҳои марказии ҳарбӣ-граждани) тақсим мешуд[1]. Анъанаи девонсолорӣ дар замони Сосониён вуҷуд дошта, дар давраи Хилофати араб тарзи идоракунии марказонидашуда баъди ба сари қудрат омадани сулолаи Аббосиён ҷорӣ гардид[2]. Дар замони хилофат давлат хислати теократӣ дошта, ҳокимияти сиёсӣ ва динӣ дар дасти як нафар – халифа қарор дошт. Вазифаи халиф аз рӯи таълимоти "Қуръон" ва шариати ислом муайян гашта буд. Намояндагони Сомониён низ ин анъанаро риоя менамуданд, аз ҷумла ҳимояи дин, ҷорӣ намудани адолат, таъмини амнияти давлат, идора кардани мамлакат, ҷамъоварии андоз, лашкаркашӣ барои ҳимоя ва густариши дин вазифаи муҳими давлатдорӣ ва девонсолорӣ ба ҳисоб мерафт[3].

Муҳаққиқи Эрон Ғуломриза Эззатулоҳ дастгоҳи марказии идории дарбори Сомониёнро аз се қисмат иборат медонад ва ба ғайр аз ду дастгоҳи дар боло зикршуда, дастгоҳи сеюм – муфтиётро номбар менамояд, ки дар тадқиқотҳои олимони дигар ба назар намерасад. Муфтиёт қисмати маъмурию идеологии давлатро ташкил карда, ба ҳайати он руҳониёни олимақоми ислом ворид

---

[1] Ғафуров Б. Тоҷикон. Таърихи қадимтарин, қадим ва асрҳои миёна ва давраи нав. – С. 336.
[2] Мец А. Мусульманский ренессанс. Пер. с немец. А.Е. Бертельса. – М.: Наука, 1966. – С. 70-73.
[3] Сафаров И.Д. Правовая система государство Саманидов (IX-X вв.): дис. … кан. юрд. наук: 12. 00. 01 / Сафаров Иномджон Давронджонович. – Душанбе, 1998. – С. 66.

мешуданд ва сарвари онро аввал шайхулислом ва минбаъд устод меномиданд[1]. Вазифаи муфтиёт аз он иборат буд, ки ҳам дар маркази давлат ва ҳам дар вилоятҳо ва шаҳру навоҳӣ ходимони дин дар назди маъмурон фаъолият дошта, дар роҳи таъмини шариат, аҳкоми ислом, ғояҳои динӣ ва тарғиби он амал мекарданд. Мавҷудияти шумораи зиёди шайхон ва пешвоёни руҳониро дар замони Сомониён ва нақши онҳоро дар умури давлатдорӣ Ш.Азимов низ дар асари худ ёдрас шудааст[2].

Азбаски дар Уструшанаи замони мавриди тадқиқ дини ислом нисбатан дертар ҷорӣ гардид, эҳтимолан ин қисмати сеюми дастгоҳи давлатии марказӣ вуҷуд дошта, барои ҷорӣ шудани дини ислом, назорат кардани амру фармоишҳои марказӣ фаъолияти густурда дошт. Вале то чи андоза фаъолият бурдани муфтиёт дар ҳудуди Уструшана ахбори дақиқ дар даст нест.

Маълум аст, ки кори оғоз намудаи амир Исмоил доир ба ҷорӣ намудани усули муназзам ва марказонидашудаи идоракунии давлат дар замони писари ӯ Аҳмад бинни Исмоил (солҳои ҳукмрониаш 907-914) ба анҷом нарасид. Танҳо дар замони ҳукмронии набераи амир Исмоили Сомонӣ Наср бинни Аҳмад (солҳои ҳукмрониаш 914-943) ва бо ташаббуси вазирони оқил Абуабдуллоҳ Муҳаммад бинни Ҷайҳонӣ (солҳои 914-918) ва Абулфазл Муҳаммад бинни Убайдуллоҳи Балъамӣ (солҳои 918-938) сохтори девонсолорӣ ва дастгоҳи бонизоми идоракунӣ ҷорӣ гардид.

Мувофиқи ахбори Муҳаммад Наршахӣ дар замони ҳукмронии Насри II (солҳои 914-943) дар Регистони Бухоро даҳ бинои муҳташам бунёд карда шуда, дар онҳо даҳ девони марказӣ ҷойгир карда мешаванд, ки ҳар як девон (вазорат) як самти муҳим ва муайяни умури давлатдориро роҳбарӣ ва ба танзим медароварад. Дар асари Наршахӣ "Таърихи Бухоро" чунин омадааст: "Ва андар рӯзгори оли Сомон амири сайид Наср бинни Аҳмад бинни Исмоил ус-Сомонӣ ба Регистон сарое фармуд ва сарое сохтанд бағоят некӯ ва моли бисёр дар вай харҷ кард. Ва бар дари сарои хеш сарои уммол фармуд бино карданд, чунонки

[1] Голамреза Э.Г. Международные связи государство Саманидов (IX-X вв.): дис. … кан. ист. наук: 07.00.15 / Эзатуллах Ходадади Голамреза. – С. 30.
[2] Азимов Ш. Государство и право Саманидов. – Душанбе: Ирфон, 1999. – С. 40.

ҳар омилеро алоҳида девоне будӣ андар сарои хеш бар дари сарои султон, чун: **девони вазир** ва **девони муставфӣ** ва **девони соҳибшурат** ва **девони соҳибмуайяд** ва **девони шариф** (мушриф) ва **девони мамлакаи хос** ва **девони муҳтасиб** ва **девони авқоф** (вақф) ва **девони қазо** (қозӣ). Бадин тартиб девонҳо фармуд бино ниҳоданд”[1].

Муҳаммад ал-Хоразмӣ дар бораи мавҷудияти девони дигар – девони умури ҳарб маълумот додааст, ки он дар асари Наршахӣ зикр наёфтааст[2]. Шояд Наршахӣ аз он сабаб девони ҳарбро зикр накардааст, ки он ҷои доимӣ надошта, баробари аз як ҷо ба ҷои дигар сафарбар шудани лашкар дар ҳаракат буд.

Дар бораи мавҷудияти девонҳои дигар дар осор ва тадқиқотҳои муҳаққиқони дигар низ маълумот оварда мешавад. Масалан, ал-Муқаддасӣ доир ба мавҷудияти **девони об** сухан ронда, онро **“девони дарё”** - муассисаи асосии танзимкунандаи масъалаи об ва обёрӣ дар мамлакат тавсиф намудааст[3]. Муаррих Ш.Шарифов дар мақола худ қайд менамояд, ки дар байни мансабдорони олирутбаи замони Сомониён мансаби **амири об**[4] мақоми хоса дошт. Дар тадқиқотҳои таърихӣ ба масъалаи ташкили идоракунии хоҷагии об дар замони Сомониён, ки соҳаи аз ҳама муҳимтарин дар Шарқ маҳсуб меёбад, ба таври бояду шояд таваҷҷуҳ зоҳир карда намешавад[5].

Давлати Сомониён аз лиҳози сохтори маъмурӣ-ҳудудии андозсупоранда ва идоракунӣ аз вилоятҳои бузург, шаҳру шаҳракҳо, рустоҳо, деҳу деҳкадаҳо иборат буда, онро маъмурон ва мансабдорони маҳаллӣ идора мекарданд.

Профессор С.Абдуллоев номгӯи 25 вилоят ва шаҳрҳои бузурги Сомониён, аз ҷумла Бухоро, Самарқанд, Уструшана, Фарғона, Хуҷанд, Чочу Элоқ (Илоқ), Исфиҷоб, Хоразм, Гургонҷ (Гурганҷ), Чағониён, Хатлон, Бадахшон, Балх,

---

[1] Абӯбакр Наршахӣ. Таърихи Бухоро. Муҳарири масъул А.Мухторов. – Душанбе: Дониш, 1979. – С. 32.
[2] Bosworth, C.E. The Gaznavids, their empire in Afganistan and Esatern Iran 944-1040. – P. 29.
[3] Ал-Макдиси. Ахсан ат-такосим фи маърифат ал-косим. Извличение. Пер.С. Волина // Материалы по истории туркмен и Туркмении: т. 1. – М., Л., 1939. – С. 185-208.
[4] Амири об - мансабдори олие, ки ҳаллу фасли тамоми масъалаҳои марбут ба об ва обёрии мамлакат дар ӯҳдаи ӯ буд. Бостоншинос В. Вяткин ин истилоҳро “мироб” тарҷума намудааст. Вале бояд таъкид намуд, ки шахсеро, ки дар деҳа ё маҳал аз болои низоми истифодаи об назорат мебарад ва имрӯз низ онро мироб мегӯянд, бо амири об-мансабдори олимақоме, ки хоҷагӣ ва умури оби тамоми мамлакатро идора менамуд, набояд як шуморид ва омехта кард.
[5] Шарифов Ш. Низом ва мизони истифодаи оқилонаи об ва захираҳои он аз дидгоҳи таърих // Номаи донишгоҳ. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва ҷомеашиносӣ. – 2014. - № 4. – С. 212.

Ҷузҷон, Ғарҷистон, Сиистон, Бомиён, Марв, Ҳирот, Нишопур, Сарахс, Деҳистон, Гургон, Рай, Табаристонро ва ғайра, ки дар сарчашмаҳои таърихӣ-ҷуғрофӣ ва асарҳои илмии дигар муҳаққиқон зикр шудаанд, овардааст[1]. Албатта, таҳлили пурраи ҷуғрофиёи қаламрави Сомониён бо як таҳқиқот ҷамъбаст нагардида, таҳқиқотҳои минбаъда ва муҳаққиқонро интизор интизор аст.

Муҳаққиқи ҷавон Н.Сафаров қайд менамояд, ки дар асари С.Абдуллоев "вилоятҳои Ғур, Кирмон, Ҷибол ҳамчун қаламрави Сомониён тавсиф нашуда, баъзе ноҳия ё шаҳрҳои тобеи вилоятҳо ба унвони вилояти ҷудогона зикр шудаанд"[2].

Муаррихи машҳури таърихи шаҳрҳои асримиёнагии Мовароуннаҳр О.Г.Болшаков дар асоси сарчашмаҳои таърихии асрҳои VIII-IX қайд мекунад, ки дар ин давра шумораи шаҳрҳо дар Хуросон ва Мовароуннаҳр хеле зиёд гашта, танҳо дар ҳудуди Мовароуннаҳр 280 шаҳр вуҷуд доштанд[3].

Ҳокимони мулку вилоятҳо, шаҳру марказҳои бузурги маъмурӣ-сиёсӣ ва идоракунӣ дар қаламрави Сомониён унвону мансабҳои гуногунро доштаанд. Масалан, ҳокими Хуросонро – марзбон, волӣ, қоиммақом, ҳоким, Бухороро – бухорхудот, Самарқандро – ихшид, Панҷакентро – ихшид, Кешро – ихрид, Хоразмро – хоразмшоҳ, Уструшанаро – афшин, Фарғонаро – ҳоким, Хатлон ва Бадахшонро – шоҳ ва ғайра меномиданд. Ин унвону мансабҳо то замони истилои арабҳо низ вуҷуд доштанд. Баъди истилои Хуросон ва Мовароуннаҳр арабҳо низоми идоракунии давлати теократиро (ҳокимияти олии сиёсӣ, давлатӣ ва динӣ дар дасти як шахс буд) ҷорӣ намуданд. Баъди озод шудан аз асорати арабҳо ва соҳиб гаштан ба истиқлолияти сиёсӣ дар замони Сомониён суннатҳои давлатдории миллӣ дар пояи ислом ва аҳкоми шариат эҳё гардид, зеро баъди қабули дини ислом идеологияи (ғояи) он асоси давлатдории асримиёнагии Мовароуннаҳр ба ҳисоб мерафт.

---

[1] Абдуллоев С. Ҷуғрофиёи таърихии давлати Сомониён. – Хуҷанд: Матбааи ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров, 2001. – 372 с.
[2] Сафаров Н. Ҷуғрофиёи таърихии Сомониён (дар асоси маъхазҳои таърихӣ): автореф. дисс... ном. илм. таъ.:07.00.09 / Сафаров Некрӯз Шодиевич. – С. 8.
[3] Большаков О.Г. Город Средней Азии в конце VIII – начале XIII вв. – М., 1974. – С. 12-13.

Ҳокими вилояти тобеи давлати Сомониён одатан аз авлоди подшоҳ, ё аз байни ашрофони бонуфузи маҳаллӣ, маликони бузург, феодалони калони маҳаллӣ, ё ин ки аз хонадонҳои ҳокимони собиқи маҳаллӣ, ки барои идора кардани он қобилият ва истеъдоди ташкилотчигӣ доштанд, таъин карда мешуданд. Инчунин ба ин вазифа сипаҳсолорони машҳур ва боистеъдоди собиқа низ таъин мегардиданд. Агарчи ҳокимияти Сомониён дар Уструшана қарор дошт, вале афшинҳои Уструшана ҳамоно дар сари ҳокимият қарор доштанд. Аз ин ҷо метавон хулоса намуд, ки шояд ҳокимияти афшинҳо то охири асри IX дар сари ҳокимият ба таври номиналӣ мушоҳида мешуд.

Ҳокимони вилоятро амирони Сомонӣ бо тавсияи вазир, ҷонибдории феодалони калони маҳаллӣ ва сарлашкарон ба вазифа таъин менамуданд. Чунин тарз ҳам ба назар мерасид, ки ба ин вазифа ба таври меросӣ намояндагони хонадони ҳокимони гузаштаи маҳаллии бонуфуз, ки даҳсолаҳо шаҳру вилоятҳоро идора мекарданд, таъин мешуданд[1].

Ҳокимони маҳаллии мулкҳои бузург ҳуқуқи ҷамъоварии андозро аз раияти (мардуми) қаламрави вилояти зери итоати онҳо қарордоштаро соҳиб буданд, инчунин соҳиби лашкари худ, ҳуқуқи сикка задани пулро бо нишон додани ному насабашон ва ному насаби ҳукмрони олӣ (амири вақт), нишон додани шаҳри марказии (пойтахти) вилоятро доштанд. Аммо баъзе масъалаҳо, аз ҷумла мустақиман пеш бурдани сиёсати хориҷӣ, гуфтушунид бо сарварони кишварҳои дигар, эълони ҷанг, бастани сулҳ, шартномаҳо ва дигар масъалаҳои марбут ба сиёсати хориҷиро надоштанд ва дар ин масъалаҳо тобеи ҳокимияти марказӣ буданд. Ҳокимони маҳаллӣ танҳо дар ҳудуди вилояти худ мустақил буда, ҳуқуқи пеш бурдани сиёсати хориҷиро надоштанд ва дар ин ҷода ҳокими мустақил набуданд.

Вароруд (Мовароуннаҳр) қисмати бузурги қаламрави Сомониёнро ташкил карда, мулкҳо ва вилоятҳои он аз ҷониби намояндагони хонадони Сомониён, ашрофони маҳаллӣ идора мешуданд. Нуфузи ҳокимияти марказӣ дар ин мулкҳо

[1] Ғафуров Б. Тоҷикон. Таърихи қадимтарин, қадим, асрҳои миёна ва давраи нав. – С. 531; Негматов Н. Давлати Сомониён. – С. 31.

пурра ва баъзан зоҳирӣ (номиналӣ) буд, яъне хонадони Сомониён мулкҳои дар Мовароуннҳар будаи худро комилан ва баъзан зоҳиран зери тасарруфи худ нигоҳ медоштанд. Аз ин лиҳоз, вилояти Уструшана дар ҳамин вазъ қарор дошта, дар сарчашмаҳо ахбори гуногун оварда мешавад.

Мақомоти маъмурии маҳаллӣ дар шаҳру вилоятҳои давлати Сомониён аз нигоҳи тобеияти идорӣ ба ду гурӯҳ ҷудо карда мешуд. Ба гурӯҳи якум шахсони мансабдор – соҳибони мулкҳои алоҳида, ки ба авлоди Сомониён алоқаманд буданд, дохил мекушанд. Ҳокимони Фарғона, Шош ва Уструшана онҳоро шоҳ эътироф мекарданд. Ба ин гурӯҳ ҳокимони вилоятҳо ва раисони шаҳрҳо низ шомил буданд, ки бевосита ба Сомониён тобеъ маҳсуб ёфта, аз намояндагони ҳокимияти давлатӣ ба ҳисоб мерафтанд.

Ба гурӯҳи дуюми мансабдорони ҳокимияти маҳаллии идоракунии давраи Сомониён намояндагони ҳамон муассисаҳои идоракунӣ дохил мешуданд, ки аз ҷониби девонҳо (вазоратҳо) мансабҳои алоҳидаро вогузор карда буданд[1]. Ба таври дигар қайд намоем, ин гурӯҳ намояндагиҳои девонҳои Сомониён маҳсуб меёфтанд, ки вазифаи маъмурӣ, ҳарбӣ-граждании худро дар ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва ҳарбии маҳаллҳо иҷро мекарданд.

Мақомоти маҳаллӣ ва идории давлатӣ дар замони Сомониён мақомотҳои вилоятӣ ва шаҳрӣ маҳсуб меёфтанд, ки тобеи идораи марказии дахлдор ва ҳокимони маҳаллӣ ба ҳисоб мерафтанд. Г.Н. Камолова қайд мекунад, ки маъмури марказии маҳаллӣ ҳоким маҳсуб меёфт, ки баъзан тибқи таомул ва анъана онро кадхудо низ меномиданд, ки маънои “хоҷаи хуб” мебошад[2].

Дар силсила ё зинаи умури идоракунӣ ва мансабдорони маҳаллӣ – мансаби раис, қозӣ, муҳтасиб мақоми хоса дошт.

Дар шаҳрҳо дар сари идораи шаҳрдорӣ – **раисон**, яъне шаҳрдор ё сарвари шаҳр меистод. Дар сарчашмаҳо оид ба таъин кардани раиси шаҳрҳо аз ҷониби амир аз ҳисоби ашрофони руҳонӣ ё дунявӣ маълумоти дақиқ мавҷуд нест.

[1] Хушвахтов Х.Х. Некоторые историко - правовые аспекты становления и развития местных органов управления в Средней Азии // Вестник ТГУПБП. Серия общественных наук. - № 3 (3), 2015. – Худжанд: Ношир, 2015. – С. 153.
[2] Камолова Г.Н.Освещение административной структуры государства Саманидов в периодической прессе РТ в конце XX-начале XXI вв. // Вестник Педагогического университета. – Душанбе: Таджикский государственный педагогический университет им.Садриддина Айни, 2019. – С. 233.

Низомулмулк дар асари худ “Сиёсатнома” муҳимтарин ва баландтарин мансабдорони давлати Сомониён – надим, дабир, соҳибхироҷ ва ғайраро номбар намуда, дар як радиф бо онҳо мансаби раиси Бухороро низ гузоштааст[1]. Академик В.В.Бартолд чунин меҳисобад, ки мансаби раиси шаҳр дар бисёр ҳолатҳо меросӣ буда, аз падар ба писар интиқол меёфт[2]. Академик Б.Ғафуров қайд менамояд, ки ҳар як шаҳр як нафар шаҳрдори худро дошт, ки ба ин вазифа нафаре аз байни ашрофон таъин мешуданд[3]. Профессор Л.И.Климович истилоҳи “раис”-ро ҳамчун сарвари маъмурияти маҳаллӣ дар шаҳрҳо ва рустоҳои давлатҳои мусулмонӣ, ки аз ҷониби ҳукумати марказӣ таъин мешуданд, маънидод намудааст[4]. Раис ташкили низоми идории шаҳру навоҳӣ, ба маърази иҷро расонидани фармони мухталифи амир, вазир ва девонҳоро бар уҳда дошт. Бояд тазаккур дод, ки то рӯзҳои охирини мавҷудияти аморати Бухоро дар баъзе шаҳрҳои он, ҳам дар адабиёт ва ҳам дар гуфтори маъмулӣ истилоҳи “раис” на барои ифодаи ҳокими шаҳр, балки вазифаи муҳтасиб истифода мешуд. Дар тадқиқоти Н.Неъматов қайд мегардад, ки ҳокимони вилоят раисро таъин мекунанд[5]. Ш.Азимов чунин  ақида дорад, ки раисонро амирони Сомонӣ таъин менамоянд[6]. Ба андешаи И.Сафаров вазифаи раиси шаҳр баъзан ба таври меросӣ вогузор мешавад[7]. Сулолаҳои маҳаллие, ки ба ҳокимияти марказӣ хизмати бехиёнат менамуданд, ворисони онҳо метавонистанд, ки идораи шаҳрро бар ӯҳда гиранд.

То замони Сомониён ва дар давраи салтанати онҳо низ дар Мовароуннаҳр дар ҳаёти сиёсии шаҳрҳо ва давлат ғайр аз раисон мақоми муҳимро **меҳтарон,** пешвоёни – (бузургони) авлод ва қабила, ашрофони олимақоми шаҳрӣ ишғол мекарданд[8].

Барои муайян намудани мақоми меҳтарон дар низоми идоракунии давлат оид ба ҳолати ба имзо расонидани шартномаи “сулҳ”, ки аз ҷониби арабҳо соли

---

[1] Низомулмулк. Сиёсатнома. – Душанбе: Адиб, 1989. – С. 146.
[2] Бартольд В.В. Туркестан. Ч 2. – С. 244.
[3] Гафуров Б.Г. История таджикского народа. Т. 1.  – М.: Политиздат, 1952. – С. 166.
[4] Климович Л.И. Хрестоматия по литературе народов СССР. – Л., 1947. – С. 816.
[5] Негматов Н.Таджикский феномен: история и теория. – С. 29.
[6] Азимов Ш. Государство и право Саманидов. – С. 79
[7] Сафаров И.Д. Правовая система государство Саманидов (IX-X вв.). – С. 96.
[8] Азимов Ш. Государства и права Саманидов. – С. 80.

712 пас аз шикасти Самарқанд ба гардани суғдиён зуран бор карда шуда буд, аҳамияти муҳим дорад. Истилоҳи меҳтар дар замони Тоҳириён нисбати сарлашкар, сипаҳсолор истифода мешуд ва бояд гуфт, ки лашкар маъмулан аз рӯи аломати авлодӣ-қабилавӣ ташкил карда шуда, дар сари ҳар гурӯҳи он пешвоёни авлод ва қабила меҳтарон меистоданд[1]. Оид ба меҳтарон ҳамчун шахсони соҳиби ҳокимияти амалидошта Наршахӣ низ чанд маротиба ёдрас шудааст. Аз ҷумла, ӯ қайд менамояд, ки аз мардуми Бухоро шахсони муътабар ва меҳтарон ба Исмоил бинни Аҳмади Сомонӣ замоне, ки ӯ ба амали ҷазодиҳанда бар зидди ошӯбгарон шуруъ намуд, ҳамроҳ шуданд[2]. Муаллифи “Ҳудуд-ул-олам” дар симои меҳтарон  пешвоён ва бузургони авлод, қабила ва сарватмандони маҳаллиро инъикос кардааст. Мувофиқи ахбори ал-Муқаддасӣ ҳокимияти меҳтарон хислати патриалхалӣ дошт[3]. Ба андешаи профессор С.Абдуллоев дар ҳузури ҳокимон табақаи махсусе ба истилоҳ “мушовирон” фаъолият доштанд, ки аз маъмурияти доимӣ бархурдор буданд[4]. Яъне мушовирон мунтазам аз ҳаёти иҷтимоӣ ва маъмурии маҳаллӣ мунтазам ба маъмурони худ маслиҳат дода, дар навбати худ тарзи рафтори маъмуринро ба халқ нишон медоданд.

Муаллифони асримиёнагии араб ҳокимони осиёимиёнагиро деҳқон (соҳиби хурд), малик (шоҳ), соҳиб (бой), азим (бузург), вузург (бузург), меҳтар (сарвар) меҳисобиданд[5].

Аз ин хулоса бармеояд, ки меҳтарон ё ин ки мушовирон одатан пирони ботаҷриба, кордон ва донандаи ҳалли муаммоҳои сиёсӣ-маъмурӣ буданд, ки маслиҳатчии доимии ҳокимон ва раисон маҳсуб меёфтанд.

Дар байни мансабдорони маҳаллӣ дар рустоҳо (рустоқҳо, деҳаҳо) мақоми деҳқонон хеле бузург буд, ки онҳо аз байни ашрофони деҳа – деҳхудоён, деҳқонон таъин карда мешуданд. Рустоқҳои Уструшанаи  асрҳои IX-X-ро

---

1 Абусаъид Абдулҳайи Гардезӣ. Зайну-л-ахбор. – Душанбе: Бухоро, 2014. – С. 113.
2 Наршахӣ А. Таърихи Бухоро. – С. 82.
3 Материалы  по истории туркмен и туркмении. том I. VII—XV вв.  Арабские и персидские  источники. – М., Л.,  1939. – С. 213
4 Абдуллоев С. Амир Исмоили Сомонӣ. – С. 165.
5 Голамреза Д. История государственного управления в Иране и Средней Азии в древности: автореф. дис. … кан. ист. наук: 07.00.02 / Голамреза Джавиди. – С. 26.

деҳқонон идора мекарданд, ки он меросӣ буда, ӯ ҳокими мардуми ҳамон маҳал ба ҳисоб рафта, соҳиби дастаи мусаллаҳ буд ва вазифадор буд, бо аввалин даъвати хӯҷаини худ – ҳокими вилояте, ки ба он рустои ӯ шомил буд, ҳозир гардад. Дар ин шумул воҳидҳои қаламрави Уструшана аз ин ягонагии маъмурӣ берун набуда, амсоли вилоятҳои ҳамҷавораш деҳқонон ҳамчун ҳукмрони маъмурии поёнӣ амал менамуданд.

Яке аз табақаҳои ҳоким – деҳқон ба ҳисоб мерафт. Истилоҳи "деҳқон" ҳанӯз аз замони Сосониён маълум буда, доир ба таҳаввулоти он дар асарҳои В.В.Бартолд, И.П.Петрушевский, А.Е.Бертелс[1] маълумот дода мешавад. Тибқи маълумоти сарчашмаҳои асримиёнагӣ унвони "деҳқон" ифодагари намояндаи бонуфуз ва сарватманди ҷомеа ба ҳисоб мерафт. Деҳқон гуфта заминдорони калон ва хурд, амалдорон, арбобони деҳаро меномиданд. Дар бораи ин табақа қайроқсангҳое, ки дар болообии Зарафшон аз ҷониби академик Аҳрор Мухторов ёфт шудаанд, маълумот медиҳанд. Дар 6 қайроқсанги аз мазори деҳаҳои Шамтич, Оббурдон ва Хоҷаҳо ёфтшуда, истилоҳи "деҳқон" вомехӯрад ва ин мазорҳо на оромгоҳи умумӣ, балки  мазори хоҷаҳо, сайидҳо мебошанд, ки худро аз авлоди пайғамбар меҳисобанд. Ин маълумот аз он шаҳодат медиҳад, ки номи шахсиятҳое, ки дар қайроқсангҳо сабт шудаанд, дар ҷомеаи феодалии ҳамондавра мақоми баландро ишғол мекарданд[2]. Деҳқон ҳамчун категорияи боломақом вуҷуд дошта, дар асрҳои XI-XIII тадриҷан аз байн меравад. Намояндаи калони феодалон дар сарчашмаҳои асримиёнагӣ бо унвони "деҳқон" қайд шудааст, ки шумораи умумии онҳо дар Уструшанаи замони мавриди таҳқиқ 18-то буданд. Дар ин радиф феодалони хурди деҳаҳо мавҷуд буда, онҳо аз ин адади зикршуда берун мебошанд. Яъне, ҳар як мансабдор – ҳокими рустоҳо, раисони шаҳрҳо ва кадхудои деҳаҳо феодалони калон ва миёнаву хурд буданд. Аз рӯи иттилои дигар дар замони Сомониён бо ҷидду

[1] Бартольд В.В. Туркестан в эпоху монгольского нашествия. Часть 2. – С. Петербург, 1900.; Петрушевский И.П. Земледелие и аграрные отношения в Иране XIII-XIVвв. – М. – Л., 1960. – С. 75-76; Бертельс А.Е. Носыри Хосрав и исмаилизм. – М., 1959. – С. 18-26.
[2] Мухторов А. К развитию социальной категории "дихкан" в срдение века. – М., 1963. – С. 1-2.

ҷаҳди зиёд дар ҳаёти сиёсӣ ва низомӣ бо дасти ҳокимони вилоят муносибати хуби мардум ба намояндаи худ, яъне ҳокимон мушоҳида мешуд[1].

Яке аз воҳидҳои хурди маъмурии Уструшанаро кат – ҳудуди ҷамоаи авлодӣ, ки дар он давра дар зинаи барҳамхӯрӣ қарор дошт, ба ҳисоб мерафт. Катҳо, ё ин ки дар баъзе осори олимон он ба шакли кед омадааст, на дар тамоми қаламрави мамлакат, балки дар гӯшаҳои дурдасти он вуҷуд доштанд. Катҳоро катхудоён идора мекарданд.

Катхудо мафҳуми сарвар, сардор мансабдори ба халқ хидмат расонанда, фаҳмида мешавад. Катхудо ҳангоми сохтмони каналҳо, корвонсаройҳо, боғҳо, ташкили мактабу мадрасаҳо сарварӣ намуда, ба олимон ва рушди ҷараёни фарҳангӣ ва пеш аз ҳама, барои мустақилии сиёсӣ кӯшиш менамояд[2]. Дар рустоҳои Уструшана оилаҳои калони ашрофзодагон бо сарвари оила, яъне катхудо зиндагонӣ доштанд. Дар ҳайати кат ё ин ки кедҳо на аъзои озоди оила, балки ҳамчунин заминдорон ва ғуломон низ шомил буданд. Ҳамаи кедҳо дар шаҳр ҷамоаи оилаи шаҳриро ташкил медоданд. Дар маҷмуъ ин ҷамоаҳо соҳибмулки хурд буда, дар замони асримиёнагӣ бо мафҳуми “русто” ифода мешуданд[3]. Чунин рустоҳо дар ҳудуди Уструшана мушоҳида кардида, нисбати шаҳр бо биноҳои маъмурии маҳаллӣ ва истиқоматии аҳолӣ фарқ дошт.

Мувофиқи маълумоти ал-Муқаддасӣ вазифаи катхудоён патриалхалӣ, яъне падарсолорӣ – аз падар ба писар меросӣ буд[4]. Онҳо заминдорони калон маҳсуб ёфта, чун феодалони ояндаи махсус шинохта мешуданд[5]. Чунин феодалон ҳам дар байни аҳолии маҳаллӣ нуфуз доштанд ва ҳам ба маъмурон шахсони наздик маҳсуб меёфтанд.

---

[1] Худододӣ И. Робитаи деҳқонон ва ғуломон бо назми ҳукуматии Сомониён // Ахбори АИ Ҷумҳурии Тоҷикистон: шӯъбаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ. – Душанбе: Дониш, 2013. - № 1. – С. 35.

[2] Речь Эмомали Рахмон, Президента Республики Таджикистан // Вклад эпохи Саманидов в культурное наследие Центральной Азии. Материалы международного семинара. – Душанбе: Адиб, 1999. – С. 9.

[3] Негматов Н. Уструшана в VII-X вв: автореф. дис. … кан. ист. наук: 07.00.02 / Негматов Нуъман Негматович. – С. 15.

[4] Ал-Макдиси. Ахан-ат-такосим фи-маърифат –ал-иклим // Материалы по истории туркмен и Туркмении. – Т. 1. – М., - Л., 1939. – С. 223.

[5] Азимов Ш. Государство и право Саманидов. – С. 82; Сафаров И.Д. Правовая система государство Саманидов (IX-X вв.): дис. … кан. юрд. наук: 12. 00. 01 / Сафаров Иномджон Давронджонович. – С. 96.

Институти (ниҳоди) кадхудоӣ ва меҳтарон ҳоло низ дар давлатҳои мусулмонии шарқ, аз ҷумла дар Афғонистон, Эрон ва Туркия ҳамчун мақомоти маҳаллии давлатӣ амал мекунанд[1].

Яке аз вазифаҳои муҳимми маъмурию ҳуқуқии маҳаллӣ қозиёт маҳсуб меёфт, ки дар низоми иҷрои аҳкоми шаръӣ ва назорати он мақоми махсусро ишғол менамуд. Ин вазифаи маъмурии ҳуқуқӣ баъди ҷорӣ шудани дини ислом дар қаламрави Моварounнаҳр, аз ҷумла Уструшана ҷорӣ гардид.

Назорат ба масоили ҳуқуқ бар асоси шариати ислом аз умдатарин вазифаи ҷамъиятии қозӣ маҳсуб мешуд[2]. Як хусусияти мутафовути умури идории маҳаллӣ дар аҳди Сомониён ин буд, ки таъин ва азли ҳокимони музофот мустақиман дар салоҳияти амир қарор дошт.

Илова бар он ин вазифа ҳам меросӣ буда, агар хонадони бонуфуз ва шахсони идорӣ бошанд, аз падар ба писар мерос мемонд. Мувофиқи ҳамин гуна таъиноти кадрии маъмурӣ дар вилояти Уструшании давлати Сомониён ба назар мерасид. Аз ҷиҳати маъмурӣ-сиёсӣ қозиёти маҳаллӣ низ муҳим шуморида мешуд.

Дар мавридҳои зарурӣ дар ҳимояи кӯшкҳо иштирок кардани микдори зиёди муҳофизон аз мавҷудияти шумораи дастаҳои аскарони шахсии мулкдорон гувоҳӣ медиҳад[3]. Дар мавридҳои зарурӣ лашкари эҳтиётии қаламрави давлат даъват карда мешуданд, аммо ҳомиёни асосӣ “дӯстон” ва “чокирҳои” шахсии доимӣ буданд. Эҳтимол, дар дохили ин гурӯҳи феодалӣ “зина”-и муайяни иерархӣ (тартиботи итоаткунӣ ар рӯи дараҷаи муайяни мансабу мартаба) мавҷуд буд. Аз назари академик Н.Неъматов теъдоди қувваи ҳарбии уструшаниҳо дар асрҳои IX-X ба 20 ҳазор расида, ҳар як деҳқон – раиси русто дар минтақаи худ дастаи ҳарбиёнро ҷамъ мекард. Ҳамаи ҳарбиён – сарбозон таҳти назорат ва идораи худи афшин қарор дошт ва замоне, ки даъват мекард, аз тамоми рустоҳо дастаҳои ҳарбиён ба марказ ҷамъ меомаданд[4].

---

[1] Азимов Ш. Государство и право Саманидов. – С.82.
[2] Ноҷӣ М. Фарҳанг ва тамаддуни исломӣ дар қаламрави Сомониён. – С. 189.
[3] Ранов В.А., Неъматов Н., Мухторов А. Асрори замони кӯҳан. – С. 90.
[4] Негматов Н. Уструшана в VII-X вв: автореф. дис. … кан. ист. наук: 07.00.02 / Негматов Нуъман Негматович. – С. 15

Дар асоси ахбори сарчашмаҳои таърихӣ ва маълумоти муҳаққиқонон давлати Сомониён сиёсати молиявии вилоятҳои шимолию шарқиро ба як низоми ягонаи маъмурию идорӣ муттаҳид менамуд. Бо вуҷуди он ки низоми андоз дар он ҷо камтар ба назар мерасид, маоши маъмурон нисбати дигар минтақаҳо зиёд буда, мансабдорон ва маъмурони давлатӣ, аз қабили масъули андозситонӣ, раисони шаҳру русто, миршабҳо (полисҳо) ва намояндагони девони расоил (кормандони почта) маоши яксон мегирифтанд. Ин фарқияти байни хароҷот ва даромад имкон медод, ки адолати сар то сарӣ ва андозситонии муътадил танзим карда шавад[1].

Дар корҳои идораи марказӣ ва маҳаллӣ руҳониёни мусулмон нуфузи калон доштанд, ки онҳо пайрави мазҳаби ҳанафия буданд. Сардори тамоми руҳониён устод буд ва баъдтар лақаби шайхулисломро гирифт. Мансаби дигаре, ки дар байни рӯҳониёни олимартаба дар ҷои дуюм меистод, хатиб ё ин ки ба истилоҳ имомхатиб меномиданд. Ӯ ҳуқуқ дошт, ки дар масҷидҳои ҷомеъ ҳангоми намози ҷумъа хутба хонад[2]. Дар ҳар як маҳалли Уструшана низ фаъолияти руҳониён ба назар мерасид, ки дар ин вазифа шахсони ботаҷриба ва каломдон интихоб карда мешуданд.

Дар Уструшана шахсоне, ки барои гирифтани мансаб талош доштанд, мебоист аз якчанд зинаҳои маъмури гузаранд. Аввал ин ки шахси мансабдор бояд аз табақаи ашроф, доро ва бо дигар ашхоси бонуфуз ва умуман, бо ҷомеа робита дошта бошад. Ҳамчунин доштани донишҳои муайяни замона, аз ҷумла донистани забонҳои тоҷикӣ ва арабӣ, Қуръон ва қоидаҳои шариат, фиқҳ, ҳадис, донистану мутоилаи адабиёти гуногун зарур шуморида мешуд[3].

Маъмурони Уструшана дар иншоотҳои махсуси боқимату зебо, ки аз ҷиҳати меъморӣ арзиши баланд ва хуб доштанд, мезистанд. Масалан, ҳокимони вилоятҳо дар қалъаҳои истеҳкомдоштаи бо хишти пухтаву сифати меъмории он баланд сохташуда, раисҳо дар кӯшку биноҳои алоҳидаи шаҳрӣ бо шароити

[1] Камолова Г.Н.Освещение административной структуры государства Саманидов в периодической прессе РТ в конце XX – начале XXI вв. // Вестник Педагогического университета. № 1 (78), 2019. – С. 231.
[2] Неъматов Н. Давлати Сомониён: тоҷикон дар асрҳои IX-X. – С. 31-32.
[3] Ҳамон ҷо. – С. 32.

хуби фароҳам овардашуда мезистанд, ки аз ин ҷиҳат низ иерархияи мансабҳои маъмурӣ ва маҳаллӣ дар Уструшана мушоҳида кардан мумкин аст.

Тавре доир ба сохтмони иншоотҳои кӯшкҳои Уструшана ишора рафт, ҳашамати зоҳирии кӯшкҳо аз вазъи иқтисодӣ ва мавқеи иҷтимоии ашрофони ҳукмрони ҷамъият гувоҳӣ медиҳад. Дар маркази воҳаҳои зироатӣ, дар маҳаллаҳои чарогоҳи кӯҳӣ ва манбаҳои об (чашмаҳои калон дар сарбанд ва нуқтаҳои тақсимшавии оби дарёчаҳо) ҷойгиршавии кӯшкҳо ба он ишора мекунанд, ки мулкдорон ин воситаи муҳими истеҳсолоти хоҷагии деҳотро (замин, об ва чарогоҳ) дар дасти худ нигоҳ медоштанд. Бинобар ин, ҳар қадаре, ки метавонистанд барои худ шароити хуби зистро муҳайё месохтанд.

Хусусияти хоси сохти маъмурӣ-идории Уструшана аз он иборат аст, ки шаҳрҳо аз деҳаҳо ҷудо мешаванд. Агар дар замони қадим шаҳрҳо маркази заминдорон ва макони зисти онҳо бошанд, дар асрҳои миёна шаҳр ва деҳот ҳар яке вазифаҳои худро дошт. Масалан, дар шаҳр ҳунармандон ва тоҷирон, ашрофон ва рӯҳониёни олимақом, ҳокимон сокин бошанд, дар деҳаҳо, кӯшкҳо ва работҳо – заминдорон ва чорводорон, ашрофони феодалӣ, баъзан кулолгарон ва бофандагон зиндагӣ доштанд[1].

Хулоса, Уструшана дар замони Сомониён яке аз вилоятҳои дорои таъриху тамаддуни бузург ва суннати идорӣ-маъмурӣ буда, муаллифони сарчашмаҳои асримиёнагӣ ва муҳаққиқон дар бораи ҳаёти сиёсӣ ва маъмурии он маълумот додаанд, ки бо чунин нуктаҳо онро ҷамъбаст намудан мумкин аст:

Уструшана яке аз музофотҳои бузурги Мовароуннаҳр ба ҳисоб рафта, дар асри IX то ибтидои асри X ҳудуди пурвусъатро дар бар мегирифт. Бинобар ин, аз ҷиҳати сиёсӣ, ҳарбӣ, маъмурӣ пурқувват буда, баъди ҳуҷуми арабҳо дар Мовароуннаҳр як садсола барои мустақилияти худ мубориза бурда, танҳо соли 822 шикаст мехӯрад. Аз сол 819-820 писарон ва ворисони Асад бинни Сомонхудот – Яҳё, Аҳмад ба Уструшана ҳукмронӣ карда бошанд ҳам, амалан Уструшана аз ҷониби афшинҳо аз сулолаи маҳалии Ковус ва ворисони ӯ идора

[1] Негматов Н. Уструшана // Археология Средней Азии и Дальний Восток: Средняя Азия раннем средневековье. – С. 117.

гардида, минбаъд соли 893 пурра ба ҳайати давлати Сомониён ҳамроҳ карда мешавад.

Уструшана аз ҷиҳати маъмурӣ-идорӣ аз 18 шаҳру русто иборат буда, онҳо дар водӣ ва кӯҳсор ҷойгир буданд. Ҳар як шаҳрҳои маъмурии вилоят дар навбати худ ба рустоҳо, рустоҳо ба кедҳо (деҳаҳо) ҷудо шуда, вилоятро ҳоким, шаҳрҳоро раисҳо, рустоҳоро деҳқонон (феодалони калон), кедҳоро кадхудо идора менамуданд. Низоми маъмурӣ-идорӣ чунин амал мекард, ки ҳар як амалдори поён ба мансабдори аз худ боло итоат мекард ва онҳо дар навбати худ ба мақомоти марказӣ тобеъ буданд.

Азбаски Уструшана дар зери тасарруфи Сомониён қарор дошт, намояндаи девонҳо (вазоратҳо)-и он дар вилоят фаъолият доштанд. Фаъолияти тамоми сохторҳои маъмурию идорӣ - таъин намудани мансабдорон ва маъмурони маҳаллӣ дар шаҳру навоҳӣ, ҷамъоварии андоз, додситонӣ, тақсими замин ба деҳқонон, низоми обёрӣ, назорати бозор ва ғайра дар зери назорати ҳокими вилоят қарор дошт.

Ҳамин тавр, Уструшана низ мисли дигар вилоятҳои қаламрави Сомониён як низоми муназзам, ботартиб ва устувору маъмурӣ ва идорӣ амал мекард, ки он албатта аз сохти давлатдорӣ ва идоракунии мақомоти марказии ин давлати мустақил ва муттамаркази тоҷикон маншаъ мегирифт.

# БОБИ III. ВАЗЪИ ИҶТИМОӢ-ИҚТИСОДИИ УСТРУШАНА

## 3.1.Вазъи иҷтимоӣ, ҳайати этникӣ, эътиқоди динӣ ва забони уструшаниҳо

**А) Ҳаёти иҷтимоӣ ва ҳайати этникӣ**. Дар замони Сомониён ҳаёти иҷтимоии аҳолӣ ба тадриҷ бо сабаби амният ва суботи давлат ба маҷрои густариш қарор гирифт. Муттамарказии давлат, назорати қатъии риояи тартиботи шаҳру вилоят ва рустоҳо аз ҷониби маъмурони идораи давлатии маҳаллӣ боис гардид, ки табақаҳои гуногуни ҷомеа ба касбу кори гуногун шуғл варзида, барои инкишофи ҳаёти иҷтимоӣ мусоидат намоянд.

Дар замони Сомониён дар аксари вилояту шаҳрҳо, аз ҷумла вилояти Уструшана чунин табақаҳои иҷтимоии ҷомеаро метавон мушоҳида кард:

Феодалон, заминдорони калон ва хурд қишри ашроф ва болоии ҷамъиятро ташкил медоданд. Зеро дар дасти онҳо заминҳо бештар қарор дошта, соҳиби моликият, сарват, имтиёз буданд ва қишри дигари иҷтимоии поёнии ҷомеаро ба манфиати худ истифода менамуданд.

Ҳарбиён қишри иҷтимоии ҳукмрон ва маъмуру идоравии мулкҳо, шаҳру русторо бар уҳда доштанд, ки бо хизмати бенуқсони бисёрсола соҳиби имтиёз, мансаб ва рутба мегардиданд. Инчунин аз болои шахсони алоҳида, ё гурӯҳҳои заиф ҳукмронӣ намуда, онҳоро ба манфиати худ кор мефармуданд.

Руҳониён дар ин замон соҳиби эҳтироми табақаҳои болоӣ ва поёнии ҷамъият буда, соҳиби заминҳои вақф буданд. Дар баробари ин ҳамчун қишри идеологӣ, ҳомии дину шариат пушту паноҳи давлат ба ҳисоб мерафтанд.

Тоҷирофон табақаи алоҳидаи ҷомеаи иҷтимоиро ташкил медоданд, ки бо тиҷорат ва табодули молу коло ҳаёти оромон доштанд. Вале баъзан дороии онҳо маҷбур месохт, ки ба манфиати маъмурон хизмат намоянд.

Косибону ҳунармандон ва деҳқонон, аҳли илму қалам ва адаб табақаи миёнҳоли аҳолии ҷомеаро ташкил медоданд, ки аз ҳисоби ҳунару истеъдод ва заҳматҳои дастиву фитрӣ метавонистанд, ки ҳаёти иҷтимоии осоудаҳолона дошта бошанд. Вале баъзе ҳунармандони соҳибкасб тобеи ин ё он табақаи болоӣ буданд, ки меҳнати онҳо сарфи манфиатдорони болоӣ мегардид.

Хизматгорон, ғуломон қишри поёнии ҷомеаро ташкил медоданд, ки нодорӣ, ночорӣ омили тобеият ва заифии онҳо дар назди табақаҳои болоӣ мегардиданд.

Бояд тазккур дод, ки кӯшишҳои баланд бардоштани сатҳи иқтисодии шахсони алоҳида, ё гурӯҳ боиси аз табақа ба табақаи дигар гузаштанро монеагӣ намекард, баръакс ба он омил мусоитад менамуд. Тоҷирону савдогарон ҳарчанд бо тиҷорат машғул бошанд ҳам, заминҳои зиёдро харида, ба манфиати худ истифода мебурданд ва ҳоло ҳам аз заминдорон ҷудо нашуда буданд[1]. Ин маънои онро дорад, ки чунин иерархияи (силсилабандии) табақаҳои иҷтимоӣ, аз рӯи мансабҳои маъмурӣ, ҳарбӣ-сиёсӣ, дороии моликият, ҳуқуқ ва имтиёз касбу ҳунар, донишу малака ва нотавониву камбизоатии табақаи поёни ҷомеа ба инобат гирифта мешуд.

Бавуҷудоӣ, шаклгирии маъмули истисмори феодалӣ, аз қабили афзудани андози феодалии замин: дар як сол ду бор хироҷи солона ситондан аз ҷониби ҳокмияти марказӣ ва маъмурони маҳаллӣ, равнақу ривоҷи иқтаъ ва тӯъма ҳамчун моликияти заминии инъомотӣ, иҷора додани замин аз ҷониби соҳибони моликият ва дигар омилҳо, ки дар аҳди Сомониён вуҷуд дошт, боис гардид, ки аҳли сершумори меҳнат аз замин тамоман маҳрум шуда, батамом побанди заминдорони калон шуда монданд. Аҳли меҳнат – деҳқонону косибон зиндагии қашшоқона доштанд ва беш аз пеш хонахароб мешуданд[2]. Ин вазъият дар ҳоле ба миён омада буд, ки дар мақоми ҳокимияти марказӣ амирон зуд-зуд иваз мешуданд, вазирони кордонро намегузоштанд, то фаъолияти бештарро ба роҳ монанд. Дасисаҳои дохилидарборӣ, шӯришҳои пай дар пайи маҳаллӣ дар Хуросону Мовароуннаҳр, ҷангҳои байни ҳокимони вилоятҳо вазъи иқтисодиро вазнин, ҳаёти иҷтимоиро вазнинтар менамуд.

---

[1] Неъматов Н.Н. Давлати Сомониён: тоҷикон дар асрҳои IX-X. – С. 129-130.
[2] Ғафуров Б.Тоҷикон. таърихи қадимтарин қадим, асрҳои миёна ва давраи нав. – С. 366.

Аз ҷиҳати этникӣ ва фарҳангӣ, эътиқоди динӣ Уструшана аз қадим ҳамқадами Суғд ба ҳисоб мерафт. Аҳолии вилоят бо зироаткорӣ ва ҳунармандӣ машғул буда, дар шаҳрҳо ва қасабаҳои бузург зиндагӣ доштанд[1].

Дар ин замон дар шаҳру вилоятҳои давлати Сомониён, аз ҷумла дар вилояти Уструшана нақшу нуфуз ва мақоми руҳониён баланд гардида, аз чанд ҷиҳат онҳо мавқеи худро устовор намуданд. Аз ҷумла, бо қоидаҳои шариат ва дини ислом тартиботи ҷамъиятиро ба танзим даровардa, соҳиби заминҳои вақф, молу мулк, имтиёзҳои зиёд мегардиданд, заҳматҳои аҳолии маҳаллиро ба манфиати худ истифода менамуданд, бо гирифтани мансабҳои маъмурӣ-динӣ – қозиҳо, муфтиҳо, шайххо соҳиби нуфуз мешуданд[2].

Таҳқиқу омӯзиш, тавсифу таснифи осори хаттии аҳди бостон, давраи асримиёнагӣ, қайду сабти сайёҳон, тадқиқоти мардумшиносон, дастовардҳои археоэтникӣ, осори илмии олимони ватанию хориҷӣ имкон медиҳад, ки баъзе ҷузъиёти этникӣ ва этнофарҳангии уструшаниҳо таҳқиқ карда шавад.

Яке аз сайёҳони чинӣ Сюан Стзан, ки соли 630 тавассути Варорӯд ба Ҳиндустон сафар карда буд, сарзамини пурвусъатро аз Суёб то Кеш Сулӣ (Суғд), ки ҳудуди Уструшана ба он шомил буд, сокинонашро суғдиён номидааст. Ин сайёҳи чинӣ сокинони онро тоҷир, ҳунарманд ва бо кишоварзӣ машғул буда, муаррифб намуда, афзудааст, ки аз ҳудуди Уструшана яке Шоҳроҳи абрешим мегузашт[3].

Дар бораи баъзе ҷузъиёти этнофарҳангии уструшаниҳо ҷуғрофидонон, муаррихон ва сайёҳони арабизабон Истахрӣ, Гардезӣ, Масъудӣ, Идрисӣ, Ибни Ҳавқал, Ибни Фазлон ва дигарон маълумот додаанд. Муаррихон ва ҷуғрофидонони форсизабон Табарӣ, Балъамӣ, Ҷайҳонӣ, Наршахӣ, муаллифи "Ҳудуд-ул-олам" Мирхонд, Хондамир, Ҷувайнӣ, Бобур ва дигарон аз аҳолии суғдизабони уструшаниҳо, урфу одат, машғулияти мардум, шаҳрсозию меъморӣ, заминдорию боғдорӣ ва баъзе анъанаҳои маҳаллии Уструшана хабар

[1] Негматов Н. Уструшана // Археология Средняя Азия и Дальний Восток в эпоху средневековья. Средняя Азия в раннем средневековье. – С. 114.
[2] Неъматов Н.Н.Давлати Сомониён: тоҷикон дар асрҳои IX-X. – С. 130.
[3] Сюань-цзан Записки о западных странах [эпохи] Великой Тан (Да Тан си юй цзи). Пер. и коммент. Н.В. Александровой; Ин-т востоковедения РАН. — С. 42.

додаанд. Дар ин бора муҳаққиқи илми мардумшиносӣ А.Валиев иброз доштааст, ки хусусияти ахбори муаллифони зикршуда аз он иборат аст, ки маълумоти онҳо асоси таърихӣ-ҷуғрофӣ дошта, баъзан такрори далелҳо ва маълумотҳои якдигар мебошанд. Бо вуҷуди ин, маълумотҳои осори хаттӣ аз аҳамият ва арзиши илмӣ холӣ нестанд. Масалан, аксари муаллифон аҳолии Уструшанаро суғдизабон ва алифбои онро суғдиасоси маҳаллӣ номидаанд[1].

Яке аз муҳаққиқони варзида ва мардумшиноси рус А.М. Манделштам, ки ҷараёни ташаккулёбии халқияти тоҷикро мавриди таҳлил қарор додааст, зикр намудааст, ки ташаккулёбии халқияти тоҷик ба асрҳои VI-X хос буда, дар ҳудуди миёнҷои ду дарё (Амударё ва Сирдарёро дар назар дорад) сурат гирифтааст[2]. Дар ҳудудҳои Уструшана, Фарғонаи Ҷанубӣ ва водии Зарафшон дар садаҳои VIII-X туркҳо ворид нашуда буданд ва аксари аҳолии ин минтақаро суғдиён ташкил медоданд[3].

Аз асри VIII сар карда ба Мовароуннаҳр арабҳо низ ворид мешаванд. Ин ҷараён дар замони волии Хуросон таъин шудани Қутайба ибни Муслим хеле вусъат ёфта буд. Арабҳо баъди забти чанде аз шаҳру вилоятҳои Мовароуннаҳр бо мақсади пуштибонӣ ёфтани худ, ҷорӣ кардани дини ислом ва зери назорати худ қарор додани халқҳои ин минақа чораҳо таҳрезӣ намуданд.

Арабҳо ҳарчанд дар Уструшана барои забт кардани он моил шуданд, вале дар аввал ин ба онҳо муяссар нагардид. Танҳо дар асри X барои арабҳо имкон шуд, ки ба ин вилоят ворид шуданд[4].

Академик Н.Неъматов иброз медорад, ки уструшаниҳо аз ҷиҳати забон ва решаи гнетикӣ ба суғдиён мансубанд, ки қисми зиёди муаллифони сарчашмаҳо онро тасдиқ намудааст[5].

Дар натиҷаи ҳафриётҳои қабристони наздикии Ширин, аз ҷониби Экспедитсияи археологии Фарҳод дар тӯли солҳои 1943-1944 ошкор гардид,

---

[1] Валиев А. Освещение этнографии таджикского народа в трудах дореволюционных исследователей: дисс… док.ист.наук.: 07.00.09 / Валиев Абдусалом. – Душанбе, 2015. – С. 20-144.
[2] Мандельштам А.М. О некоторых вопросах сложения таджикской народности в Среднеазиатском междуречье // Советская археология XX. – Мостква: Издательство АН СССР, 1954. – С. 59.
3 Ҳамон ҷо. – С. 64.
[4] Мандельштам А.М. О некоторых вопросах сложения таджикской народности в Среднеазиатском междуречье // Советская археология XX. – С. 65.
[5] Негматов Н. Уструшана в древности и раннем средневековье. – С. 51.

чараёни этногенези уструшаниҳо боз ҳам асоснок гардид. Чанде аз боқимондаи устухонҳои одамони синнашон аз 70-сола боло аз ҷониби антрополог М.М.Герасимов таҳқиқ гардид, ки уструшаниҳо аз ҷиҳати антропологӣ мардуми мансуб ба ирқи аврупоидии осиёимарказӣ буда, шакли одамони хуросониро доранд[1].

Ҳамин тариқ, чараёни этникӣ ва этногенезии уструшаниҳоро ба ду қисм тақсим кардан мумкин аст. Якум, чараёни гузариши уструшаниҳои водии Зарафшон аз суғдиёни аҳди қадим ва асримиёнагӣ то ба халқи тоҷики замони имрӯз омада расида. Дуюм, уструшаниҳои дар қисми водӣ (минтақаи соҳили рости Сирдарё) қарордошта, чараёни этногенезиашон мушкил буда, аз уструшаниҳои суғдизабон ин чараёни этногенетикии кушонӣ, ҳайтолӣ, оғузӣ то ба қариб махлутшавии этникии онҳо тул кашидааст.

Академик Н.Неъматов чанде аз топонимҳои маҳаллӣ, рустоҳои Уструшана, ки асоси этнотопонимии суғдӣ доранд ва то ҳол мавриди истифода қарор доранд, таҳлил намудааст. Дар хулосаи худ мансубияти этникии уструшониҳоро ба суғдиён, қаробат доштани забони суғдии маҳалли онро таъсир намудааст[2].

Азбаски Уструшанаи қадим ҳамчун дар гузашта вилояти давлати Суғд ҳисоб мешуд, аҳолии асримиёнагии он низ аз ворисони суғдиён буданд. Уструшаниҳо аз ворисони суғдиёни қадим буданд; забони онҳо яке аз шохаҳои забони суғдӣ маҳсуб меёфт[3]. Маводи бадастомада собит месозанд, ки дар ибтидои асрҳои миёна аҳолии Суғд ва Утсрушана аз ҷиҳати тип ва ирқи баромади инсонӣ аврупоидӣ маҳсуб меёфтааст[4].

Мавҷудияти ёдгориҳои бостонӣ навъи Баҳри Миёназамини Шарқӣ нишон доданд, ки қабатҳои мадании қадим, дорои аҳолии қадима, маҳалли ҷойгиршавӣ аҳолиаш кишоварзи маҳаллӣ маҳсуб меёфтанд. Аз ҷониби дигар,

[1] Негматов Н.Н. К вопросу об этнической принадлежности населения Уструшаны // Краткие сообщения о докладах и полевых исследованиях института истории материальной культуры. Вып. 61. – С. 33.
[2] Ҳамон ҷо. – С. 35-37.
[3] Негматов Н. Этногенез таджикского народа // Актуальные проблемы культурогенеза таджикского народа/ Составители: А. Раджабов. Р. Мукимов. – Дониш: Душанбе, 2016. – С. 384.
[4] Этногенез и этническая история таджикского народа. В 2-х томах. Том 1. – Душанбе: Дониш, 2021. – С. 593.

симои чеҳраи инсонии антропологӣ сеҳраи рӯй ба омезиши чанде ба андоми аврупоӣ ишора карда мешавад ва ба гурӯҳ ва ё тоифаи сакоиҳо шомил бошад.

Дар ҳудуди Уструшана аҳолие зиндагонӣ мекарданд, ки бо суғдиён хешу табор буданд. Онҳо хату алифбои худро доштанд, ки нисбати суғдиён куллан фарқ мекард. Дини аз ҳама паҳншудатарин дар ин ҷо зардуштия ба ҳисоб мерафт[1].

Ҷараёни этникии Мовароуннаҳр дар ибтидои асрҳои миёна ба тағйироте дучор меояд. Аз ҷумла, дар асрҳои VII-VIII ва X-XI дар ҳудуди Уструшана аҳолии суғдизабон ва ба мардумони аз ҷиҳати антропологӣ-физикӣ типи аврупоӣ зиндагӣ дошта, урфу одат ва анъанаҳои маҳаллии хосро доро буданд[2].

Аз бозёфтҳои археологии Мачитлитеппа ва Хоняйлов, Қалъаи Кофар, Пушинг маълум шуд, ки аҳолии деҳкада бо зироаткорӣ, кишоварзӣ ва чорводории майдамолии маҳаллӣ машғул буданд[3].

**Б) Эътиқоди динии уструшаниҳо.** Омӯзиши таснифоти ҳаёти маънавии уструшаниҳо, ҷаҳонбинӣ, анъанаҳои маҳаллӣ, инъикоси суннатҳои миллӣ дар нақшаҳои рӯи девор, урфу одатҳои динии суғдиёнии уструшанӣ аз қабили тотемизм, анемизм, усули нигоҳбинии рустаниҳо, тарзи обёрӣ, анъанаҳои нуҷумшиносӣ ва истифодаи он дар ҳаёти маънавии уструшаниро дар асоси маводҳои археологӣ, сарчашмаҳои таърихию мардумшиносӣ маълум аст[4].

Дар анъанаҳои уструшаниҳо, дин, маросим, парастиш ва инъикоси идеологияи динӣ дар номгузории маҳаллӣ, яъне топонимикаи Уструшана мушоҳида мешавад. Дар Устуршана, водии Фарғона ва Суғд онро “бог” ё “фаг” меномиданд. Идол, яъне бути давраи асримиёнагии тоисломии уструшаниҳо дар мавзеи наздикии шаҳри имрӯзаи Истаравшан бо номи шаҳри Фагкат (шаҳр, маркази худо), ё Богат, ё ин ки Вогат, ки дар шафати ҷанубу шарқии шаҳри Истаравшани имрӯза деҳае бо номи Вогат мавҷуд аст, далел шуда метавонад.

---

[1] Воронина В.Л. Негматов Н.Открытие Уструшаны // История, Архитектураи искусство Уструшаны. – С. 221.

[2] Ходжайов Т.К. Этнические процессы в Средней Азии в эпоху средневековья. Антропологические исследования. – Ташкент: Фан, 1987. – С. 12.

[3] Ҳамон ҷо. – С. 17, 20.

[4] Мирбобоев А. К вопросу о погребальных обрядах в Устуршане // Раннесредневековая культура Средней Азии и Казахстана. – Душанбе, 1977. - С. 80-82.

Моҳият ва мазмуни номи он “Хонаи Худо”-ро дорад[1]. “Фаг” ё бут қариб дар аксар хонаводаи уструшаниҳо мавҷуд буд[2].

Бунҷикат дар баробари маркази маъмурии Уструшанаи давраи Сомониён будан, инчунин маркази бутпарастии ин вилоят буд[3]. Аз бозёфтҳои кӯшки Чилҳуҷра ин гуна бутҳоро дарёфтанд, ки бо санъати баланд аз чӯб, гил ва нуқра сохта шудааст. Аз қалъаи Муғтеппа низ бутҳои аз гил сохташуда дарёфт гардиданд[4]. Ин нишона аз он аст, ки агарчи соли 822 Уструшана аз ҷониби арабҳо забт гардид, вале халқи он бо анъанаву суннатҳо ва дини худ содиқ монда, танҳо соли 893 баъди забти Уструшана аз ҷониби Исмоили Сомонӣ дини ислом расман дар он ҷорӣ гардид.

Замоне, ки дини зардуштия дар асрҳои VII-VI пеш аз милод дар сарзамини суғдзамин паҳн гардида буд, ҳанӯз уструшаниҳо дар асри V маросимҳо ва унсурҳои онро ба ҷо меоварданд. Аз тасвирҳои худоҳо рӯи девор, шаклу худоҳое, дар чуб тарошида шуда буданд, ҳангоми ҳафриётҳои археологӣ дарёфт шудаанд. Нақши девори афшинҳои Уструшана, ки ҳангоми ҳафриётҳои археологӣ аз Қалъаи Қаҳқаҳа I пайдо гардид, муборизаи неку бадро бо ширкати худоҳо ва девҳо бахшида шудааст, арзиши баланди бадеӣ дошта, ишора ба эътиқоди динии уструшаниҳо мебошад[5]. анъана ва оинҳои динии уструшаниҳо дар деворҳои биноҳои истиқоматӣ ва иншоотҳои маъмурӣ тасвир ёфтаанд.

Худоҳои авастоӣ, ки мардуми Суғду Уструшана пайравӣ мекарданд, тасвирҳои онҳо дар деворнигораҳои қасрҳо инъикос ёфтаанд[6]. Дар пештоқи

---

[1] Каримов О.К., Мирбобоев А.К., Усмонов Н.Н. Очерк истории средневековой культуры таджиков (пособи культурологии). – Худжанд: Ношир, 2011. – С. 58.

[2] Мирбобоев А. Дахмаки Курката: раскопки и исследования. Материальная культура Уструшаны. Вып. 6//Древняя Уструшана: города, их локализация и хронология. (Материальная культура Уструшаны. – Вып. 5-8. – Душанбе: Ому, 2003. – С. 430; Мирбобоев А. Черты культуры и идеологии древних уструшанцев // Фарҳанг. – 2002. - №№ 7-8.– С. 26.

[3] Мирбобоев А. Дахмаки Курката: раскопки и исследования. Материальная культура Уструшаны. Вып. 6 // Древняя Уструшана: города, их локализация и хронология. (Материальная культура Уструшаны. – Вып. 5-8. – С. 430.

[4] Мирбобоев А. Черты культуры и идеологии древних уструшанцев // Фарҳанг. - №№ 7-8. – 2002. – С. 27.

[5] Этногенез и этническая история таджикского народа. В 2-х томах. Том 1. – С. 656.

[6] Мирбобоев А. Дахмаки Курката: раскопки и исследования. Материальная культура Уструшаны. Вып. 6. – С. 435.

биноҳои оташкадаҳои шаҳри Бунҷикат тасвирҳои офтоб, моҳтоб, хӯрус, кабк, мор ва ғайра, ки рамзи дини зардуштия мебошанд, барало намоён аст[1].

Сад соли баъд аз забткории арабҳо дар Мовароуннаҳр уструшаниҳо бо арабҳо мубориза бурда, дину оини аҷдодии худро ҳифз карданд. Шоҳзодаи ҳокими уструшанӣ афшин Ҳайдар бо сабаби хароб кардани бутҳо ва ба масҷид табдил додани бутхона ду нафар арабро сахт ҷазо дода буд[2]. Доир ба пайравӣ намудани афшин Ҳайдар ба дини зардуштия бештар маълумотҳо мавҷуданд. Бо сабаби ҳифзу нигаҳдории китобҳои зардуштӣ ва оташкада дар хонаи худ ӯро маҳкамаи исломӣ ба ҷавобгарӣ мекашад ва Ҳайдар соли 842 дар ҳабсхонаи Бағдод аз гуруснагӣ ба ҳалокат мерасад.

Пайравӣ аз дину оин ва расму маросимҳои зардуштии уструшаниҳо аз мароиси дафни маитҳо мушоҳида мешавад, ки ҳангоми ҳафриёти ёдгории археологии Ширин ба даст омадаанд. Дар баландии 50-60 метр баландии макони махсус ҷой додани маитҳо гувоҳи он аст. Баъди боқӣ мондани устухонҳо ва тоза шудани он аз гӯшту пуст дар зарфҳои сафолӣ ва оссурийҳо аз гили пухташуда, ки махсус барои нигоҳдории устухонҳо сохта мешуданд, ҷой мекарданд[3]. Пас аз он дар ҷойҳои махсус ин зарфҳоро нигоҳ медоштанд, ки онро мағоқҳо меномиданд. Асоси таълимоти пайравони зардуштияро дар унсурҳои динии моддӣ - тозаву беолоиш нигоҳдории об, ҳаво, замин ва оташ маҳз аз ҳамин ойин бармеояд. Маълум аст, ки гӯр накардани маит ба хок ва назсӯзонидани он дар оташ, ба об наандохтани он нишонае аз амалҳо ва одатҳои расмию динии уструшаниҳо низ маҳсуб меёфт.

Дар Уструшана намудҳои гуногуни ибодатхона, аз ҷумла оташкадаҳо ёфт шудаанд. Ин ибодатхона аз шаҳраки Оқтеппа воқеъ дар ноҳияи Нов (Спитамен) бозёфт шуда, дар дохили кӯшк мавҷуд буд[4]. Оташкадаҳое низ ҳафр шудаанд, ки онҳо ҳамчун макони қурбонгоҳ буда, ба асрҳои VIII-IX мансуб аст. Аз деҳаи Даҳкати ноҳияи Ғончӣ (Деваштич) қалъаи Кофар аз ҷониби У.Пӯлотов бозёфт

---

[1] Мирбобоев А. Черты культуры и идеологии древних уструшанцев // Фарҳанг. – 2002. – - №№ 7-8. С. 25.
[2] Негматов, Н.Н. Уструшана в древности и раннем средневековье. – С. 82.
[3] Мирбабаев А.К. О работе Уструшанского отряда в 1976 г. // АРТ. – Душанбе, 1982. – Вып. XVI (1976 г.). – С. 283-291
[4] Каримов О.К., Мирбобоев А.К., Усмонов Н.Н. Очерк истории средневековой культуры таджиков (пособи культурологии). – С. 73.

шудааст ва он ба асрҳои IX-X мансуб аст. Аз кашфи ин ёдгорӣ дар Қалъаи Кофар маълум гардид, ки мардуми он бо анъанаҳои парастиши оташ машғул буданд ва дини навро қабул надоштанд[1] ва то ҳуҷуми муғулҳо рустоҳои дар ҳудуди кӯҳӣ ҷойгирбудаи Уструшана анъанаҳои динии худро нигоҳ дошта, ба дини аҷдодӣ пайравӣ мекарданд[2].

Шаҳри Бунҷикат ва шаҳрҳои дигари он дини ислом нисбат ба вилоятҳои дигари Мовароуннаҳр дертар паҳн гардид ва ибодатгоҳҳое дарёфт мешаванд, ки мансуб ба асрҳои X-XI мебошанд. Аз ин лиҳоз, андешаи фавқузикр дар мавриди дер ҷорӣ шудани дини ислом дар ҳудуди вилояти Уструшана дуруст меояд.

Худоҳое, ки аз ҷониби мардуми Суғду Уструшана мепарастиданд, рамз ва ҳамчун унсури муқаддас дар девори биноҳо аккосӣ шудаанд. Аз ҷумла, аз Бунҷикат дарёфт шудани тасвири одамони чордаста гувоҳи гуфтаҳои болост.

Худо, фариштa ва унсурҳои парастишеро, ки уструшаниҳо онҳоро пайравӣ мекарданд, аз топоними Уструшана – Судуйшана, Сурушна, Срушна низ мушоҳида мешавад. Мувофиқи ахбори сарчашмаҳои таърихӣ, ҷуғрофӣ ва адабии хитоӣ, арабу форсизабон топоними мазкур чун фариштаи равшанӣ ва ҳамешарӯз дар номгузории маҳал инъикос ёфтааст[3].

Ҳамин гуна худоҳои гуногун ва парастиши онҳо аз ҷониби устурушаниҳо дар аксҳо, ҳайкалчаҳо, анъанаҳои моддию маънавӣ, ҳаёти иҷтимоӣ, мубориза баҳри озодӣ, қаҳрамонҳои мифологӣ, инъикос шудаанд[4]. Аз як тараф тасвири ҳаёти моддию маънавӣ, инъикоси қаҳрамонию ибодат дар оинҳои уструшаниҳо мушоҳида шавад, аз ҷониби дигар санъати баланди ҳунарии онҳоро нишон медод.

Дар Уструшана мардум барои ҳифз кардан аз унсурҳои бад, чашмрасӣ, яъне эмин мондан аз чашми бад дар гардан ва дасташон бозубанд мебастанд, ки гӯё он аз ҳар гуна қувваҳои бад ҳимоя мекард. Дар баробари бастани бозубанд

---

[1] Пулатов У.П. Работы Дахкатской группы в 1984 г. - АРТ. Вып. 24 (1984). – Душанбе, 1993. – С. 83.
[2] Ҳамон ҷо. – С. 87.
[3] Мирбобоев А. Черты культуры и идеологии древних уструшанцев // Фарҳанг. – 2002. – - №№ 7-8. С. 28.
[4] Ҳамон ҷо. – С. 25-28.

ё ба истилоҳ тӯмор узвҳои ҷисми инсонро аз беморӣ ҳифз мекард ва ба тӯмор эҳтиром мегузоштанд[1].

**В) Забони уструшаниҳо.** Забони уструшаниҳо як шохаи забони суғдии маҳаллӣ буда, алифбои алоҳида дошт. Вале ин алифбо то замони мо омада нарасидааст.

Дар муносибатҳои ҳунарию тиҷоратӣ уструшаниҳо бо суғдиёни воҳаи Зарафшон алоқамандии зич доштанд. Дар раванди муносибатҳои тиҷоратӣ низ бо яке аз лаҳҷаи (диалектикаи) забони суғдӣ муошират мекарданд. Худи забони уструшаниҳо низ яке аз шохаҳои забони суғдӣ ба шумор рафта, дар гуфтор, муошират лаҳҷаи махсусро истифода мебурданд. Ҳамчунин забон, ки фарқ мекард, алифбои уструшаниҳо аз хати аслии суғдиён каме тафовут дошт. Барои ҳамин ҳам уструшаниҳо бо якҷоягии суғдиёни водии Зарафшон ва Қашқадарё яке аз ҷузъҳои аслии миллати тоҷик мебошанд. Аҳолии Уструшана бо ду роҳ ба халқияти тоҷик шомил мегардад. Ин ҷараён дар минтақаи кӯҳии Уструшана ба воситаи суғдиён-уструшаниҳо ба тоҷикон табдил ёфтанд. Дар минтақаи водӣ дар чорроҳаи кишоварзии қадима ҷойгир буд, раванди этногенетикӣ таъсир кард[2].

Тибқи маълумоти бозёфтҳои нодири археологӣ дар асрҳои V-VI дар ҳудуди Варазрӯд-Мовароуннаҳр дар рӯи хумҳои сафолӣ навиштаҷотҳои хати суғдӣ пайдо шуда буд. Дар ҳудуди водии Зарафшон, инчунин дар Уструшана ва Қашқадарё низ забони суғдӣ паҳн гардида буд, ки маълумоти сайёҳони чинӣ низ ин ахборро тасдиқ мекунанд ва дар асри VIII забони ин минтақа яксон, суғдӣ маҳсуб меёфт. Дар ин бора академик Б.Ғафуров зикр менамояд, ки забони уструшаниҳо яке аз шохаҳои забони суғдӣ мебошад[3].

Яке аз забоншиносони маъруфи рус В.А.Лившитс аз ёдгории Чилҳуҷра ҳуҷҷати хати суғдидоштаи дарёфтшударо мавриди омӯзиш қарор дода, қайд кардааст, ки уструшаниҳо дорои забон ва алифбои маҳаллӣ мебошанд. Дар

---

[1] Мирбобоев А. Амулеты Уструшаны и их семантика // Роль Истаравшана в истории цвилизации народов Центральной Азии / Тезисы докладов международного симпозиума "Роль Истаравшана (Ура-тюбе) в истории цивилизации народов Центральной Азии" (6 сентября 2002 г.). – Душанбе, 2002. – С. 25-28.
[2] Негматов Н. Уструшана в VII-X вв (по материалам письменных и археологеческих источников): автореф. дис. … кан. ист. наук: 07.00.02 / Негматов Нуъман Негматович. – С. 10.
[3] Ғафуров Б.Ғ. Тоҷикон. Таърихи қадимтарин, қадим, асрҳои миёна ва давраи нав. – С. 287.

тахтачае номае бо чунин мазмун навишта шудааст: “Бипурсидам, ман Чийус, дар 39-ум рӯзи ҳсар карда  (аз рӯзи ватӣ хрӯзи 22-юми моҳи суғдӣ)  моҳи вағониҷ (моҳи 8-уми соли суғдӣ) харҳоро. Фарнарч овард онҳоро барои ман аз (деҳаи) Атрипазмак ва 30 тан) байни онҳо якто ҳам бадаш набуд”. Дар пушти тахтачаи мазкур, ки бо услуб ва шеваи хати суғдӣ навишташуда омадааст: “Нависанда Гушнаспич бо супориши Фарнач”[1].

Хулоса, дар мавриди дин, оин ва анъанаҳои ҳаёти маънавии  Уструшана гуфтан мумкин аст, бо маросимҳои маҳаллии тоисломии зардуштӣ пайравӣ мекарданд. Дар асоси маълумоти мавҷуда оид ба масъалаи вазъи иҷтимоӣ, ҳайати  этникӣ забони уструшаниҳо ба чанд нукта метавон натиҷагирӣ намуд:

- аҳолии Уструшана аз ҷиҳати табақабандии иҷтимоӣ ба феодалон, деҳқонон, тоҷирону савдогарон, ҳарбиён, руҳониён, аҳли илму зиё тақсим шуда буд;

- уструшаниҳо халқи бумии Мовароуннаҳр ба ҳисоб мерафтанд;

- уструшаниҳо дорои хату алифбо, фарҳангу маданияти шаҳрсозию меъморӣ ва ба ҳунармандӣ машғул буданд, ки он хоси мардуми маҳаллӣ мебошад;

- уструшаниҳо яке аз халқиҳои қадимаи  муқимии Осиёи Миёна буда, бо кишоварзӣ, касбу ҳунар ва тиҷорат машғул буданд;

- мардуми Уструшана аз ҷиҳати антропологӣ мансуб ба ирқи аврупоии осиёимиёнагӣ буданд;

- уструшаниҳо бо доштани фарҳанги бумии маҳаллӣ, ҳунар, забон, хат доштанд, оин суннат шаҳрсозии маҳаллӣ ба ташаккулёбии халқияти ягонаи тоҷик ҳамчун халқи бумии Мовароуннаҳр заминаи мусоид гузоштанд ва худи онҳо низ чун як ҷузъи (компоненти) ё ҷавҳари ташаккули тоҷикон мебошанд;

- дини усторушаниҳо дар асрҳои V пеш аз милод то асри IX-X оини зардуштӣ буда, аз соли 822 баъди забти Уструшана дини ислом,  мазҳаби ҳанафӣ паҳн мешавад, ки густариши он нисбат ба дигар вилоятҳо сусттар сурат мегирифт.

[1] Ғафуров Б.Ғ. Тоҷикон. Таърихи қадимтарин, қадим, асрҳои миёна ва давраи нав. – С. 287.

## 3.2. Муносибатҳои заминдорӣ ва вазъи кишоварзӣ

Дар давраи истилогариҳои араб дар ҳудуди Мовароуннаҳр вилоятҳои алоҳида, ки парокандагии сиёсиро аз сар мегузарониданд ва он вазъият ба ҳаёти иқтисодӣ таъсири худро гузошт. Лашкаркашиҳои мунтазами арабҳо ба Уструшана ҳам таъсири манфӣ расонида, даъвати мунтазами афшинҳо ба мардум ва раисони шаҳру рустоҳо ва деҳқонони маҳаллӣ барои ёрии ҳарбӣ, молиявӣ вазъи иқтисодиро душвор сохта буд.

Озод гаштани Мовароуннаҳр аз асорати арабҳо ва таъсиси давлати мутамаркази Сомониён ба пешрафти иқтисодӣ ва иҷтимоӣ мусоидат намуд. Давлати марказиятноки Сомониён бо дастгоҳи муназзами идоракунии сиёсӣ, маъмурӣ, ҳарбӣ дар тули тамоми асрҳои IX-X имконияти ҳимояи марзу буми мамлакатро аз ҳуҷуми қабилаҳои кӯчманчӣ ва истилогарони хориҷӣ таъмин намуда, барои пешрафти тамоми самтҳои ҳаёти иқтисодӣ – кишоварзӣ, касбу ҳунар ва тиҷорат заминаи мусоид фароҳам овард.

Кишоварзони Мовароуннаҳр аз давраҳои қадим, пеш аз ташаккули давлати Сомониён бо кишту кор, кандани наҳру ҷӯйбор, сохтани обанборҳо, бунёди иншоотҳои обёрии зеризаминӣ (корезҳо), аз худ кардани заминҳои бекорхобида ошно буданд.

Дар водиҳои зархези Зарафшон, Фарғона, Қашқадарё, Сурхондарё, Илоқ, Чоч, Уструшана, Хоразм, Марв ва ғайра кишоварзӣ дар асоси обёрии сунъӣ пеш бурда шуда, соҳаҳои гуногуни кишту зироат – ғаллакорӣ, шоликорӣ, пахтакорӣ, боғу обчакорӣ, зироати равғанкашӣ ва ғайра рушд ёфта буд.

Нақшу мақом ва вазифаи давлати феодалӣ дар Шарқ хусусиятҳои хоси худро дошта ва он аз чунин далел бармеояд, ки субъекти моликияти шахсӣ ба замин давлат ба ҳисоб мерафт. Давлат соҳиби асосӣ ва олии замин ба ҳисоб рафта, гарчанде падидаи моликият шахсӣ ва умумии истифодаи замин ба назар мерасид, вале аслан давлат молики мулк ба ҳисоб мерафт. Ин хусусияти хоси пояи иқтисодӣ шакли хоси зербинои сиёсии он – давлати истеъмори шарқиро муайян менамуд.

Дар ҳаёти кишоварзӣ ғайр аз заминҳои обёришаванда қисмати зиёдро заминҳои лалмӣ ишғол мекард. Ҷуғрофидони машҳури асри X Ибни Ҳавқал қайд менамояд, ки "заминҳои рустоқи Абғар – дар атрофи Самарқанд аз ҳисоби борон шодоб мешаванд, ин рустоқ бо аҳолии сершумори худ нисбат ба дигар рустоқҳои Самарқанд рушдкарда ба ҳисоб меравад"[1]. Чунин вазъи кишоварзӣ дар Уструшана низ ба назар мерасид.

Баъзе намуди зироаткорӣ барои инкишофи ҳунармандӣ, аз ҷумла пахта, шоҳӣ, канаб ва истеҳсоли равған – зағер, кунҷит, индов, масдар истифода мешуд.

Ҳафриётҳои бостоншиносӣ дар Фарғона, Суғд, Уструшана ва маълумоти маъхазҳои таърихӣ-ҷуғрофӣ дар бораи инкишофи истеҳсоли матоъҳои пахтагӣ, шоҳӣ, мӯина маълумот медиҳанд. Ахбори сарчашмаҳои хаттӣ ва бозёфтҳои бостоншиносӣ собит менамоянд, ки дар Мовароуннаҳр кӯфтани ғалла на танҳо дар ғаллакӯбии дастӣ, балки тавассути осиёби обӣ низ ба амал баровардa мешуд. Дар яке аз ҳуҷҷатҳои суғдии аз харобаҳои Қалъаи Муғ бозёфтшуда, ки ба асри VII мансуб аст, истилоҳи суғдии "хтарнак" ва яғнобии "хутанка" – осиёбӣ вомехӯрад[2].

Дар аввалҳои асрҳои миёна дар Уструшана муносибатҳои феодалӣ инкишоф ёфта буд. Дар натиҷаи он муносибати иҷтимоӣ-иқтисодӣ пеш рафта, кишоварзӣ ва заминдорӣ рушд меёбад.

Тибқи маълумоти О.И.Смирнова шаҳрҳо на он қадар инкишоф ёфта, мавқеи махсусро кӯшкҳои заминдорон, ки дар ин давра бо унвони деҳқон мавҷуд буданд, нисбатан мавқеи устувор доштанд. Маълумотҳои бадаст омадаи археологӣ шаҳодат медиҳанд, ки рустоҳое, ки дар онҳо заминдорон – деҳқонон мавқеи устувор доштанд, - рустоҳои Фағкат, Куркат, Ғазак ва Зомин ба ҳисоб мерафтанд ва онҳо дар қисмати водии Уструшана ҷойгир буданд[3].

---

[1] Материалы по истории Узбекской, Таджикской и Туркменской ССР. – М.: Изд-во АН СССР, 1931. – С. 180-185.

[2] Фрейман А.А. Два согдийских рукописных документа на коже с горы Муг в Таджикистане // Вестник древней истории. – 1952. - № 1. – С. 185.

[3] Смирнова О.И. Археологические разведки в Уструшане в 1950 г. // Материалы и исследования по археологии СССР. № 37. Труды таджикской археологической экспедиции. – С. 190.

Азбаски Уструшана дар асрҳои IX-X дар ҳайати давлати Сомониён қарор дошта, вазъи иқтисодии он чун мулкҳои дигари ин давлат сурат мегирифт. Дар аҳди Сомониён ҳуқуқ ва меъёрҳои истифодаи махсуси замин мавҷуд буда, онро музориат меномиданд. Дар ин давра панҷ намуди замин: заминҳои муқаддас ё хироҷӣ, заминҳои хориҷӣ (заминҳои дар кишорвари дигар забтшуда), мулкҳо, иқтоъ ва вақф, яъне заминҳои муассисоти динии мусулмонӣ, туъма ва илҷаъро дар бар мегирифт.

Бояд қайд кард, ки дар асрҳои миёна, махсусан дар замони Сомониён чунин категорияҳои инъомоти феодалӣ, ба монанди туъма ва иқтаъ васеъ паҳн мешавад. Категорияи заминҳои туъма чунин шакли инъомотӣ маҳсуб меёфт, ки як миқдори муайян, аз порчаҳои хурди заминҳо, то як деҳа, русто ва навоҳӣ дода мешуд. Хусусияти чунин инъомот аз он иборат буд, ки умрбод ба соҳибаш тааллуқ дошт, вале миқдори муайяни хироҷи онро ба хазинаи давлат супоридан лозим буд. Категорияи дуюми заминҳои инъомии иқтаъ бошад, ҳамчун замини инъомшуда онро ба ворисонаш мерос гузорад.

Агарчи ин намуди заминҳо ба шаклҳои инъомотӣ дохил бошанд ҳам, тарзи истифодаи он нисбат ба дигар шаклҳои заминдорӣ мушоҳида карда мешуд. Агар дар дигар шакҳои заминдорӣ андозу хироҷ ба хазинаи давлат дода шуда,ё аз андоз озод бошад, ба категорияи заминҳои инъомотӣ тамоми даромад ва харҷу дахли замин ба соҳибони инъомот мансуб буд. Дар заминҳои киштшаванда деҳқонони безамин кор мекарданд, ки чаҳоряк, ё қисме аз даромади ҳосилотро бар ивази хизмат аз худ карда метавонистанд.

Дар сарчашмаҳои таърихӣ, адабӣ ва дар васиқаҳои асримиёнагӣ вақф ин мулкҳои манқул ва ғайриманқуле (заминҳои кишт, осиёб, ҷӯйборҳо, иншоотҳои обёрӣ, корвонсарой, устохонаҳо), ки аз ҷониби подшоҳ ва аз ҷониби шахсони дигар барои таъмин, таъмир ва ба роҳ мондани фаъолияти муассисаҳои динӣ, масҷидҳо, мадрасаҳо, мазорҳо ва ғайра ҷудокардашуда ба ҳисоб меравад[1].

---

[1] Чехович О.Д. Новая коллекция документов по истории Узбекистана // ИЗ, Том 36. – М.: Изд-во АН СССР, 1951. С. 266 – 268.

Заминҳои муқаддас ё хироҷӣ гурӯҳи заминҳои маркази исломӣ буданд, ки дар онҳо ҳазрати Муҳаммад (с) зиндагӣ намуда, қадам ниҳодааст. Ин гуна заминҳо берун аз хариду фурӯш буданд.

Заминҳои хориҷӣ мулкҳое буданд, ки арабҳо ҳангоми кишваркушоӣ ва ғазавоташон аз худ карда буданд. Минбаъд аз ин гуна заминҳое, ки ба умарову фузалои худ дода буданд, ба халифа андоз медоданд.

Мулкҳо заминҳои амирон ва феодалони калон буданд. Қисме аз заминҳо аз тарафи амирон ба иқтоъ ва қисми дигар ба иҷора ва ё истифода дода мешуд. Феодалони калон ва мансабдорони дарборӣ низ заминҳои хеле зиёд доштанд ва деҳқонони майда ба онҳо хидмат менамуданд. Соҳибмулкон заминро ҳамчун моликияти хусусӣ истифода мебурданд.

Шакли дигари заминдории аҳди Сомониён иқтоъ буд. Ин намуди замин ба ҳарбиёни барои хизмати содиқонаашон ба хонадони Сомониён бар ивази маош дода мешуд, ки ин мулкҳо ба таври меросӣ боқӣ мемонд.

Заминҳое, ки барои ҳимоя аз маҷбуриятҳои тоқатфарсои феодалӣ ба заминдорони калон ба гарав дода мешуд, "илҷаъ" ва ё "ат-тилҷаъ" номида мешуд. Мақсад аз чунин гаравгонгирии замин ҳимоя намудани ҳуқуқи моликият дар шароитҳои вазнин буд.

Туъма шакли дигари инъомоти феодалии аҳди Сомониён буд, ки онро шахс умрбод ҳадя мегирифт. Соҳиби ин мулк вазифадор буд, ки қисми даромади заминро ба туҳфадиҳада чун хироҷ супорад[1].

Аз заминҳои давлатӣ андоз гирифта намешуд[2]. Ба заминҳои давлатӣ заминҳое, ки дар ҳудуди давлат мулкӣ ҳисоб шуда, ҳамчунин заминҳои ҷамоавӣ ва мулки хосаи амирӣ дохил мегардид. Барои корфармоии он ба амир танҳо хироҷ супорида мешуд. Хироҷ барои он ситонида мешуд, ки соҳиби онро аз душманони берунӣ ҳимоя кунанд. Заминҳои давлатӣ иборат аз: а) мулкҳои дар натиҷаи забткориҳо азхудкардашуда ба иҷора дода шуда, хироҷи он ба

[1] Донишномаи Сомониён. – Ҷилди 2. – С. 443-444.
[2] Якубов Ю Раннесредневековые сельские поселения горного Согда: к проблеме становления феодализма. – С. 227.

хазинаи давлат ва сарфаи девон буд[1]; б) заминҳои муставаллӣ заминҳое маҳсуб меёфтанд, ки дар онҳо биноҳо сохташудаанду даромади онҳо барои харҷи биноҳо ва дигар иншооти ёрирасони онҳо равона мешуд[2].

Дар ин давра масъалаи обёрӣ яке аз муҳимтарин соҳаи кишварзӣ маҳсуб меёфт ва обёрии асри IX ба қоидаҳои истифодабарии он вабаста буд. Дар ин бора Гардезӣ дар “Зайн-ул-ахбор” менигорад, ки “Ва мар Абдуллоҳ ибни Тоҳирро расмҳои неку бисёр аст. Яке он аст, ки ба ҳамаи кордорон нома набишт, ки “ҳуҷҷат баргирифтам шуморо, то аз хоб бедор шавед ва аз хирагӣ берун ойед ва салоҳи хеш биҷӯйед ва бо барзгарони вилоят мудоро кунед ва кишоварзе, ки заъиф гардад, ӯро қувват диҳед ва ба ҷойи хеш бозоред, ки Худой, азз ва ҷалл, аз дастҳои эшон таъом карда аст ва аз забонҳои эшон салом карда аст ва бедод кардан бар эшон ҳаром карда аст[3].

Ва пайваста аҳли Нишопур ва Хуросон назди Абдуллоҳ ҳамеомадандӣ ва хусумати корезҳо ҳамерафтӣ. Ва андар кутуби фиқҳ ва ахбори расул, андар маънии корез ва аҳкоми он чизе наёмада буд. Пас Абдуллоҳ ҳамаи фуқаҳои Хуросонро ва баъзе аз Ироқро ҷамъ кард, то китобе сохтанд дар аҳкоми корезҳо ва онро “Китоби қанӣ” ном карданд, то аҳком, ки андар он маънӣ кунанд, бар ҳасби он кунанд. Ва он китоб то бад-ин ғоят барҷост ва аҳкоми қанӣ ва қаниёт, ки дар он маънӣ равад, бар муҷиби он китоб равад”[4]. Ҳамин китоб (“Китаб-ал-қуний) барои обёрии минтақаи Хуросону Мовароуннаҳр ҳамчун дастурамал обёрикунии замин пас аз дусад соли давлатдории Тоҳириён низ истифода гардида буд.

Дар ин ҷо обёрии сунъӣ ва истифодаи обҳои дарёҳо ва шохобҳои онро таҳлил кард. Дар обёрии сунъӣ каналҳо, коҳрезҳо, ҳавзҳо ва дигар чораҳо андешида мешуданд. Масалан, Туксони Каҳрез дар Бунҷикат яке аз роҳи обёрикунандаи шаҳр маҳсуб меёфт. Ҳамчунин дар ҳавзаи болоии Зарафшон ва ҳавзаи рӯдхонаи Мастчоҳ ва Искандардарё нишонае аз садҳо ва обанборҳо ёфт

---

[1] Большаков А., Бентович И., Большаков О. Средневековый город Средней Азии. – С. 316.
[2] Якубов Ю Раннесредневековые сельские поселения горного Согда: к проблеме становления феодализма. – С. 228.
[3] Абусаъид Абдулҳайи Гардезӣ. Зайну-л-ахбор. – С. 170.
[4] Ҳамон ҷо. – С. 170.

шудааст[1], ки онҳо дар ҳудуди ҷуғрофии Уструшанаи замони Сомониён қарор доштанд.

Дар тадқиқоти А.И.Билолов оид ба низоми обёрии вилояти Уструшана маълумоти зиёд оварда мешавад. Муаллиф дар асару мақолаҳои илмии худ каналҳо, ҷўйҳо, системаи обиёрӣ, ёдгорӣ ва боқимондаҳои иншоотҳои обёрӣ аз замони асримиёнагӣ то ба ибтидои асри XX сухан ронадааст. Аз ҷумла, дар Тоҷикистони Шимолӣ, ки аксари ҳудуди Уструшанаи замини таҳқиқро дар бар мегирифт, якчанд каналҳо, наҳрҳо, ҷўйю қубурҳои обгузар ва осори онро мавриди баррасӣ қарор додааст. А.И.Билолов дар асари худ ҳавзаҳои Шаҳристонсой, Каттасой, Басамандасой, Оқсу ва Исфанасойро омўхтааст, ки ба ҳудуди Уструшанаи ҷанубу шарқӣ шомил буданд. Масалан, ҳавзаи Басмандасой ҳудуд ва миёнҷойи Даҳкатсой то ҳавзаи Ширинсойро дар бар гирифта, яке аз минтақаҳои бузурги обёрии Уструшана ба ҳисоб мерафт. Он аз гузаргоҳи Оббурдон сарчашма мегирифт ва тўли 100 км рафта ба дарёи Сир мерехт. Дар 50 км ҳавзаҳои он заминҳои зиёда аз минтақаи Калининобод (ҳоло шаҳрак ба номи Исмоили Сомонӣ) то Куркат обёрӣ карда мешуданд[2]. Ҳавзаи дигар Оқсу бошад се рустои Уструшана – Бискар, Минк ва Шавкатро шодоб мекард[3].

Каналҳо, нишебиҳои кўҳҳо, қубурҳои обгузар – корезҳо, чоҳҳои обтозакунӣ, каналҳои зеризаминӣ ва рўйкушод дар заминҳои ҳамвор истифода мешуданд, ки ҳар яки он вазифа ва хусусиятҳои махсус дошт[4].

Дар тадқиқоти А.Билолов масъалаи омўзиши обёрии Уструшана ва шаклҳои гуногуни корезҳо таҳлил шудааст. А.Билолов ду намуди корезҳое, ки ҳангоми ҳафриётҳо аз рустоҳои Уструшана омўхта шудаанд, таҳлил кардааст. Аз назари муаллиф ин аввалин корезҳое маҳсуб меёбанд, ки барои обёрии кишти заминҳо сохта шудаанд. Дуюмин намуди корезҳо ҳам барои обёрӣ,

---

[1] Неъматов Н. Давлати Сомониён: тоҷикон дар асрҳои IX-X. – С. 76.

[2] Билолов А.И. Из истории ирригации Уструшаны. Материальная культура Уструшаны. – Вып. 4. – Душанбе: Дониш, 1980. – С. 45; Билолов А.И. Памятники древей ирригации в районе поселка Калининабад // Археологические работы в Таджикистане. – Вып. XI в 1971 г. – Душанбе: Дониш, 1975. – С. 169-178.

[3] Ҳамон ҷо. – С. 67.

[4] Ҳамон ҷо. – С. 88.

ҳамчун обпартоҳои иморатҳо хизмат мерасониданд, ки чун қубурҳои зеризаминӣ сохта шудаанд[1]. Аз ҷумла, дар воҳаи Басмандасой ва Шаҳристонсой, ки аксари рустоҳои Уструшанаро бо об таъмин мекард, намудҳои якум ва дуюми корезҳо дарёфт шуданд, ки дар замони асримиёнагӣ ба таври васеъ истифода бурда мешуданд. Аз назари А.Билолов сарчашмаи оби худи Басмандасой аз мавзеи кӯҳҳои Обурдон оғоз ёфта, макони истифодаи корезҳо ба ҳисоб мерафт[2].

Аввалин корезе, ки устурушаниҳо истифода бурдаанд, аз воҳаи Басманда дарёфт гардид, ки аз дар ҷараёни обёрии дарёча, ҳазорҳо метр дар пастӣ қарор дошт[3]. Ин гуна корезҳо дар ҷойҳое, ки ба замини кишт об расонидан мушкилӣ меовард, истифода бурда мешуд. Андозаи корезҳои дарёфтшуда аз 0,5 то 1,5 метр дарозӣ дошта, 0.5-0.6 метрро ташкил медод. Аз 1,5 км то 6-7 км корезҳо хобонида мешуданд.

Бунёд ва ба истифода додани корезҳо аз як тараф қувваи ҷисмониро талаб намояд, аз тарафи дигар донишҳои техникӣ ва андозаву баҳисобгириро талаб менамуд. Хатогии техникӣ боиси вайрон шудан ва ба дигар маҷро рафтани обро ба вуҷуд меовард. Аз ин лиҳоз, пеш аз он ҷой ва сарчашмаи оби корезҳо, пастӣ, баландӣ ва макони обёрӣ шудани заминҳо ба воситаи корезҳо заҳмати зиёди муҳандисони соҳаи ирригатсиониро талаб менамуд.

Зомин, ки дувумин шаҳри бузурги Уструшана ба шумор мерафт, дар ду сӯи рӯд қарор дошт ва пулҳои кӯчак аз болои он барои роҳгузарон хидмат мекарданд.

Дар ҳамаи каналҳо ва дарғоту маҳаллҳои обёришавандаи Уструшана намояндагони девони об ва миробҳо фаъолият доштанд, ки дар танзиму риоя ва обёрии он идораҳои маъмурии маҳаллиро доро буд.

Дар замони Сомониён барои кандани каналҳо ва обёрии заминҳо маблағҳои муайян ҷудо карда мешуд. Аз ҷумла, тибқи ахбори Табарӣ академик

---

[1] Билолов А.И. Каризы Уструшаны // Материалы по археологии и истории Таджикистана. – Душанбе: Дониш, 1977. – С. 43-55.
[2] Ҳамон ҷо. – С. 46.
[3] Ҳамон ҷо. – С. 46.

Н.Неъматов қайд менамояд, ки дар замони ҳукмронии Яҳё ибни Асад (ваф. с. 856) дар Чочу Уструшана халифа Муътасим (с.795-839) ду миллион дирҳам барои ҳафри наҳре дар Чоч, ки дар оғози ислом масдуд шуда ва аҳолиро дучори камобӣ ва зиён сохта буд, пардохт кард. Ҷўйборе, ки ҳафр шуд то асри XIII вуҷуд дошт[1].

Сарчашмаҳои асримиёнагӣ низ дар ин бора хабар медиҳанд, ки Уструшана монанди дигар шаҳрҳои Мовароуннаҳр, бо доштани дарахтон бо ҳам пайваста маъруф буд ва ҷуғрофидони араб Ибни Ҳавқал мегўяд: “меваҳои дарахтон фаровон буд ва сутурони (ҳайвонҳо) эшон мева хўранд”[2].

Дар Уструшана дар асрҳои IX-X самтҳои гуногунсоҳаи кишоварзӣ пеш рафта, бо истифода аз каналҳои сунъӣ ва обҳои кўҳии ҷоришаванда заминҳоро обиёрӣ мекарданд. Бозёфтҳои ёдгории ирригатсионӣ, махсусан корезҳои тулаш дароз (корези бозёфтшуда дар наздикиҳои Даҳкат, корези Каллахона, корези назди Ғончӣ ва ғ.) ба воситаи кўҳҳо кашида мешуданд. Ҳамчунин каналҳои махсуси обёришавандаи баландкўҳӣ (каналҳои Бунҷикат, каналҳои баландкўҳи воҳаи Даҳкат, Зарафшон ва ғ.), обанборҳо (дар воҳаи дарёи Мастчоҳ, Искандардарё) ба ҳисоб мераванд.

Кишти асосии хоҷагии деҳотро ғалла, ҷав, макка, биринҷ ва юнучқа ташкил дода, дар чорводорӣ аспу хар, хачир, шутур, гов, бузу гўсфанд парвариш карда мешуд[3].

Ҳар як рустои Уструшана вобаста ба иқлим, хок, оби доштааш бо заминдорӣ, чорводорӣ ва намудҳои гуногуни кишоварзӣ, ки шуғли қадимтарини халқи тоҷик аст, машғул мешуданд. Масалан, дар рустои Шавкат пахта кишт карда мешуд ва дар водиҳои атрофи Бунҷикат ва Фағкат токзорҳои бешумор буданд, ки аз он шароб омода мекарданд. Мувофиқи ахбори “Ҳудуд-ул-олам” дар Уструшана шаробсозӣ ривоҷ дошта, устоҳои машҳури он давра бо ин касб ном баровардa буданд[4].

---

[1] Неъматов Н. Давлати Сомониён: тоҷикон дар асрҳои IX-X. – С. 63.
[2] Ибни Ҳавқал. Сурат-ул-арз / Ҳудуд-ул-олам. Муҳаммад Обиди Иршод. Чаҳорбоғи гулҳо. – С. 174.
[3] Негматов Н.Н. Уструшана в VII-X вв. (по материалам письменных и археологических источников): автореф. дис. … кан. ист. наук: 07.00. 02. / Негматов Нуъман Негматович. – С. 10-11.
[4] Ҳудуд-ул-олам. – С. 76.

Дар рустоҳои дар водӣ ҷойгиршуда, - менависад, - академик Н.Неъматов “боғдорӣ пеш рафта (зардолу, шафтолу, нок, себ, биҳӣ, олуболу); дар ҳама рустоҳо сабзавот, харбуза, каду, бодиринг кишт карда мешуд. Дар рустоҳои кӯҳӣ чарогоҳҳо бисёр буда, дарахтҳои тут зиёд ва кирмакпарварӣ ривоҷ дошт”[1]. Андешаи ӯро А.А.Гритсина низ тасдиқ намуда, зикр менамояд, ки воҳаҳои дар водӣ қарордоштаи Уструшана истеҳсолкунандагони маҳсулотҳои полезӣ мебошанд[2].

Даштҳои хуррам ва чарогоҳи васеи Мовароуннаҳр, аз ҷумла дар Уструшана заминаи муносибро барои чорводорӣ фароҳам сохта буд ва аз ин тариқ гӯшт ва маҳсулоти лабанӣ (ширӣ) ба даст меомад ва ҳам аз мӯй ва пӯсти коркардшуда порчаҳои мӯйин ва пӯстинҳои гуногун, зину кафш ва камарбанди чармин месохтанд. Аз гов ва шутур дар шухм задан (шудгор кардан) ва обёрӣ кардан истифода мекарданд[3].

Дар Матчо, Паргар, Киштут, Моғиён ва дигар рустоҳо фаровонии меваҷот, сабзавот ва ғалладонагиҳо ба назар мерасид ва кишти ин намуди маҳсулот ба роҳ монда шуда буд[4].

Маблағи умумии хироҷе, ки соли 844 аз кулли вилоёти давлати Тоҳириён ҷамъоварӣ гашт, ба 48 млн. дирҳам расида буд. Ибни Хурдодбеҳ низоми молиёти навоҳии мухталифро дар аҳди Абдуллоҳ ибни Тоҳир барои ду сол – солҳои 826-827 баршумурда овардааст.

Дар он сӯи рӯди Ому Бухоро қарор дорад, ки хироҷаш 1 млн-у 189 ҳазору 200 дирҳами қитрифӣ аст. Суғд ва дигар ноҳияҳое, ки дар назорати Нӯҳ ибни Асад аст, 326 ҳазору 400 дирҳам, ки 280 ҳазор дирҳами муҳаммадӣ, аз Фарғона 46 ҳазору 400 дирами хоразмӣ ва мусайябӣ[5]. Аз карбосҳои ғализи кундаҷӣ низ 1 ҳазору 187 пироҳан ва аз варақаҳои оҳан 1 ҳазору 300 қитъаи дунима, ки маҷмуан 2 млн-у 172 ҳазору 500 дирҳами муҳаммадӣ мегардад, 1 млн-у 89

---

[1] Негматов Н. Уструшана в VII-X вв. (по материалам письменных и археологических источников): автореф. дис. … кан. ист. наук: 07. 00. 02 / Негматов Нуъман Негматович. – С. 11.
[2] Гриница А. А. Северная Уструшана: автореф. дис. … кан. ист. наук: 07.00.06 / Грицина Аликсей Андреевич. – С. 5.
[3] Неъматов Н. Давлати Сомониён: тоҷикон дар асрҳои IX-X. – С. 175.
[4] Якубов Ю. Раннесредневековые сельские поселения горного Согда: к проблеме становления феодализма. – С. 152.
[5] Қитрифӣ, муҳаммадӣ, мусаябӣ дирҳамҳое, ки ба номи волиҳои Хуросон зарб зада мешуданд.

ҳазори он аз Суғд аст. Ва маъдан дар Буттам ҳосил ояд ва маъдани намак дар Кис ва хироҷи Кис, Насаф, Буттам ва дигар ноҳияҳои Суғд 1 млн-у 89 ҳазор дирҳами муҳаммадӣ мебошад. Хироҷи Уструшана 50 ҳазор аст. Шош ва маъдани нуқра 607 ҳазору 100 дирҳам, Хуҷанд - 100 ҳазор дирҳами мусайябӣ аст[1].

Дар асоси маълумоти Ибни Хурдодбеҳ Буттам дар асри IX ба Тоҳириён панҷ ҳазор дирҳам андоз месупорид. Дар асоси маълумоти ҳуҷҷатҳои Қалъаи Муғ бошад, хироҷи худро ба давлат бо маҳсулотҳои гуногун месупорид: бо ҷав, гандум, бо шароб, чорво, меваи хушк ва ғайра[2].

Дар аҳди Сомониён мутасаддии риштаи умури молӣ девони хироҷ ба шумор мерафт. Девони мазкур ба ҷамъоварии хироҷ, ҳисоби кулли умури моливу дахлу харҷ ва танзими дафтарҳои марбут ба он дар як деҳ, шаҳр, вилоёт ва мамлакат машғул буд. Хироҷ аз кулли навъҳои фаъолияти аҳолии кишвар, амсоли кишоварзӣ, чорводорӣ, ҳунармандӣ, савдо, тиҷорат ва ғайра ситонида мешуд. Низоми ситонидани хироҷ дар “Қонун-ал-хироҷ” ном рисола матраҳ гардидааст. Тибқи ахбори он, ҳангоми ҳисоби пардохти хироҷ камтарин маҳсули ғаллаву меваҷоти соли камҳосилӣ бадастомада ва ҳаҷми ҳосили соли фаровонҳосилӣ ба инобат гирифта шуда, ҳисоби миёнаи онро андозаи пардохти хироҷ муайян менамуд[3].

Доир ба ҳаҷми хироҷ аз маҳсули кишоварзӣ санаде дар даст нест. Дар қаламрави Уструшана андозаи хироҷро дар деҳ одатан арбоби он таъин менамуд, ки дар маъхазҳои асримиёнагӣ бо номи “ушр” маълум буд. Аз таҷрибаи деҳкадаҳои кӯҳии Хингоб ва дигарҳо, ки бидуни тағйир то асри XX омада расидаанд, метавон гуфт, ки деҳқон ғалларо дарав намуда, дар хирман нигаҳ медошт. Амлокдор ҳамроҳи арбоби деҳ ба сари хирман ҳозир гашта, андозаи хироҷро муайян менамуд. Ҳангоми тақсими ҳосил як табақи ғалла ба ҳаҷми се тоқӣ ё худ баробари 3 кг-у 900 г. насиби амлокдор мешуд, табақи

---

[1] Ибни Хурдодбеҳ. Масолик ва мамолик. Тарҷумаи Саъид Хокранд. Баргардонкунанда аз хати форсӣ ба кириллӣ Некрӯз Сафарзода. – Душанбе: Сарредаксияи илмии Энсеклопедияи миллии тоҷик, 2022. – С. 53-54.
[2] Ибни Ҳурдодбеҳ. ал- Масолик ва-л-мамолик // Сомониён дар оинаи таърих. Ҷилди дуюм. – С. 15-16.
[3] Донишномаи Сомониён. – Ҷилди 2. – С. 397.

дигарро арбоби деҳа, муллои деҳа, сартарош, кафшдӯз ва ғайра соҳибӣ мекарданд. Танҳо пас аз анҷоми чунин таомул деҳқон иҷозаи ба хона бурдани ҳосилро пайдо менамуд.

Дар Уструшана хироҷи маҳалро асосан аз ҳосили замин ба андозаи даҳяк аз гандум, ҷав, чорво ва меваи боғ меситониданд. Дар шаҳрҳо, ба сабаби хеле вусъат ёфтани муносибатҳои молию пулӣ, хироҷ асосан бо пули нақд ситонида мешуд. Дар рӯдхонаҳои кӯҳии Зарафшону Хатлон, ки он ҷо мардум бо зар шустан машғул буданд, хокаи тиллоро ба ҳайси пардохти хироҷ истифода мекарданд[1].

Баъзан ҳангоми зарурат чунин ҳам мешуд, ки хироҷро дар як сол ду навбат ё худ хироҷи дусоларо дар як вақт ҷамъоварӣ менамуданд. Аз назари Ибни Ҳавқал қайд менамояд, дар замони салтанати “Абӯсолеҳ Мансур ибни Нӯҳ буд, ки дар соле ду бор, яъне дар ҳар шашмоҳа 20 млн. дирҳам ҳамл мешуд. Ва агар хироҷи ҳар ду шашмоҳа лозим мешуд, ки ҷамъан ба 40 млн дирҳам мерасид. Хироҷи як ҷариби кӯчак аз 1/4 дирҳам то 3/3 ва то 3/4 аст”[2].

Ибни Ҳавқал боз таъкид намудааст, ки дар Мовароуннаҳр пандҳои қадим ва розномаю дастурот ҳаст, ки омилони хироҷ аз рӯи он дастур амал менамоянд. Ибни Ҳавқал дар як вақт ҷадвали хироҷи шаҳрҳои Хуросону Мовароуннаҳрро овардааст, ки он аз нишондоди Ибни Хурдодбеҳ то андозае тафовут дорад. Масалан, “Самарқанд - 750 дирҳам, Хуҷанд - 300, Фарғона - 1000, Чоч - 600, Уструшана - 600, Марв - 600, Чағониён - 300, Элоқ - 300, Кеш – 300”[3] ва ғайра.

Дар асрҳои миёна аз заминҳои феодалӣ рентаи феодалӣ 1/10 қисми маҳсулот низ гирифта мешуд. Агар андоз гирифта мешуд, мебоист истиқоматкунандагони хонадон 500 кг ғалла супоранд. Ҳамчунин дар асоси маълумоти ҳуҷҷатҳои суғдии Қалъаи Муғ В.И.Распопова[4] маълумот медиҳад,

[1] Донишномаи Сомониён. – С. 397.
[2] Ибни Ҳавқал. Сурат-ул-арз // Садои Шарқ, 1999. - № 1-3. – С. 10-14.
[3] Ибни Ҳавқал. Сурат-ул-арз / Ҳудуд-ул-олам. Муҳаммад Обиди Иршод. Чаҳорбоғи гулҳо. – С. 139.
[4] Распопова В.И. Раннесредневековый Согдийский город: по материалам Пенджикента: автореф. дис. … д-ра. ист. наук: 07.00.06 / Распопова Валентина Ивановна. – Санкт-Петербург, 1993. – С. 43.

ки деҳқонон маҳсулотҳои дастранҷи худро ба сифати андоз бо ҷаву гандум, меваҷот, моли дастии хонагӣ медоданд, яъне андози молиётӣ ситонида мешуд.

Ҳамин тариқ, дар Уструшани замони мавриди таҳқиқ дараҷаи иқтисодии мамлакат аз кишоварзӣ, чорводорӣ, боғдорӣ ва дигар шуғли маҳаллии аҳолӣ вобаста буда, асоси даромади иқтисодии аҳолиро ташкил медод. Дараҷаи пешрафти истеҳсолоти маҳсулотҳои хоҷагии кишоварзӣ ва чорводории маҳаллӣ ба инкишофи ҳунармандӣ ва анвои гуногуни он мусоидат мекард.

## 3.3. Инкишофи ҳунармандӣ ва тиҷорат

Ҳунар ва ҳунармандӣ як рукни асосии ҳаёти ҷомеа буда, барои пешбурди зиндагии мардуми бо он машғулбуда, дараҷаи некӯаҳволии ҷомеа аз ҳунару тиҷорат вобастагии зиёд дорад.

Уструшана яке аз вилоятҳо ва сарзаминҳои муҳими Мовароуннаҳр маҳсуб ёфта, ҳамчун маркази маъмурӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ, тиҷоратӣ ва фарҳангу ҳунар дар ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодии он бо шаҳру рустоҳои сершумори худ ва ҳунармандони моҳираш аз қадим машҳур буд.

Ҳунармандӣ ва намудҳои он дар сарчашмаҳои асрҳои VIII-XIII акс ёфтааст, ки муалифони осори хаттӣ аз инкишофи намудҳои гуногун ва анвои маснуоти косибони он давра хабар додаанд. Ин масъала дар тадқиқоти муаррихон ва муҳаққиқони ватанию хориҷӣ каму беш инъикос ёфта бошад ҳам, вале он ба таври умумӣ ва пароканда оварда мешавад.

Дар Уструшана шаклҳои гуногуни ҳунармандию пешаварӣ инкишоф ёфта буд. Шарқшинос О.Г. Болшаков манбаъҳои хаттии асрҳои IX-XII-ро таҳлил намуда, намудҳои гуногуни косибӣ, аз ҷумла аслиҳасозӣ (тайёр кардани зиреҳ, ҷавшан ва ғ.), кордгарӣ, каландгарӣ, қулфсозӣ ва дигар соҳаҳои оҳангариро қайд кардааст.

Аслан ҳунармандӣ, ки соҳаҳои мухталифи худро дорад, дар ҷои холӣ ба вуҷуд намеояд. Аз ин рӯ, дар Уструшанаи замони Тоҳириён ва Сомониён низ ҳунармандӣ, албатта, дар марказҳои маъмурӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ, яъне шаҳру рустоҳои бузурги аҳолинишин ба вуҷуд омада, дар замони худ инкишоф ёфтааст.

Асрҳои IX-X дар Уструшана намудҳои гуногуни ҳунарҳои бофандагӣ инкишоф ёфта буд ва барои инкишофи он шароити мусоид фароҳам омада буд. Бинобар ин, дар Уструшана ҳунари бофандагӣ (аз пахта, пилла, пашм), ҳунари чармгарӣ (аз пӯсти гов, гӯсфанд, буз, уштур намудҳои ашё ва пойафзол тайёр карда мешуд), ҳунари кулолгарӣ (намудҳои гуногуни зарфҳои рӯзгор), истеҳсоли олот аз чӯб (омоч ва дигар лавозимот, аз қабили зарфҳои қадима асосан дар минтақаҳои кӯҳӣ), ордкашӣ (осиёбҳои обӣ), заргарӣ-филизгарӣ ва

дигар намудҳои ҳунарҳои бадеӣ (нақшаҳои рӯи чӯб, гулдӯзӣ дар рӯи матоҳҳои шоҳӣ ва ғ.) инкишоф ёфта буд[1].

Шаҳру рустоҳо ва марказҳои маданию ҳунармандии Уструшана дар асрҳои IX-X маълум буда, аз марказҳои ҳунармандӣ, ки бо касбу ҳунарҳои мардумӣ машғул буданд – Бунҷикат, Дизак, Марсманда, Минк, Зомин ва ғайра ба шумор мерафтанд.

Ёдовар бояд шуд, ки дар Панҷакат (Бунҷикат) ҳунармандии фулузот, бофандагӣ, наққошӣ ва кулолгарӣ хеле пеш рафта, ордкашӣ (осиёбҳои обӣ дар дарёчаҳои назди шаҳр кор мекарданд) мавҷуд буданд[2].

Аз ахбори ковишҳои археологӣ маълум мешавад, ки шаҳри Бунҷикат аз марказҳои ҳунармандии минтақа маҳсуб меёфт[3]. Дар шаҳристони шаҳр дар қатори бозорҳо, растаҳову дуконҳои тоҷирону ҳунармандони касбу корашон гуногун ҷойгир буданд.

Дар баробари истеҳсоли металҳои гуногуни кӯҳӣ коркарди он васеъ ба роҳ монда шуда, аз маъданҳои коркардшуда асбобҳои гуногуннамуди хоҷагӣ аз тарафи ҳунармандон сохта мешуд. Истихроҷи оҳан асосан ба рустоҳои Марсманда ва Минки Уструшана рост меояд, ки дар аксари сарчашмаҳо ин маълумот қайд карда мешавад. Аз ҷумла, муаллифи “Ҳудуд-ул-олам” аз кӯҳҳои Уструшана ба даст омадани оҳанро зикр карда, менигорад, ки “ва аз вай (Уструшана дар назар аст. – С.М.) набид бисёр хезад. Ва аз кӯҳҳои вай оҳан хезад”[4].

Кӯҳҳои Буттамон (Бутам) дар болооби дарёи Зарафшон дар марзи Уструшана аз рӯи маълумоти “Ашкол-ул-олам” маъданҳои тиллову нуқра ва ҳамчунин зоҷ ва навшодир бисёр буд[5]. Дар ин бора дигар муҳаққиқон низ маълумот медиҳанд[6].

---

[1] Рауфов Т. В. Ремесло и торговля в Мавераннахре в X - начале XIII вв: автореф. дис. … кан. ист. наук: 07.00.02 / Рауфов Тимур Вениаминович. – Ташкент, 1990. – С. 14.
[2] Назирҷон Турсуни Хуҷандӣ. Истаравшан. (Шарҳи мухтасари таърих ва маданияти халқ). – С. 61-63.
[3] Негматов Н.Н., Хмельницкий С.Г. Средневековый Шахристан. – С. 196.
[4] Ҳудуд-ул-олам: таҳиягари матн ва муаллифи пешгуфтор Абдуҷамол Ҳасанов. – С. 64.
[5] Абулқосими Ҷайҳонӣ. Ашкол-ул-олам // Сомониён дар оинаи таърих. Ҷилди дуюм. – С. 66.
[6] Кохансал Х.Х. Политическое и социально-экономическое положение Хорасана и Маваренннахра в период правления Тахаридов (821-873 гг.): автореф. дис. … кан. ист. наук: 07.00.02 / Кохансал Хамид Халифе. – С. 18.

Истихроҷи маъдан ва коркарди навъҳои гуногуни он боиси ривоҷёбии ҳунарҳои рехтагарии оҳангарон гардид. Тибқи маълумоти Абурайҳони Берунӣ дар асри X металгудозӣ ба муваффақиятҳои калон ноил гардида, оҳангарон ва филизгудозони Мовароуннаҳр чаҳор намуди филизоти сиёҳро истеҳсол мекарданд: нармоҳан, шопуркон (пӯлоди хом), чӯян (дус) ва пӯлоди буттагӣ[1].

Азбаски истихроҷ ва коркарди металҳои ранга суръат мегирифт, аз он истеҳсол ва омода сохтани асбобу олоти рӯзгор, абзор ва лавозимоти ҷангию муҳофизатӣ ва ғайра ба роҳ монда шуд. Дар баробари дигар ҳунарҳо дар истеҳсоли ҳунарҳои филизгарӣ вобаста ба коркарди истихроҷи маъдан ва сохтани намудҳои абобҳои металӣ шаҳру вилоятҳо ном бароварда буд. Дар ин бора академик Н.Неъматов бар он назар аст, ки дар шаҳрҳо ва маҳалҳои аҳолинишини Фарғона, Хуҷанд ва Уструшана аслиҳа, олоти хоҷагии деҳот ва ҳунармандӣ, зарфҳои филизӣ, дар Минк ва Марсманда аслиҳаи баландсифати оҳанӣ истеҳсол карда мешуд[2]. Ин маълумотро ҳафриётҳои археологӣ дар димнаи Минк гузаронидаи бостоншиносон исбот намуданд ва боқимондаҳои зарфҳои филизии зарробшуда, сангҳои нодири тарозу, маснуоти заргарӣ ва ғайра аз пешрафти ин соҳа маълумот медиҳанд.

Кӯҳкорӣ ва истихорҷи маъдан дар замони Сомониён ҷараён ва вусъати тоза пайдо намуда, истеҳсоли маъданҳои гуногун, аз ҷумла металҳои ранга инкишоф ёфта буд. Ҳар як вилояти қаламрави Сомониён бо истеҳсоли маъданҳои гуногун машҳур буданд. Аз ҷумла, дар асрҳои IX-X дар баробари истихроҷи маъданҳои дигар Уструшана ва Фарғона бо истеҳсоли оҳан ном бароварда буданд ва тамоми қаламрави Мовароуннаҳр аз оҳани истеҳсолнамудаи онҳо истифода менамуд[3].

Дар Уструшана кӯҳкорӣ, яъне ҳунари истихроҷи маъданҳои кӯҳӣ низ хеле пеш рафта буд. Дар ин ҷо тилло истихроҷ карда мешуд (дар дарёи Зарафшон ва дарёчаҳои Буттам), нуқра (дар Буттам ва назди шаҳраки Хашт), оҳан (дар

---

[1] Абу-р-Райхан, Мухаммед ибн Ахмед ал-Беруни. Собрания сведений для познания дрогоценностей (минералогия). Пер. Беленицкого А.М. – М.: АН СССР, 1963. – С. 351-352.
[2] Негматов Н. Государство Саманидов: Мавареннахр и Хорасан в IX-X вв. – С. 86-87.
[3] Дудаков С.А. История горнорудного дело средневековой Ферганы: автореф. дис. … кан. ист. наук: 07.00.06 / Дудаков Сергей Аликсеевич. – Ташкент, 1996. – С. 15.

рустои Минк ва назди шаҳри Марсманда), навшодир (аз кӯҳи Кантоғ аз Яғнобдарё), даҳони фаранг, сурб (дар назди деҳаи имрӯзаи Боғкалон) ба назар расида, мис, олтингугирд (сера, сулфур, кибрит) ва санги сулаймонӣ низ (дар Буттам) истихроҷ карда мешуд. Қисми зиёди маъданҳои истихроҷшуда дар ҷойи худ коркард карда мешуд, аз онҳо асбобҳои заминканӣ, абзори ҷангӣ, асбоби оҳании барои рӯзгор лозима ва ғайра истеҳсол карда мешуд[1]. Дар ҳудуди Уструшана кӯҳи Буттам мавҷуд буд, ки дар он маъданҳои бисёр аст, аз ҷумла маъданҳои тиллову нуқра, оҳану мис, сурб, симоб, нефт ва ғайра. Ва санги қимматбаҳои фирӯза, ки дар Хуросон онро хуҷандӣ меноманд, аз ҳамин кӯҳ аст[2]. Ванашодир низ аз ин кӯҳ ба даст оварда шавад. Ва он чунон бошад, ки бар сари ин кӯҳ ба ҳар мавзее рутубате бошад, ба шаб чун оташ мушоҳида гардад ва ба рӯз мононди дуде дида мешавад. Болои он биное бунёд кунанд, то дар сақфи бино бухор менишинад ва  он навшодир мегардад[3].

Шаҳру навоҳии Уструшана мувофиқ ба шароитҳо ва дастовардҳо дар соҳаҳои гуногуни хоҷагӣ, ҳунармандӣ ва намудҳои онҳо инкишоф меёфт. Аз ҷумла, Ибни Ҳавқал дар Муник (Минк) ва Марсманда аз сохтани олот ва абзори оҳанӣ хабар медиҳад, ки ба саросари Хуросон то худи Ироқ интиқол меёфт[4]. Зеро оҳане, ки дар ин ҷо истеҳсол карда мешуд, нисбатан мулоим ва асбобҳои сохтаи ҳунармандон нафис ва босифат мебаромаданд, ки харидори зиёд дошт[5].

Осори  ҳунари оҳангарӣ дар минтақаҳои гуногуни Мовароуннаҳр дарёфт шудааст. Аз ҷумла, дар Минк боқимондаҳои олоти ҳунарии оҳангарӣ: путк (болға), хеш, дос ва филизи нақшунигоркашида ва санги тарозуи нодир ба номи Исмоили Сомонӣ ва маснуоти заргарӣ ба даст омадааст.

---

[1] Негматов Н. Уструшана в VII-X вв. (по материалам письменных и археологических источников): автореф. дис. … кан. ист. наук: 07. 00. 02 / Негматов Нуъман Негматович. – С. 11.
[2] Мухаммад ибн Наджиб Бекран. Джахан-наме (Описание мира). Пер. З. Н. Ворожейкиной // Материалы по истории киргизов и Киргизии. – М.: Наука, 1973. – С. 49.
[3] Муҳаммад ибни Наҷиби Бакрон. Ҷаҳоннома. Муқаддима, таҳия, таълиқот ва феҳристи Фирӯза Қодирова. – Хуҷанд: Хуросон, 2019. – С. 112-113.
[4] Ибни Ҳавқал. Сурат-ул-арз / Ҳудуд-ул-олам. Муҳаммад Обиди Иршод. Чаҳорбоғи гулҳо. – С. 176.
[5] Рауфов Т. В. Ремесло и торговля в Мавераннахре в X - начале XIII вв: автореф. дис. … кан. ист. наук: 07.00.02 / Рауфов Тимур Вениаминович. – С. 15.

Ҳамчунин бархе аз маснуоти бадеии биринҷӣ, ки дар дар навоҳи гуногуни Мовароуннаҳр ёфт шуда, монанди ганҷинаҳои Ахсекат, Бунҷикат, Қалъаи Баланд (наздикии Истаравшани имрӯза) порае аз маснуоти маҷмуи давлатии Эрмитаж ва маҷмуаи Ф.Мартин мутааллиқ ба ин давра аст. Дар байни онҳо чандин кӯза, аз ҷумла, масҳули дасти устод Аҳмад ва чанд коса, синнӣ, лаган ва дигар ашёи гаронқиммат ва нафис вуҷуд дорад[1].

Дар мақолаи бостоншиносон Н.Неъматов ва Э.В. Килчевская хазинаи Қалъаи Баланд таҳқиқ гардидааст. Бозёфтҳои хазинаи мазкур асосан аз ҳунари сохтани зарфҳои фулузии ин шаҳр хабар дода, боқимондаҳои он табақ, лаганд, обрез, кӯза, чироқпоя ва дигар лавозимоти рӯзгор мебошанд[2]. Ҳамаи ин асбобоҳо бо маҳорати баланд ва нафис сохта шуда, дар рӯи онҳо нақшаҳо, катибаҳои зебо, бо гулкорӣ оро дода шудаанд.

Намудҳои дигари ҳунармандии Бунҷикатро дар тадқиқоти академик Н.Неъматов мушоҳида карда метавонем. Зикр мегардад, ки “бино ба маълумоти маъхазҳо ва хусусан мадракҳои археологӣ дар ин шаҳр як катор ҳунарҳо, ба монанди филизгарӣ (оҳангарӣ, рехтагарии биринҷӣ, мисгарӣ ва ғайра), бофандагӣ, кулолгарӣ, ордкашӣ, бинокорӣ, бадеӣ (меъморию ороишӣ, нақшу нигори девор, кандакорӣ, зарробии фулузот ва ғайра) бомуваффақият тараққӣ мекарданд. Таҳлили маснуоти тиллоӣ, биринҷӣ ва ғайра имконият медиҳад, қайд кунем, ки дар Бунҷикат маркази калони заргарӣ вуҷуд доштааст ва якчанд устохонаҳо, аз ҷумла яке аз онҳо дар Чилдухтарон амал мекарданд”[3].

Дар ин давра ҳунари ордкашӣ низ маъмул гашта буд. Дар асри X дар каналҳои ҳаволии шаҳри асосии Уструшана – Бунҷикат даҳ осиё амал мекард[4]. Осиёҳои асримиёнагӣ бо чарххо ва сангҳои осиёгии махсустарошидашуда кор мекарданд[5]. Аз ин маълумот бармеояд, ки дар Уструшана барои осиёҳои обӣ сангҳои махсус истифода мешуданд, ки аз ҷониби ҳунармандони сангтарош

---

[1] Ноҷӣ М. Фарҳанг ва тамаддуни исломӣ дар қаламрави Сомониён. – С. 673.
[2] Негматов Н., Кильчевская Э. Калаибаланский калад металлических изделий // Искусство таджикского народа. - Вып. 4. –С. 34-53.
[3] Неъматов Н. Давлати Сомониён: тоҷикон дар асрҳои IX-X. – С. 46.
[4] История таджикского нароа. Том II. Книга первая. Возникновение и развитие феодального строя (VI-XVI вв.). под ред.Б.Г.Гафурова и Беленицкого А.М. – М.: Изд-во восточ.литерат., 1964. – С. 168.
[5] Мухторов А. Сомониён: замон ва макон. – С. 179.

тайёр карда мешуд. Баъзан ба назар мерасид, ки худи осиёбонҳо низ дорои ҳунари сангтарошӣ буданд ва барои чархи осиёи худ аз сангҳои махсус истифода мекарданд.

Ба қавли мардумшиноси маъруф профессор Н.Турсунов ҳафриёти ҳудуди Панҷакат (Бунҷикат) бозёфтҳоеро пайдо намуд, ки оид ба дараҷаи рушди ҳунарҳои фулузии Уструшана дарак медиҳанд. Аз ҷумла, пораи дег, якчанд кордҳо ва боқимондаи асбобҳои оҳанини рӯзгор дарёфт шуданд.

Ҳамчунин дар Бунҷикат мисгарӣ, ки онро саффорӣ ва рӯйгарӣ ҳам мегуфтанд, низ инкишоф ёфта буд. Мисгарон бо истеҳсоли зарфу олоти гуногуни хоҷагӣ аз мис машғул буданд. Аз миси сурх дегҳо, кӯзаҳо, аз миси зард шамъдонҳо месохтанд. Намунаи зарфи биринҷии Уструшана – кӯзаи аз Шаҳристон ёфтшудаи мутааллиқ ба асрҳои IX-X, шилшила-бандинаи ороишӣ, зеварҳо, офтоба бо навиштаҷоти “амали Аҳмад” (яъне номи устои биринҷгар), ки аз ҳудуди Панҷакат дарёфт шуданд, мебошанд. Ангуштаринҳо, гӯшвораҳо, ҳалқаҳои тиллоии аз ноҳияи Шаҳристон ёфтшуда осори санъати заргарии Уструшана мебошанд[1].

Аз тарафи шахсони алоҳида, ё ин ки кишоварзон ва дигар ашхоси эҳтиёҷманд ба косибон фармоиш медоданд, ки барояшон онро омода созанд. Масалан, ба кишоварз кундаи (пешоҳанашро гӯянд) омоч лозим буд, ки ба ҳунарманд-оҳангар фармоиш медиҳад; ба қассоб корди обу тобёфта зарур аст, ки ба ҳунарманд-кордсоз фармоиш дода, асбоби хубтарро омода, сохта кор мефармоянд.

Ҳамчунин, қайд кардан бамаврид аст, ки дар Бунҷикат марказ ва зарробхонаи сикказанӣ мавҷуд буд. Дар ин бора яке аз сиккашиносони маъруфи тоҷик профессор Давлатхоҷа Довудӣ маълумот медиҳад. Сиккасозӣ дар Уструшана дар давраи Сомониён низ вуҷуд дошт. Дар ин бора ду сикка, ки дар Эрмитажи давлатӣ (ш.Санкт-Петербург) нигоҳ дошта мешаванд, шаҳодат медиҳанд. Ба ин сиккаҳои мисин, ки дар феҳристи А.Марков (1986) нашр шудаанд, академик В.В.Бартолд шарҳи таърихӣ додааст. Яке аз ин сиккаҳо соли

[1] Назирҷон Турсуни Хуҷандӣ. Истаравшан: шарҳи мухтасари таърихию этнографӣ. – С. 62.

279 ҳиҷрӣ – 892-893 мелодӣ аз номи Сайр ибни Абдуллоҳ дар Уструшана зарб шудааст. Номи Уструшана дар навиштаҷоти мудаввари сикка ҷойгир аст.

Яке аз навъҳои касби маъмули Уструшанаи замони мавриди таҳқиқ ҳунари кулолгарӣ мебошад. Дар ин бора тадқиқоти муҳаққиқон маълумоти дақиқ медиҳад[1]. Доир ба ҳунари кулолгарии Уструшана профессор Н.Раҳимов маълумот дода, бар он назар аст, ки барои тайёр намудани маҳсулоти кулолгарӣ ҳунармандони Фағкат ашёи хоми маҳаллиро истифода мебурданд. Баъди ба шакли муайян дароварда шудани зарф он ба кӯраҳои махсус пухта мешуд[2], ки дар натиҷа маҳсулоти ҳунарии омодамешуда аз ҷиҳати сифат мутаҳкам мегардид. Ин имкон медод, ки барои рангу бори рӯи зарфи сафолӣ ба таври дилхоҳ ба роҳ монда шавад.

Хусусияти хоси зарфҳои сафолии давраи мазкур аз он иборат аст, ки дар рӯи зарфҳо нақшҳо ва навиштаҷоти махсус кашида шуда, расми гулҳои гуногун аз дигар нақшаҳои гузашта ва давраи минбаъда фарқ дорад. Бояд гуфт, ки забти Мовароуннаҳр аз ҷониби арабҳо, ҷоришавии дини ислом ба шакл ва услуби зарфҳо таъсир намуд[3].

Дарёфт шудани кӯраҳо барои пухтани зарфҳои сафолӣ аз Бунҷикат аз он шаҳодат медод, ки маҳсулоти тайёр кардаи кулолгарон бо ин амал ҳам босифат ва ҳам барои тулонӣ истифода бурдани он мусоидат мекард[4].

Профессор Н.Раҳимов қайд менамояд, ки ҳангоми  ҳафриётҳои ёдгориҳои Уструшана намудҳои мухталифи зарфҳои кулолӣ ба даст омаданд, ки мансуб ба асрҳои IX-X буданд. Ин мавод имкон медиҳанд, ки вазъи истеҳсоли

---

[1] Негматов Н. Государства Саманидов: Мавареннахр и Хорасан в IX-X вв. – С. 88; Самойлик П. Т. Обжигательные печи Ура-Тюбе и Шахристана // ТД сессии, посвяшенной итогам полевих археологических  и этнографических исследований 1972 г. в СССР.  – Ташкент, 1973. – С. 165-166; Самойлик П.Т. Керамическая коллекция Ура-Тюбинского историко-краеведического музея // Материалы по археологии и истории Таджикистана. – Душанбе, 1977. – С. 83-88; Самойлик, П.Т. Петроглафические анализ  состава глины керамических изделий Уструшаны (Ура-тюбе) // ТД сессии посвященной  итогам полевых  исследований. – Самарканд, 1979. – С. 56-59; Самойлик П.Т. О работах  в районе обжигательных  печей Бунджиката // Археологические работы в Таджикистане. Вып. 15. – Душанбе, 1980. – С. 323-325.

[2] Рахимов Н.Т. Гончарние производство Уструшаны в Саманидский период: формы  и прёмы орнаментации керамики в IX-X вв. // Суннатҳои Сомониён ва таъсиргузории он дар фарҳангу тамаддуни Осиёи Марказӣ ва Шарқи Наздик. Мақолаҳо аз конференсияи ҷумҳуриявии кафедраи дунёи қадим, асрҳои миёна ва бостоншиносии ДМТ,  ш. Душанбе 14 марти соли 2020. – Душанбе, 2020. – С. 63.

[3] Ҳамон ҷо. – С. 65.

[4] Туйчибаев Б.Б. Уструшана в древности и раннем средневековье (по археологическим материалам): автореф. дисс. кан.ист.наук: 07.00.06 / Туйчибаев Баходир Босимович. – С. 16.

ҳунармандӣ, бахусус амали кулолгарӣ таҳқиқ гарданд. Дар натиҷаи бозёфт шудани зарфҳои сафолӣ маълум шуд, ки тамоми маҳсулот ва ашёи хоми маҳаллӣ аз ҷониби ҳунармандон истифода шуда, зарфҳои маишии ошхона, аз қабили пиёла, коса, табақ, кӯзачаҳои обгирӣ ва хумҳои миёнаву калонҳаҷм сохта мешуданд[1].

Навгонии санъати ороиши сафолоти давраи мазкур аз он иборат аст, ки сирдавонӣ бо рангҳои гуногун дар рӯи сафолот, яъне зарфҳои истеҳсол намудаи кулолгарон дараҷаи баланди азхудкунии ҳунар ва ороишоти бадеию мустаҳкамии маснуот ва умуман санъати бадеиро нишон медиҳад.

Зарфҳои кулолгароне, ки дар кураҳои сафолпазӣ дар ҳарорати $900^0$ пухта мешавад, сифатан хуб обутобёфта буда, арзиши баланд дошт ва далели он аст, ки онро ҳунармандони бомаҳорат месохтанд[2]. Инчунин аз ҷониби ҳунармандони кулолгар дигар намуди зарфҳои маишӣ, аз ҷумла оташдонҳо сохта мешуданд, ки сафолӣ буданд[3].

Дар замони Сосониён, ки истифодаи зарфҳои нуқраву тилло ба ҳукми анъана даромада буд, баъд аз зуҳури ислом ва қабул кардани мардуми маҳаллии Мовароуннаҳру Хуросон ин гуна зафрҳои металлӣ манъ карда мешавад. Бинобар ин, ба ҷойи он истифодаи зарфҳои сафолӣ ба роҳ монда мешавад. Бахусус, дар аҳди Сомониён низ истифода ва инкишофу такомули ҳунари мазкур ба назар мерасид. Ҳамчунин чархи кулолгарие, ки дербоз мавриди истифода қарор дошт, такомул ёфта, ихтирои дастгоҳҳои нави сафолсозӣ ба миён омад.

Дар замони Сомониён ҳунармандони кулолгари уструшанӣ сабкҳои муайяне дар сафолсозӣ падид омад. Асолати ин сафолинҳо на дар намуди сохт, балки дар усулҳои ороиши он буд, ки аз манобеъ ва мазмуни чанде аз он иқтибос шуда буд. Зинатдиҳии аслии сафолҳо навиштани рӯи онҳо буд. Дар

---

[1] Рахимов Н.Т. Гончарние производство Уструшаны в Саманидский период: формы и прёмы орнаментации керамики в IX-X вв. // Суннатҳои Сомониён ва таъсиргузории он дар фарҳангу тамаддуни Осиёи Марказӣ ва Шарқи Наздик… – С. 63.

[2] Сайко Э.В. Глазури керамики Средней Азии VIII-XII вв. // Труды АИ Тадж. - Том 36. – Душанбе: Издательство АИ Тадж ССР, 1963. – С. 6.

[3] Рахимов Н.Т. Гончарние производство Уструшаны в Саманидский период: формы и прёмы орнаментации керамики в IX-X вв. // Суннатҳои Сомониён ва таъсиргузории он дар фарҳангу тамаддуни Осиёи Марказӣ ва Шарқи Наздик… – С. 63.

намунаҳои бисёр навиштаҳое ҳама бо арабӣ ва хатти куфӣ дар ҳошияи паҳну сафеди дохили табақча ва косаи сафолӣ ё пуштаи он нақш бастааст. Катиба ҳамчунин банди кӯза ва чароғҳои равғанӣ ҳам мушоҳида мешавад. Ин навиштаҳо шомили ҳодиса, воқеа ва калимаҳои ибратомӯз аст, ки баёнкунандаи ақидаи исломӣ ё усули ахлоқӣ ва суханони ҳакимона, ё ҷумлаи дуоӣ дар некхоҳӣ барои молики ношинос буд. Аз ҷумла, "Хайрот ва баракот ба соҳиби ин шайъ", "хайрот", "баракот", "тадбири қабл аз амал туро аз пушаймонӣ эмин месозад", "илмомӯзӣ оғози талх дорад, аммо анҷомаш ширинтар аз асал аст", "он ки хушнуд ба райъи хеш бошад дар мухотира меафтад", "саховат пешаи некмардон аст"[1] мисол шуда метавонад. Хусусияти хоси зарфҳои сафолии мазкур аз он иборат аст, ки номи усто, яъне созандаи он ва санаи сохта шудани он дарҷ карда мешуд. Ин гуна зарфҳои сафолӣ тайи асрҳои VIII-X сохта мешуданд. Маҳсулоти он гилхоки махсус буда, андоза, шакл, ороиш, намудҳои зарфҳои сафолӣ мувофиқ ба талаби замон буд. Кулолгарон инчунин зарфҳоро бо дархости мардум месохтанд.

Якчанд марҳилаи истеҳсол, намуд, ороиш, сирдиҳии сафолинҳо дар Уструшана аз тарафи муҳаққиқон ба даст омадааст[2]. Марҳилаи якум ба асрҳои VIII-IX рост омада, оғози сирдиҳии он ба назар мерасад. Марҳилаи дуюм асри IX буда, дар асоси технологияи нав сирдиҳии чиркин ва нақши содаро дар бар мегирифт. Марҳилаи сеюм асри X мебошад ва дар ин давра ташаккули нав, омода сохтани рангҳои табиӣ, нақшаҳои геометрӣ ва эпиграфиро ба худ касб намуд. Инчунин бояд қайд намуд, ки дар асрҳои X-XI истеҳсоли сафолоти сирдодашуда ба дараҷаи баланд расида, зарфҳои аз ҷониби расомон ороиши дараҷаи олӣ дода мешуд.

Усто-кулолгарони осиёимиёнагӣ барои истеҳсоли зарфҳо ҳар гуна гилхокро аз тамоми шаҳр дастрас намуда, ин ё он ҷойи мувофиқро интихоб менамуданд. Зарфҳои сафолии ошхона вобаста ба ранги худ фарқ дошта,

---

[1] Ноҷӣ М. Фарҳанг ва тамаддуни исломӣ дар қаламрави Сомониён. – С. 664.

[2] Шишкина Г.В. Глазурованная керамика Согда (вторая половина VIII- начало XII в.). – Ташкент, 1979. – 75 с; Лунина С.Б. Эволюция техники гончарного производства в средневековом Мерве // Тр.ЮТАКЭ. – Ашхабад, 1974. – Т. XV. – С. 247-278.

сурхранг, ё бо ранги зард сир дода мешуд. Нақшу нигораҳои рустанимонанд, ҳайвонот ва ҳарфдорро мекашиданд[1].

Дар натиҷаи ҳафриёти хонаҳои истиқоматӣ ва хоҷагӣ аз Бунҷикат маҳаллаи кулолгарон дарёфт карда шуд, ки зарфҳои сафолии дар боло зикршударо нишон медод[2]. Дараҷаи истеҳсол, андозаву шакл ва ороишоти маҳсулолти сафолӣ вобаста ба анъанаҳои маҳаллӣ хос буд. Масалан, дар Суғд, Уструшана, Чоч шаклан зарфҳои дароз, зинатдиҳии вертикалӣ, андозаи бузургро месохтанд[3]. Дарёфт шудани кӯзаҳои зинатёфта, пиёлаҳо ва майдастаҳо аз Бунҷикат, Чилҳуҷра аз ҷумлаи онҳост. Ба андешаи Ю. Яқубов рассомони кулолгар нақшу нигораҳо ва расмҳои рӯи зарфҳоро тахаюлӣ кашида, инчунин дар он расмҳои қаҳрамонҳои маҳаллиро низ инъикос мекарданд[4]. Дар ин давра азбаски зарби сиккаҳо ба роҳ монда шуда буд, барои металҳои гудохташаванда аз гил қолабҳо сохташуда, истифода бурда мешуд. Яке аз ин гуна зарфҳое, ки барои омода сохтани маҳлули металҳо барои зарби сикка корбаст мешуд, бӯта ё "тигел" меномиданд. Ин асбоб аз гил сохта шуда, дар он хокаи тилло, нуқра, мис ва ғайра гудохта шуда, баъдан ба қолабҳои сиккаҳо маҳлули металҳо рехта мешуд[5]. Дар натиҷа баъди рафтани ҳарорати метали гудохташуда  ба қолаб рехташуда шакли муайянеро мегирифт, ки он хоҳ сикка бошад, ё  зарфҳои металӣ.

Дар байни бозёфтҳои нодири археологие, ки дар миёни экспонатҳои Осорхонаи Ӯротеппа (Истаравшан) дар соли 1972 гузошта мешавад, 300 ашёи маишии сафолӣ, шишагӣ ва металӣ мавҷуданд. Ин аз ёдгории қасри афшинҳои Уструшана, Қасри Қаҳқаҳа III ва дигар минтақаҳои он ба даст омадаанд. Ин ёдгориҳо ҳамчунин дар натиҷаи корҳои хоҷагии аҳолии маҳаллӣ ба даст омадаанд ва ба олимони соҳа супорида шудаанд. Дар баробари коллексияи

---

[1] Ходжаев Ш.Р. История ремесленного произвоздва Хутталя: по материалам городища Хульбук: дис. … кан. ист. наук: 07.00.02 / Ходжаев Шералали Раджабович. – Душанбе, 2014. – С. 52-53.

[2] Самойлик П.Т. Обжигательные печи Бунджиката (IX-XI вв.) // АРТ. – 1986. – Вып.19. – С. 12.

[3] Галиева З.С. Сфероконические сосуды Средней Азии: к вопросу о типологии и хронологии // Средняя Азия. Археология, история, культура/ Мат. меж. конф, посвященной 50-летию научной деятельности Г.В.Шишкиной. – М., 2000. – С. 52-57.

[4] Якубов Ю Раннесредневековые сельские поселения горного Согда: к проблеме становления феодализма. – С. 177.

[5] Курбонов Б.Р. Возникновение и развитие химии на ближнем и среднем Востоке в VIII-IX вв: дис. … кан. ист. наук: 07.00.02 / Курбонов Бахром Рахмонович. – Душанбе, 1994. – С. 127.

ашёи Осорхонаи Истаравшан ҳамчунин ба Осорхонаи Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши АМИ Тоҷикистон низ маҳфуз дошта шудаанд.

П. Т. Самойлик чанде аз ин ёдгориҳоро омӯхта, онҳоро тавсиф ва гурӯҳбандӣ намудааст[1], ки аз давраи қадим то ба асри XX мутааллиқанд. Муаллиф чанд хум, кӯза, зарфҳои бозёфтшудае, ки сафолӣ ҳастанд, ҳаҷм, ранг, шакл ва услуби сохта шудани онро шарҳ додааст[2]. Дар миёни ин гуна ёдгориҳо ашёҳои маишии рӯзгори мансуб ба асрҳои IX-X мутааллиқанд, ки дар ҳафриётҳои бостонӣ бештар ба даст оварда шудаанд.

Умуман, намуд, андоза, шакл ва услуби ҳунари кулолгарии Уструшанаи замони мавриди таҳқиқ, ки аз ҷониби ҳунармандони моҳир рӯйи кор омадааст, хусусияти хос дошта, дар ҳафриётҳои бозёфтшудаи ёдгориҳои Уструшана дучор шудан мумкин аст. Ҳамчунин рушди ин намуди ҳунар ба тамоми кулолгарони Мовароуннаҳр таъсир мерасонад.

Дар заминаи ахбори сарчашмаҳо маълум мегардад, ки ҳунармандӣ аз азал дар Уструшана инкишоф ёфта буд. Зеро ин раванд дар маконе инкишоф меёбад ва пеш меравад, ки дар он заминаҳои густурда ва ашёву маҳсулотҳои хоми ҳунармандӣ бисёр бошад. Бинобар ин, ашё ва маҳсулоти хом дар ҳамаи рустоҳои Уструшана ба назар расида, истеҳсол ва коркарди ин гуна маҳсулот ба роҳ монда шуда буд. Аз ҷумла, коркард ва истеҳсоли конҳо ва маъданҳои кӯҳӣ инкишоф ёфта буд.

Бояд тазаккур дод, ки дар Уструшана дуюмин маркази ҳунармандон ва истеҳсоли маснуоти косибӣ шаҳри Зомин маҳсуб меёфт[3]. Умуман, касбу кори ҳунармандиро дар рустои хурдтарин низ дидан мумкин аст. Илова бар он ҳар як рустоҳои мулки Уструшана вобаста ба иқлим, истеҳсоли маҳсулотҳои хом, роҳҳои корвонгард, ки маҳсулоти фармудашавандаро ҳунармандон тайёр

---

[1] Самойлик П.Т. Керамическая коллекция Ура-Тюбинского историко-краеведческого музея // Материалы по археологии и истории Таджикистана. – Душанбе: Дониш, 1977. – С. 83-84.
[2] Ҳамон ҷо. – С. 84-88.
[3] Негматов Н. Уструшана в VII-X вв. (по материалам письменных и археологических источников): автореф. дис. … кан. ист. наук: 07.00.02 / Негматов Нуъман Негматович. – С. 11-12.

менамуданд, коркарди маъданҳои кӯҳӣ ва металҳои гуногуни ранга, ба намудҳои касбу кор ва махсусан ҳунармандӣ мусоидат мекард.

Минк ва Марсманда маркази истеҳсоли оҳан маҳсуб ёфта, маҳсули ҳунармандони филизгарии ин шаҳрҳо дар қаламрави Мовароуннаҳр паҳн мегардид. Дизак ҳамчун маркази истеҳсоли маҳсулоти пашмӣ буда, Мунҷоқтеппа чун маркази истеҳсоли зарфҳои сафолӣ машҳур буд ва истеҳсоли асбобҳои филизии рӯзгор низ ба назар мерасид.

Ёдгории Мик, ки аз ҷониби Л.М.Сверчков дар давоми солҳои 1984-1989 мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст, яке аз марказҳои ҳунармандии Уструшанаи замони таҳқиқ маҳсуб меёфт. Дар натҷаи ҳафриёти археологӣ маълум гардид, ки ёдгории археологии Мики I ба давраи асрҳои VII-VIII, Мики II ба асрҳои IX-X рост меояд. Аз он зиёда аз 88 адад лавозимот, ашёи рӯзгор ва асбобҳои гуногун ба даст омаданд, ки аксари онҳо аз метали оҳан сохта шудаанд[1]. Дар ин сурат хулоса баровардан мумкин аст, ки мавзеи ёдгории Мик низ ҷои истихроҷи оҳан ва ҳунари оҳангарии уструшаниёни ғарбӣ будааст.

Дар асрҳои IX-X Дизак ҳамчун маркази ҳунарию тиҷоратӣ ба шумор мерафт ва дар як вақт маркази ҷамъшавии ҷанговарони муборизи роҳи дин, яъне ғозиён ба ҳисоб мерафт. Онҳо дар работҳо зиндагонӣ мекарданд, ки дар баробари уструшаниён самарқандиён низ дар он ҷо маскун шуда буданд[2].

Тавре ишора гардид, истеҳсоли маҳсулотҳои кишоварзию ҳунармандӣ боиси ривоҷи тиҷорат ва савдои дохилию хориҷии давлати Сомониён гардида буд. Қайд кардан ба маврид аст, ки кишоварзон маҳсулоти барзиёди худро ба бозорҳои назди рустову шаҳрҳо мебароварданд. Дар ин давра дар Уструшана ҳунармандон низ вобаста ба дараҷаи заруряти рӯзгор асбобу лавозимот тайёр мекарданд ва ба савдо мебароварданд.

Хусусияти дигари тиҷорати ҳунармандону косибон дар вилояти Уструшана бо он фарқ мекард, ки онҳо дар назди дӯконҳо ва растаҳои худ

---

[1] Сверсков Л.М. Поселение Мык – источник по истории средневековой Уструшаны: автореф. дисс. кан. ист. наук: 07. 00.06 / Сречков Леонид Михайлович. – С. 13.
[2] Негматов Н. Историко-географические очерк Уструшаны с древнейших времен по X в.н.э. // Материалы и исследования по археологии СССР. № 37. Труды таджикской археологической экспедиции. – С. 246.

маҳсулотҳои омодакардаашонро ба намоиш ва фурӯш мегузоштанд. Ҳамаи ҳунармандон дар дӯкони худ навъи алоҳидаи ҳунари дастии омодашударо мефурӯхт. Инчунин ин раванд барои инкишоф додан ва пеш бурдани рӯзгорашон зарур буд ва ҳам ҳунарманд бо пули ашёи омодасохтааш маҳсулоти хом ё нимтайёрро харидорӣ мекард. Дӯконҳои ҳунармандон ба растаҳои гуногун дегрезон, оҳангарон, мисгарон, чармгарон, заргарон, шоҳибофон, кулолгарон, танурсозон ва намудҳои дигари ҳунар тақсим шуда буданд.

Афзоиши маҳсулоти хоҷагии деҳот ва истеҳсоли сарватҳои зеризаминӣ ба тараққиёти ҳунармандӣ мусоидат намуд, ки он дар фаъолияти хоҷагии аҳолии вилоятҳои алоҳидаи Мовароуннаҳру Хуросон ҷои намоёнро ишғол мекард. Миқдори зиёди одамон, махсусан дар шаҳрҳо, ки марказҳои маданию ҳунармандӣ маҳсуб меёфтанд, одамон бо намудҳои гуногуни ҳунармандӣ машғул буданд[1].

Яке аз навъҳои маъмули ҳунармандӣ бофандагӣ ба ҳисоб мерафт, ки ҳар шаҳру вилоят вобаста ба истеҳсоли маҳсулоти маҳаллии худ ном бароварда буд. Масалан, деҳаи Занданаи Бухоро, Ведар дар наздикии Самарқанд, Дарзангӣ дар водии Сурхандарё газворҳои нафиси бофандагии пахтагиро бо номи деҳа истеҳсол мекарданд. Дар баробари вилоятҳои номбаршуда, дар Искиҷкат, Насаф, Кеш, Бинкат ва Дабусия матоъҳои нафису карбос ном бароварда буд. Ҳамчунин бофандагони вилояти Уструшана низ дар навбати худ бо истеҳсоли маҳсулоти хеш машҳур буданд. Аз ҷумла, дар Дизак матоъҳои пашмӣ истеҳсол карда мешуд, ки ҳунармандон бо дархост ва талаби мизоҷон ва муштариён либосҳои гуногунро мебофтанд.

Дар ин давра истеҳсоли шиша ва истифодаи он дар ҳаёти мардуми шаҳр касби тоза пайдо намуд. Зарфҳои гуногуни шишагии рӯзгор (ҷому қадаҳҳои пояшон баланд, суроҳӣ, обдон, кӯзаҳои шакли гуногундошта ва ғ.), атриёт (шишаҳои гардандарози атр, шишачаҳои носкадушакл, шишачаҳои дору, найчашиша ва ғ.) бисёр ёфт шуданд. Аз шиша инчунин муҳра, ҳованчаҳои зебо ва дигар асбобҳо сохта мешуданд. Ҳангоми ҳафриёти шаҳрҳои Самарқанд,

---
[1] Негматов Н. Государство Саманидов: Мавареннахр и Хорасан в IX-X. – С. 81.

Ҳулбук, Варахша, Хуҷанд, Мунк ва ғайра шаҳрҳо боқимондаҳои маснуоти шишагӣ ба даст омаданд. Эҳтимол меравад, ки аксари маснуот ва боқимондаҳои маснуоти шишагӣ истеҳсоли ҳунармандони шишагари маҳаллӣ аз Бунҷикат ва Минки Уструшана мебошанд[1].

Устоҳои уструшанӣ бо истеҳсоли маҳсулоти шишагӣ (сурохӣ, ҷом, паймона) ва зеварҳои шишагини рангоранг машғул буданд. Сангбурҳо бошанд осёби дастӣ, ғаллакӯбак, лангар, чарх ва ғайра метарошиданд. Аз мармар, булӯри кӯҳӣ, фирӯза, ёқут, ақиқ, олотҳои зебу зинат месохтанд[2].

Дар ин давра болоравии ҳунари дастӣ ба назар расида, навъҳои гуногуни он инкишоф меёфт. Дар қатори дигар касбҳои амалкунандаи замони Сомониён ҳунари чармгарӣ низ пеш рафта ва яке аз касбҳои маъмули он давра ба ҳисоб мерафт. Аз марказҳои калони ҳунари чармгарӣ Самарқанд, Бухоро, Фарғона, Исфиҷоб, Балх, Ҳирот ва дигар шаҳрҳоро номбар кардан мумкин аст. Дар қатори ин шаҳрҳои бостонӣ Уструшанаро низ маркази муҳими ин соҳаи касбу ҳунар ҳисобидан мумкин аст.

Ривоҷи чармгарӣ боиси инкишофи касбу ҳунарҳои дигар, аз ҷумла пойафзолдӯзӣ мусоидат кард. Мардуми аз маданияти шаҳрию чармгарӣ дур буда, аз пӯсти чорво барои худ хомак, мӯкӣ (чоруқ) ва дигар чизҳоро омода месохтанд. Шаҳриён бошанд, аз чармҳои қимматбаҳо мӯза, маҳсӣ, кафш медӯхтанд[3].

Макони бештар такомулёфтаи ҳунари чармгарии Уструшана шаҳри Дизак мебошад. Зеро ҳунари чармгарӣ дар заминаи машғулияти чорводории уструшаниҳо бармеояд. Дар баробари либосвориҳо, пойафзол ва дӯхтаи матоҳҳои пӯшокӣ, инчунин барои сохтани ресмонҳои чармӣ, кашонидани об[4], сохтани зинҳо ва рикоби асп, асбобҳои мусиқӣ (доира, тор, нақора ва ғ.) ва барои дигар лавозимоти рӯзгор истифода мешуданд.

---

[1] Ноҷӣ М. Фарҳанг ва тамаддуни исломӣ дар қаламрави Сомониён. – С. 680; Назирҷон Турсуни Хуҷандӣ. Истаравшан: шарҳи мухтасари таърихию этнографӣ. – С. 62-63.
[2] Назирҷон Турсуни Хуҷандӣ. Истаравшан: шарҳи мухтасари таърихию этнографӣ. – С. 62.
[3] Мухторов А. Сомониён: замон ва макон. – С. 178.
[4] Машкоб - зарф барои кашонидани об, ки бештар аз пӯсти гӯсфанд ё буз сохта мешуд ва онро бештар тоҷирон ҳангоми баромадан ба роҳи сафари дароз пур аз об мекарданд ва истифодаи он аз дигар зарфҳои обгирӣ муфидтар буд.

Хулоса, аз рӯйи маълумоти бозёфтҳои бостоншиносӣ, сарчашмаҳои хаттӣ, тадқиқотҳои муҳаққиқон ва ховаршиносон маълум мегардад, ки Уструшана асри IX-X, яке аз марказҳои бузург ва пешрафтаи касбу ҳунар, тиҷорат ба ҳисоб рафта, дар ҳаёти иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии ин давлат нақшу мақом ва нуфузи муҳим дошт. Маҳсулоти ҳунармандони Уструшана бо сифати баланди хеш тафовут дошта, дар кишварҳои ҳамсоя Хуросон, Чин, Кошғару Ироқу Шом талабгорони зиёд доштаанд. Бояд тазаккур дод, ки шуғли ҳунарии аҳолии Уструшана яке аз машғулияти асосии онҳо ба ҳисоб рафта, яке аз соҳаҳои иқтисодии даромадноки уструшаниёнро ташкил медод, ки пас аз кишоварзию чорводорӣ сеюмин машғулияти онҳо ба ҳисоб мерафт.

Дар ҳама шаҳру рустоҳои Уструшана бозорҳои ҳафтаина, моҳона мавҷуд буданд, ки кишоварзону ҳунармандон молу колои худро ба бозор ба савдо мебароварданд, ки гардиши дуҷониба миёни деҳқонон ва ҳунармандон ба миён меомад. Дар баъзе шаҳрҳо бошад бозорҳои доимӣ амал мекарданд, ки растаҳои дуконҳои савдогарон дар қисми дуюм ва сеюми шаҳр, яъне дар шаҳристону рабазҳо ҷойгир шуда буданд.

Тибқи маълумоти Ибни Хурдодбеҳ роҳҳои байни шаҳрӣ ва рустоҳҳои Уструшана чунин будааст: "аз Зомин то Собот ду фарсах, сипас то Уструшана (Бунҷикатро дар назар дорад) ҳафт фарсах, ки ду фарсахи он дар дашт ва панҷ фарсахи он роҳи канори ҷӯй обест, ки аз сӯи шаҳр меояд. Бинобар ин, аз Самарқанд то Уструшана бисту шаш фарсах роҳ аст. Аз Собот то Ғалук (Ғулакандозро шояд дар назар дорад) шаш фарсах ва то Хуҷанд чаҳор фарсах"[1].

Истахрӣ маркази Уструшана шаҳри Бунҷикат ва масофаи вилоятҳои ҳамсояи онро чунин муайян кардааст, аз ҷумла "аз Харқона то Дизак панҷ фарсанг, аз Харқона то Зомин нуҳ фарсанг, аз Зомин то Собот се фарсанг ва аз Нуҷикат то Харқона ду фарсанг роҳ аст. Арсиёнкат дар назди сарҳади Фарғона қарор дорад то шаҳри асосии Уструшана ҳафт фарсанг аст. Аз Фағкат то шаҳри асосии Уструшана се фарсанг бо роҳи Хуҷанд аст ва аз Фағкат то Ғазак ду

[1] Ибни Ҳурдодбеҳ. ал-Масолик ва-л-мамолик // Сомониён дар оинаи таърих. – Ҷилди дуюм. – С. 13.

фарсанг, аз Ғазак то Хуҷанд шаш фарсанг”[1] роҳ аст. Ин роҳҳо барои тиҷорати дохилии Уструшана нақш ва аҳамияти калонро соҳиб буданд.

Муқаддасӣ тули роҳҳои миёни Бунҷикат, Зомин, Дизак ва дигар шаҳрҳоро чунин баён менамояд: “Аз Уструшана (Бунҷикат. – С. М.) то Фағкас ним марҳила, сипас то Хуҷанда як марҳила аст. Аз Усрушана (Бунҷикат. – С. М.) то Собот ним марҳила аст.

Аз Самарқанд гирифта, то Баркас ё то дарвоза, ё то Зомин як марҳила. Аз Зомин гирифта, то Дизак як марҳила, сипас то Харқона як марҳила[2]” роҳ аст.

Дар асоси маълумоти сайёҳони чинӣ ховаршиноси машҳури рус О.И.Смирнова чунин андеша меронад, ки Уструшана дар ҳаёти тиҷоратию иқтисодии Мовароуннаҳр нақши муҳим дошта, замони суғдиён роҳи тиҷоратию савдоии асримиёнагии Шоҳроҳи абрешимро дар ихтиёр доштанд ва шохаи хати роҳ ба воситаи Уструшана ҳам мегузашт. Ин роҳи азими тиҷоратӣ Шарқи Наздику Дур ва дар Шарқи Миёна мавқеи тоҷирони уструшанӣ намоён буд[3]. Профессор Н.Раҳимов дар хусуси тавассути Уструшана яке аз шохаҳои Шоҳроҳи абрешимро, ки он яке аз василаҳои пайвасткунандаи Шарқу Ғарб ба ҳисоб мерафт зикр намуда, аломатҳои ин шоҳроҳро нишон медиҳад[4].

Як қисми роҳи Абрешимии Самарқанду Хуҷанд ба воситаи Уструшана мегузашт, ки аз он Истахрӣ, Ибни Хурдодбеҳ ва Қудама хабар додаанд. Аз рӯи маълумоти онҳо ин роҳ ҳаштрӯза буда, қисми зиёди ноҳияҳои Осиёи Марказиро дар бар мегирифт. Қисмате аз ин роҳи корвонгузар ба воситаи маркази Дизак – Фикнан мегузашт, ки ба гуфти Муқаддасӣ дар ин шаҳр бисёр корвонсарой, боғҳо ва шаҳрҳо вуҷуд доштанд[5].

С.Тиллоев аз тамоми фаъолияти Шоҳроҳи абрешим тули асри II қабл аз мелод то асри XVI мелодӣ давом кардааст, маълумот дода, аз шохаҳои он дар

---

[1] Абӯисҳоқ Иброҳим Истахрӣ. Масолик ва мамолик. – С. 260.
[2] Абдуллоҳ Муҳаммад ибни Аҳмади Муқадасӣ. Аҳсану тақосим фи маърифа ал-ақолим. – С. 204.
[3] Смирнова О.И. Археологические разведки в Уструшане в 1950 г. // Материалы и исследования по археологии СССР. № 37. Труды таджикской археологической экспедиции. – М., - Л.: Наука, 1953. – С. 189.
[4] Рахимов Н.Т. Урбанизация средней части бассейна Сырдарьи: 1 тыс. до н. э. – середина II тыс. н. э: дис. … д-ра. ист. наук: 07.00.06 / Рахимов Набиджон Турдиалиевич. – С. 172.
[5] Ҳамон ҷо. – С. 173.

минтақаҳои тоҷикнишин ва шаҳрҳои он хабар медиҳад. Хате, ки ба воситаи Уструшана мегузашт, хати Суғдии роҳи Абрешим ба ҳисоб мерафт[1].

Дар замони Сомониён ташаккули нави тиҷорат ва роҳҳои тиҷоратӣ хуб ба роҳ монда мешавад. Аз ҷумла, роҳҳои тиҷоратии корвонгузар, корвонсаройҳо дар шаҳрҳои Собот, Зомин, Ховас ба ҳисоб мерафт, ки яке аз он роҳҳо бо соҳили Сирдарё ба Бинокат ва ба Ховас мерасид ва он аҳамияти калон дошт. Шаҳри Собот дар миёнаҷойи сероҳа мавҷуд буда, яке аз он дар ҷануб бо Бунҷикат рафта мерасид.

Роҳи дигари бузург ва тӯлоние, ки Хурдодбеҳ аз он хабар медиҳад, ба Вакр (ки ҳоло деҳаи Тагоб мавҷуд аст) то шохаи Шаҳристонсой ба пойтахти Уструшана рафта мерасид, ки дар ин бора А.А.Гритсина маълумот медиҳад[2]. Дар асоси маълумоти О.И.Смирнова рустои Вакр дар болотар аз Зоминсой дар мавзеи имрӯзаи Мик ҷойгир аст[3].

Инчунин аз Самарқанд ба воситаи Зомин роҳи дигар мегузашт. Чунин хати роҳ вуҷуд дошт: Самарқанд – Баркат – работи Абу Аҳмад – Хушуфган – Бурнамад – Зомин – ҳам аз работи Абу Аҳмад тавассути работи Саъда – Бурнамад – Зомин.

Дар ноҳияи Марсмандаи Уструшана рӯзбозоре машҳур буд, ки оғози ҳар моҳ як бор баргузор мешуд ва мардум аз ҷойҳои дур ба он ҷо меомаданд, ки аз он Истахрӣ маълумот медиҳад. Муаллифи “Ҳудуд-ул-олам” дар ин бозор доду гирифти зиёда аз сад ҳазор динорро қайд мекунад[4].

Дар якчанд шаҳрҳои Уструшана бозорҳои бузург мавҷуд буд, ки дар онҳо ярмаркаҳои калони маҳсулотҳои хоҷагию ҳунармандӣ ба роҳ монда мешуд. Уструшониҳо оҳанро истихроҷ мекарданд ва аз онҳо маҳсулот тайёр менамуданд, ки барояшон шуҳрати калон меовард. Махсусан, дар шаҳрҳои Минк ва Марсманда оҳан ва асбобу олот аз он истеҳсолшаванда, ки бисёр

---

[1] Тиллоев С.С. Роль Великого Шекого пути в формировании и развитии городов на территории современного Таджикистана II до н.э. XVI в н. э: автореф. дис. … д-ра ист. наук. 07.00.02 / Тиллоев Сангахмад Самадович. – Душанбе, 2013. – С. 13.

[2] Грицина А.А. Северная Уструшана в середине I тысячелетия до н. э. – начале XIII в. н. э.: автореф. дис. … кан. ист. наук: 07.00.06 / Грицина Аликсей Андреевич. – С. 22-23.

[3] Смирнова О.И. Вопросы исторической топографии и топонимика Верхного Зерафшана // Мариалы и исследования по археологии СССР. – № 15. – М., - Л., 1950. – С. 61.

[4] Ҳудуд-ул-олам. – С. 73.

обутоб ёфта буданд, шухрати зиёд дошта, берун аз шаҳр, ҳатто то худи Хуросон рафта мерасид[1]. Тоҷирон молу асбобҳои хушсифати ҳунармандони уструшаниро медонистанд, аз ин лиҳоз ба минтақаҳо мебурданд.

Дар ин бора академик Н.Неъматов қайд мекунад, ки "тараққиёти хоҷагӣ, кӯҳкорӣ, касбу ҳунар, вусъати шаҳрҳо ва таъмини бехатарии роҳҳои тиҷоратӣ дар давлати Сомониён барои афзун гардонидани гардиши мол байни шаҳр ва деҳот аз як тараф, байни ноҳияҳои зироатӣ бо даштҳои бодиянишинон аз тарафи дигар, шароити мусоид фароҳам оварданд"[2]. Шаҳри Хавос низ дар назди роҳи даштӣ нақши калидӣ дошт[3].

Миёни ҳар як шаҳру рустоҳои Уструшана дорои роҳҳои гуногуни аҳамияти байнишаҳрӣ ва маҳаллидошта буд, ба нуктаҳои аҳолинишин хидмат менамуданд. Ҳамчунин ин гуна роҳҳои хурд ба роҳҳои калони байнишаҳрӣ ва берун аз вилоят бароварда, ба роҳҳои калони корвонгузар мепайваст. Ин боиси инкишофи молу маҳсулот ва ба роҳ мондани тиҷорати миёни маҳалҳо, рустоҳо, шаҳрҳо ва вилоят мусоидат мекард. Дар навбати худ роҳҳои хурди маҳаллии Уструшана бо Самарқанд, Бухоро, Хуросон ва дигар вилоятҳои минтақаи ғарбӣ, аз дигар тараф, бо Кеш, Балх, Чоч, Исфиҷобу Илоқ, аз дигар ҷониб Фарғона ва минбаъд бо Ҳафтрӯду Хитой пайваст мегардид[4].

Уструшана ҳамчун шаҳри ҳунармандон ва тоҷирон шинохта шудааст. Маълумотҳо нишон медиҳанд, ки дар он роҳҳои корвонгард ва корвонсаройю бозорҳои калон мавҷуд буданд. Ба воситаи Уструшана қисми Шоҳроҳи абрешим – Самарқанду Хитой тул кашида, ба воситаи Тирмиз – Балх аз шимол ва ба воситаи саргаҳи рустои Чоч мегузашт, ки аҳамияти калон дошт.

Дар сари роҳҳои калони тиҷоратӣ корвонсаройҳо мавҷуд буданд, ки дар онҳо тоҷиронро шахсони масъул хизматрасонӣ мекарданд, ҷой медоданд ва то рӯзи ба роҳ баромадани онҳо ҳамаи шароитҳои истироҳатиро фароҳам

---

[1] Грицина А. А. Северная Уструшана в середине I тысячелетия до н. э. – начале XIII в. н. э.: автореф. дис. … кан. ист. наук: 07.00.06 / Грицина Аликсей Андреевич. – С. 5.
[2] Негматов Н. Давлати Сомониён: тоҷикон дар асрҳои IX-X. – С. 91.
[3] Ҳамон ҷо. – С. 92.
[4] Негматов Н. Уструшана в VII-X вв. (по материалам письменных и археологических источников): автореф. дис. … кан. ист. наук: 07.00.02 / Негматов Нуъман Негматович. – С. 8-9.

месохтанд. Дар онҳо сардобаҳо, гармхонаҳо, чоҳҳои об мавҷуд буд, ки барои роҳгузарҳо, тоҷирон, сайёҳон хизмат мекард сохта шудаанд. Дар навбати худ роҳҳо барои инкишофи ҳунармандӣ мусоидат менамуд.

Тибқи маълумоти тадқиқотҳои археологӣ чор шакли корвонсаройҳо аз Уструшана мавҷуд буд. Аз ҷумла, 1) намуд ва андозаи яккқабатаи росткунҷадошта, ки дар масоҳати 1,2 га (ёдгории Кизлартеппа); 2) нақшаи чоркунҷадоштаи дуқабатаи иморати дар марказӣ қароргирифта, дар масофаи 1,1 га (ёдгории Турткултеппа); 3) нақшаи чоркунҷадоштаи бо қалъадори дорои деворҳои мустаҳкам бо андозаи 0,2 га (ёдгории Рабиҷантеппа); 4) нақшаи чоркунҷадори яккқабата масоҳати то 0,4 га (ёдгории Гиштеппа, Куғонтеппа) буданд[1], ки дар аксари ҳудуди Уструшана машоҳида мешуд.

Қисмати шимолу ғарбии Уструшана, хусусан Дизак низ дар саргаҳи шоҳроҳи Абрешим қарор дошта, монанди дигар минтақаҳои вилоят аҳамияти иқтисодӣ ва тиҷоратӣ дошт ва дар ин бора дарёфт шудани ёдгориҳои археологӣ шаҳодат медиҳанд[2]. Қайд кардан бамаврид аст, ки минтақаи шимолу ғарбии Уструшанаро шаҳри Дизак ва гирду атрофи он ташкил медиҳад.

Инкишофи тиҷоратию ҳунармандӣ дар асрҳои IX-X ба назар расида, дар шаҳрҳои дохили тиҷорати майдамолӣ характернок мебошад. Умуман, дар асрҳои VII-VIII инкишофи тиҷорати байни шаҳрҳо мушоҳида карда мешавад[3], ки дар ду садсолаи дигар ин раванд идома дошт.

Умуман, ҳунармандон, бахусус аслиҳасозони Уструшана бар он кӯшиш доштанд, ки маҳсулоти тайёркардаи онҳо ба молҳои хороиҷа рақобатпазир бошад. Масалан, ин боиси он мегардид, ки асбобу абзор ва олоти ҷангии оҳании Марсманда то ба Хуросону Ироқ рафта мерасид[4].

[1] Туйчибаев Б.Б. Уструшана в древности и раннем средневековье (по археологическим материалам): автореф. дисс. кан.ист.наук: 07.00.06 / Туйчибаев Баходир Босимович. – С. 14.
[2] Пардаев М.Х. Дизак – торговый пункт на Великом шелковом пути // Взаимодействие кочевых и оседлих культур на Великом шелковом пути. ТД Международного семинара ЮНЕСКО. – Алма-Ата. – С. 89-90.
[3] Анарбаев А. Благоустройство средневекового города Средней Азии (V- начало XIII в.). – Ташкент: Фан, 1981. – С. 112.
[4] Ҳамон ҷо. – С. 175, 180.

Аз Уструшана як ҷузъ ва ҳалқаи Шоҳроҳи абрешим мегузашт ва дар сари роҳи корвонгузари аҳолинишин қасру кушкҳо дар ҷойҳои беодам работҳо сохта шуда буданд.Дар минтақаҳои беоб чоҳ ва сардоба бунёд карда мешуданд[1].

Дар шарқи рустои суғдии Бузмидҷон корвон ба зарзамини Уструшана дохил мегардид. Дар Уструшана роҳи кӯҳӣ ба воситаи Бурнамад ба корвонсаройи Худойсар, шаҳрҳои Собот, Зомин, Ховас рафта мерасид. Работи Худойсар дар чаҳоряки якуми асри IX аз ҷониби афшин Ҳайдар писари Ковус сохта мешавад[2]. Дар ҷои он работ мавҷуд буда сардобаҳо вуҷуд доштанд, ки тоҷирони раҳгузари ташналабро бо оби нӯшокӣ таъмин мекард.

Аз Хавос роҳи корвонгард ба ду тақсим шуда, яке ба шарқ ба Хуҷанду Фарғона мерафт ва қисми дуюм ба шимолу шарқ ба ҷониби Чоч мерасид. Ҳардуи ин роҳҳо қад-қади дуюмин дарёи бузурги Мовароуннаҳр – Сайҳун (Сирдарё) равона мегашт[3].

Як қисми роҳи Суғду Хитой ба воситаи Зомину Хавос мегузашт. Қисми шимолии ин роҳ аз Дизак убур карда, аз даштҳои назди Сирдарё ба Чинакчикет – “шаҳри тоҷирони чинӣ” ба Чиноз мерасид[4].

Мусаллам аст, ки дар ҳар давру замон тиҷорат, муомилот ва гардишу арзиши молу коло, ҷамъоварии хироҷу андоз бо пул – сиккаҳо ба роҳ монда мешуд.

Аз маълумотҳои ба дастомадаи сарчашма ва манбаъҳои таърихии хаттӣ маълум гашт, ки инсон дар асрҳои VIII-VII пеш аз милод нахустин маротиба тангаҳоро дар минтақаи Осиёи Хурд ихтироъ намудаву барои муомилот сикка задааст. Аз ин давра сар карда, сиккаҳо ҳамчун воситаи доду гирифти тиҷоратию молӣ ва рукнҳои ситонидани андозҳои гуногун хидмат мекунанд. Дар баробари он, инчунин сиккаҳо барои омӯзиши паҳлуҳои гуногуни таърихи инсоният аҳамияти беандозаро касб менамоянд. Яъне, метавон гуфт, ки

---

[1] Анарбаев А. Благоустройство средневекового города Средней Азии (V- начало XIII в.). – С. 184.
[2] Негматов Н. Историко-географические очерк Уструшаны с древнейших времен по X в.н.э. // Материалы и исследования по археологии СССР. № 37. Труды таджикской археологической экспедиции. – С. 246.
[3] Буряков, Ю.Ф. Торговые трассы Трансоксианы: Мавераннахра в системе Великого шелкового пути // shosh.uz. санаи муроҷиат: 15. 04. 2020. 22[40] .
[4] Ҳамон ҷо. – С. 78.

сиккаҳои давраҳои бостонӣ имрӯзҳо барои омӯзиши ҷанбаъҳои таърихи аҷдодамон ҳамчун сарчашмаи муътамад низ хидмат мекунанд.

Агар ба маънои калимаи сикка амиқтар назар кунем, маълум мегардад, ки он лафзи арабӣ буда, оҳанест бо он ба рӯи филизот муҳр мемонанд. Оҳане, ки тариқи он пул зарб мезананд. Сиккаҳои бостонӣ ва асримиёнагии мансуб ба давлатҳои қадимаю минбаъда зарб зада шудаанд, ки имрӯзҳо ба ду тарз дарёфт гардида истодаанд. Аввал ин ки аз тарафи мутахассисон ва бостоншиносон дар натиҷаи ҳафриёти археологӣ бозёфт гардидани ёдгориҳо. Баъдан баъзе сиккаҳо аз тарафи шахсони алоҳида дар натиҷаи корҳои хоҷагӣ ногаҳон ёфт мешаванд. Бо гузашти асрҳои зиёд ва авзои сиёсию ба сари қудрат омадани сулолаҳои нав намуди зоҳирии тангаҳо ранги дигар мегирифт. Ҳамчунин маснуоте, ки аз он сиккаҳо тайёр карда мешуд, танҳо аз як метали холис тилло, нуқра, мис зарб зада мешуд, ё ин ки аз омехтаи онҳо бо оҳану қалъагӣ, сурб ва дигар металҳо омода мешуд.

Ҷараёни зарби сиккаҳо пеш аз ҳамроҳшавии вилояти Уструшана ба давлати Сомониён низ сурат гирифта буд. Аз ҷумла, аз рӯи маълумоти ховаршиноси рус Е.В.Зеймал аз номи Сатачар – афшини Уструшана дар чаҳоряки якуми асри VIII зарб шудааст, инчунин якчанд сиккаҳои ҳокимони ин вилоят дарёфт гардид. Тибқи маълумоти сиккаҳо ҳокимон бо номи Чирдмиш, Сатачар, Раханч ҳукмрони ин вилоят будаанд. Сиккаҳои ҳокимони Уструшана дар асри VII то охири асри IX дар муомилот қарор доштанд. Ба андешаи сиккашиноси рус Е.В.Зеймал замоне, ки Уструшана бар зидди арабҳо мубориза мебурд, дар чаҳоряки чоруми асри VIII дирҳамҳо ва фулсҳои арабҳо ба муомилот дохил шуданд[1]. Маълум мешавад, ки ҳукмронии сиёсию молиявии хонадони Сомониён дар Уструшана то забти он аз ҷониби Исмоил ибни Аҳмад ба назар намерасид. Зеро чунин мешуд, сиккаҳои намояндагони хонадони Сомониён, аз қабили Яҳё ибни Асад, ё дигар намояндаи ин сулола то асри X дарёфт карда мешуд.

[1] Зеймал Е.В. Монети раннесредневековой Средней Азии // Археология Средняя Азия и Дальний Восток в эпоху средневековья. Средняя Азия в раннем средневековье. – М.: Наука, 1999. – С. 192-206.

Ҷараёни зарб задани сиккаҳо дар замони Сомониён ба тадриҷ ташаккул ёфта, тангаҳои гуногун аз хулаҳои тиллову нуқра ва мис ва омехтаи онҳо бо дигар металҳо сурат мегирифт. Доир ба нахустин сиккаҳои давраи Сомониён муҳаққиқи англис Милз дар китоби худ "Таърихи Эрон аз ислом то Салҷуқия" қайд кардааст, ки "қадимтарин маскукоти Сомонӣ сиккаҳои мисине буданд, ки Аҳмад ибни Асад дар соли 244 ҳиҷрӣ – 858/9 мелодӣ дар Самарқанд зарб карда буд"[1]. Дар ин давраи ҳукмронии Аҳмад ибни Асад танҳо зарб задани тангаҳои мисин бо номи фулс, ё фалс баровардa мешуданд. Ва он барои муомилоти дохили давлати Сомониён истифода мешуданд. Он пули кӯчаки сомонӣ буда, аз омехтаи мису биринҷӣ сохта шудааст.

Минбаъд зарби сиккаҳои нуқра дар асрҳои IX-X вақте ки Мовароуннаҳр пурра ба зери итоати Сомониён даромад ва ҳокимияти маъмуриву низоми иқтисодии он мустаҳкам гардид, ба роҳ монда шуд. Ин раванд ба давраи ҳукмронии Исмоил ибни Аҳмад рост омад. Ин далелро сиккашиноси маъруф Е.А.Давидович низ тасдиқ намуда, қайд мекунад, ки "дар ин давра дар дунболи дастёбӣ ба аморати Мовароуннаҳр, зарби сиккаҳои нуқраву тилло дар қаламрави давлати Сомониён равнақ ва густариши бузурге пайдо кард. Бино ба ковишҳои илмии сиккашиносон, дар замони салтанати амир Исмоил ибни Аҳмад марҳилаи ҷадиди зарби сикка шуруъ гардидааст"[2].

Воҳиди дигари пулӣ "дирҳам" ном дошт. Дирҳамро аз нуқраи холис ё худ бо каме аз омехтаи мис зарб мезаданд.

Бояд гуфт, дар даври Сомониён муомилоти пул дар дохили кишвар – Мовароуннаҳру Хуросон бо се навъ дирҳам сурат мегирифт: дирҳами мусайябӣ, ғидрифӣ ё қитрифӣ ва дирҳами муҳаммадӣ, ки аз номи волии Хуросон Мусайяб ибни Зуҳайра, Муҳаммад ибни Деҳдӣ, Ғитриф ибни Ато дар охири асри VII- ибтидои асри IX гирифта шуданд ва зарби онҳо то миёнаи асри XII давом кардааст.

---

[1] Милз. Таърихи Эрон аз ислом то Салҷуқия. – Ҷилди 4. Тарҷумаи Ҳасани Анӯша. – Теҳрон: Амир Кабир, 1363. – С. 325.
[2] Давидович Е.А. Денежное обращение Мавераннахре при Саманидах // Нумизматика и эпиграфика. – Том 6. – 1966. – С. 121.

Азбаски аксари муомилоти тиҷорати дохилӣ ба се намуди пулҳои номбаршуда сурат мегирифт, супоридани молиёт, яъне андози солонаи ҳар як шаҳру навоҳии тобеи давлати Сомониён, бо сиккаҳои мазкур ситонида мешуд. Ҳар як вилоят аз рӯи даромади худ бо ин се намуд сиккаҳо андози молиявии худро месупориданд. Бухоро ва ноҳияҳои атрофи он бо дирҳами қитрифӣ, Суғд, Кеш, Насаф, Фарғона ва қисми Уструшана бо дирҳами муҳаммадӣ, Чоч, Илоқ, Хуҷанд ва қисми дигари Уструшана бо дирҳами мусайябӣ хироҷ медоданд[1].

Дар давраи Сомониён дар ҳудуди кишвар як қатор зарробхонаҳои умумидавлатӣ ва маҳаллӣ амал мекарданд. Зарробхонаҳои марказӣ дар Бухоро, Самарқанд, "Маъдан-уш-Шош" (дар кӯҳҳои Чоч), Нишопур, Балх буда, зарробхонаҳо маҳаллии Бинкат, Исфиҷоб, Тункат, Ахсекат, Насробод, Уструшана, Хуталон, Тирмиз, Андароба, Бомиён, Марв ва ғайра аз қабили онҳоянд[2]. Сиккаҳои Сомониён дар чилу ҳафт шаҳри қаламрави он зарб зада мешуданд, ки Бунҷикат ва Зомин аз ҳамин шуморанд[3]. Вале сиккаи замони Сомониён дар Зомин зарб шуда, дарёфт нашудааст.

Ин далелро аз сарчашмаҳои хаттӣ низ мушоҳида кардан мумкин аст. Масалан, соли 893 Исмоил ибни Аҳмад вилояти Уструшанаро ишғол намуда, дар зарробхонаи он ҷо тангаҳоро аз номи худ сикка мезанад. То ин давра, дар Уструшана аз тарафи афшинҳо дар қаламрави вилоят сиккаҳои маҳаллии худро зарб мезаданд ва он дар муомилоти маҳаллӣ қарор дошт. Аввалин сиккаҳои замони Сомониро аз вилояти Уструшана акдемик В.В. Бартолд дарёфт намуда, онро ба нашр расонид, ки он бо фармони Исмоили Сомонӣ дар Чоч зарб зада шудааст. Баъдан худи сиккаҳои баровардаи Исмоил дар Уструшана дарёфт гардидаанд. Сиккаҳои аз Уструшана дарёфт гардидаи бо фармони Исмоли Сомонӣ забшуда мансуб ба солҳои 893-894 ин аввалин сиккаҳое ҳастанд, ки далели амалан аз ҷиҳати молиявӣ ба қаламрави Сомониён ҳамроҳ карда шудани

---

[1] Неъматов Н. Давлати Сомониён: тоҷикон дар асрҳои IX-X. – С. 96.
[2] Федоров М. Н. Из истории денежного обращения в Средней Азии конца VIII- первой половини XII вв: к проблеме "Чёрных дирхемов". – 1973, - №2. – С. 75-82.
[3] Ноҷӣ М. Фарҳанг ва тамаддуни исломӣ дар қаламрави Сомониён. – С. 598.

вилояти Уструшана мебошад. Зеро соли 893 сиккаи охирин намояндаи афшинҳои уструшанӣ Сайр ибни Абдуллоҳ бароварда шуда буд. Масалан, тангаҳои чекании афшини Уструшана Сайр ибни Абдуллоҳ охирон маротиба дар соли 279 ҳиҷрӣ, баробар ба соли 893 мелодӣ дар зарробхонаи ин вилоят сикка зада шуданд. Ҳамчунин аз рӯи маълумотҳои ба дастомада маълум мегардад, ки соли 280 ҳиҷрӣ, баробар ба соли 893-894 мелодӣ Исмоили Сомонӣ пас аз забти Уструшана дар зарробхонаи он тангаҳои сомониро аз номи худ сикка мезанад, ки ин амал шоҳиди тобеъ гардонидани вилояти Уструшана ба давлати Сомониён аст.

Сиккашинос ва ховаршиноси машҳури рус Е.А.Давидович, ки мавзуи тадқиқотиаш ба ҳамин самт нигаронида шуддаст, дар як пажуҳиши худ ду сиккаи дар Уструшана зарб задаи Исмоил ибни Аҳмадро таҳқиқ намудааст. Ин сиккаҳо бо ҳамроҳии дигар сиккаҳои амирони Сомонӣ аз Самарқанд бозёфт гардидаанд ва аз рӯи онҳо далелҳои норавшани муносибатҳои иқтисодӣ ва сиёсии давлати Сомониёнро муайян кардааст[1].

Дар сиккаҳои Уструшана, ки пойтахти он шаҳри Бунҷикат буд, низ шакли арабишудаи номи вилоят Усрушона навишта шудааст. Навиштани номи вилоят аз он лиҳоз зарур буд, ки ба тамоми вилоят мавриди муомилот қарор доштани ин сиккаҳо ва дар тамоми вилоят равон будани ҳукми ҳокимро нишон медод[2].

Сиккаи дигаре, ки аз тарафи академик В.В.Бартолд аз ноҳияи Шаҳристон дарёфт намуд, ба соли 286 ҳиҷрӣ баробар ба соли 899 дар Чоч зарб шудааст[3]. Бозёфти сиккаҳои мазкур шаҳодат медиҳад, ки муомилоти тиҷоратии байни шаҳрҳо ва вилоятҳои давлати Сомониён, аз ҷумла Уструшана бо Чоч ба амал омада, сиккаҳои алоҳида дар муомилоти тиҷоратӣ ба сифати муайянкунандаи арзиши молу маҳсулот хидмат мекарданд.

Аз Уструшана дарёфт гардидани сиккаҳои дар зарбхонаи Самарқанду Ахсекат ва Бухоро зарбгардида маънои онро дорад, ки дар ин давра миёни

[1] Давидович Е.А. Новые данные по истории Саманидов: клад медных монет IX-X вв. из Самарканда // Средняя Азия в древности и средневековье. – Москва: Наука, 1977. – С. 112-125.
[2] Шарифзода А. Ганҷинаҳои дирҳамҳои Сомонии Кӯлоб ҳамчун сарчашмаи таърихӣ: дисс... к.и.н.: 07.00.09 / Шарифзода Абдувалӣ Қурбоналӣ. – Душанбе, 2019. – С. 98.
[3] Бартольд В.В. Сочинения. - Том IV. – М.: Наука, 1966. – С. 349.

Уструшана ва шаҳрҳои дигари Мовароуннхр муносибатҳои тиҷоратӣ хеле хуб ба роҳ монда шудааст. Ҳамчунин аз мазмуну муҳтавои навиштаҷоти сиккаҳо маълум мегардад, ки намояндагони Оли Сомон худро амир мегуфтанд. Ҳамзамон пеш аз ҳамроҳ шудани Уструшана ба қаламрави Сомониён дар ҳудуд ва шаҳру рустоҳо дар муомилоти тиҷорату савдо сиккаҳои Сомониён корбаст мешуданд. Зеро аллакай чанд вилоятҳои муҳими қаламрави Мовароуннаҳр дар итоати хонадони Сомониён қарор дошт ва дар савдою тиҷорат фалсҳои баровардаи онҳо роиҷ буданд.

Тибқи маълумоти сарчашмаҳо Уструшана андози худро бо сиккаи муҳаммадӣ 500 ҳазор ва ғитрифӣ 200 ҳазор, дар маҷмуъ, 700 ҳазор месупоридааст.

Метавон чунин хулоса намуд, ки дар Уструшанаи замони мавриди таҳқиқ кишоварзӣ, косибӣ инкишоф ёфта, фаровонии маҳсулоти хоҷагӣ, истихроҷи маъдан ва ашёи хоми маҳаллӣ боиси инкишофи маҳсулоти ҳунарӣ ва анвои гонугуни он дар вилояти Уструшана ва ба ин васила омили болоравии тиҷорат, муомилоти пул, фаъолияти густурдаи заробхонаҳо гашта буд. Аз ин лиҳоз, ҳар шаҳру рустои Уструшана вобаста ба истихроҷи ашёи хом ва коркардаи он ба намудҳои гуногуни ҳунарӣ машғул буданд. Масалан, дар Марсаманда оҳан истихроҷ карда мешуд, ки асбобу ашёи рӯзгори оҳанӣ, абзори ҷангии оҳанӣ сохта мешуд. Дар ин замина муомилоти тиҷоратии мардуми уструшанӣ инкишоф ёфта, хариду фурӯши чакана ва яклухт сурат мегирифт. Хусусияти дигари тиҷорати ин давра аз он иборат буд, ки дар баробари хариду фурӯши молу маҳсулоти кишоварзӣ ва ҳунарӣ, инчунин табодули молӣ бо ҳунрамандону кишоварзон вуҷуд доштааст. Яъне бо ҳунармандон бар ивази ягон асбобҳои рӯзгорашон, ё олоти меҳнат бо баинобатгирии нархи маҳсулоти ҳунарӣ ва дастранҷи деҳқон ҳисоб ва иваз мекарданд.

Хулоса, дар заминаи дигари инкишофи тиҷорати дохилӣ ва хориҷӣ аз он иборат буд, ки дар замони Тоҳириён ва Сомониён барои ривоҷи он шароити мусоидро фароҳам оварда буданд. Роҳҳои миёни шаҳру рустои Уструшана ва байни шаҳру вилоятҳои Мовароуннаҳр, инчунин шохаҳои роҳи бузурги

Абрешим мегузаштанд, ки барои инкишофи савдо мусоидат мекарданд. Дар ҳар шаҳру русто бозорҳои доимоамалкунанда ва ҳафтаинаю моҳона амал мекарданд, ки дар сари роҳҳо ин гуна бозорҳо фаъолият доштанд. То замони ба ҳудуди давлати Сомониён ҳамроҳ карда шудани вилояти Уструшана шаклҳои ҳокимони маҳаллӣ, яъне афшинҳо истифода бурда мешуданд.  Баъди оне, ки Уструшана ба қаламрави Сомониён ҳамроҳ карда шуд, дар муомилоти тиҷоратӣ сиккаҳои мисӣ (фалс), муҳаммадӣ, мусаябӣ ва ғитрифии замони Сомониён дар бозорҳои он дар муомилоти тиҷоратию савдоӣ корбаст мешуданд ва андозу хироҷи молиявӣ ба воситаи ҳамин сиккаҳо супорида мешуд. Рушди тиҷорати дохилӣ ва хориҷӣ омили ғанӣ гаштани хазина ва рушди устувори иқтисодӣ ва таҳкими равобити Уструшана бо вилоятҳои ҳамҷавор ва кишварҳои хориҷии дуру наздик гашта буд.

## ХУЛОСА

Муструшана яке аз вилоятҳои бузурги қаламрави Мовароуннаҳр ба шумор мерафт, иборат аз 18 шаҳру русто буда, 9 адади он дар водӣ ҷойгир шуда, 9 адади дигарашро рустоҳои кӯҳӣ ва дар доманакӯҳ ҷойгиршуда ташкил медиҳад. Мавқеи ҷуғрофии шаҳрҳо ва рустоҳо, табиат ва иқлими минтақаҳо аз ҳамдигар тафовут дошта, шуғли аҳолӣ, касбу ҳунар, тиҷорат ба он вобаста буд.

Дар ҳудуди Уструшана 400 кӯшки хурду миёна ва калон мавҷуд буда, дар онҳо деҳқонон – сарватмандони ин сарзамин зиндагӣ доштанд. Пойтахти он шаҳри Бунҷикат (маркази имрӯзаи ноҳияи Шаҳристон), дар асрҳои VIII-X маркази муҳими маъмурӣ, иқтисодӣ, тиҷорат ва ҳунару фарҳанг буд. Шаҳрҳои Дизак, Зомин, Марсманда аз се қисм – диз, шаҳристон ва работ иборат буданд. Сокинони шаҳру рустоҳои дар водӣ ҷойгирбуда бо касбу ҳунар, тиҷорат, зироаткорӣ, боғдорӣ ва дар рустоҳои кӯҳӣ бештар бо кишоварзӣ, чорводорӣ машғул буданд.

Дар вилояти Уструшана ҳокимони маҳаллӣ ҳукмронӣ мекарданд, ки онҳо унвони афшинро доштанд. Дар замони мавриди таҳқиқи мо афшинҳои Уструшана аз сулолаи маҳаллии Ковусҳо ва ё Ковусиён буданд. Ба афшинҳои Уструшана муяссар шуд, ки ба туфайли ҷасорату кордонӣ ва озодихоҳии худ яксаду панҷоҳ сол вилояти худро аз забткории арабҳо эмин доранд. Соли 822 ба арабҳо имкон фароҳам омад, ки вилояти Уструшанаро забт намоянд, вале ҳокимони маҳаллӣ то охири асри IX зимоми ҳукматро дар дасти худ нигоҳ медоштанд.

Дар замоне, ки Исмоили Сомонӣ амири тамоми Мовароуннаҳр гардид, ӯ соли 893 ба Уструшана ҳуҷум намуда, охирин намояндаи сулолаи афшинҳои маҳалӣ Сайр ибни Абдуллоҳро сарнагун карда, ин вилоятро ба қаламрави худ ҳамроҳ кард.

Таҳқиқи таърих ва низоми маъмурӣ-идории Уструшана собит менамояд, ки вилоят аз лиҳози тақсимоти маъмурӣ-идоракунӣ ба шаҳру рустоҳо, рустоҳо ба кедҳо ё кат (ҷамоаи деҳот) ва деҳаҳо тақсим мешуд. Тамоми низоми маъмурии маҳаллӣ, ҳарбию сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ дар зери ҳокимият ва

назорати афшин қарор дошт. Азбаски Уструшана ҳамчун вилояти маъмурии давлати Сомониён буд, дар он намояндагии девонҳои (вазоратҳои соҳавии марказӣ) маҳаллӣ низ амал карда, барои идора кардани он нақши муҳим мебозиданд. Баъди забти арабҳо ва ҷорӣ шудани дини ислом руҳониён низ дар сохтори маъмурии маҳаллӣ мақом ва нуфузи баланд дошта, баъди афшин руҳониён шахси сеюм дар сохтори маъмурӣ ба шумор мерафтанд. Руҳониён чун донандагони фиқҳ (ҳуқуқи ислом дар асоси мазҳаби ҳанафӣ), аҳкоми шариат ва дар идора кардани давлат ва ҷомеа мавқеи муҳимро дар даст доштанд. Идораи шаҳрҳои Уструшана дар дасти раисон, рустоҳоро деҳқонон (заминдорони калон), кедҳоро кадхудо, деҳаҳоро арбоб – сардори авлод, ки он аз ҷониби деҳқонҳои хурд идора мешуд ва ӯ сарвари оила ҳисоб мешуд. Меҳтарон низ ҳамчун маслиҳатгарони сиёсӣ-маъмурӣ дар идоракунии маҳаллӣ нақши муҳим доштанд.

Уструшаниҳо аз ҷиҳати этникӣ ба суғдиён робита доштанд. Шаҳрсозию меъморӣ, фарҳанги моддӣ ва маънавии уструшаниҳо низ ба суғдиён қаробатӣ дошта, забони онҳо суғдӣ ва алифбои уструшаниҳо низ монандӣ дорад.

Дар Уструшана муносибатҳои феодалӣ ҳукмрон буда, асоси онро заминдории шахсӣ ташкил медод. Дар баъзе сарчашма ва таҳқиқотҳо ин шакли заминдорӣ бо номи заминҳои муқаддас ё хироҷӣ, мулк, иқтоъ, вақф ва ғайра номбар шудаанд.

Кишоварзӣ, зироат ва обёрӣ хуб ба роҳ монда шуда, ба назорати ин яке аз девонҳои давлати Сомониён – девони об машғул буд. Ба бунёди иншоотҳои обёрӣ – кандани ҷӯю каналҳо, тоза намудани он, тақсимоти об аҳамияти хос дода мешуд. Обанборҳои махсус, корезҳо, ҷӯйҳо барои кишти зироат хизмат мекарданд. Уструшана ба намудҳои ҳунарҳои дастию бадеӣ ва фарҳангии замони худ ном бароварда буд.

Уструшана намудҳои гуногуни ҳунармандӣ, аз қабили оҳангарӣ, заргарӣ, кулолгарӣ, чӯянгарӣ, мисгарӣ, чармгарӣ ва анвои он, бофандагӣ ва намудҳои он, дуредгарӣ, шишагарӣ ва дигар намудҳои ҳунармандӣ ривоҷ ёфта буд.

Аз сарзамини Уструшана яке аз шохаҳои Шоҳроҳи Абрешим убур мекард, ки барои тиҷорати дохилӣ ва хориҷӣ аҳамияти калонро соҳиб буд. Дар баробари он тиҷорат ва муамилоти мол тавассути роҳҳои аҳамияти вилоятӣ, шаҳридошта, байни шаҳру русто ва маҳаллҳо амал мекард. Дар тиҷорат баробари сиккаҳои умумидавлатӣ, сиккаҳои маҳаллӣ низ истифода мешуданд. Зарби сиккаҳо дар замони Сомониён пеш рафта, дар муомилот ва тиҷорати дохилӣ се намуди дирҳамҳои гуногунвазн кор фармуда мешуданд.

Пас аз таҳлилу омӯзиш ва таҳқиқи таърих ва тамаддуни Уструшанаи аҳди Сомониён хулосаҳо ва натиҷаҳои асосии онро метавон чунин баён намуд:

1. Сарзамини Уструшана аз қадимулайём маскани аҷдодони тоҷикон буда, дорои таъриху фарҳанг ва тамаддуни ғанӣ мебошад ва асрҳои IX-X яке аз марҳилаҳои муҳими таърихи он ба ҳисоб меравад. Дар ин давра дар сарнавишти мардуми Уструшана рӯйдодаҳои муҳими таърихӣ ба амал омаданд, ки он ҷузъи таркибии таърихи аҷдодони мо ба ҳисоб меравад [1-М; 2-М;10-М; 11-М].
2. Уструшана дар тӯли мавҷудияти таърихии худ гоҳ чун вилоят ё мулки мустақил, гоҳ ниммустақил арзи вуҷуд намуда, пас аз таъсиси аввалин давлати мутамарказ ва мустақили тоҷикон – давлати Сомониён ба қаламрави он ворид гардид [1-М; 4-М; 7-М; 11-М; 13-М; 30-М].
3. Дар мавриди номи вилоят ё шаҳр будани Уструшана ва ҳамчунин мавзеи ҷойгиршавии пойтахти он – Киропол ё Бунҷикат дар сарчашмаҳои чинӣ, муаллифони арабизабони асримиёнагӣ, таҳқиқотҳои сайёҳон ва тадқиқотчиёни тоинқилобии рус, муаррихони шуравӣ, ватанӣ ва хориҷӣ андешаҳои мухталиф вуҷуд доранд. Дар натиҷаи ҳафриётҳои археологӣ ба масъалаи баҳси пойтахти Уструшана нукта гузошта шуд ва Бунҷикат (дар ноҳияи Шаҳристони имрӯза) ҳамчун шаҳри асосӣ ва пойтахти ин вилоят исбот гардид[1-М; 4-М; 7-М; 8-М; 11-М; 14-М; 15-М; 20-М; 22-М; 23-М; 30-М, 31-М; 32-М].
4. Уструшана аз лиҳози вусъати масоҳат, иқтидори сиёсӣ, иқтисодӣ, ҳарбӣ, мавқеи ҷуғрофӣ яке аз вилоятҳои бонуфузи давлати Сомониён ба ҳисоб

рафта, дар ҳаёти сиёсӣ, иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва фарҳангии он нақшу мақоми сазовори худро дошт [1-М; 4-М; 7-М; 8-М; 11-М; 14-М; 15-М; 20-М; 22-М; 23-М; 30-М].

5. Уструшана дар замони Сомониён дорои иқтисодиёти тавоно гардида, дар ин вилоят соҳаҳои гуногуни хоҷагӣ, кишоварзӣ тараққӣ меёбад ва мардуми он дар таҳкими иқтидори иқтисодӣ, ҳарбӣ ва рушди ҳамаҷонибаи давлати Сомониён саҳмгузор гардиданд[1-М; 4-М; 7-М; 8-М; 11-М; 14-М; 15-М; 20-М; 22-М; 23-М].
6. Вилояти Уструшана, шаҳрҳои хурду бузурги он маркази касбу ҳунар, тиҷорат буда, сокинони он аз қадимулайём бо ҳунари волои худ, истеҳсоли маҳсулоти зебои ҳунармандон, наққошон, кандакорон, заргарон, мусаввирон ва дигар соҳаҳои ҳунару эҷод дар тамоми Мовароуннаҳр ва берун аз он маълум ва машҳур буданд ва ин анъана то имрӯз низ идома меёбад [6-М; 7-М; 10-М; 11-М; 15-М; 19-М; 22-М; 22-М].
7. Дар Уструшанаи аҳди Сомониён санъати меъморӣ, бинокорӣ, шаҳрсозӣ хелеривоҷу равнақ ёфта, ёдгориҳои нодири таърихӣ-меъморӣ, осори фарҳанги моддӣ ва маънавии он шуҳрати беандоза дорад ва Истаравшани имрӯза, ки меросбари Уструшанаи қадим аст, ба қатори шаҳрҳои бостонии тоҷикон шомил буда, гузаштаи пуршараф ва пурғановати он боиси ифтихори мардуми ин сарзамин ва тамоми тоҷикон ба ҳисоб меравад [1-М; 6-М; 10-М; 11-М; 19-М; 23-М].
8. Таҳқиқу омӯзиши таърих ва фарҳанги Уструшана ва дар радифи он тамоми вилоятҳо ва марказҳои бузурги қаламрави Сомониён барои бештар омӯхтани марҳилаҳои гуногуни таърихи тоҷикон, аз ҷумла давраи тиллоии он – аҳди Сомониён мусоидат намуда, барои таблиғ, муаррифӣ кардан ва ба ин васила тарбия намудани насли наврас, ҷавонон ва тамоми мардум дар руҳияи худшиносӣ, худогоҳӣ, ватандӯстӣ ва таҳкими ҳофизаи таърихӣ аҳамияти муҳими илмӣ, маърифатӣ, амалӣ ва тарбиявӣ дорад [2-М; 3-М; 5-М; 6-М; 9-М; 12-М; 13-М; 14-М; 16-М; 17-М; 18-М; 19-М; 21-М; 22-М; 24-М; 25-М; 26-М; 27-М; 28-М; 30-М].

Пас аз таҳқиқу омӯзиш, натиҷагирӣ, хулоса ва ҷамъбасти рисола баъзе пешниҳодҳои амалии худро ба таври зайл манзур менамоем:

1. Ҷусутуҷӯ, таҳқиқу таҳлил, омӯзиши осори хаттии муаллифони замони антиқа, асримиёнагӣ, муаррихон, ҷуғрофидонҳо, сайёҳони чинӣ, арабизабон, форсизабонро марбут ба таъриху фарҳанги Уструшанаи асримиёнагӣ бояд идома дода шуда, маводи манбаҳои нодири таърихӣ ҳарчи бештар дастраси аҳли илм ва умум гардонида шавад. Инчунин осори муҳаққиқон ва сайёҳони тоинқилобии рус, ки яке аз манбаҳои муҳим оид ба таърихи халқи тоҷик ба ҳисоб мераванд, таҳқиқ шуда, ин мерос низ ба шакли рисола, китоб ё маҷмӯаи алоҳида дастраси олимон ва дӯстдорони таърих гардонида шавад.
2. Омода намудани як таҳқиқоти бунёдӣ, таҳлилӣ ва ҷамъбастии Уструшана дар таърихнигории ватанӣ яке аз вазифаҳои муҳими муаррихон ва илми таърихнигории тоҷик ба ҳисоб меравад. Таҳлил ва ҷамъбасти таҳқиқотҳои муаррихон, ховаршиносони шуравӣ, ватанӣ, олимони даврони истиқлол аз нигоҳи дастовардҳои илми таърих ва таърихнигории муосир, муайян кардани ҳусну қубҳи осори онҳо ва арзёбии воқеъбинонаи саҳми ин донишмандон дар таҳқиқу омӯзиши таърих ва тамаддуни Уструшана барои рушди тафаккури таърихии халқи тоҷик мусоидат хоҳад кард. Инчунин, ҷамъоварии осори муҳаққиқон ва ховаршиносони хориҷӣ, аз ҷумла олимони Эрон, Афғонистон, Аврупо, Ӯзбекистон ва ғайра марбут ба таърих ва фарҳанги Уструшана дар марҳилаҳои гуногуни таърихӣ, таҳқиқу арзёбии историографии он аз манфиат холӣ нест.
3. Татқиқотҳои саҳроӣ, ҳафриётҳои бостоншиносӣ ва этнографӣ оид ба омӯзиши ёдгориҳои таърихиву меъморӣ, фарҳанг, ҳунар, урфу одати мардуми Уструшана идома дода шуда, бозёфтҳои нави археологӣ, этнографӣ манзури аҳли илм ва мардум гардонида шавад. Барои таблиғу ташвиқи осори моддию маънавии мардуми Уструшана, муаррифии ҳунару фарҳанги волои косибон, ҳунармандони ин сарзамин фаъолияти Пойгоҳи (Базаи) археологии Пажӯҳишгоҳи таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши АМИТ дар шаҳри Истаравшан эҳё ва ба таври бояду шояд ба роҳ

монда шуда, дар ин самт фаъолияти Маҷмааи таърихию фарҳангии “Қалъаи Муғ”, Осорхонаи таърихию кишваршиносии шаҳри Истаравшан низ бояд тақвият ёбад.

4. Барои ҷалби таваҷҷуҳи сайёҳони дохилӣ ва хориҷӣ таблиғу ташвиқи ёдгориҳои таърихию меъмории шаҳри Истаравшан, ноҳияи Шаҳристон беҳтар ба роҳ монда шуда, фаъолияти хати сайри Истаравшан ва Шаҳристон барои сайёҳон хубтар гардида, харитаи сайёҳӣ бо зикри мавзеҳои таърихию ҳунармандӣ ва табиии Истаравшан ва атрофи он, нашри буклетҳо бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ, чинӣ, англисӣ, арабӣ ва ғайра ба роҳ монда шавад. Барои ҷалби бештари сайёҳони дохилӣ ва хориҷӣ инфрасохторҳои сайёҳӣ таъсис дода шуда, сатҳи хизматрасонӣ ба сайёҳон, меҳмонони дохиливу хориҷӣ ба меъёрҳои байналхалқӣ мутобиқ гардонида шавад.

5. Ба сомонаҳои расмию давлатӣ ва шабакаҳои иҷтимоӣ тавсия ва пешниҳод мешавад, ки маълумотномаҳои таърихиро оид ба таърих ва тамаддуни тоҷикон, марҳилаҳои муҳим ва саҳифаҳои пуршарафи он, таърих ва фарҳанги вилоятҳои алоҳидаи Тоҷикистони таърихӣ ва Тоҷикистони соҳибистиқлол ҳарчи бештар ворид созанд.

## РӮЙХАТИ САРЧАШМА ВА АДАБИЁТ:

### I. Сарчашмаҳо:


1. Абӯалӣ Муҳаммад ибни Муҳаммади Балъамӣ. Таърихи Табарӣ. Ҷилди 2 [Матн]/ Балъамӣ А. – Теҳрон: Алҳудо, 1380/2001. – С. 1597-1598.
2. Абуҷаъфар Муҳаммад ибни Ҷарири Табарӣ. Таъриху-р-русули ва-л-мулук [Матн] / Табарӣ А.М.Ҷ. Китоби 7. Иборат аз ҷилдҳои 13, 14. – Душанбе: Муассисаи давлатии сарредаксияи Энсеклопедияи миллии тоҷик, 2014. – С.4465-5177.
3. Абӯбакр, Наршахӣ. Таърихи Бухоро [Матн] / Наршахӣ А. Муҳарири масъул А.Мухторов. – Душанбе: Дониш, 1979. – 118 с.
4. Абдураззоқ Самарқандий. Матлаъу-с-саъдийн ва маҷмаъу баҳрайн [Матн] / С.Абдураззоқ. Бо эҳтимоми доктор Абдулҳусайни Навоӣ. – Теҳрон: Муассисаи мутолеот ва таҳқиқоти фарҳангӣ, 1372. – 443 с.
5. Абу-р-Райхан Мухаммед ибн Ахмед ал-Беруни. Собрания сведений для познания дрогоценностей (минералогия) [Текст] / Беруни А. Пер. Беленицкого А.М. – М., АН СССР, 1963. – 521 с.
6. Абӯсаъид Абдулҳайи Гардезӣ. Зайну-л-ахбор [Матн] / Гардезӣ А. – Душанбе: Бухоро, 2014. – 416 с.
7. Абӯисҳоқ Иброҳим Истахрӣ. Масолик ва мамолик [Матн] / Истахрӣ А. // Сомониён дар оинаи таърих. – Ҷилди дуюм (мутуни арабиасл). – Хуҷанд: Нашриёди давлатии ба номи Раҳим Ҷалил, 1998. – С.79-102.
8. Абу-Исхак, ибн Мухаммед ал-Истахри. Масалик ал-мамолик: пер. с персидской. [Текст] З. Н. Ворожейкиной / А.Истахри // Материалы по истории киргизов и Киргизии. – М.: Наука, 1973. – 283 с.
9. Абдуллоҳ Муҳаммад ибни Аҳмади Муқаддасӣ. Аҳсану тақосим фи маърифа ал-ақолим [Матн] / А.Муқаддасӣ. Ҷилди якум. –Теҳрон: Ширкати муаллифон ва тарҷумон, 1361. – 401 с.
10. Абулқосими Ҷайҳонӣ. Ашкол-ул-олам [Матн] / Ҷайҳонӣ А. // Сомониён дар оинаи таърих. – Ҷилди дувум. – Хуҷанд: Нашриёди давлатии ба номи Раҳим Ҷалил, 1998. – С. 39-78.

11. Абулкасим, ибн Хаукал. Китаб ал-Масолик ва-л-мамолик: пер. С.Волина [Текст] / Х. Абулкасим // Материалы по истории туркмен и Туркмении. – Т. 1. – М.: Иститут востоковедения, 1939. – 408 с.
12. Авасто. Яшти Меҳр [Матн] / Садои Шарқ. – 1985. - № 3. – С. 94-105.
13. Ахмад, ибн Йхйа ибн Джабир ал-Балозури. Футух ал-Булдон [Текст] / Балозури А. Пер. с арабского предслове, комментарий и указатели Г.Гоибова. – Душанбе: Дониш, 1987. – 111 с.
14. Аҳмад, ибни Абияъқуб ибни Возеҳ ал-Яъқубӣ. Ал-Булдон [Матн] / Яқубӣ А. Тарҷумаи доктор Муҳаммадиброҳими Оятӣ. Баргардонкунанда аз хати форсӣ ба кириллӣ Некрӯз Сафарзода. – Душанбе: Сарредаксияи илмии Энсеклопедияи миллии тоҷик, 2022. – 220 с.
15. Бичурин, Иокинф. Танские хроники [Текст] / И.Бичурин. Том 1. – М., 1950. – 380 с.
16. Беруни, Абурайхон. Осор-ул-бокия [Матн] / А.Беруни. – Душанбе: Ирфон, 1991. – 432 с.
17. Ғиёсуддин ибни Ҳумомуддин Ҳусайни Хондамир. Ҳабиб-ус-сияр [Матн] / Ҳ.Ҳ.Х.Ғиёсиддин // Сомониён дар оинаи таърих. - Ҷилди 1. – Хуҷанд: Нашриёти давлатии ба номи Раҳим Ҷалил, 1998. – С. 381-421.
18. Закариёи Қазвинӣ. Осору-л-билод ва ахбору-л-ибод [Матн] / Қазвинӣ З. Тарҷума ва тавзеҳи Абдушукур Ғаффоров. – Хуҷанд: Хуросон, 2018. – 684 с.
19. Ибни Надим. Китоб ал-феҳрист [Матн] / Надим И. // Сомониён дар оинаи таърих. Ҷилди дуюм. (мутуни арабиасл). – Хуҷанд: Нашриёти давлатии ба номи Раҳим Ҷалил, 1998. – С. 159-168.
20. Ибни Ҳавқал. Сурат-ул-арз [Матн] / Ҳавқал И. // Садои Шарқ, 1999. - № 1-3. – С. 10-14.
21. Ибни Хурдодбеҳ. Масолик ва мамолик [Матн] / Хурдодбеҳ И. // Сомониён дар оинаи таърих. – Ҷилди дуюм. – Хуҷанд: Нашриёти давлатии ба номи Раҳим Ҷалил, 1998. – С. 4-7.
22. Ибни Хурдодбеҳ. Масолик ва мамолик [Матн] / Хурдодбеҳ И. Тарҷумаи Саъид Хокранд. Баргардонкунанда аз хати форсӣ ба кириллӣ Некрӯз

Сафарзода. – Душанбе: Сарредаксияи илмии Энсеклопедияи миллии тоҷик, 2022. – 232 с.
23. Ибн Хурдадбех. Книга путей и стран [Текст] / А. Хурдадбех. // Перевод с арабского, комментарии, исследование, указатели и карты Н.Велихановой. – Баку: Элм, 1986. – 428 с.
24. Малявкин, А.Г. Танские хроники о государствах Центральной Азии: текст и исследования [Текст] / А.Малявкин. – Новосибирск, 1989. – 482 с.
25. Мирхонд. Равзат-ус-сафо [Матн] // Сомониён дар оинаи таърих. Ҷилди якум. – Хуҷанд: Нашриёти давлатии ба номи Раҳим Ҷалил, 1998. – С. 315.
26. Мухаммад, ибн Наджиб Бекран. Джахан-наме (Описание мира) [Текст] / Бекран М. Пер. З. Н. Ворожейкиной // Материалы по истории киргизов и Киргизии. – М.: Наука, 1973. – 280 с.
27. Муҳаммад ибни Наҷиби Бакрон. Ҷаҳоннома [Матн] / Бакрон М. Муқаддима, таҳия, таълиқот ва феҳристи Фирӯза Қодирова. – Хуҷанд: Хуросон, 2019. – 192 с.
28. Низомулмулк. Сиёсатнома [Матн]. – Душанбе: Ирфон, 1989. – 200 с.
29. Согдийские документы с горы Муг. Чтение перевод, коментарий [Текст]. – Вып. II (Юридические документы и письма). Чтение перевод, коментарии В.А.Лившица. – Москва: Издателство восточной литературы, 1962. – 222 с.
30. Сюань-цзан. Записки о западных странах [эпохи] Великой Тан (Да Тан си юй цзи) [Текст] / Сюань-цзан; введ., пер. и коммент. Н.В. Александровой; Ин-т востоковедения РАН. — М.: Вост. лит., 2012. — 463 с.
31. Ҳудуд-ул-олам. [Матн]. Таҳиякунандаи матн ва муаллимфи пешгуфтор Абдуҷамол Ҳасанов. – Душанбе: Бухоро, 2014. – 588 с.
32. Ҳудуд-ул-олам. [Матн]. Муҳарири масъул А. Мухторов. – Душанбе: Ирфон, 1983. – 132 с.
33. Ҳудуд-ул-олам. Ибни Ҳавқал Сурат-ул-арз. Муҳаммад Обиди Иршод. Чаҳорбоғи гулҳо [Матн].Таҳияи Зариф Шариф. – Душанбе: Адиб, 2008. – 212 с.
34. Ҳуҷҷатҳои Қалъаи Муғ [Матн] // Энсиклопедияи советии тоҷик. Ҷилди 1. – Душанбе: Сарред. илмии энсикл. сов. тоҷик, 1988. – С. 592.

35. Яшти Меҳр [Матн] / Порчае аз Авасто // Садои Шарқ. – 1985. - № 1. – С.106-111.

36. Яшти Меҳр [Матн] / Порчае аз Авасто // Садои Шарқ. – 1985. - № 2. – С. 95-105.

## II. Монография ва мақолаҳо:

37. Абаев, И.В. Среднеазиатский политический термин афшин [Текст] / И.Абаев // Вестник древней истории. - №2. – 1959. – С. 112-116.

38. Абдуллоев, С. Амир Исмоили Сомонӣ [Матн] / С.Абдуллоев. – Хуҷанд: Нашриёти давлатии ба номи Раҳим Ҷалил, 1998. – 400 с.

39. Абдуллоев, С. Амирони Сомонӣ [Матн] / С.Абдуллоев. – Москва, 1999. – 632 с.

40. Абдуллоев, С. Ҷуғрофияи таърихии давлати Сомониён [Матн] / С.Абдуллоев. – Хуҷанд: Матбааи ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров, 2001. – 372с.

41. Абдуллоев, С. Фарҳанги Сомониён [Матн] / С.Абдуллоев. – Москва: Шӯъбаи чаҳоруми нашриёти ҳарбӣ, 2001. – 598 с.

42. Абдунабизода, А. Истаравшан [Матн] / А. Абдунабизодва // Тоҷикистон. - №№ 1-2. – 1994. – С. 12-16.

43. Абдуҷамол, Ҳасанзода. Ҷойвожаҳои қаламрави Сомониён [Матн] / Ҳасанзода А. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2018. – 560 с.

44. Азимов, Ш. Государство и право Саманидов [Текст] / Ш.Азимов. – Душанбе: Ирфон, 1999. – 168 с.

45. Авзалов, Р.З. О квартальной структуре Бунджиката [Текст] / Р.Авзалов // Раннесредневековая культура Средней Азии и Казахстана: тезисы Всесоюзной научной конфренции в г. Пенджикенте Таджикской ССР. 26-31 августа 1977 г. – Душанбе: Дониш, 1977. – С. 81-83.

46. Аюбов, А.Р. Топонимы Уструшаны: истоки их происхождения и значения [Текст] / А.Р.Аюбов. – СПб.: Нестор-История, 2009. – 94 с.

47. Аюбов, А.Р. Древние и средневековые географические названия в памятниках культуры [Текст] / А.Р. Аюбов – СПб.: Издательство Политехнического университета, 2011. – 46 с.
48. Аюбов, А. Топонимы Уструшаны как источник по истории и кульруры [Текст] / А.Аюбов. – Худжанд: Нури маърифат, 2013. – 192 с.
49. Аюбов, А.Р. Освещение проблем исторической географии городов Уструшаны в трудах академика В. В. Бартольда [Текст] / А.Р.Аюбов // Лавровский сборник. Материалы XXXVIII и XXXIX Среднеазиатско-Кавказских чтений 2014–2015 гг. Этнология, история, археология, культурология. — СПб.: МАЭ РАН, 2015. – С. 12-15.
50. Аюбов, А.Р. Согдийские документы с горы Муг - важный источник по топонимике Уструшаны [Текст] / А.Р.Аюбов // Вестник таджикского национального университета (научный журнал). № 3/1 (158). – Душанбе: Сино, 2015. – С. 10-13.
51. Аюбов, А. Р. Болооби Зарафшон: ҷуғрофияи таърихӣ, топонимика / А.Р.Аюбов [Матн] // Номаи донишгоҳ. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва ҷомеашиносӣ. - № 1 (58). – Хуҷанд: Нури маърифат, 2019. – С. 11-19.
52. Анарбаев, А. Благоустройство средневекового города Средней Азии (V-начало XIII в.) [Текст] / А.Анарбаев. – Ташкент: Фан, 1981. – 120 с.
53. Бартольд, В.В. Отчет о поездка в Среднюю Азию с научной целю: 1893-1894 гг. / В. В.Бартольд. – Петербург, 1897. – 151 с.
54. Бартольд, В.В. Туркестан в эпоху монгольского нашествия [Текст] / В.В.Бартольд. Часть 2. – С. Петербург, 1900. – 573 с.
55. Бартольд, В.В. К истории орошения Туркестана [Текст] / В.В.Бартольд. - СПб, 1914. – 174 с.
56. Бартольд, В.В. История культурной жизнь Туркестана. [Текст] / В.В.Бартольд. – Л.: Издательство АН СССР, 1927. – 256 с.
57. Бартольд, В.В. Сочинения: в 9 т. – Том 1 [Текст] / В.В.Бартольд. – Москва: Восточной литературы, 1963. – 760 с.

58. Бартольд, В.В. Сочинения: в 9 т. [2 т., ч. 2. К истории арабских завоеваний в Средней Азии] [Текст] /В.В.Бартольд. – Москва: Наука, 1964. – 1020 с.
59. Бартольд, В.В. Афшин [Текст] / В.В.Бартольд // Соч. Том 2. Ч. II. – М.: Наука, 1964. – С. 497.
60. Бартольд, В.В. Сочинения: в 9 т. [3 т. К истории орошения Туркестана] [Текст] / В.В.Бартольд. – М.: Восточная литература, 1965. – С. 97-234.
61. Бартольд, В.В. Сочинения. - Том IV [Текст] / В.В.Бартольд. – М.: Наука, 1966. – 495 с.
62. Бартольд, В.В. Сочинения: в 9 т. [8 т. Хафизи Абру и его сочинения] [Текст] / В.В.Бартольд. – Москва: Восточная литература, 1973. – С.74-97.
63. Беленицкий, А.М. Средневековой город Средней Азии [Текст] / А. Беленицкий. И.Б.Бентович, О.Г.Большаков. – Ленинград: Наука, 1973. – 390 с.
64. Беляев, Е.А. Арабы. Ислам и арабский халифат в ранне средневековье [Текст] / Е. Беляев. – Москва, 1966. – 280 с.
65. Бертелсь, А.Е. Носыри Хосрав и исмаилизм [Текст] / А.Е.Бертелсь. – М., 1959. – 323 с.
66. Билолов, А.И. Памятники древей ирригации в районе поселка Калининабад [Текст] / А.Билолов // Археологические работы в Таджикистане. – Вып. XI в 1971 г. – Душанбе: Дониш, 1975. – С. 169-178.
67. Билолов, А.И. Каризы Уструшаны // Материалы по археологии и истории Таджикистана [Текст] / А.Билолов. – Душанбе: Дониш, 1977. – С. 43-55.
68. Билолов, А.И. Из истории ирригации Уструшаны: материальная культура Уструшаны: вып. 4 [Текст] / А. Билолов. – Душанбе: Дониш, 1980. – 191 с.
69. Большаков, О.Г. Город Средней Азии в конце VIII – начале XIII вв. [Текст] / О.Г. Большаков. – М., 1974.
70. Брыкина, Г.А. Карабулак [Текст] / Г.А.Брыкина. – М., 1974. – 125 с.
71. Бунятов, З. Азербайджан в VII-IX вв [Текст] / З. Бунятов. – Баку, 1965. – 404 с.

72. Варонина, В.Л. Народная архитектура Северного Таджикистана / В.Л.Варонина. – М.: Госстройиздат, 1959. – 100 с.
73. Воронина, В.Л. Открытие Уструшаны [Текст] / В.Л.Воронина, Н.Н.Негматов // История, архитектура и исскуства Уструшаны. Сотавит. А.Раджабова. – Душанбе: Контраст, 2013. – С. 214-222.
74. Галиева, З.С. Сфероконические сосуды Средней Азии: к вопросу о типологии и хронологии [Текст] / З. С. Галиева // Средняя Азия. Археология, история, культура / Мат. Меж. конф, посвященной 50-летию научной деятельности Г.В.Шишкиной. – М., 2000. – С. 52-57.
75. Гафуров, Б.Г. Глубже изучать богатое историческое прошлое таджикского народа [Текст] / Б.Гафуров // Труды АН СССР. Тадж. Филиал. 1945. Т. XXI. Наука в Таджикистане. – Сталинабад: Таджикгосиздат, 1945. – С. 16-17.
76. Гафуров, Б.Г. История таджикского народа в кратком изложении. С древнейжих времён до Великой Октябирьской Социалистической Революции 1917 г. Издание третье, исправленное и дополненное. Том 1. [Текст] /Б.Г.Гафуров. – Москва: Государственное издательство политической литературы, 1955. – С. 176.
77. Гафуров, Б. Таджики. Древнейшая, древняя и средневековая история [Текст] / Б.Гафуров. – М.: Наука, 1972. – 664 с.
78. Гафуров, Б. О причинах возвышения и падения Саманидов [Текст] / Б. Гафуров Избраные труды. – М.: Наука, Глав. ред. вост. лит., 1985. – С. 440-445.
79. Гоибов, Г. Ранние походы арабов в Среднюю Азию (644-704 гг.) [Текст] / Г.Гоибов. – Душанбе: Дониш, 1989. – 144 с.
80. Грицина, А.А. Об оссуарном обряде в Уструшане [Текст] / А.А.Грицина // Общественные науки в Узбекистане. № 1. 1998. С. 89-94.
81. Грицина А.А. Чаша-календарь XII в. [Текст] / А.А.Грицина // San’at. – Ташкент. 1999. № 2. – С. 6-7.

82. Грицина, А.А. О погребениях в хумах в Зааминском тумане [Текст] / А.А.Грицина // История материальной культуры Узбекистана (ИМКУ). Вып. 30. - Самарканд, 1999. – С. 223-225.

83. Грицина, А.А. Уструшанские были [Текст] / А.А.Грицина. - Ташкент: Изд-во им. А. Кадыри, 2000. 244 с.

84. Грицина, А.А. Терракотовая статуэтка из Уструшаны [Текст] / А.А.Грицина // Средняя Азия. История. Культура. Материалы международной конференции, посвящённой 50-летию научной деятельности Г.В. Шишкиной. - М.: Пересвет. 2001. – С. 148-150.

85. Грицина, А.А. Заамин как идеологический центр раннесредневековой [Текст] / А.А.Грицина // "Жиззах вохаси – Марказий Осиё (Республика миқёсидаги илмий-амалий конференция материаллари)". – Жиззах, 2019. 24-27 б.

86. Ғафуров, Б.Ғ. Таърихи мухтасари халқи тоҷик [Матн] / Б.Ғ.Ғафуров. – Сталинобод: Нашр. дав. Тоҷ., 1947. – 383 с.

87. Ғафуров, Б.Ғ. Тоҷикон. Таърихи қадимтарин, қадим ва асрҳои миёна [Матн] / Б.Ғафуров. – Китоби якум. – Душанбе: Ирфон, 1983. – 704 с.

88. Ғафуров, Б. Тоҷикон. Таърихи қадимтарин, қадим, асрҳои миёна ва давраи нав [Матн] / Б. Ғафуров. – Душанбе: Дониш, 2008. – 870 с.

89. Ғоибов, Ғ. Таърихи Хатлон аз оғоз то имрӯз (Таърихи сиёсӣ ва ҷуғрофиёи таърихӣ) [Матн] / Ғ.Ғоибов. – Душанбе: Дониш, 2006. – 907 с.

90. Давидович, Е.А. Новые данные по истории Саманидов: клад медных монет IX-X вв. из Самарканда [Текст] / Е.Давидович // Средняя Азия в древности и средневековье. – Москва: Наука, 1977. – С. 112-125.

91. Давидович, Е.А. Денежное обращение Мавераннахре при Саманидах [Текст] / Е.Давидович // Нумизматика и эпиграфика. – Том 6. – 1966. – С. 121.

92. Довудӣ, Д. Бозёфти сиккаи дуюми афшини Уструшан Сайр бинни Абдуллоҳ дар Тоҷикистон [Матн] / Д.Довудӣ, А.Шарипов // Мақоми

Истаравшан дар таърихи тамаддуни халқҳои Осиёи Марказӣ. – Душанбе, 2002. – С. 36-38.

93. Довуди, Д. Кир Великий и проблема основания города Кирополя [Текст] / Д.Довуди // Роль Истаравшана в истории цивилизации народов Центральной Азии. – Душанбе, 2002. – С. 113-114.
94. Довудӣ, Д. Сиккаҳои Истаравшан [Матн] / Д. Довудӣ // Фарҳанг. – № 7-8. – С.45.
95. Довудов, Д. Монетные находки на городище Калаи Кахкаха [Текст] / Д.Довудов // Археологические работы в Таджикистане. – Душанбе-Худжанд: Из-во им. Р.Джалила, 2005. – Вып. XXVI (1986). – С. 120-136.
96. Донишномаи Сомониён. [Матн] – Ҷилди дувум. – Хуҷанд: Нури маърифат. – 528 с.
97. Древняя Уструшана: города, их локализация и хронология: материальная культура Уструшаны. [Текст] – Вып. 5-8. – Душанбе: Ому, 2003. – 790 с.
98. Иванов, П.П. К истории развития горного промысла в Средней Азии [Текст] / П.Иванов. – М.; – Л.,1932. – 200 с.
99. История таджикского нароа. Том II. Книга первая. Возникновение и развитие феодального строя (VI-XVI вв.). под ред. Б.Г.Гафурова и Беленицкого А.М. [Текст] – М.: Изд-во восточ.литерат., 1964. – 493 с.
100. История, архитектура и искусство Уструшаны. Состовитель Р. Мукимов. Отв. ред. А.Раджабов. [Текст] – Душанбе: Контраст, 2013. – 588 с.
101. История таджикского народа // Эпоха формирования таджикского народа. Под ред. академика Н.Н.Негматова. [Текст] – Том 2. – Душанбе, 1999. – 790 с.
102. Кадирова, Т. Из истории крестьянских движений в Мавареннахра и Хорасане [Текст] / Т.Кадирова. – Ташкент, 1965. – 240 с.
103. Камолиддинов, Ш. Историческая география Южного Согда и Тохаристана по арабоязычным источникам IX - начала XIII вв. [Текст] / Ш.Камолиддинов. – Ташкент, 1996. – 534 с.

104. Камолова, Г.Н. Освещение административной структуры государства Саманидов в периодической прессе РТ в конце XX - начале XXI вв. [Текст] / Г. Н.Камолова // Вестник Педагогического университета. № 1 (78), 2019. – Душанбе: Таджикский государственный педагогический университет им.Садриддина Айни, 2019. – С. 229-233.

105. Климович, Л.И. Хрестоматия по литературии народов СССР [Текст] / Л.Климович. – Л., 1947. – 974 с.

106. Кастанье, И. Древности Ура-Тюбе и Шахристана. Протоколы ТКЛА. Т. 20. Вып. 1 [Текст] / И.Кастанье.– Ташкент, 1915. – 248 с.

107. Каримов, О. Очерки истории средневековой культуры таджиков [Текст] / О.К.Каримов, А.К.Мирбобоев, Н.Н.Усмонов. – Худжанд: Ношир, 2011. – 452 с.

108. Каримзода, У.Н. Тоҳириён – ибтидои эҳёи давлатдорӣ ва фарҳанегу тамаддуни ориёӣ [Матн] / У.Н.Каримзода // Тоҳириён ва истиқлоли Хуросони бузург. Маводи ҳамоиши илмии ҷумҳуриявии “Тоҳириён ва истиқлоли Хуросони бузург” бахшида ба 1200-солагии таъсиси давлати Тоҳириён. – Душанбе: Ганҷи хирад, 2022. – С. 6-16.

109. Крачковский, И.Ю. Избранные сочинения. Том IV [Текст] / И.Ю. Крачковский. – М.: Изд-во Академия наук СССР, 1959. – 919 с.

110. Кильчевская, Э.В. Шедеври торевтики Уструшаны [Текст] / Э.Кильчевская, Н.Негматов // История, архитектура и исскуство Уструшаны. – Состовитель Р. Мукимов. Отв. ред. А.Раджабов. – Душанбе: Контраст, 2013. – С. 362-369.

111. Кушакевич, А.А. Статистические сведения о городах Ходжент и Ура-Тюбе [Текст] / А.А.Кушакевич // МСТК, Вып. 1. – СПб, 1872.

112. Лыкошин, Н.С. Очерк археологических изыскании в Туркестанском крае до учреждения Туркестанского кружка любителей археологии [Текст] / Н.Лыкошин // Среднеазиартский Вестник. – Ташкент, 1896. – 56 с.

113. Лыкошин, Н.С. Очерк археологических изыскании в Туркестанском крае до учреждения Туркестанского кружка любителей археологии [Текст] /

Н.Лыкошин // Протокол Туркестанского кружка любителей археологии. Год 1. – Ташкент, 1896. – 169 с.
114. Лерх, П.И. Археологическая поездка в Туркестанский край в 1867 году [Текст] / П.И.Лерх. - СПб.: Тип. Имп. Акад. наук, 1870. – 40 с.
115. Лунина, С.Б. Эволюция техники гончарного производства в средневековом Мерве [Текст] / С.Лунина // Тр.ЮТАКЭ. – Ашхабад, 1974. – Т. XV. – С. 247-278.
116. Мандельштам, А.М. О некоторых вопросах сложения таджикской народности в Среднеазиатском междуречье [Текст] / А.Мандельштам // Советская археология XX. – Мостква: Издательство АН СССР, 1954. – С. 56-100.
117. Марков, А. Инвентарний каталог мусульманских монет имп.Эрмиража [Текст] / А.Марков. – СПб, 1896. – С. 112.
118. Массон, М.Е. Из истории горной промышленности Таджикистана [Текст] / М.Массон. – Москва, 1934. – С. 50-59.
119. Массон, В.М. Культурогенез древней Центральной Азии: отечественные исследования [Текст] / В.Массон. – Санкт-Петербург, 2006. – 384 с.
120. Материалы по истории Узбекской, Таджикской и Туркменской ССР. [Текст] – М.: Изд-во АН СССР, 1931. – С. 180-185.
121. Мирбобоев, А. К вопросу о погребальных обрядах в Устуршане [Текст] / А.Мирбобоев // Раннесредневековая культура Средней Азии и Казахстана. – Душанбе, 1977. – С. 80-82.
122. Мирбобоев, А. Черты культуры и идеологии уструшанцев [Текст] / А.Мирбобоев // Фарҳанг. – 2002. - №7-8. – С. 25-38.
123. Мирбобоев, А. Амулеты Устуршаны и их семантика [Текст]/ А.Мирбобоев // Роль Истаравшана в истории цивилизации народов Центральной Азии. – Душанбе, 2003. – С. 100-102.
124. Мирбабаев, А.К. Дахмаки Курката: раскопки и исследования [Текст]/ А.К.Мирбобоев //Материальная культура Уструшаны. – Вып.7 // Древняя

Уструшана: города, их локализация и хронология. – Душанбе: Ому, 2003. – С. 267-562.
125. Мирбабаев, А.К. К вопросу о локализация города Бунджикат и этимологии термина “Истаравшан” [Текст] / А.Мирбобоев, Н.Т. Рахимов, М. Гайбуллоева // Номаи донишгоҳ, 2010. - № 4 (24). – С. 116-120.
126. Мирбобоев, А. Дахмаки Курката: раскопки и исследования [Текст] / А.Мирбобоев // История, архитектура и исскуства Уструшаны. – Состовитель Р. Мукимов. Отв. ред. А.Раджабов – Душанбе: Контраст, 2013. – С. 64, 71.
127. Мукимов, Р. Кирополь – Истаравшан – Ура-тюбе: памятники средневекового зодчества Ура-тюбе и его округи [Текст] / Р.Мукимов, С. Мамаджанова. – Душанбе: Мерос, 1993. – 144 с.
128. Мухторов, А. К развитию социальной категории “дихкан” в срдение века [Текст] / А.Мухторов. – М., 1963. – 11 с.
129. Мухторов, А. Амирон ва вазирони Сомонӣ [Матн] / А.Мухторов. – Душанбе: Оли Сомон, 1997. – 79 с.
130. Мухторов, А. Порча аз “Ашкол-ул-олам”-и Ҷайҳонӣ [Матн] / А.Мухторов // Сомониён ва эҳёи тамаддуни форсии тоҷикӣ. – Душанбе: Пайванд, 1998. – С. 151-190.
131. Мухторов, А. Сомониён: замон ва макон [Матн] / А.Мухторов. – Душанбе: Сурушон, 1999. – 288 с.
132. Мухторов, А. Курушкада, Уструшана, Уротеппа [Текст] / А. Мухторов. – Душанбе: Амри илм, 2000. – 100 с.
133. Мухторов, А. Мақоми ҷаҳонии уструшаниҳо. Асрҳои IX-X [Матн] / А.Мухторов. – Душанбе: Сурушан, 2002. – 164 с.
134. Мухторов, А. Афшин Ҳайдари уструшанӣ – бузургтарин лашкаркаши араб. Асри IX [Матн] / А.Мухторов. – Истаравшан: Нашриёти давлатии ба номи Раҳим Ҷалил, 2005. – 100 с.
135. Мухторов, А. Авроқи рангини таърих [Матн] / А.Мухторов. – Душанбе: Деваштич, 2007. – 398 с.

136. Муҳтарам, Ҳотам. Тахмине дар маънои Истаравшан ва Курката [Матн] / Ҳ.Муҳтарам // Фарҳанг. – 2002. - № 7-8. – С. 48-53.
137. Набиев, В. Академик Нӯъмон Неъматов – муаррих ва бостоншиноси барҷастаи тоҷик [Матн] / В.Набиев // Нигоҳе ба фарҳанги миллии тоҷикон. – Душанбе: Адиб, 2013. –С. 314-321.
138. Назирҷон, Турсуни Хуҷандӣ. Истаравшан: Шарҳи мухтасари таърихию этнографӣ [Матн] / Турсуни Н. – Душанбе: Ирфон, 1992. – 208 с.
139. Негматов, Н. Историко-географические очерк Уструшаны с древнейших времен по X в.н.э. [Текст] / Н. Негматов // Материалы и исследования по археологии СССР. № 37. Труды таджикской археологической экспедиции. – М., - Л.: Наука, 1953. – С. 231-252.
140. Негматов, Н.Н. К вопросу об этнической принадлежности населения Уструшаны [Текст] / Н. Негматов // Краткие сообщения о докладах и полевых исследованиях института истории материальной культуры. Вып. 61. – М.: Издательство Академии наук СССР, 1956. – С. 29-38.
141. Негматов, Н.Н. Уструшана в древности и раннем средневековье [Текст] / Н.Н.Негматов. Отв. ред. Б.А.Литвинский. – Сталинабад: Изд-во АН ТаджССР, 1957. - 160 с., 1 л. карт. – (Тр./АН Тадж ССР. Ин-т истории археологии и этнографии; Т. 55).
142. Негматов, Н. Средневековый Шахристан [Текст] / Н.Негматов, С.Хмельницкий. Материальная культура Уструшаны. – Вып. 1. – Душанбе: Дониш, 1966. – 200 с.
143. Неъматов, Н.Н. Асрори Истаравшан - [Загатка Истаравшан] [Текст] / Н.Н.Неъматов. – Душанбе: Ирфон, 1972. – 51 с.
144. Негматов, Н. Ураткурган и Тирмизактеппа [Текст] / Н.Неъматов, У.П.Пулатов, С.Г Хмельницкий: материальная культура. – Вып. 2. – Душанбе: Дониш, 1973. – 144 с.
145. Негматов, Н. О живопись дворца афшинов Уструшаны [Текст] / Н.Негматов // Сов. археология. - № 3. – М.: Наука, 1973. – С. 183-202.

146. Негматов, Н. Эмбилема Рима в живописа Уструшаны и древне-восточная мифологическая традиция [Текст] / Н.Негматов // Изд. АН Тадж. (Отд-ние обшесществ. наук. – 1973. - № 1. – С. 3-10.
147. Негматов, Н. “Капитолийская волчица” в Таджикистане и легенды Евразии [Текст] / Н. Негматов, В. Соколовский // Памятник культуры. Новые открытия: Письменность. Искусства. Археология: Ежегодник, 1974. – М., 1975. – С. 438-458.
148. Негматов, Н.Н. Гоударство Саманидов: Мавераннахр и Хорасан в 1Х-Х вв [Текст] / Н.Негматов. – Душанбе: Дониш, 1977. – 279 с.
149. Негматов, Н.Н. Уструшанский компонент среднеазиатской культуры раннего средневековья [Текст] / Н.Негматов // Раннесредневековая культура Средней Азии и Казакистана: Тез. Всесоюз. науч. конф. в г. Пенджикенте ТаджССР, 26-31 авг. 1977 г. – Душанбе, 1977. – С.12-18.
150. Негматов, Н., Калаибаланский калад металлических изделий [Текст] / Н.Негматов, Кильчевская Э. // Искусство таджикского народа. - Вып. 4. – Душанбе: Дониш, 1979. –С. 34-53.
151. Негматов, Н. Бунджикат – столица средневековой Уструшаны [Текст] / Н.Негматов, С. Мамаджанова // Культура средневекового Востока: грдостроительство и архитектура. – Ташкент, 1989. – С. 92.
152. Неъматов, Н.Н. Давлати Сомониён: тоҷикон дар асрҳои IX-X [Матн] / Н.Неъматов. – Душанбе: Ирфон, 1989. – 304 с.
153. Негматов, Н.Н. Таджикский феномен: история и теория [Текст] / Н.Негматов. – Душанбе, 1997. – 448 с.
154. Негматов, Н. Уструшана [Текст] / Н.Негматов // Археология Средней Азии и Дальний Восток: Средняя Азия раннем средневековье. – М: Наука, 1999. – С. 114-130.
155. Неъматов, Н. Давлати тоҷикбунёди Сомониён: ба ифтихори 1100-солагии давлати Сомониён [Матн] / Н.Неъматов. – Душанбе: Ирфон, 1999. – 40 с.

156. Негматов, Н. Город Истаравшан в древности и средневековье [Текст] / Н.Негматов // Роль Истаравшана в истории цвилизации народов Центральной Азии. – Душанбе, 2002. – С. 86-88.
157. Негматов, Н. Археологические памятники Шахристанской котловины [Текст] / Н.Негматов // История, архитектура и искусство Уструшаны; отв. ред. А.Раджабова. –Душанбе: Контраст, 2013. – С. 28-51.
158. Негматов, Н. Традиции резной пластики Уструшаны [Текст] / Н.Негматов // История, архитектура и искусство Уструшаны; отв. ред. А.Раджабова. – Душанбе: Контраст, 2013. – С. 223.
159. Негматов, Н. Этногенез таджикского народа [Текст] / Н.Негматов // Актуальные проблемы культурогенеза таджикского народа (исследование). / Составители: А. Раджабов. Р. Мукимов. – Дониш: Душанбе, 2016. – С. 377-428.
160. Петрушевский, И.П. Земледелие и аграрные отношения в Иране XIII-XIV вв [Текст] / И.П.Петрушевский. – М. – Л., 1960. – 240 с.
161. Пирумшоев, Х. Истаравшан в отечественной историографии [Текст] / Х.Пирумшоев // Очерки истории Истаравшана (Ура-тюбе). XX век. – Душанбе: Ому, 2002. – С. 12-33.
162. Пирумшоев, Ҳ. Таҳқиқи таърихи Истаравшан дар таърихнигории асри XX [Текст] / Х.Пирумшоев // Роль Истаравшана в истории цивилизации народов Центральной Азии: Тез. докл. международ. симпозиума (6 сент. 2002 г.). – Душанбе: Ому, 2002. – С.71-73 (на тадж.яз.); 152-154 (на рус.яз.); 203-204 (на перс.яз).
163. Пирумшо, Х. Вопреки принцип историзма: кому это выгодно? [Текст] / Х.Пирумшо. – Душанбе: Ганҷи хирад, 2023. – 208 с.
164. Пулатов,У.П. Чильхудржра [Текст] / У.Пулатов // Материальная культура Уструшаны. – Вып. 3. – Душанбе: Дониш, 1975. – 200 с.
165. Пулатов, У.П. Работы Дахкатской группы в 1984 г. [Текст] / У.Пулатов // Археологические работы в Таджикистане. – 1993. – Вып. 24. – С.20-26.

166. Пулатов, У.П. Работы Дахкатского группы в 1984 году [Текст] / У.Пулатов // Археологические работы в Таджикистане. Вып. 24 (1984 г.). – Душанбе, 1993. – С. 84-85.
167. Ранов, В.А. Асрори Замони кӯҳан [Матн] / В.А.Ранов, Н.Н. Неъматов, А. Мухторов.– Душанбе: Ирфон, 1974. – 100 с.
168. Раҳмонов, Э. Тоҷикон дар оинаи таърих. Аз Ориён то Сомониён. Китоби сеюм [Матн] / Э. Раҳмонов. – Душанбе: Ирфон, 2006. – 228 с.
169. Рахимов, Н. Очерки средневековой истории Вагата – Ура-тюбе (X-XVI вв) [Текст] / Н. Рахимов. – Худжанд, 2004. – 122 с.
170. Рахимов, Н.Т. Некоторые вопросы локализации и топонимики городов Уструшаны в трудах дореволюционных русских исследователей [Текст] / Н.Т.Рахимов, А.Р.Аюбов // Вестник ТГУПБП. № 4 (60). – Худжанд: Ношир, 2014. – С. 147-153.
171. Рахимов, Н.Т. Урбанизация средней части бассейна Сырдарьи (I тыс. до н.э. - I тыс. н.э.) [Текст] / Н.Рахимов. – Худжанд: Меъроҷ, 2015. – 268 с.
172. Рахимов, Н.Т. Археологические памятники горной Уструшаны [Текст] / Н.Рахимов. – Худжанд: Ношир, 2016. – 212 с.
173. Рахимов, Н.Т. Гончарние производство Уструшаны в Саманидский период: формы и прёмы орнаментации керамики в IX-X вв. [Текст] / Н.Рахимов // Суннатҳои Сомониён ва таъсиргузории он дар фарҳангу тамаддуни Осиёи Марказӣ ва Шарқи Наздик. Мақолаҳо аз конференсияи ҷумҳуриявии кафедраи дунёи қадим, асрҳои миёна ва бостоншиносӣ. ш. Душанбе 14 марти соли 2020. – Душанбе, 2020. – С. 63.
174. Рахимов, Н.Т. П.С.Скварский – исследователь археологических памятников Уструшаны [Текст] / Н.Т.Рахимов, Н.А.Икромов // Номаи донишгоҳ. - № 1 (74), 2023. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2023. – С. 38-43.
175. Раҳмонов, Э. Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат [Матн] / Э.Раҳмонов. - Ҷилди 4. – Душанбе: Ирфон, 2002. – 470 с.
176. Рахмонов, Э. Независимост Таджикистана и возрождение нации [Текст] / Э.Рахмонов. В 4-х томах. Том 4. – Душанбе: Ирфон, 2006. – 416 с.

177. Раҳмонов, Э. Нигоҳе ба таърих ва тамаддуни ориёӣ [Матн] / Э.Раҳмонов. – Душанбе: Ирфон, 2006. – 372 с.
178. Речь Эмомали Рахмон, Президента Республики Таджикистан [Текст] // Вклад эпохи Саманидов в культурное наследие Центральной Азии. Материалы международного семинара. – Душанбе: Адиб, 1999. – С. 3-9.
179. Сайко, Э.В. Глазури керамики Средней Азии VIII-XII вв. [Текст] / Э. Сайко // Труды АИ Тадж. - Том 36. – Душанбе: Издательство АИ Тадж ССР, 1963. – С. 6.
180. Самойлик, П. Т. Обжигательные печи Ура-Тюбе и Шахристана [Текст] / П.Самойлик // ТД сессии, посвяшенной итогам полевих археологических и этнографических исследований 1972 г. в СССР. – Ташкент, 1973. – С. 165-166.
181. Самойлик, П.Т. Керамическая коллекция Ура-Тюбинского историко-краеведческого музея [Текст] / П.Самойлик // Материалы по археологии и истории Таджикистана. – Душанбе: Дониш, 1977. – С. 77-94.
182. Самойлик, П.Т. Петроглафические анализ состава глины керамических изделий Уструшаны (Ура-тюбе) [Текст] / П.Самойлик // ТД сессии посвященной итогам полевых исследований. – Самарканд, 1979. – С. 56-59.
183. Самойлик, П.Т. О работах в районе обжигательных печей Бунджиката [Текст] / П.Самойлик // Археологические работы в Таджикистане. Вып. 15. – Душанбе, 1980. – С. 323-325.
184. Самойлик, П.Т. Обжигательные печи Бунджиката (IX-XI вв.) [Текст] / П.Т.Самойлик // АРТ. – 1986. – Вып.19. – С. 12.
185. Сафаров, И. Правовая система государства Саманидов: IX-X вв. [Текст] / И.Сафаров. – Душанбе: Ирфон, 1999. – 198 с.
186. Свод памятников истории и культуры Республики Таджикистан. – Книга первая: Согдийская область; под общей редакцей академика Р.Масова. Авторы – составители Рустам Мукимов, Сайёра Мукимов. [Текст] – Душанбе: Дониш, 2013. – 665 с.

187. Скварский, П.С. Несколько слов о древностях Шахристана [Текст] / П.Скварский // Среднеазиатский вестник, 1896. – окт. – С. 50.
188. Смирнова, О.И. Археологические разведки в Уструшане в 1950 г. [Текст] / О.Смирнова // Материалы и исследования по археологии СССР. № 37. Труды таджикской археологической экспедиции. – М., - Л.: Наука, 1953. – С. 189-230.
189. Смирнова, О.И. Вопросы исторической топографии и топонимики Верхнего Зеравшана [Текст] / О. Смирнова // Материалы и исследования по археологии СССР. - 1950. - № 15. – С. 56-61.
190. Смирнова, О.И. Место домусульманских культов Средней Азии: по материалам топонимики [Текст] / О.Смирнова // Страны и народы Востока. – Вып. 10. – М., 1971. – С. 102.
191. Турсунов, Н. Таърихи тоҷикон [Текст] / Н.Турсунов. – Хуҷанд: Нашриёти давлатии ба номи Раҳим Ҷалил, 2001. – 788 с.
192. Турсунов, Н. Таърихи халқи тоҷик. Аз аҳди бостон то инқилоби соли 1917. Нашри дуввуми такмилёфта [Матн] / Н.Турсунов. – Хуҷанд: Ношир, – 2017. – 708 с.
193. Турсунов, Н. Позднефеодальные поселения Худжанда, Истаравшана, Кандибадама, Исфары, Ашта, Пенджикента XVIII-начала xx вв. [Текст] / Н.Тунсунов. – Худжанд: Ношир, 2018. – 660 с.
194. Федоров, М. Н. Из истории денежного обращения в Средней Азии конца VIII- первой половини XII вв: к проблеме “Чёрных дирхемов” [Текст] / М.Федерев. – 1973, - №2. – С. 75-82.
195. Фрейман, А.А. Два согдийских рукописных документа на коже с горы Муг в Таджикистане [Текст] / А.А.Фрейман // Вестник древней истории. – 1952. - № 1. – С. 185.
196. Ходжайов, Т.К. Этнические процессы в Средней Азии в эпоху средневековья. Антропологические исследования [Текст] / Т.Ходжайов. – Ташкент: Фан, 1987. – 207 с.

197. Хмельницкий, С.Г. Архитектура Шахристана [Текст] / С.Г.Хмельницкий // История, архитектура и исскуства Уструшаны. Сотавит. А.Раджабова. – Душанбе: Контраст, 2013. – С. 338-355.
198. Худододӣ, И. Робитаи деҳқонон ва ғуломон бо назми ҳукуматии Сомониён [Матн] / И.Худододӣ // Ахбори АИ Ҷумҳурии Тоҷикистон: шӯъбаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ. – Душанбе: Дониш, 2013. - № 1. – С. 30-35.
199. Хушвахтов, Х.Х. Некоторые историко - правовые аспекты становления и развития местных органов управления в Средней Азии [Текст] / Х.Х.Хушвахтов // Вестник ТНУПБП. Серия общественных наук. - № 3 (3), 2015. – Худжанд: Ношир, 2015. – С. 150-155.
200. Ҳайдаршо, Пирумшо. Давлати Сомониён дар тарозуи таърихнигорӣ [Матн] / П.Ҳайдаршо. – Душанбе: Дониш, 2019. – 425 с.
201. Ҳамза, Камол. Авомили ба сари ҳокимият омадани Сомониён. Баррасиҳои ҳаводиси таърихи садаҳои VII-IX Хуросони Бузург дар асоси манобеи таърихӣ [Матн] / К. Ҳамза. – Душанбе: Дониш, 2022. – 324 с.
202. Ҳусейни, Н. Истаравшан дар партави Истиқлол [Матн] / Н.Ҳусейни, Расулӣ Ҷ. – Душанбе: Бухоро, 2011. – 258 с.
203. Чехович, О.Д. Новая коллекция документов по истории Узбекистана [Текст] / О.Д.Чехович // ИЗ, т. 36. – М.: Изд-во АН СССР, 1951. – С. 266 – 268.
204. Шарифов, Ш. Низом ва мизони истифодаи оқилонаи об ва захираҳои он аз дидгоҳи таърих [Матн] / Ш.Шарифов // Номаи донишгоҳ. – Хуҷанд, 2014. - № 4. – С. 212.
205. Шишкина, Г.В. Глазурованная керамика Согда (вторая половина VIII-начало XII в.) [Текст] / Г.Шишкина. – Ташкент, 1979. – 75 с.
206. Эмомалӣ, Раҳмон. Чеҳраҳои мондагор [Матн] / Раҳмон Э. – Душанбе: ЭР-граф, 2016. – 364 с.
207. Яъкубов, Ю. К исторической топонимике городов Уструшаны [Текст] / Ю.Яъқубов // Роль Истаравшана в истории цвилизации народов Центральной Азии. – С. 94-97.

208. Якубов, Ю. Паргар в VII-VIII вв.: Верхний Зеравшан в эпоху раннего средневековья [Текст] / Ю.Якубов. – Душанбе: Дониш, 1979. – 217 с.
209. Якубов, Ю. Раннесредневековые сельские поселения горного Согда: к проблеме становления феодализма [Текст] / Ю. Якубов. – Душанбе, 1988. – 286 с.
210. Яъқубов Ю. Тавсифи номи шаҳрҳои Истаравшан [Матн] / Ю.Яъқубов // Фарҳанг. - № 7-8. -2002. – С.43-47.

### III. Осори ховаршиносони хориҷӣ:

211. Вамбери, А. История Бухары и Трансоксании [Текст] / А.Вамбери. – Санкт-Петербург, 1873. – 275 с.
212. Зайдон, Ҷ. Таърихи тамаддуни ислом [Матн] / Ҷ.Зайдон. – Теҳрон, 1372. – 1119 с.
213. Ле Стренҷ. Ҷуғрофиёи таърихии сарзаминҳои хилофати шарқӣ [Матн] /Стренеҷ Л. –Теҳрон: Бунгоҳи тарҷума ва нашри китоб, 1337. – 609 с.
214. Мец, А. Мусульманский ренессанс. Пер. с немец. А.Е. Бертельса. – М.: Наука, 1966. – С. 70-73.
215. Милз. Таърихи Эрон аз ислом то Салҷуқия [Матн]. – Ҷилди 4. Тарҷумаи Ҳасани Анӯша. – Теҳрон: Амир Кабир, 1363. – С. 325.
216. Нодир, Каримиёни Саридаштӣ. Осрушана. Таърих, географияи таърихӣ ва хронология [Матн] / Саридаштӣ Н. – Теҳрон: Созмони фарҳангии Эрон, 1381/2002. – 176 с.
217. Ноҷӣ, М. Фарҳанг ва тамаддуни исломӣ дар қаламрави Сомониён [Матн] /М.Ноҷӣ . Баргардон Л.Бойматов. – Душанбе: ЭР-Граф, 2011. – 1295 с.
218. Пардаев, М.Х. К вопросу об эволлюции замков-работов Северо-Западной Уструшане [Текст] / М.Х.Пардаев // Я.Г.Гулямов и развития исторических наук в Узбекистане. ДТ научной конференции, посвященной 80-летию академика Я.Г.Гулямова. – Ташкент: Фан, 1988. – С. 72-73.
219. Пардаев, М. Х. Раскопки верхнего здания Алмантепа [Текст] / М.Х.Пардаев, А.Э.Бердимуродов // ИМКУ. – Вып. 23. – Ташкент, 1990. – С. 147-159.

220. Пардаев, М.Х. Дизак – торговый пункт на Великом шелковом пути [Текст] / М.Х.Пардаев //Взаимодействие кочевых и оседлых культур на Великом шелковом пути. ТД Международного семинара ЮНЕСКО. – Алма-Ата, 1991. – С. 89-90.
221. Прадаев, М.Х. К археологическому изучению Джизакского оазиса [Текст] / М.Х.Пардаев // Археология Средней Азии. ТД. – Ташкент, 1990. – С. 78-79.
222. Саид, Нафисӣ. Муҳити зиндагӣ ва аҳволу ашъори Рӯдакӣ [Текст] Нафисӣ С. – Душанбе, 2008. – 934 с.
223. Ҷовиди, Ҳиравӣ. Эрон дар замони Сомониён. Таърихи Сомониён аз оғоз то салтанати Насри дуввум/ Ҳиравӣ Ҷ. – Душанбе, 1998. – 173 с.
224. Beal, S. Si yu ki. Buddhist record of the western worid translateid from the Chinese of Hiouen Tsiang I. [Text] / S. Beal. London, 1906. – pp. 31.
225. Bosworth, C.E. The Gaznavids, their empire in Afganistan and Esatern Iran 944-1040 [Text] / C. Bosworth. – Edenburg, 1963. – C. 28-29,70.
226. Kramer's, J. H. Osrushana. Enzyklopedie des Islam, Band I. [Text] / J.H.Kramer's. - Leiden-Lepzig, 1913. – pp. 1083-1084.
227. Wellhausen J. Das arabische Reich und sein Sturz. [Text] / J. Wellhausen. – Berlin, 1902. – p. 264.

## IV. Диссертатсия ва авторефератҳо:

228. Атаходжаев, А.М. Тюрко-Согдийские отношения в политических, социально-экономических и этнокультурных процессах в раннем средневековье: автореф. дис. … д-ра ист. наук: 07.00.01 [Текст] /Атоходжаев Азимхужа Музаффарович. – Ташкент, 2011. – 59 с.
229. Аюбов, А.Р. История сложения и трансформации топонимов Уструшаны эпоха древности и средневековье: автореф. дис. … кан. ист. наук: 07.00.02 [Текст] / Аюбов Абдусалом Рауфович. – Худжанд, 2012. – 23 с.
230. Бердимуродов, А.Э. Раннесредневековые археологические памятники Джизакского оазиса (Северо-западной Уструшана V-X в. н.э.): автореф. дис…

канд. ист.наук: 07.00.06 [Текст] / Бердимуродов Амриддин Эргашевич. – М., 1985. – 24 с.

231. Валиев, А. Освещение этнографии таджикского народа в трудах дореволюционных исследователей: дисс… д.и.н.: 07.00.09 [Текст] / Валиев Абдусалом. – Душанбе, 2015. – 356 с.

232. Голамреза, Д. История государственного управления в Иране и Средней Азии в древности: автореф. дис. … кан. ист. наук: 07.00.02 [Текст] /Голамреза Джавиди. – Душанбе, 2004. – 27 с.

233. Голамреза, Д. История государственного управления в Иране и Средней Азии в древности: дис. … кан. ист. наук: 07.00.02 [Текст] / Голамреза Джавади. – Душанбе, 2004. – 188 с.

234. Грицина, А.А. Северная Уструшана в середине I тысячелетия до н.э. – начале XIII в.н.э. (археолого-топографическое исследование): автореф. дис. … кан. ист. наук: 07. 00. 06 [Текст] / Грицина Аликсей Андреевич. – Самарканд, 1990. – 24 с.

235. Дудаков, С.А. История горнорудного дело средневековой Ферганы: автореф. дис. … кан. ист. наук: 07.00.06 [Текст] / Дудаков Сергей Алексеевич. – Ташкент, 1996. – 21 с.

236. Кохансал, Х.Х. Политическое и социально-экономическое положение Хорасана и Маваренннахра в период правления Тахаридов (821-873 гг.): автореф. дис. … кан. ист. наук: 07.00.02 [Текст] / Кохансал Хамид Халифе. – Душанбе, 2015. – 24 с.

237. Курбонов, Б.Р. Возникновение и развитие химии на ближнем и среднем Востоке в VIII-IX вв: дис. … кан. ист. наук: 07.00.02 [Текст] / Курбонов Бахром Рахмонович. – Душанбе, 1994. – 150 с.

238. Мамаджанова, С. Архитектурные памятники Уструшаны VI-X вв: исследование и реконструкция: автореф. дис. … кан. архит. наук: 18.00.01 [Текст] / Мамаджанова Салия. – Москва, 1983. – 19 с.

239. Мамиров, О.У. Материальная и духовная культура северо-западной Уструшаны (по археологическим материалам): автореф. дис. ... докт. (PhD): 07.00.06 [Текст] / Мамиров Омон Уктамович. – Ташкент, 2023. – 53 с.
240. Мамиров О.У. Материальная и духовная культура северо-западной Уструшаны (по археологическим материалам): дис. ... докт. (PhD): 07.00.06 [Текст] / Мамиров Омон Уктамович. – Ташкент, 2023. – 137 с.
241. Муллоджонов, С. К. Вляние религиозно фактора на политическую и социально-экономическую жизнь Хорасана и Мавераннахра IX-XI вв. – дис. … д-ра ист. наук: 07.00.02 [Текст] / Муллоджонов Сайфулло Кушчакович. – 350 с.
242. Неъматов, Н.Н. Уструшана в VII-X вв. (по материалам письменных и археологических источников): автореф. дис. … кан. ист.наук: 07. 00. 02 [Текст] / Негматов Нуъман Негматович. – Л., 1952. – 27 с.
243. Негматов, Н. Ходжент и Уструшана в древности и средневековье (середина I тыс. до н. э. – I тыс. н.э). дис. … д-ра ист. наук: 07.00.06 [Текст] / Негматов Нуман Негматович. – Москва, 1968. – 1023 с.
244. Пардаев, М. Х. Северо-Западная Уструшана в эпоху раннего средневековья: по материалам нижнего течения р.Сангзар: автореф. дис. … кан. ист. наук: 07.00.06 [Текст] / Пардаев Мухтаркул Хасанович. – Ташкент, 1995. – 21 с.
245. Распопова, В.И. Раннесредневековый Согдийский город: по материалам Пенджикента: автореф. дис. … д-ра. ист. наук: 07.00.06 [Текст] / Распопова Валентина Иванова. – Санкт-Петербург, 1993. – 70 с.
246. Рауфов, Т. В. Ремесло и торговля в Мавераннахре в X - начале XIII вв: автореф. дис. … кан. ист. наук: 07.00.02 [Текст] / Рауфов Тимур Вениаминович. – Ташкент, 1990. – 20 с.
247. Рахимов, Н. Т. Урбанизация средней части бассейна Сырдарьи: автореф. дис. … д-ра. ист. наук: 07.00.06 [Текст] / Рахимов Набиджон Турдиалиевич. – Душанбе, 2007. – 39 с.

248. Рахимов, Н.Т. Урбанизация средней части бассейна Сырдарьи: 1 тыс. до н.э. – середина II тыс. н. э: дис. … д-ра ист. наук: 07.00.06 [Текст] / Рахимов Набиджон Турдиалиевич. – Душанбе, 2007. – 352 с.
249. Сафаров, И.Д. Правовая система государство Саманидов (IX-X вв.): дис. … кан. юрд. наук: 12. 00. 01 [Текст] / Сафаров Иномджон Давронджонович. – Душанбе, 1998. – 198 с.
250. Сафаров, Н.Ш. Ҷуғрофиёи таърихии давлати Сомониён (дар асоси маъхазҳои таърихӣ): автореф. дисс. ... ном. илм. таър: 07.00.09 [Матн] / Сафаров Некрӯз Шодиевич. – Душанбе, 2019. – 24 с.
251. Сафаров, Н.Ш. Ҷуғрофиёи таърихии давлати Сомониён (дар асоси маъхазҳои таърихӣ): дисс. ... ном. илм. таър: 07.00.09 [Матн] / Сафаров Некрӯз Шодиевич. – Душанбе, 2019. – 210 с.
252. Сверчков, Л.М. Поселение Мык – источник по истории средневековой Уструшаны: автореф. дисс. кан. ист. наук: 07. 00.06 [Текст] / Сречков Леонид Михайлович. – Самарканд, 1991. – 27 с.
253. Тиллоев, С.С. Роль Великого Шекого пути в формировании и развитии городов на территории современного Таджикистана II до н.э. XVI в н. э: автореф. дис. … д-ра ист. наук. 07. 00. 02 [Текст] / Тиллоев Сангахмад Самадович. – Душанбе, 2013. – 45 с.
254. Туйчибаев Б.Б. Уструшана в древности и раннем средневековье (по археологическим материалам): автореф. дисс. ... кан. ист. наук: 07.00.06 [Текст] / Туйчибаев Баходир Босимович. – Самарканд, 2004. – 24 с.
255. Умарова, З. Х. История ювелирного искусства таджиков V – начала XX вв: автореф. дис. … кан. ист. наук: 07.00.02 [Текст] / Умарова Зарина Ходжамахмадовна. – Душанбе, 2009. – 25 с.
256. Ходжаев, Ш.Р. История ремесленного произвоздва Хутталя: по материалам городища Хульбук: дис. … канд. ист. наук: 07.00.02 [Текст] / Ходжаев Шералали Раджабович. – Душанбе, 2014. – 189 с.

257. Шарифзода А. Ганҷинаҳои дирҳамҳои Сомонии Кӯлоб ҳамчун сарчашмаи таърихӣ: дисс... кан. ист. наук: 07.00.09 [Матн] / Шарифзода Абдувалӣ Қурбоналӣ. – Душанбе, 2019. – 160 с.
258. Эзатуллах, Х.Г. Международные связи государство Саманидов (IXX вв.): дис. … кан. ист. наук: 07.00.15 [Текст] / Эзатуллах Ходадади Голамреза. – Душанбе, 2015. – 156 с.

## V. Мақолаҳои илмӣ дар ВАО:

### А.мақолаҳо дар маҷаллаҳо:

259. Турсунов, Н. Место Уструшаны в мировой истории [Текст] / Н.Турсунов, Г.Турсунова // Эҳёи Аҷам. – Хуҷанд, 2002. - № 3. – С. 4-9.
260. Турсунов, Н. Место Уструшаны в истории Центральной Азии [Текст] / Н.Турсунов // Чкаловский вестник. 7 сентября, 11 ноября, 24 декабря 2002 г.
261. Яъқубов, Ю. Тафсири номи шаҳрҳои Истаравшан [Матн] / Ю.Якубов // Фарҳанг. – 2002. - №7-8. – С. 41-44.

### Б) мақолаҳо дар рӯзномаҳо:

262. Бобоҷонов Ғ. Ӯротеппа ё Истаравшан [Матн] / Ғ. Бобоҷонов, Р. Абдулозода // Тоҷикистони советӣ. – 1989. – 7 апр.
263. Сайфиддинов А. Ӯротеппа ё Истаравшан [Матн] / А. Сайфиддинов, С. Файзуллоев // Тоҷикистони советӣ. – 1989. – 17 май.
264. Шукури Иброҳим. Ӯротеппа ё Истаравшан [Матн] / И. Шукури // Тоҷикистони советӣ. – 1989. – 19 авг.
265. Негматов, Н. Капитолийская волчица на Шахристанских холмах [Текст] / Н.Негматов // Коммунист Таджикистана. – 1967. – 7 окт.
266. Пешвои миллат: “Истаравшан дар қатори бузургтарин шаҳрҳои Осиёи Марказист: “Суханронии Эмомалӣ Раҳмон, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Қалъаи Муғи шаҳри Истаравшан”, 25 июни соли 2018 [Матн] // Ҷумҳурият. – 2018. – 25 июн.
267. Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҷашнгирии 2500-солагии шаҳри Ӯротеппа (Истаравшан)” аз 3 феврали соли 2000 [Матн] // Садои мардум. – 2000. – 10 февр.

268. Шарифов, А. Сиккаҳои Сомонӣ аз Истаравшан [Матн] / А.Шарифзода // Ҷумҳурият. – 2008. – 14 сен.

**VI. Маводҳои электоронии интернетӣ:**

269. Беляков Ю. Государство Уструшана [Текст] // https://proza.ru/санаи муроҷ. 25. 11. 2020. 16 [08].

270. Буряков, Ю.Ф. Торговые трассы Трансоксианы: Мавераннахра в системе Великого шелкового пути [Текст] // shosh.uz. санаи муроҷиат: 15. 04. 2020. 22[40].

271. Раханч [Текст] // https: // www. wikidata.ru-ru. nina. az /Санаи муроҷиат: 9.12.2023. соати 18[58]

## МУҚАРРАРОТИ АСОСӢ ВА ХУЛОСАҲОИ ДИССЕРТАТСИЯ ДАР ИНТИШОРОТИ ЗЕРИНИ МУАЛЛИФ ИНЪИКОС ЁФТААНД:

**Мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА-и Федератсияи Россия нашр шудаанд:**

1. **[1-М] Маҳкамов С.С.** Тавсифи мухтасари ҷуғрофияи таърихии Уструшана дар замони Сомониён / С.С. Маҳкамов // Номаи донишгоҳ. Силсилаи илмҳои ҷомеашиносӣ. - № 4 (41). – Хуҷанд: Меъроҷ. - ISSN 2077-4900, 2014. - С. 199-206.
2. **[2-М] Маҳкамов С.С.** Тавсифи Уструшанаи аҳди Сомониён дар илми таърихнигорӣ // Номаи донишгоҳ. Силсилаи илмҳои ҷомеашиносӣ. - № 4 (45). – Хуҷанд: Меъроҷ. - ISSN 2077-4900, 2015. – С. 29-38.
3. **[3-М] Маҳкамов С.С.** Шарҳу тафсири топоними “Истаравшан” дар сарчашмаҳои асримиёнагӣ ва осори олимон / С.С. Маҳкамов // Ахбори ДДҲБСТ. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ. - № 1 (70). – Хуҷанд. - ISSN 2077-4900, 2017. – С. 61-71.
4. **[4-М] Маҳкамов С.С.** Сохтори маъмурӣ ва дастгоҳи идории мулки Уструшана дар аҳди Сомониён // Номаи донишгоҳ. Силсилаи илмҳои ҷомеашиносӣ. - № 4. – Хуҷанд: Нури маърифат. - ISSN 2077-4900, 2017. – С. 45-54.

5. **[5-М] Маҳкамов С.С.** Саҳми сайёҳатчиён, кишваршиносон ва муҳаққиқони рус дар таҳқиқу омӯзиши Уструшанаи бостонӣ / С.С. Маҳкамов // Номаи донишгоҳ. Силсилаи илмҳои ҷомеашиносӣ. - № 4. – Хуҷанд: Нури маърифат. - ISSN 2077-4900, 2018. – С. 40-46.
6. **[6-М] Маҳкамов С.С.** Санъати бинокорию меъмории Уструшана дар илми таърихнигорӣ / С.С. Маҳкамов // Номаи донишгоҳ. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва ҷомеашиносӣ. - № 4. – Хуҷанд: Нури маърифат. - ISSN 2077-4900, 2021. – С. 34-43 (Бо ҳаммуаллифӣ: Ш.Шарифов)

**2. Мақолаҳое, ки дар дигар нашрияҳо ба табъ расида:**

7. **[7-М] Маҳкамов С.С.** Сиккаҳои замони Сомониён /С.С.Маҳкамов // Навсафари ҷодаи илм. – Хуҷанд: Ношир, 2013. – С. 10-17.
8. **[8-М] Маҳкамов С.С.** Афроди номии аҳди Сомониён аз дидгоҳи Абдураҳмони Ҷомӣ / С.С. Маҳкамов // Маводи ҳамоиши байналмилалии “Ҷойгоҳи мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ дар муколамаи фарҳангҳо”: Хуҷанд, 3-4 ноябри соли 2014. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2014. – С. 228-232.
9. **[9-М] Маҳкамов С.С.** Сомониёншиносӣ дар осори илмии академик Аҳрор Мухторов / С.С. Маҳкамов // Усмонҷон Ғаффоров – устод, олим, адиб ва ходими ҷамъиятӣ. – Хуҷанд: Ношир, 2015. – С. 294-301 (Бо ҳаммуалифӣ: Ш.Шарифов).
10. **[10-М] Маҳкамов С.С.** Бунҷикат – маркази маъмурии вилояти Уструшана / С.С. Маҳкамов // Усмонҷон Ғаффоров – устод, олим, адиб ва ходими ҷамъиятӣ. – Хуҷанд: Ношир, 2015. – С. 502-510.
11. **[11-М] Маҳкамов С.С.** Мулки Уструшана яке аз марказҳои тамаддуни давлати Сомониён / С.С. Маҳкамов // Масъалаҳои мубрами таърих ва фарҳанги тоҷикон. Маҷмӯаи мақолаҳои муҳаққиқони ҷавон. Барориши 1. – Хуҷанд: Меъроҷ, 2015. – С. 69-76.
12. **[12-М] Маҳкамов С.С.** Саҳми олимони рус дар таҳқиқу омӯзиши Уструшанаи замони Сомониён / С.С. Маҳкамов // Тоҷикистон ва Россия: сарнавишти ягонаи таърихӣ. Маводи конференсияи илмӣ – назариявии “Осиёи Марказӣ ва Россия: дӯстӣ ва ҳамкориҳои аз санҷиши замон гузашта”

бахшида ба 150-солагии ҳамроҳ карда шудани Хуҷанд ба ҳайати Россия. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2016. – С. 433-443.
13. **[13-М] Маҳкамов С.С.** Саҳми академик Нӯъмон Неъматов дар таҳқиқу омӯзиши Уструшанаи аҳди Сомониён / С.С. Маҳкамов // “Академик Нӯъмон Неъматов ва тамаддуни Суғдиён”. Маводи конфронси илмӣ-амалӣ ба ифтихори 90-солагии академики Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон доктори илмҳои таърих, профессор Нӯъмон Нуъматович Неъматов. Хуҷанд, 10 марти соли 2017. – Хуҷанд: Ношир, 2017. - С. 28-38.
14. **[14-М] Маҳкамов С.С.** Таҷрибаи Сомониён ва аҳамияти он дар таҳкими давлатдорӣ, ҳуввияти миллии тоҷикон дар замони муосир / С.С. Маҳкамов // Илм ва амнияти миллӣ. – Хуҷанд, ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров, 27 декабри соли 2017. – С. 221-228.
15. **[15-М] Маҳкамов С.С.** Ташаккул ва инкишофи низоми ҳуқуқ дар аҳди Сомониён С.С. Маҳкамов // Маърифати ҳуқуқӣ – омили тарбия ва таҳкими оила, ҷомеа, ҷавонон. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2017. – С. 139-149.
16. **[16-М]Маҳкамов С.С.** Рушди ҳунарҳои мардумӣ дар Уструшанаи аҳди Сомониён (мувофиқи маълумоти сарчашмаҳо ва осори муаррихон) / С.С. Маҳкамов // Ташаккул ва рушди сайёҳӣ ва тавсеаи ҳунарҳои мурдумӣ дар Осиёи Марказӣ (Тибқи аҳбори сарчашмаҳои хаттӣ ва матолиби дигари таърихӣ) / Маҷмӯи мақолаҳо бахшида ба “Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ” // Мураттиб ва муаллифи пешгуфтор н.и.т., дотсент Юсуфи Шодипур. – Душанбе, 2018. – С. 141-149.
17. **[17-М] Маҳкамов С.С.** Тавсифи Уструшанаи бостонӣ дар осори олимон ва муҳаққиқони ватанӣ / С.С. Маҳкамов // Тоҷикистон сарзамини биҳиштосо (маҷмӯаи маводи конференсияи илмию амалии вилоятии олимони ҷавон. Хуҷанд, 24 апрели соли 2018). – Хуҷанд: Набӣ Фахрӣ, 2018. – С. 101-106.
18. **[18-М] Маҳкамов С.С.** Мақоми мероси илмии ховаршиноси рус В.В.Бартолд дар асарҳои Бобоҷон Ғафуров / С.С. Маҳкамов // Алломаи Машриқзамин. Маводи Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявии “Академик Бобоҷон Ғафуров - мутафаккири бузурги Шарқ” бахшида ба

110-солагии зодрӯзи Қаҳрамони Тоҷикистон аллома Бобоҷон Ғафуров. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2019. – С. 231-234. (Бо ҳаммуаллифӣ: Г.Ғафурова).

19.**[19-М] Маҳкамов С.С.** Тадқиқи таърихи Уструшанаи бостонӣ дар “Тоҷикон”-и аллома Бобоҷон Ғафуров / С.С. Маҳкамов // Алломаи Машриқзамин. Маводи Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявии “Академик Бобоҷон Ғафуров - мутафаккири бузурги Шарқ” бахшида ба 110-солагии зодрӯзи Қаҳрамони Тоҷикистон аллома Бобоҷон Ғафуров. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2019. – С. 239-245.

20.**[20-М] Маҳкамов С.С.** Саҳми профессор Абдуллоҷон Мирбобоев дар таҳқиқу омӯзиши фарҳанг ва тамаддуни Уструшанаи замони Сомониён / С.С. Маҳкамов // Суннатҳои Сомониён ва таъсиргузории он дар фарҳангу тамаддуни мардуми Осиёи Марказӣ ва Шарқӣ Наздик. – Душанбе, 2020. – С. 227-234.

21.**[21-М] Маҳкамов С.С.** Муносибатҳои заминдорӣ ва низоми андозбандӣ дар Уструшана / С.С. Маҳкамов // Махзани илм/Паёми донишкада, 2021, № 2. Маводи он-лайн ва офф-лайн Анҷумани илмӣ-амалии байналмилалии апрелӣ дар мавзӯи “Масоили мубрами улуми иҷтимоӣ-гуманитарӣ, риёзӣ ва дақиқ дар замони муосир”, 26 апрели соли 2021 дар Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар шаҳри Панҷакент. – С. 357-364.

22.**[22-М] Маҳкамов С.С.** Омӯзиши Уструшанаи асримиёнагӣ аз ҷониби олимон ва муҳаққиқони ӯзбекистонӣ / С.С. Маҳкамов // Махзани илм / Паёми донишкада, 2021, № 2. Маводи он-лайн ва офф-лайн Анҷумани илмӣ-амалии байналмилалии апрелӣ дар мавзӯи “Масоили мубрами улуми иҷтимоӣ-гуманитарӣ, риёзӣ ва дақиқ дар замони муосир”, 26 апрели соли 2021 дар Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар шаҳри Панҷакент. – С. 364-367.

23.**[23-М] Маҳкамов С.С.** Инъикоси таърих ва фарҳанги Уструшана дар осори ховаршинос В.В.Бартолд / С.С. Маҳкамов // Паёми Навраҳони илм. (Маҷмӯаи мақолаҳои олимон, муҳаққиқони ҷавон ва магистрантон). – Хуҷанд: Ношир, 2021. – С. 28-37.

24. **[24-M] Маҳкамов С.С.** Санъати шаҳрсозию меъмории Уструшана дар асрҳои VIII-X / С.С. Маҳкамов // Паёми Навраҳони илм. (Маҷмӯаи мақолаҳои олимон, муҳаққиқони ҷавон ва магистрантон). – Хуҷанд: Ношир, 2021. – С. 38-50.
25. **[25-M] Маҳкамов С.С.** Инъикоси таърих ва тамаддуни Уструшанаи таърихӣ дар осори муаррихони замони соҳибистиқлол / С.С. Маҳкамов // Тоҷикистон дар шоҳроҳи истиқлол: Маҷмӯи мақолаҳо бахшида ба 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2021. – С. 276-286.
26. **[26-M] Маҳкамов С.С.** Инъикоси таърих, фарҳанг ва тамаддуни Уструшана дар осори хаттии аҳди бостон ва асрҳои миёна / С.С. Маҳкамов // Тоҷикистон дар масири таърих: истиқлолият, дастовард ва дурнамо. Маводи Симпозиуми байналмилалии илмӣ, 5-6 сентябри соли 2021. Қисми 1. – Душанбе: Дониш, 2021. – С. 97-108.
27. **[27-M] Маҳкамов С.С.** Саҳми академик Аҳрор Мухторов дар таҳқиқу омӯзиши Уструшанаи аҳди Сомониён / С.С. Маҳкамов // 70 сол дар роҳи омӯзиши таърихи миллат. – Душанбе: Ганҷи хирад, 2021. – С. 181-186. (Бо ҳаммуаллифӣ: Ш.Шарифов)
28. **[28-M] Маҳкамов С.С.** Ҳайати этникии уструшаниҳо дар замони қадим ва асрҳои миёна / С.С. Маҳкамов // Ахбори Осорхонаи таърихии вилояти Суғд. –2021. - № 6. – С. 108-115.
29. **[29-M] Маҳкамов С.С.** Бозтоби таърих ва фарҳанги Уструшона дар осори Бобоҷон Ғафуров / С.С. Маҳкамов // Академик Бобоҷон Ғафуров – бузургтарин муҳаққиқ ва муаррифгари таърихи халқи тоҷик. –Душанбе: Дониш, 2023. – С. 463-474.
30. **[30-M] Маҳкамов С.С.** Тоҳириён ва афшинҳои Уструшана: таърихи сиёсию маъмурӣ / С.С. Маҳкамов // Ахбори Осорхонаи таърихии вилояти Суғд. – 2023. № 7. – С. 100-112.

31.**[31-М] Маҳкамов С.С.** Афшин Ҳайдари Уструшанӣ ва фаъолияти ҳарбӣ-сиёсии ӯ / С.С.Маҳкамов // Паёми Осорхонаи ҷумҳуриявии академик Бобоҷон Ғафуров. – 2023. - № 2 (4). – С. 151-160.

32.**[32-М] Маҳкамов С.С.** Омилҳо ва заминаҳои шомилшавии вилояти Уструшана ба қаламрави Сомониён /С.С.Маҳкамов // Таърих ва фарҳанги миллат: дирӯз ва имрӯз. Бароришн 1. Ба забони тояикӣ ва русӣ. – Хуҷанд: Парки технологии ДДҲБСТ, 2024. – С. 117-122.